Масъалаи муҳими дигар – устувории шабакаҳои молиявӣ ва зарурати таҳкими механизмҳои назорат аз болои амалиётҳои рақамӣ мебошад. Дар соли 2023 Бонки миллии Тоҷикистон аз афзоиши ҷиноятҳои алоқаманд ба қаллобии рақамӣ ва истифодаи ғайриқонунии маълумоти кортҳои бонкӣ ҳушдор дод [9, с. 101–105]. Гарчанде ки ширкатҳои молиявии маҳаллӣ, ба мисли Alif Bank, Imon ва Dushanbe City, қадамҳои назаррас дар самти муҳофизати амниятӣ гузоштаанд, таносуби дониши аҳолӣ ва дастрасии технологияҳо то ҳол монеаи ҷиддӣ мемонад.

Барои фаҳмидани манзараи умумӣ, ҷадвали муқоисавии сатҳи омодагии рақамии Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа бо истинод ба манбаъҳои расмӣ дода мешавад.

Ҷадвали 1. Муқоисаи нишондиҳандаҳои муҳими рақамӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ (DataReportal 2024)

Кишвар	Сатҳи истифодабарии интернет	Сатҳи рақамикунии хизматрасониҳои давлатӣ	Манбаъ
Қазоқистон	91%	баланд	DataReportal 2024 – https://datareportal.com
Ӯзбекистон	77%	миёна	DataReportal 2024 – https://datareportal.com

Қирғизистон	89%	миёна	DataReportal 2024 – https://datareportal.com
Тоҷикистон	61%	рӯ ба рушд	DataReportal 2024 – https://datareportal.com

Манбаъ: DataReportal 2024 – https://datareportal.com (санаи мурочиат 13.12.25)

Сатҳи нисбатан пасти истифодаи интернет дар Тоҷикистон, дар муқоиса бо Қазоқистон ва Қирғизистон, нишон медиҳад, ки раванди рақамикунонӣ бояд бо таҳкими инфрасохтор ва баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ҳамоҳанг карда шавад. Ин пастӣ бевосита ба амнияти иқтисодӣ таъсир мерасонад, зеро ҳар қадар қабати иттилоотии ҷомеа нобаробар бошад, ҳамон қадар хавфҳои иқтисодӣ афзоиш меёбанд.

Бояд қайд кард, ки иқтисоди рақамӣ барои кишварҳое, ки дар марҳилаи ташаккули инфрасохтори рақамӣ қарор доранд, ба монанди Тоҷикистон, на танҳо як имконият, балки як санҷиши институтсионалӣ низ мебошад. Омӯзиши сохторҳои давлатӣ ва тарзи ҳамкории онҳо бо бахши хусусӣ нишон медиҳад, ки бисёр равандҳо дар кишвар ҳанӯз хусусияти қутббандии идорӣ доранд, ки ин ҳолат суръати рақамикуниро суст намуда, фазои киберамниятро осебпазир месозад. Тадқиқоти Назаров ва ҳаммуаллифон далолат мекунад, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мушкилоти ҳамоҳангсозии институтсионалӣ яке аз унсурҳои асосии сусштавии ислоҳоти рақамӣ мебошад [2, с. 55–60; 10, с. 39–43]. Аз ин рӯ, масъалаи айниятсозии нақшҳои сохторҳои давлатӣ ва қисмҳои хусусӣ дар сиёсати рақамӣ аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.

Мабоҳиси ҷаҳонӣ дар бораи иқтисоди рақамӣ баён мекунанд, ки амнияти иқтисодӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани инфрасохтори боэътимод, қонунгузории мутобиқшуда ва кадрҳои рақамии баландихтисос мустаҳкам мешавад. Набудани яке аз ин унсурҳо тамоми системаро ба таври занҷирӣ осебпазир месозад. Дар мисоли Тоҷикистон, мушкилоти қонунгузорӣ дар самти муқаррароти киберамният ва танзими бозори рақамӣ ҳамоно ҷой дорад. Қонун «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» як қадами муҳим мебошад, вале марҳалаи татбиқи амалӣ то ҳол пурра такмил наёфтааст, зеро талаботи замони рақамӣ ниёз ба механизмҳои иловагии ҳимояи иттилоот дорад, ки танҳо бо ҳамгироӣ бо стандартҳои байналмилалӣ амалӣ мешаванд [7, с. 66–72].

Ҳолати бозори рақамӣ низ ба амнияти иқтисодӣ бевосита таъсир мерасонад. Дар солҳои охир, афзоиши хидматрасониҳои молиявии рақамӣ, монанди Alif Mobi, Imon, DushanbeCity ва дигар платформаҳо, имкониятҳои нави иқтисодиро фароҳам овард. Аммо, ин афзоиш ҳамзамон бо мушкилоти назоратӣ ва хавфҳои кибериӣ ҳамроҳ шуд. Бонки миллии Тоҷикистон соли 2022 ва 2023 чандин маротиба аз зиёд шудани ҳолатҳои қаллобии рақамӣ иттилоъ дода буд [9, с. 98–110], ки ин раванд нишон медиҳад: сатҳи омодагии ҷомеа ба истифодаи технологияҳои молиявӣ ҳанӯз ба андозаи зарурӣ нарасидааст. Аз нуқтаи назари амнияти иқтисодӣ, ин мухолифат миёни «суръати рушди технология» ва «суръати мутобиқшавии истифодабарандагон» яке аз хавфҳои системавӣ ба шумор меравад.

Дар таҳлили минтақаи Осиёи Марказӣ дида мешавад, ки кишварҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар муқоиса бо Тоҷикистон марҳалаҳои назарраси пешрафтро гузаштаанд. Қазоқистон дар доираи Стратегияи «Қазоқистон–2050» ва барномаи «Digital Kazakhstan» ба рушди инфрасохтори рақамӣ ва кадрҳои IT сармоягузории васеъ анҷом дода, ҷойгоҳи худро ҳамчун яке аз марказҳои минтақаӣ дар соҳаи киберамният мустаҳкам кард [4, с. 18–21]. Ӯзбекистон бошад, аз соли 2018 ба ин тараф раванди танзими «ҳукумати электронӣ» ва соддагардонии маъмуриятро суръат бахшид. Ин ҳолатҳо нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои минтақа рақамикунонӣ ба унсури асосии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ табдил ёфтааст.

Тоҷикистон бошад, баъди қабул шудани «Стратегияи иқтисоди рақамӣ то соли 2040» самти сиёсати худро возеҳ кардааст, вале татбиқи амалии он ҳанӯз марҳалаҳои ибтидоиро мегузаронад. Шарқшиносони тоҷик таъкид мекунанд, ки рушди фазои рақамӣ дар кишвар бояд ба таври муназзам бо низоми омодасозии кадрҳои касбӣ, ислоҳоти қонунгузорӣ ва рушди инфрасохтори коммуникатсионӣ пайваст гардад [12, с. 41–45]. Ин нуқтаи назар муҳим аст, зеро амнияти иқтисодӣ танҳо дар сурати мавҷудияти як муҳити фарогири рақамӣ таъмин мешавад, ки дорои се поя мебошад: қобилияти технологӣ, қудрати муассисаҳои давлатӣ ва сатҳи саводнокии рақамӣ.

Бо дарназардошти хусусияти байнисоҳавии рақамикунонӣ, мушкилоти дигари ҷиддӣ марбут ба дастрасии нобаробари аҳолӣ ба интернет аст. Дар Тоҷикистон, тибқи маълумоти DataReportal, соли 2024 сатҳи истифодабарии интернет тақрибан 61%–ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки ин нишондод дар Қазоқистон беш аз 90% мебошад. Ин фарқият ба таври ғайримустақим ба амнияти иқтисодӣ таъсир мерасонад, зеро истифодаи нобаробари технологияҳо метавонад ба «тақсимоти рақамӣ» оварда расонад, ки он худ ба нобаробарии иқтисодӣ, коҳиши имкониятҳои бозорӣ ва

сустшавии динамикаи инноватсионӣ сабаб мешавад. Ин раванд, тавре ки Давлатов дар таҳқиқоти худ таъкид мекунад, ба устувории рушди миллӣ таъсири манфӣ мерасонад ва бояд дар сиёсати давлатӣ ба таври ҷиддӣ ба назар гирифта шавад [5, 12-18].

Илова бар ин, бахши давлатӣ ва хусусӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ба сатҳи кофии ҳамгироӣ дар масъалаҳои рақамикунонии хизматрасониҳо нарасидаанд. Дар ҳоле ки дар Қирғизистон ва Ӯзбекистон низоми ягонаи ҳукумати электронӣ хидматрасонии байниидоравиро осон карда, имкониятҳои шаффофият ва суръати хизматрасонӣ афзоиш ёфтааст, дар Тоҷикистон чунин як низоми пурра ҳамгирошуда ҳанӯз дар марҳалаи рушд қарор дорад [13]. Ин вазъият муҳим аст, зеро амнияти иқтисодӣ, пеш аз ҳама, аз қобилияти муассисаҳо ба ҳамкорӣ дар сатҳи маълумот ва танзими равандҳо вобаста мебошад.

Дар давраи рақамӣ масъалаи ҳифзи маълумоти давлатӣ ва шахсӣ ба яке аз проблемаҳои асосӣ табдил ёфтааст. Пешрафти шабакаҳои мобилӣ, густариши истифодаи смартфонҳо ва афзоиши платформаҳои онлайн имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоранд, вале ин раванд ҳамзамон хавфи талафи маълумотро зиёд мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои зиёди истифодаи ғайриқонунии маълумоти шахсӣ, қаллобӣ бо кортҳои бонкӣ ва рахнакунии сомонаҳо ба қайд гирифта шудааст. Бидуни таҳкими механизмҳои муҳофизати киберӣ ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандон амнияти иқтисодӣ наметавонад таъмин шавад [9, с. 92-100].

Бо ин ҳол, иқтисоди рақамӣ танҳо соҳаи технология нест; он ба ғаҳтори иқтисодии аҳолӣ низ таъсир мерасонад. Масалан, зиёд шудани муомилоти ғайринақдӣ, ки дар солҳои охир дар Тоҷикистон босуръат рушд мекунад, сатҳи боварӣ ба низоми бонкӣ ва амниятии он талаб менамояд. Ин ҷанба бевосита ба сиёсати Бонки миллӣ вобаста аст, ки дар солҳои охир стандартҳои нави назоратӣ ва технологӣ ҷорӣ кардааст [11, с. 60-67]. Ҳамзамон, рушди хизматрасониҳои ғайринақдӣ бояд бо сиёсати омӯзишии аҳолӣ ҳамоҳанг карда шавад, зеро набудани донишҳои ибтидоии молиявӣ метавонад ба афзоиши хавфҳои иқтисодӣ, аз ҷумла қарздорӣ ва истифодаи нодурусти воситаҳои рақамӣ, оварда расонад.

Баррасии таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои пешрафта стратегияи амнияти иқтисодиро дар давраи рақамӣ дар асоси се унсури калидӣ месозанд:

1. инфрасохтори пурқуввати киберамниятӣ;
2. ҳамгироии байниидоравӣ;
3. рушди захираҳои инсонӣ дар соҳаи рақамӣ.

Мисли Финляндия, Сингапур ва Эстония, ки дар таҳқиқоти Назаров ва ҳамкоронаш оварда шудаанд, тавонистанд, ки бо як сиёсати фаъоли давлатӣ ва иштироки бахши хусусӣ амнияти иқтисодиро ба сатҳи устувор бирасонанд [10, с. 38–44]. Дар ҳамаи ин кишварҳо нақши донишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотӣ, ки сиёсати давлатро бо таҳқиқоти муосир таъмин мекунанд, хеле муҳим мебошад.

Дар ин замина Тоҷикистон низ дорои потенсиали назаррас аст. Донишгоҳҳои кишвар, аз ҷумла Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатӣ, тадқиқотҳои муҳим дар самти иқтисоди рақамӣ, идоракунии хавфҳо ва амнияти иттилоотӣ анҷом медиҳанд [2, с. 70-78]. Аммо, мушкилоти асосӣ он аст, ки робитаи байни муассисаҳои илмӣ ва ниҳодҳои давлатӣ ҳанӯз кофӣ танзим нашудааст, ки ин раванд самаранокии сиёсати амнияти иқтисодиро коҳиш медиҳад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки такмили механизмҳои ташкиливу иқтисодӣ дар шароити рақамӣ барои Тоҷикистон аҳамияти калидӣ дорад, зеро сатҳи осебпазирии иқтисод ба омилҳои беруна ва дохилӣ то ҳол баланд боқӣ мемонад. Аз як ҷониб, иқтисоди миллӣ то андозае вобаста ба интиқоли маблағҳои мигрантҳо, бахши хизматрасонӣ ва неруи барқ мебошад; аз ҷониби дигар, рақамикунонӣ ин вобастагиҳоро метавонад кам кунад, вале танҳо дар сурати дуруст таҳия шудани сиёсати амнияти иқтисодӣ. Дар доираи ин раванд, нақши давлат ҳамчун танзимгар ва фароҳамоварандаи шароити рақамӣ хеле муҳим аст, зеро бидуни механизмҳои муассири ҳамоҳангсозӣ ва назорат рушди рақамӣ метавонад худ ба манбаи хатар табдил ёбад [13].

Таҷрибаи давлатҳое, ки дар минтақа пешрафтҳои калон дар соҳаи иқтисоди рақамӣ ба даст овардаанд, нишон медиҳад, ки амнияти иқтисодӣ танҳо дар сурати рушди устувори инфрасохтор, афзоиши сатҳи саводнокии технологӣ ва такмили механизмҳои ҳуқуқӣ таъмин мешавад. Масалан, Қазоқистон тавассути таъсиси марказҳои минтақавии киберамният ва татбиқи қонунҳои муосир дар бораи ҳифзи маълумот тавонист сатҳи ҳамлаҳои кибериро то андозае коҳиш диҳад ва фазои рақамиро барои сармоягузорон ҷолиб гардонад [4, p. 19–24; 10, с. 40–44]. Ӯзбекистон бошад, бо ҷорӣ намудани низоми ягонаи «ID.UZ» ва «Ҳукумати электронӣ» имкониятҳои шаффофияти иқтисодӣ ва назорати байниидоравиро васеъ намуд, ки ин амал ба устувории системаи молиявӣ таъсири мусбат расонд [13].

Таҳлили муфассали Тоҷикистон нишон медиҳад, ки кишвар ба як қатор қадамҳои стратегӣ ниёз дорад, то амнияти иқтисодиро дар замони рақамӣ устувор созад. Яке аз самтҳои муҳиме, ки дар он такмилдиҳии механизмҳои ташкиливу иқтисодӣ ҳатмӣ мебошад, ин идоракунии хавфҳои рақамӣ аст. Дар сатҳи давлатӣ зарур аст, ки низоми ягонаи мониторинги хавфҳо таъсис дода шавад, ки дар он маълумотҳои бахшҳои молиявӣ, телекоммуникатсионӣ ва бахшҳои иҷтимоӣ якҷоя коркард гарданд. Ин низом бояд ба таври махсус қабати таҳлили пешгӯиро дар бар гирад, ки тавонад хавфҳои эҳтимолиро муайян намуда, механизмҳои пешгирӣ пешниҳод кунад.

Самти дигар, ки ба такмили механизмҳои амнияти иқтисодӣ мусоидат мекунад, ин рушди қонунгузорӣ мебошад. Имрӯз дар Тоҷикистон қонунгузорӣ дар самти ҳифзи маълумот, амнияти иттилоот ва бозори рақамӣ қисман мутобиқ шудааст, вале он ба тағйироти босуръати технологӣ пурра ҷавобгӯ нест. Қонунҳои муосир бояд талаботи ҳифзи додаҳо, назорати истифодаи алгоритмҳо, танзими платформаҳои молиявии рақамӣ ва механизмҳои ҷавобгарии кибериро ба таври возеҳ дар бар гиранд. Пешниҳод мешавад, ки таҷрибаи беҳтарини кишварҳои минтақа, махсусан Қазоқистон ва Ӯзбекистон, дар ин самт омӯхта шуда, ба шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонида шавад [7, с. 66–72].

Ҳамчунин, масъалаи кадрҳои рақамӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии амнияти иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Дар шароити рақамӣ набудани мутахассисони IT, киберамният ва иқтисоди рақамӣ метавонад ба коҳиш ёфтани суръати рақамикунонӣ оварда расонад. Донишгоҳҳои Тоҷикистон қадамҳои аввалияро дар самти бознигарии барномаҳои таълимӣ анҷом додаанд, вале то ҳол норасоии кадрҳо эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки механизмҳои дастгирии ҷавонон, барномаҳои омӯзиши ҳунарҳои рақамӣ ва ташкили марказҳои инноватсионӣ густариш дода шаванд. Ин амал, тавре ки тадқиқоти олимони тоҷик нишон медиҳад, ба рушди рақобатпазирии иқтисод ва устувории онро дар дарозмуддат мусоидат мекунад [6].

Мавзӯи дигаре, ки дар сиёсати амнияти иқтисодӣ аҳамияти ҷиддӣ дорад, ин ҳамгироии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад. Дар аксари кишварҳо рушди иқтисоди рақамиро маҳз ҳамин ҳамкорӣ таъмин мекунад. Барои Тоҷикистон низ зарур аст, ки бо ташкили шарикиҳои давлатӣ-хусусӣ (ШДвБХ) дар бахшҳои инфрасохтори рақамӣ, рушди платформаҳои миллӣ ва такмили системаи киберамниятӣ қадамҳои устувор гузорад. Ин раванд на танҳо ба таъмини амнияти иқтисодӣ кӯмак мекунад, балки фазои сармоягузории рақамиро низ васеъ месозад [12, с. 48–60].

Дар ин замина, аҳамияти сохторҳои таҳқиқотӣ ва академӣ хеле баланд аст. Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АМИТ ва кафедраҳои иқтисодӣ дар донишгоҳҳои кишвар тадқиқоти муҳимро анҷом медиҳанд, вале натиҷаҳои онҳо ҳамеша ба сиёсати давлатӣ шомил намешаванд. Аз ин рӯ, зарурати таъсиси механизми алоҳидаи ҳамкорӣ байни донишгоҳҳо ва ниҳодҳои давлатӣ ба миён меояд. Ин механизм метавонад дар шакли Шӯрои миллии иқтисоди рақамӣ амал кунад, ки вазифаи он таҳия, мониторинг ва арзёбии сиёсати рақамӣ ва амнияти иқтисодӣ хоҳад буд [2, с. 82–90; 6].

Бо назардошти таҳлили пешниҳодшуда ва таҷрибаи байналмилалӣ, метавон чанд пешниҳодро барои такмили механизмҳои ташкиливу иқтисодии амнияти иқтисодӣ дар Тоҷикистон баён кард:

1. Таъсиси низоми ягонаи идоракунии хавфҳои рақамӣ. Он бояд маълумоти ҳамаи сохторҳои калидиро муттаҳид созад ва мониторинги доимӣ дошта бошад.

2. Бознигарии қонунгузорӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ. Қонунҳои амалкунанда бояд ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шаванд ва механизмҳои ҷавобгарии киберӣ пурзӯр гардад.

3. Таҳкими ҳамгироии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ. Ин амал метавонад барои рушди инфрасохтори рақамӣ ва баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон мусоидат кунад.

4. Баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ. Бо назардошти сатҳи пасти истифодаи интернет дар Тоҷикистон, барномаҳои таълимӣ ва маърифатӣ зарур мебошанд, ки аҳолиро ба муҳити рақамӣ омода созанд.

5. Дастгирии тадқиқоти илмӣ ва ҳамгироии онҳо ба сиёсати давлатӣ. Ин амал ба сифати қарорҳои идоракунӣ таъсири мусбат мерасонад ва аҳамияти илмро дар идоракунии давлатӣ тақвият медиҳад.

Муҳокимаронӣ. Дар давраи рақамӣ амнияти иқтисодӣ ба як мафҳуми бисёрқабата табдил ёфтааст, ки танҳо ба воситаи технологияи пешрафта таъмин намешавад. Идоракунии хавфҳо, таҳкими институтҳо, рушди кадрҳо ва ҳамгироӣ бо бахши хусусӣ як шартномаи нонавиштаест, ки иқтисодро аз хавфҳои дохилӣ ва берунӣ муҳофизат мекунад. Барои Тоҷикистон, ки дар марҳалаи ҷавонони демографӣ, афзоиши зарурати ҷойҳои корӣ ва баланд шудани талаботи бозори ҷаҳонӣ қарор дорад, сиёсати амнияти иқтисодӣ бояд ба модели рақамӣ табдил ёбад. Агар ин раванд самаранок идора карда шавад, иқтисоди миллӣ метавонад ба сатҳи нави устуворӣ, рақобатпазирӣ ва худкифоӣ бирасад [5, с. 17–26; 11, с. 64–69].

Қисмати хотимавӣ. Дар асоси таҳлилҳои пешниҳодшуда, метавон ба хулоса омад, ки Тоҷикистон барои таъмин намудани амнияти иқтисодӣ дар давраи рақамӣ бояд ба равандҳои зер диққати махсус диҳад:

– рақамикунии муассир ва ҳамоҳангшудаи хизмати давлатӣ;

– таҳкими инфрасохтори рақамӣ ва киберамният;

– танзими қонунгузории рақамӣ ва баробар кардани он бо стандартҳои байналмилалӣ;

– истифодаи босамари ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ;

– тақвияти захираҳои инсонӣ ва дастгирии илм.

Амнияти иқтисодӣ дар шароити рақамӣ наметавонад танҳо ҳамчун ҳадафи сиёсӣ ё чорабинии техникӣ арзёбӣ шавад. Он як низоми мураккабест, ки дар он таҳкими инфрасохтор, рушди қонунгузорӣ, тайёр намудани кадрҳои рақамӣ ва ҳамоҳангсозии доимӣ миёни муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ ба таври ҳамбаставу пайваста иҷро мешаванд. Идоракунии хавфҳои рақамӣ, ҳифзи маълумот ва устувории шабакаҳои молиявӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани ин низоми ҳамгиро самаранок мегарданд [14, p. 28–36; 15, с. 99–101].

Дар ин раванд нақши ҷомеа низ коҳишнопазир аст, зеро сатҳи саводнокии рақамӣ, фарҳанги истифодаи технологияҳо ва муносибати масъулонаи шаҳрвандон ба фазои иттилоотӣ ба устувории иқтисодӣ таъсири мустақим мерасонанд. Танҳо дар сурати фаъол будани ҳамаи ин се субъекти асосӣ – давлат, ҷомеа ва бахши хусусӣ – иқтисоди Тоҷикистон метавонад дар муҳити рақамӣ устувор, рақобатпазир ва самаранок рушд кунад.

Адабиёт

1. Назаров Т.Р. Рақамикунонии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. Душанбе: Ирфон, 2021. 256 с.
2. Бобошохзода Ш.М. Цифровая экономика. Монография. Душанбе: Ирфон, 2020. 198 с.
3. Давлатов Ш.С. Механизмҳои ташкиливу иқтисодии рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ // Маҷаллаи «Иқтисодиёт ва идора». 2022. №3. С. 45–58.
4. UNDP Tajikistan. Digital Transformation and Public Service Delivery in Tajikistan. Analytical Report. 2023. URL: https://www.undp.org/tajikistan (санаи мурочиат: 13.12.2025)
5. ITU. Measuring Digital Development: ICT Indicators – Tajikistan. 2023. URL: https://www.itu.int (санаи мурочиат: 13.12.2025)
6. Government of the Republic of Kazakhstan. Digital Kazakhstan Program and e-Government Platform. URL: https://egov.kz (санаи мурочиат: 13.12.2025)
7. Sharipov N. Public Administration Reform and Digital Governance in Central Asia // Central Asian Journal of Public Policy. 2021. Vol. 3(2). P. 61–78.
8. World Bank. GovTech Maturity Index 2022. Washington, DC: World Bank, 2022. URL: https://www.worldbank.org (санаи мурочиат: 13.12.2025)
9. Давутова С.А. Амнияти иттилоотӣ дар низоми идоракунии давлатӣ. Монография. Душанбе: Маориф, 2022. 184 с.
10. Назаров Т.Р., Давлатов Ш.С. Иқтисоди рақамӣ ва такмили механизмҳои идоракунӣ // «Таджикистан и современный мир». 2023. №2. С. 33–47.
11. Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD). Нишондиҳандаи идоракунии рақамии давлатӣ. Париж: Нашриёти OECD, 2023. URL: https://www.oecd.org (санаи мурочиат: 13.12.2025)
12. Созмони Милали Муттаҳид. Пажӯҳиши Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳукумати электронӣ – 2022: ояндаи идоракунии рақамӣ. Ню-Йорк: СММ, 2022. URL: https://publicadministration.un.org (санаи мурочиат: 13.12.2025)
13. Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Платформаи давлатии пардохт ва хизматрасониҳои рақамии давлатӣ (PayGov). URL: https://my.gov.uz (санаи мурочиат: 13.12.2025)
14. Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Қирғизистон (UNDP). Табдили рақамӣ ва инноватсия дар хизматрасониҳои давлатӣ. Бишкек, 2022. URL: https://www.undp.org/kyrgyzstan (санаи мурочиат: 13.12.2025)
15. Қосимзода М.Ф. Ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии ҷумҳурии тоҷикистон, Маҷаллаи «Идоракунии давлатӣ». 2021. №2 (51), с. 97-103

УДК: 338.45:658.5:001.895

ИННОВАЦИИ И СОВРЕМЕННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ

Аминджанова Мухиба Мухамаднасимовна

Политехнический институт Таджикского технического университета им.М.С.Осими в городе Худжанде, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой инженерной экономики и менеджмента. Адрес: 735700, Худжанд, Республика Таджикистан, проспект им.Сомони, 226. Телефон: 92-797-12 – 34. muhiba7788@gmail.com

В статье рассматривается роль инноваций и современных производственных технологий как ключевых факторов повышения эффективности деятельности предприятия. Проанализировано влияние цифровизации, автоматизации и внедрения инновационных решений на производительность труда, снижение издержек и улучшение качества продукции. Особое внимание уделяется вопросам оптимизации бизнес-процессов и повышению конкурентоспособности организаций в условиях цифровой экономики. Сделан вывод о том, что системное внедрение инноваций способствует устойчивому развитию предприятий и формированию долгосрочных конкурентных преимуществ.

Ключевые слова: инновации, производственные технологии, эффективность предприятия, цифровизация, автоматизация, конкурентоспособность, оптимизация процессов.

INNOVATION AND MODERN TECHNOLOGIES AS A KEY FACTOR IN ENHANCING ENTERPRISE COMPETITIVENESS

Aminjanova Mukhiba Mukhamadnasimovna

Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after M.S. Osimi in Khujand, PhD in Economics, Head of the Department of Engineering Economics and Management. Address: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Somoni Avenue, 226. Phone: 92-797-12-34. muhiba7788@gmail.com

The article examines the role of innovations and modern production technologies as key factors in improving enterprise efficiency. The impact of digitalization, automation, and the implementation of innovative solutions on labor productivity, cost reduction, and product quality improvement is analyzed. Special attention is paid to business process optimization and increasing organizational competitiveness in the digital economy. The study concludes that systematic innovation implementation contributes to sustainable enterprise development and the formation of long-term competitive advantages.

Keywords: innovation, production technologies, enterprise efficiency, digitalization, automation, competitiveness, process optimization.

ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ҲАМЧУН ОМИЛИ КАЛИДИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНА

Аминҷонова Муҳиба Муҳамаднасимовна

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии муҳандисӣ. Суроға: 735700, Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Сомонӣ, 226. Телефон: 92-797-12-34. muhiba7788@gmail.com

Дар мақола нақши инноватсияҳо ва технологияҳои муосири истеҳсолӣ ҳамчун омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхона баррасӣ гардидааст. Таъсири рақамикунонӣ, автоматизатсия ва ҷорӣ намудани қарорҳои инноватсионӣ ба ҳосилнокии меҳнат, кам намудани харочот ва беҳтар гардидани сифати маҳсулот таҳлил шудааст. Ба оптимизатсияи равандҳои бизнес ва баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ диққати махсус дода мешавад. Хулоса бароварда шудааст, ки ҷорӣ намудани мунтазами инноватсияҳо ба рушди устувори корхонаҳо ва ташаккули бартариҳои дарозмуддати рақобатӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: инноватсия, технологияҳои истеҳсолӣ, самаранокии корхона, рақамикунонӣ, автоматизатсия, рақобатпазирӣ, оптимизатсияи равандҳо.

Введение. Гарантия устойчивого производства на предприятии обеспечивает его стабильную работу, рост интереса со стороны покупателей и конкурентоспособность как на внутреннем, так и на внешнем рынках. Увеличение объема выпускаемой продукции, как правило, способствует росту прибыли компании благодаря привлечению новых клиентов и эффективному управлению затратами, которые напрямую зависят от объемов производства и продаж готовой продукции, что, в свою очередь, влияет на уровень получаемой прибыли.

Увеличение эффективности производственного процесса является одним из ключевых экономических инструментов, благодаря которому изменения затронут не только систему

управления производством, но и внутренние механизмы планирования и контроля в организации. В современных условиях цифровой трансформации экономики особую значимость приобретает проблема повышения эффективности деятельности предприятий на основе внедрения инноваций и современных производственных технологий. Несмотря на наличие значительного массива научных исследований, посвящённых вопросам развития предпринимательства и инвестиционной активности, ряд аспектов практической реализации инновационных решений остаётся недостаточно изученным.

Ранее автором было обосновано, что институциональная среда оказывает значительное влияние на развитие предпринимательского сектора и инвестиционную активность предприятий. В продолжение данного исследования в настоящей статье рассматривается роль инноваций и производственных технологий как ключевых факторов повышения эффективности деятельности предприятий.

Проблема повышения эффективности производственной деятельности предприятия является одной из ключевых задач в экономике. Оптимальным подходом для увеличения экономической эффективности компании в целом должен стать прогресс в сфере производства. В современных условиях одним из значительных факторов, способствующих повышению эффективности производства на предприятии, является инновационная деятельность.

Инновации могут быть внедрены во всех сферах деятельности и производства, выступая как фактор улучшения и повышения качества. Компании, которые разрабатывают свои стратегии, основываясь на инновационном подходе и ставят освоение новых технологий, а также выпуск новых товаров и услуг в качестве ключевой цели своего стратегического плана, имеют шанс занять лидирующие позиции на рынке, поддерживать высокие темпы роста, снижать уровень затрат и увеличивать прибыль.

Развитие Национальной инновационной системы Республики Таджикистан ориентировано на достижение устойчивого прогресса страны через диверсификацию экономических секторов и сокращение зависимости от сырьевых ресурсов. В этом контексте инновации рассматриваются как ключевой фактор, влияющий на конкурентоспособность национальной экономики. Эффективное применение инноваций для обеспечения динамичного роста экономики и общества возможно лишь при условии реализации целенаправленной инновационной политики со стороны государства.

Актуальность исследования определяется необходимостью повышения эффективности предприятий в условиях глобализации и быстрого технологического прогресса. Внедрение инновационных технологий производства позволяет улучшать качество продукции, снижать затраты и укреплять конкурентные позиции на рынках.Как отмечается в Послании Президента Республики Таджикистан, «правительство страны должно укреплять приоритетные направления развития цифровых технологий и искусственного интеллекта…»[2]. Это подтверждает приоритетность цифровизации и технологической модернизации в системе стратегических задач национального развития.

Целью статьи является анализ влияния инноваций и производственных технологий на эффективность деятельности производственных предприятий, а также обоснование современных подходов к оценке инновационной активности.

В настоящее время использование распространенного традиционного анализа и оценки показателей эффективности деятельности организации, основанных на применении ресурсного подхода, подвергается справедливой критике. С помощью данной оценки можно адекватно оценить результативность функционирования предприятия только в краткосрочный период времени, в условиях, определенных контрактными отношениями между субъектами рынка.

В современных условиях развития экономики и общества, связанных с глобализацией и информатизацией экономических процессов необходим новый метод оценки и анализа эффективности деятельности предприятия, который бы позволил учесть результаты долгосрочных инвестиционных решений и изменения внешней среды предприятия. Процесс разработки показателей эффективности инновационной деятельности постоянно совершенствуется, создаются новые концепции и подходы как к исследованию и оценке функционирования предприятия, так и к оценке эффективности бизнеса через новые технологии оценки и анализа эффективности.

В настоящее время в экономических исследованиях представлены следующие концепции, которые определяют подходы ученых к оценке эффективности инновационной деятельности предприятий.

---

[2] https://khovar.tj/rus/2025/12/poslanie-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-uvazhaemogo-emomali-rahmona-ob-osnovnyh-napravleniyah-vnutrennej-i-vneshnej-politiki-respubliki-4/?utm_source=chatgpt.com

Таблица 1. Основные концепции оценки эффективности инновационной деятельности предприятий

Концепция	Суть подхода	Основные показатели / методы
Традиционный финансовый анализ	Оценка эффективности на основе внутренних факторов и текущих возможностей предприятия	Бухгалтерская отчетность, прибыль компании
Модель оценки стоимости предприятия	Эффективность определяется ростом стоимости компании	Любые переменные, влияющие на стоимость компании (по Мурину, Коупленду и Коллеру)
Процессно-ориентированный анализ и оценка рентабельности (ABPA)	Оценка эффективности отдельных бизнес-процессов	Анализ известных бизнес-процессов, текущих затрат и будущих доходов
Ресурсная модель	Оценка эффективности на основе использования основных и оборотных фондов	Традиционные общие показатели эффективности фондов, частные показатели для конкретной компании

Эффективность функционирования предприятия зависит от правильного выбора и финансовой стратегии, которая будет являться существенным компонентом общей экономической стратегии организации.

Эффективность функционирования предприятия зависит от правильного выбора и финансовой стратегии, которая будет являться существенным компонентом общей экономической стратегии организации

Большинство специалистов, занятых в сфере инноватики, связывают активность инновационной деятельности с ростом уровня доходности предприятия и достижением конкурентных преимуществ в перспективе. Поэтому возникает объективная необходимость проведения научно методического исследования состояния инновационной деятельности предприятия. При анализе каждой составляющей инновационного потенциала рассматриваются различные параметры оценки, определяется их значение и важность для предприятия. Общий показатель составляющей инновационного потенциала рассчитывается путем суммы произведений важности параметра на его значение.

Состояние инновационной деятельности предприятия можно охарактеризовать путем исследования инновационного потенциала и уровня инновационной активности. Порядок проведения представлен на рисунке 1.



Рисунок 2. Порядок оценки инновационной деятельности предприятия

Этап 1. Оценка инновационного потенциала предприятия. В качестве элементов структуры инновационного потенциала выделим следующие:

1. Финансово-экономические возможности предприятия.
2. Научно-технические возможности.
3. Состояние организационных возможностей предприятия.
4. Кадровые возможности.

При анализе каждой составляющей инновационного потенциала рассматриваются различные параметры оценки, определяется их значение и важность для предприятия. Общий показатель составляющей инновационного потенциала рассчитывается путем суммы произведений важности параметра на его значение.

Характеристика элементов инновационного потенциала требует комплексной оценки. Интегральный показатель инновационного потенциала для предприятия определяется по формуле (1):

$$\begin{gathered} Ии = Іфі\ Кф + Ін\text{-}ті\ Кнт + Іифі\ Киф + \\ + \quad Іикі\ Кик,\ Ии \in [0;\ 1], \\ Кф + Кн\text{-}т + Киф + Кик = 1, \end{gathered}$$

где Іф, Ін-т, Іиф, Іик — обобщающие показатели по финансовому, научно-техническому, организационному и кадровому элементам инновационного потенциала предприятия;

Кф, Кн-т, Киф, Кик — коэффициенты значимости элементов инновационного потенциала, определенные с помощью экономико-математических методов ранговой корреляции.

Этап 2. Оценка инновационной активности предприятия. Предлагаемая методика оценки инновационной активности состоит в разработке способа измерения уровня использования инновационных возможностей при установлении количественной зависимости между показателями эффективности инновационной деятельности, уровня инновационной активности и фондовооруженности инновационного производства. Ход выполнения представлен в виде последовательно реализуемых шагов.

Шаг 1. Выбор и обоснование критериев и показателей оценки инновационной активности. Взаимосвязь экономической эффективности общественного производства и уровня инновационной активности отразил В. А. Трапезников[3], доказав следующую зависимость (2):

$$Эк=a\ (У/Ф)1/2,$$

где Эк — эффективность общественного производства;

а — показатель, учитывающий факторы, определяющие состояние отрасли (предприятия);

У — уровень инновационной активности;

Ф — фондовооруженность труда, характеризующая величину основных и оборотных средств, приходящихся на одного рабочего, занятого в сфере производства.

Общеизвестно, что эффективность любого процесса определяется отношением полученного результата и затраченных ресурсов. Применительно к инновационной деятельности необходимо принимать во внимание, что значительная продолжительность жизненного цикла инноваций приводит к экономической неравноценности осуществляемых в разный период затрат и получаемых результатов. В этой связи для оценки эффективности инновационной деятельности целесообразно использовать научно-методический инструментарий экономической теории приведенной стоимости, которая позволяет учесть стоимость денежных средств во времени. Базовым показателем, отражающим соотношение полученных результатов и вложенных средств с учетом фактора времени, является показатель индекса доходности.

Принимая во внимание вышесказанное, эффективность инновационной деятельности можно определить следующим образом (3):

$$PI_{in}=\frac{\sum_{t=0}^{T}\frac{(NCF_{in\,t})}{(1+r)^{t}}}{\sum_{t=0}^{T}\frac{(I_{in\,t})}{(1+r)^{t}}},$$

где $\sum_{t=0}^{T}\frac{(NCF_{in\,t})}{(1+r)^{t}}=DNCF_{in\,t}-$

чистый дисконтированный денежный поток от инновационной деятельности; дисконтированные инвестиционные вложения в инновационную деятельность;

r — ставка дисконтирования;

Т — период проведения оценки;

t — расчетный период (год, квартал, месяц).

Модифицируя формулу с учетом вышесказанного, и выражая из нее показатель, характеризующий уровень инновационной активности (У), получим:

[3] А. А. Трифилова. Анализ инновационного потенциала предприятия//Инновации, № 6, 2003.

$$\frac{DNCF_{in\,t}}{DI_{in\,t}} = a\sqrt{\frac{У}{Ф}} \Rightarrow \left(\frac{DNCF_{in\,t}}{DI_{in\,t}}\right)^2 = a^2\,\frac{У}{Ф},$$

$$У=(1/a^2)\ Ф\ (DNCF_{in\,t}/DI_{in\,t})^2.$$

Шаг 2. Разработка механизма оценки факторов, определяющих состояние инновационной деятельности. Предлагаемый механизм представляет собой определенную последовательность действий по оценке уровня воздействия факторов на состояние инновационной деятельности на основе расчета средневзвешенного оценочного критерия.

В качестве методической основы проводимого исследования рекомендуется использовать комбинированный метод, который включает в себя метод парного сравнения и метод расстановки приоритетов.

Суть метода парного сравнения состоит в исследовании влияния факторов на состояние инновационной деятельности путем их попарного сравнения между собой группой экспертов. По результатам сравнения определяется принимаемая система сравнения и формируется матрица сравнений ||Cij||, определяющая степень превосходства i-го фактора над j-м фактором[4].

Рассчитывается показатель, определяющий уровень воздействия факторов на состояние инновационной деятельности:

$$a = \frac{\sum_{i=1}^{k} W_i\,P_i}{k},$$

где k — количество факторов, принимаемых в расчет.

Этап 3. Характеристика инновационной деятельности может проводиться с использованием специальной оценочной шкалы. Для определения шкалы оценки целесообразно применить метод, основанный на использовании функции желательности (F)[5]:

$$F=(1/e)\ e^{\,x/2},$$

где e — основание натурального логарифма (e=2,78);

x — значение показателя, характеризующего отличия уровней активности инновационной деятельности (значение показателя x изменяются в пределах от – 2,5 до +5).

Использование предложенной методики оценки инновационной деятельности, позволит предприятиям проанализировать свою текущую инновационную активность и учесть полученные результаты при принятии решений о направлении дальнейшего инновационного развития.

Функция F определена в интервале от 0 до 1. Промежуточные значения функции, оценивающие состояние инновационной деятельности, и соответствующие им рекомендации представлены в таблице 5.

Эффективность инновационной деятельности предприятия также может обосноваться в эффективности внедрения инновационных проектов.

В современной теории и практике инновационного менеджмента до сих пор не существует единой концепции оценки эффективности инноваций. Причина в принципиальном отличии инновационных проектов от инвестиционных, для которых разработана единая общепринятая система оценки на основе доходности.

---

[4] В. А. Трапезников. Экономические оценки, связанные с управлением большими системами//Автоматика и телемеханика, № 1, 1966.

[5] И. Ю. Бринк, Н. А. Савельева. Бизнесплан предприятия. Теория и практика. Ростов-на-Дону: «Феникс», 2002.

Таблица 2 – Характеристика инновационной деятельности произсодственного предприятия[6]

Значение интервала при оценке		Рекомендации
Инновационн ого потенциала	**Инновационной активности**	
0 – 0,3	0 – 0,3	Провести комплексное реформирование инновационной сферы деятельности предприятия
	0,3 – 0,6	Выявить дополнительные пути инвестирования в инновационные исследования и разработки
	0,6 – 1,0	Наращивать инновационные возможности предприятия
0,3 – 0,6	0 – 0,3	Сбалансировать степень использования инновационных возможностей с уровнем инновационного потенциала
	0,3 – 0,6	Определить направления улучшения использования инновационного потенциала
	0,6 – 1,0	Разработать рекомендации по наращиванию инновационного потенциала предприятия
0,6 – 1,0	0 – 0,3	Определить направление более активного использования инновационных возможностей
	0,3 – 0,6	Сбалансировать уровень инновационной активности с наличием инновационных возможностей
	0,6 – 1,0	Сохранить достигнутый результат

Во-первых, доходность многих инноваций имеет отсроченный стратегический характер. Во-вторых, инновационная деятельность осуществляется в условиях неопределенности и повышенного риска, так как процесс разработки и реализации проекта является достаточно длительным, а внешняя среда меняется очень быстро. Поэтому специалистам сложно предсказать и оценить на начальном этапе конечный результат нововведения. Использование комплексного и системного анализа позволяет выделить два взаимодополняющих подхода к оценке эффективности инновационных проектов: качественный и количественный.

Количественный, или затратный, метод оценки инновационных проектов связан с рентабельностью и доходностью проекта. Здесь возможно использование трех типов оценок: абсолютная доходность проекта, абсолютно-сравнительная доходность и сравнительная. Каждый из вышеуказанных методов оценки эффективности проектов основан на приведении затрат, осуществляемых в различное время, к сопоставимым величинам предполагает использование системы показателей, надежность которых подтверждает международный финансово- экономический опыт[7].

Таким образом, на данный момент в теории и практике инновационного развития отсутствует единая методика оценки эффективности инновационной деятельности. Каждый из методов анализа

[6] Ю. П. Анисимов, И. В. Пешкова, Е. В. Солнцева. Методика оценки инновационной деятельности предприятия//Инновации, № 11/2006 – С. 88-90.

[7] Абакумов Р.Г. Методика экономического обоснования выбора критерия эффективности управления воспроизводством основных средств организации// Вестник Белгородского государственного технологического университета им. В.Г. Шухова. 2013.№ 4. С. 111-115.

инновационной деятельности дает возможность рассмотреть лишь какие-то из характеристик расчетного периода, выяснить важные моменты и подробности.

Инновационная деятельность представляет собой процесс разработки и внедрения новых идей, технологий, товаров или услуг, который способствует прогрессу предприятий, отраслей и всей экономики в целом. Значимость инноваций в современных условиях не вызывает сомнений, поскольку стремительное технологическое развитие, глобализация рынков, усиление конкуренции и изменения в потребительских предпочтениях требуют постоянного обновления и улучшения продуктов и услуг. Более того, инновации способствуют формированию новых секторов экономики, созданию рабочих мест, повышению качества жизни населения и обеспечивают устойчивый экономический рост. Именно поэтому важность инновационной деятельности в современных условиях нельзя недооценивать, и она является ключевым фактором эффективности производства.

Для оценки инновационной активности предприятий существует множество методов, однако выбранный нами метод основывается на анализе финансовых показателей, которые определяют эффективность производственных процессов. С помощью оценки можно установить, насколько успешно компания реализует инновации, достигает поставленных целей и ожидаемых результатов. Это позволяет выявить сильные и слабые стороны инновационной деятельности и обосновать принятие решений о ее дальнейшем развитии.

Инновационной деятельность помогает организациям стать более конкурентоспособными, эффективными и успешными в условиях стремительно меняющегося рынка и технологического прогресса..

Заключение. В результате проведённого исследования установлено, что инновации и современные производственные технологии являются ключевыми факторами повышения эффективности деятельности предприятий в условиях цифровой трансформации экономики. Внедрение автоматизированных систем управления, цифровых решений и инновационных методов организации производства способствует росту производительности труда, снижению издержек, улучшению качества продукции и укреплению конкурентных позиций предприятий.

Обосновано, что результативность инновационной деятельности во многом определяется качеством институциональной среды, уровнем инвестиционной активности и готовностью предприятий к технологической модернизации. Подтверждено, что системный подход к внедрению инноваций, включающий оптимизацию бизнес-процессов и развитие человеческого капитала, обеспечивает устойчивое развитие организаций в долгосрочной перспективе.

Сделан вывод о необходимости формирования комплексной стратегии инновационного развития предприятий, ориентированной на цифровизацию производственных процессов, повышение технологической оснащённости и активизацию научно-практического сотрудничества. Реализация указанных направлений позволит повысить экономическую эффективность предприятий и будет способствовать достижению стратегических целей социально-экономического развития Республики Таджикистан.

СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

1. Аминджанова М.М. Институциональная среда предпринимательского сектора экономики Согдийской области // Вестник Политехнического института. – 2018. – № 2. – С. 112–118.
2. Абдуллоев Н.Н. Эффективность инновационной деятельности в производственных предприятиях. – Душанбе: Ирфон, 2022. – 230 с.
3. Абакумов Р.Г. Методика экономического обоснования выбора критерия эффективности управления воспроизводством основных средств организации// Вестник Белгородского государственного технологического университета им. В.Г. Шухова. 2013.№ 4. С. 111-115.
4. Анисимов Ю. П., И. В. Пешкова, Е. В. Солнцева. Методика оценки инновационной деятельности предприятия//Инновации, № 11/2006 – С. 88-90.
5. Бринк Ю, Н. А. Савельева. Бизнесплан предприятия. Теория и практика. Ростов-на-Дону: «Феникс», 2002.
6. Бухалков М.И. Производственный менеджмент. — М.: ИНФРА-М, 2019.
7. Гильдербрандт А. Инновации и управление развитием. — СПб.: Питер, 2020.
8. Данченко Н.Г. Управление инновациями на предприятии. — М.: ИНФРА-М, 2018.
9. Джолдасбаева Г. К. Инновация как основной фактор повышения эффективности производства [Электронный ресурс] // Технологии корпоративного управления. URL: http://www.iteam.ru.
10. Лукичева Л.И. Планирование деятельности предприятия. — М.: КноРус, 2020.

11.Махмадназаров Б. Управление инновациями на предприятиях. – Душанбе: Маориф, 2020. – 264 с.

12.Морозов Ю.П. Инновационный менеджмент / Ю.П. Морозов. - Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. - 345с.

13.Назаров А.А., Набиева Х.Н. Инновационная деятельность как важная особенность эффективности использования человеческого капитала в экономике региона. Научно-теоретический журнал «Вестник РТСУ» (Вестник Российско-Таджикского славянского университета), №2(77), 2022 г. – с. 35-48.

УДК: 336 (075,8)

МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Амиров М.С

н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел: 785027575, amirov. 83.83@mail.ru

Дар мақола механизми ташкилию иқтисодии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар низоми бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Асосҳои назариявии идоракунии хавфҳо, таснифи хавфҳои молиявии бонкҳо, инчунин хусусиятҳои ташаккули воситаҳои ташкилию иқтисодии пастшавии онҳо баррасӣ мегарданд. Таваҷҷуҳи махсус ба мутобиқсозии стандартҳои байналмилалии танзими фаъолияти бонкӣ ба шароити кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, равона шудааст. Зарурати истифодаи равиши мукаммал ба идоракунии хавфҳо дар шароити ноустувории макроиқтисодӣ ва таҳаввулоти бозорҳои молиявӣ асоснок карда мешавад.

Калидвожаҳо: низоми бонкӣ, хавфҳои молиявӣ, идоракунии хавфҳо, механизми ташкилию иқтисодӣ, Базел III, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ МЕХАНИЗМ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫМИ РИСКАМИ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Амиров М.С.

к.э.н., доцент кафедры таможенной деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел.: 785027575, e-mail: amirov.83.83@mail.ru.

В статье исследуется организационно-экономический механизм управления финансовыми рисками в банковской системе. Раскрываются теоретические основы риск-менеджмента, классификация финансовых рисков банков, а также особенности формирования организационных и экономических инструментов их минимизации. Особое внимание уделяется адаптации международных стандартов банковского регулирования к условиям стран СНГ, включая Республику Таджикистан. Обоснована необходимость комплексного подхода к управлению рисками в условиях макроэкономической нестабильности и трансформации финансовых рынков.

Ключевые слова: банковская система, финансовые риски, риск-менеджмент, организационно-экономический механизм, Базель III, Республика Таджикистан.

ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC MECHANISM FOR MANAGING FINANCIAL RISKS IN THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Amirov M.S.

candidat in economics science, Associate Professor of the Department of Customs Activities at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel.: +992 785027575, e-mail: amirov.83.83@mail.ru.

The article examines the organizational and economic mechanism for managing financial risks in the banking system. The theoretical foundations of risk management, the classification of banks' financial risks, as well as the features of forming organizational and economic instruments for their mitigation are analyzed. Special attention is paid to the adaptation of international banking regulation standards to the conditions of the Commonwealth of Independent States, including the Republic of Tajikistan. The necessity of a comprehensive approach to financial risk management under conditions of macroeconomic instability and transformation of financial markets is substantiated.

Keywords: banking system, financial risks, risk management, organizational and economic mechanism, Basel III, Republic of Tajikistan.

Гузориши масъала. Низоми бонкӣ унсури калидии инфрасохтори молиявии иқтисодиёт мебошад, ки тақсимоти захираҳои молиявӣ, дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ ва устувории гардиши пулро таъмин мекунад. Дар шароити муосир рушди бахши бонкӣ бо афзоиши номуайянӣ ва афзоиши хавфҳои молиявӣ, ки бо ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ, ноустувории бозорҳои молиявӣ ва омилҳои геополитикӣ вобастаанд, ҳамроҳ мешавад.

Масъалаи идоракунии хавфҳои молиявӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ИДМ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Маҳдудияти захираҳои молиявӣ, вобастагии зиёд аз шокҳои беруна ва ноустувории муҳити макроиқтисодӣ зарурати ташаккули механизми самараноки ташкилию иқтисодии идоракунии хавфҳоро тақвият медиҳад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар таҳқиқотҳои масъалаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар низоми бонкӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ акс ёфтанд: Жуков Е.Ф. Ковалев В.В., Лаврушин О.И., Кодирзода Д.Б., Набиев А.Н. Саъдуллозода С.С., Ходжамуродов Ф.С. ва дигарон. Дар баробари ин, сарфи назар аз таҳқиқотҳои зиёди олимони ватанї ва хориҷї, дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва омилҳои ба вуҷуд омадани хавфҳои молиявї инчунин арзёбии онҳо, коркарди иловагии илмї-назариявї ва таҳлилҳои иловагӣ талаб менамояд.

Мақсади мақола. Мақсади мақола таҳия ва асоснок кардани муқаррароти назариявӣ-методии механизми ташкилию иқтисодии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар низоми бонкӣ бо назардошти хусусиятҳои кишварҳои ИДМ мебошад. Барои ноил шудан ба ҳадаф дар кор вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд: ошкор намудани моҳияти хавфҳои молиявии бонкҳо; таҳлили сохтори механизми идоракунии хавфҳо; таҳқиқи нақши стандартҳои байналмилалӣ; ошкор намудани хусусиятҳои идоракунии хавфҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муҳтавои асосии мавод. Тағйири иқтисодиёт ва гузариш ба намуди бозории муносибатҳои иқтисодӣ барои ташкили низоми бонкӣ, ки ба мушкилот ва шароити нави хоҷагидорӣ ҷавобгӯ аст, фароҳам овардани шароити мувофиқро талаб мекунад. Ин барои таъмини самаранокии рушди соҳаи бонкӣ ҳам дар миқёси иқтисоди миллӣ ва ҳам дар доираи соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ зарур аст. Ҳамзамон, рушди низоми бонкӣ бояд на танҳо ба меъёрҳои миллӣ ва қоидаҳои пешбурди тиҷорат ҷавобгӯ бошад, балки ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мухолифат накунад .[8]

Хавфи молиявӣ дар фаъолияти бонкӣ эҳтимолияти талафотро дар натиҷаи тағйироти номатлуби омилҳои иқтисодӣ, молиявӣ ё институтсионалӣ ифода мекунад.[9] Баръакси ташкилотҳои ғайримолиявӣ, бонкҳо ба сатҳи баланди хавфҳо дучор меоянд, ки ин ба хусусияти амалиётҳои онҳо ва дараҷаи баланди фишанги молиявӣ вобаста аст.

Дар илми иқтисодӣ идоракунии хавфҳои молиявӣ ҳамчун раванди мақсадноки муайянкунӣ, арзёбӣ, мониторинг ва кам кардани талафоти эҳтимолӣ баррасӣ карда мешавад. Консепсияҳои муосири идоракунии хавф ба принсипҳои системавӣ, пайдарпай ва пешгирикунанда асос ёфтаанд. Амалӣ намудани принсипҳои мазкур барои таҳияи механизми идоракунии хавфҳои молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ имконият фароҳам меоранд. Дар ин замина рушди динамикии охирон бештар маврид аз омилҳое вобаста аст, ки ба раванд таъсир мерасонанд. Онҳо зарурати гузаронидани тадқиқотро асоснок менамоянд.[2]

Темиров Комронбек Очилдиевич
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой таможенного дела ГУ «Худжандский международного института» ГОУ ТМУТП (Таджикистан, Худжанд). E-mail: komron_0590@mail.ru.

В данной статье рассматриваются теоретические основы привлечения иностранного капитала с точки зрения выявления влияющих факторов. Изучаются взгляды отечественных и зарубежных учёных на привлечение прямых иностранных инвестиций и направление их в ключевые отрасли национальной экономики, обладающие инновационной деятельностью. В этой связи анализируется уровень влияния факторов на процесс привлечения иностранного капитала. В результате теоретического и практического анализа выдвигается предположение о том, что в условиях экономической глобализации и быстро меняющейся мировой политической и экономической ситуации целесообразно привлекать прямые иностранные инвестиции в те отрасли экономики Республики Таджикистан, которые имеют высокий потенциал, в том числе: перерабатывающая промышленность, добывающая промышленность, особенно промышленные предприятия страны.

Ключевые слова: Прямые иностранные инвестиции, инновационная активность предприятий, факторы влияния, теории привлечения прямых иностранных инвестиций, развитие международного финансирования и инвестиций, отрасли национальной экономики, промышленность.

THEORETICAL ISSUES OF ATTRACTING FOREIGN INVESTMENT INTO THE NATIONAL ECONOMY

Goibnazarov Gies Umarkulovich
Doctor of Philosophy (PhD) in Economics, Associate Professor, Head of the Department of Economic Theory and Management at the Khujand International Institute of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Giyosiddin_Goibnazarov@mail.ru

Komronbek Ochildievich Temirov
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Customs Affairs at the State Institution "Khujand International Institute" of the State Educational Institution TMUTP (Tajikistan, Khujand). E-mail: komron_0590@mail.ru.

This article examines the theoretical foundations of attracting foreign capital from the perspective of identifying influencing factors. The views of domestic and foreign scholars on attracting foreign direct investment and channeling it into key sectors of the national economy with innovative activity are explored. In this regard, the degree of influence of these factors on the process of attracting foreign capital is analyzed. The theoretical and practical analysis suggests that, in the context of economic globalization and a rapidly changing global political and economic situation, it is advisable to attract foreign direct investment into those sectors of the Republic of Tajikistan's economy that have high potential, including: processing industry, mining, and especially the country's industrial enterprises.

Keywords: Foreign direct investment, innovative activity of enterprises, influencing factors, theories of attracting foreign direct investment, development of international financing and investment, sectors of the national economy, industry.

Пешгуфтор. Дар шароити босуръат шиддатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Сармояи мустақими хориҷӣ омили муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, боиси азнавсозии соҳаҳои саноат, фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатии кишвар, ҷорӣ намудани технологияи нав дар истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти дохилӣ ва хориҷи кишвар мегардад. Дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявии дохилии аксарияти мамлакатҳо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ яке аз унсури муҳими рушди иқтисодиёт баромад мекунад. Бинобар ин, омӯзиши асосҳои назариявии ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон барои ҳар як давлати алоҳида ҳамчун масъалаи муҳим баромад мекунад.

Дараҷаи коркарди таҳқиқот. Боиси қайд аст, ки масъалаҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ предмети омӯзиши иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ гардидааст. Асосҳои назариявии мафҳуми сармояи мустақими хориҷӣ ва масъалаҳои ҷалби он дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ, ба монанди: Д.Рикардо, Манделл, Кожима ва Озава Киндлберг, С. Хаймер, Кокфорд ва Ридделл, Верона, Итагаки ва Кушман, Даннинг акси худро ёфтааст.

Дар илми иқтисодии олимони Руссия масъалаҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар корҳои таҳқиқотчиён, ба монанди: Жуков П.Е., Расулова Г.М., Гурова И.П., Шнейдер О.В., Михалёнок Н.О., Сербиня А ва дигар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Дар маҷмӯъ, корҳои илмии онҳо ба таҳлили таъсири сармояи мустақими хориҷӣ ба тағйирёбии сохтории иқтисодиёт, инчунин омилҳои муайянкунандаи ҷалбкунии сармояҳо ба иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудааст.

Мақсади таҳқиқот: дар асоси омӯзиши ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалии ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ додани тавсияи назариявӣ ва амамлӣ оид ба мукаммалгардонии роҳҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, инчунин роҳҳои самаранок истифода намудани онҳо бо мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ иборат мебошад.

Усули таҳқиқот. Усули низомии таҳлили иқтисодӣ, усулҳои математикӣ ва омории коркарди маълумотҳо, усулҳои моделикунонӣ, таҳлил, синтез ва муқоиса.

Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ сармояи хориҷӣ яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ баромад мекунад. Дар назарияи иқтисодӣ қайд мегардад, ки вориди сармояи хориҷӣ ба тақсимоти босамари захираҳои иқтисодӣ, ки дар навбати худ ба рушди иқтисодӣ такон мебахшад, мусоидат менамояд. Бинобар ин, дар шароити муосир сиёсати ҳар як давлати алоҳида оид ба масъалаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ гуногун буда, бо омилҳои таъсиррасони дохилӣ ва беруна тавсиф дода мешавад.

Дар шароити муосир, ҷалб ва мақсаднок истифода намудани сармояи мустақими хориҷӣ имконияти васеъкунӣ ва рушди фаъолиятро ҳам дар дохил ва ҳам хориҷи он медиҳад. Инчунин, татбиқи сармояи мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ба зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ, вориди андоз, дар баробари ин коҳиши вориди мамлакат мусоидат менамояд. Дар адабиёти иқтисодӣ муайян гардидааст, ки сармояи мустақими хориҷӣ – ин чунин шакли сармоягузорӣ мебошад, ки саҳмгузор ҳуқуқи идоракунандаро дар объекти сармоя гузаронидааш пайдо менамояд.

Онҳо дар он ҳолат мустақим ҳисобида мешавад, ки зиёда аз 10%-и ҷамъияти саҳомӣ доро мебошад ва ҳуқуқи идоракунии корхонаро медиҳад [2, 384].

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир сармояи хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти ҳар як давлати алоҳида, хусусан барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нақши муҳим дорад. Дар сиёсати имрӯзаи ҳукумати мамлакат ҷиҳати баланд бардоштани рушди иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ мунтазам барномаҳои давлатии хусусияти стратегидошта бо мақсади афзоиш додани истеҳсоли маҳсулотҳои ватанӣ ва коҳиши сатҳи вобастагии кишвар аз вориди молу хизматрасониҳо, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ таҳия гардида истодааст. Чӣ хеле, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар чунин ҳолат пасандозҳои дохилӣ барои ҳалли чунин муаммоҳо ва ба даст овардани рушди устувори иқтисодӣ кифоя намебошад. Таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ нишон медиҳанд, ки барои ҳалли чунин масъалаҳо бевосита зарурати ҷалби сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ, хусусан сармояи мустақими хориҷӣ зарур мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои ҷалб ва истифодабарии сармояи хориҷӣ дар корҳои олимони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Чи хеле, ки профессор Саидмуродов Л.Ҳ. қайд менамоянд афзалияти сармоя нисбат ба меҳнат омили муҳими афзоиши ҳосилнокии ҷамъиятӣ дар шароити муосир баромад мекунад [9, 12-13]. Агар, дар иқтисодиёти пӯшида сатҳи рушди сармояи дохилӣ аксар вақт бо суръати афзоиши ММД маҳдуд гардад, пас дар иқтисодиёти кушод барои ҷалби сармояи хориҷӣ чунин маҳдудиятҳо аҳамияти хоса пайдо намекунанд. Масалан, дар ИМА 33%-и ҳамаи талаботҳои дохилӣ ба сармоя аз ҳисоби сармояи хориҷӣ қонеъ гардонида мешавад. Инчунин, қайд мегардад, ки барои иқтисодиёти хурди кушод ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамчун замима ҳам натиҷаи истеҳсолоти умум ва якҷояамалкунӣ бо низоми муосири хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад [5, 414].

Дар корҳои илмии худ Солиев А.А. таъкид менамоянд барои ҷалби васеъи сармояи хориҷии кишвари мо ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ зарур мебошад. Нақши асосӣ дар ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ давлат ва сиёсати гузаронидаистодаи он мебозад [6, 25]. Албатта, аз ҷиҳати назариявӣ ба ақидаи онҳо тарафдорӣ намудан мумкин аст. Вақте, ки сухан дар бораи сафарбар намудани сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт меравад, ба фикри мо дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намудани сармояи мустақими хориҷӣ ба он соҳаҳои иқтисодиёт, ки ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ дар ин асно, паст кардани вобастагии ҷумҳурӣ аз воридот мусоидат менамояд, зарур мебошад. Дар шароити имрӯза, яке аз чунин соҳа, соҳаи саноати коркарди мамлакат, хусусан корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулотҳои нассоҷӣ ба ҳисоб меравад.

Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар сохтори вориди сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тағйиротҳои гуногун аз ҳисоби ба миён омадани таҳримҳо байни давлатҳои Аврупо ва Россия рӯҳ дода истодааст. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар соли 2021-ум ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 342,2 млн.долл. ИМА. сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардида, онҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт низ таъсири худро расонида истодааст. Чӣ хеле, ки дар боло қайд карда шудааст, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар рушди иқтисодиёт нақши муҳим мебозад, бинобар ин, ба мо зарур аст, ки роҳҳои муосири ҷалби ҳаҷми зиёди вориди сармояи мустақими хориҷиро ба иқтисодиёти миллӣ дарёфт кунем. Барои ин, ба мо зурур аст, ки омӯзиш ва ошкор кардани назарияҳои иқтисодӣ ва омилҳои муносиб оид ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ таъсиррасон мутобиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

Таҳлилҳои назариявӣ нишон медиҳад, ки дар адабиёти иқтисодӣ назарияҳои зиёд дар самти ҳавасмандгардонии вориди маблағгузории хориҷӣ ва ҳаракати сармоя мавҷуд мебошад (ҷадв. 1).

Ҷадвали 1. - Назарияҳо оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ

№	Номгӯи назарияҳо	Муаллиф	Тавсифи назарияҳо
1	Назарияи ҳукумронии бозории ташкилотҳо	С. Хаймер, 1976	Назарияи мазкур нишон медиҳад, ки ба ташкилотҳо хориҷии дар дохили кишвар амалкунанда зарур мебошад, бо ташкилотҳои маҳаллӣ, ки аз нуқтаи назари урфият, қонунгузорӣ ва имтиязҳо нисбатан дар ҳолати беҳтар қарор доранд, рақобат кунанд. Қайд мегардад, ки норасогиҳо метавонанд аз шаклҳои муайяни хукумронии

			бозорӣ ҷуброн карда шавад, то ин ки сармояи байналмилалӣ фоидаовар гардад.
2	Назарияи даврии пайгирӣ	К. Кожима 1978	Назарияи мазкур тасдиқ менамояд, ки байни савдои байналмилалӣ ва сармояи мустақими хориҷӣ алоқамандии мутақобила мавҷуд мебошад. Сармоягузорӣ ва савдо ҷои ҳамдигарро пур менамояд ва ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд. Ба сифати ҳавасмандии асосӣ метавонад, заҳираҳои иқтисодию меҳнатӣ ва самтгирии бозорӣ барои ба вуҷуд овардани сармояи хориҷӣ аз тарафи ташкилотҳо
3	Назарияи қурби асъор дар бозори ғайрирасмии сармоя	Кушман, 1985	Назарияи мазкур ба он ишора мекунад, ки агар дар кишвари қабулкунанда болоравии қурби асъори миллӣ мушоҳида гардад, ин ба камшавии сармояи мустақими хориҷӣ оварда мерасонад, ё ин ки баръакс.
4	Назарияи зарурати ҷалби сармоя мустақими хориҷӣ барои фаъолгардонии рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	Солиев А.А. 2004	Назарияи мазкур зарурати дар шакли васеъ ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастовардҳои минбаъдаи рушди иқтисодиёт нишон медиҳад
5	Таъсири сармояи мустақими хориҷӣ ба рушди иқтисодӣ дар мамлакатҳои минтақаи аврупо	Панайотис П, 2015	Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ҳамчун механизми таъсири мусбӣ ба рушди иқтисодии мамлакатҳои саноаташон тараққикарда баромад менамояд.

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси таҳқиқот

Боиси қайд аст, ки дар адабиёти иқтисодӣ як чанд назарияҳои ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ омилҳои гуногуни муайянкунанда мавҷуд мебошад. Аммо, аксарияти онҳо барои моделсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар таъсири мусбӣ мерасонад. Бинобар ин, ба мо зарур аст, дигар омилҳое, ки бевосита ба масъалаҳои ҷалб ва истифодабарии сармояи мустақими хориҷӣ таъсир мерасонад, дида бароем.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар корҳои таҳқиқотии олимон низ омилҳои ба ҷалб ва истифодабарии сармояи мустақими хориҷӣ мавриди баҳси илмӣ қарор дода шудааст, аз ҷумла: ҳаҷми бозори мамлакати қабулкунанда, арзиши захираҳои меҳнатӣ, сатҳи таваррум, меъёри тарофаҳо, имкониятҳои нақлиётии мамлакат, сохтори информатсионӣ, аҳолии мамлакат, маорифи кишвар, сатҳи кушодии иқтисодиёт, даромаднокии аҳолӣ, фарогирии мобилӣ, шоҳиси рушди инсонӣ, содирот, воридот, қарзи беруна ва ғайра. Масъалаҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, дар аксар вақт аз ҳолати рушди иқтисодии кишвар, хусусан сатҳи кушодии он вобастагии зиёд дорад [1, 45].

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар сохтори вориди сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъсири омилҳо ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тағйиротҳои гуногун ба миён омада истодааст.

Ҷадвали 1. – Вориди сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2023 (млн.долл. ИМА).

Солҳо	Ҷалби сармоягузориҳо, аз ҷумла:			Ҳамагӣ бо долл. ИМА
	Сармояи мустақим	Дигар шаклҳои сармоягузориҳо	Сармояи ҷомодонӣ	
2011	161,4	164,0	0,1	325,5
2012	391,3	355,0	0,1	746,4
2013	341,1	670,6	0,2	1011,9
2014	377,4	530,4	0,4	909,2
2015	470,9	506,9	0,0	977,8

2016	434,2	408,4	0,1	842,7
2017	354,5	245,9	0,5	1100,4
2018	326,8	317,7		644,5
2019	345,9	261,1	0,1	607,1
2020	162,5	265,9		428,4
2021	342,2	376,0	0,1	718,3
2022	618,4	1958,0	0,2	2576,6
2023	284,0	2499,7	0,1	2783,8
Ҳамагӣ	**4610,6**	**8559,6**	**1,9**	**13672,6**

Сарчашма: [Захираи электронӣ] https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3ba05fa62.pdf (санаи мурочиат 11.11.2023)., Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2024. Стр. 643-644.

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки ҳаҷми умумии вориди сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2023-ум 13 млрд. 672 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуда, аз он 4 млрд. 610 млн. сармояи мустақим, 8 млрд. 559 млн. долл. ИМА дигар шаклҳои сармоя ва 1,0 млн. долл. ИМА сармояи ҷомодонӣ ба ҳисоб меравад.

Боиси қайд аст, ки дар сохтори вориди сармояи хориҷӣ нақши сармояи мустақими хориҷӣ хеле зиёд буда, дар худ таъиноти махсуси соҳавиро таҷассум менамояд (даграм 1).

Диаграммаи 1. - Сафарбаркунии сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар солҳои 2007-2023 долл. ИМА.



Сарчашма: [Захираи электронӣ] https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3ba05fa62.pdf (санаи мурочиат 11.11.2025)., Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2024. Стр. 643-644.

Рақамҳои диаграммаи 1 нишон медиҳанд, ки аз соли 2007 то соли 2023 инҷониб ҳаҷми зиёди сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок равона карда шуда, ҳиссаи он 34,0%-и ҳаҷми умумии сармоягузориро ташкил намудааст. Ба соҳаи саноат бошад, 16,8% сармояи мустақими хориҷӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Рақамҳои диаграммаи аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити муосир соҳаҳои афзалиятнок барои сармоягузорони хориҷӣ соҳаи энергетика, саноат, истиқроҷи кандланиҳои фоиданок, сохтмон ва дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад.

Боиси қайд аст, ки дар ислоҳоти сохтории соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи хориҷӣ нақши муҳим дорад. Барои ҳалли муаммоҳои иқтидори истеҳсолӣ ҷумҳурӣ ба ҳаҷми зиёди маблағгузорӣ ниёд дорад, сарчашмаҳои дохилии маблағгузорӣ басанда намебошад.

Дар шароити имрӯза, дар кишвар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ гардида истодааст, ки дар он таваҷҷӯҳи ҳукумати кишвар асосан ба се сенарияи имконпазири рушди иқтисодӣ, аз ҷумла: сенарияи инерсионӣ, индустриалӣ ва индустриалӣ-инноватсионӣ нигаронида шудааст. Ҷиҳати амаликунии сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ ташкили асосҳои инноватсионии рушд дар назар дошта шудааст. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ҷараёни ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ - ин бисёрҷабҳа ва мураккаб буда, маблағгузориҳои зиёд ва истифодаи иқтидори захиравии фаъолияти инноватсионии соҳаро талаб менамояд.

Дар шароити муосир, ташаккули сиёсати инноватсионӣ шарти муҳими коркарди асосҳои рушди устувор дар сатҳи корхона ва ташкилотҳо, давлат ва минтақа, умуман дар сатҳи давлат мебошад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки элементи ҷудонопазири фаъолияти инноватсионии низоми амалкардаистода сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад [3, 144].

Дар роҳи татбиқ ва таъмини рушди фаъолияти инноватсионии мамлакат ҳаҷми зиёди сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ зарур мебошад. Бинобар ин, дар шароити имрӯза, дар ташаккули механизми самараноки ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ба соҳаи инноватсионии иқтисодиёти миллӣ татбиқ ва мукаммалгардонии механизми воситаҳои пулии берунӣ ва дар доираи он ба анҷом расонидани тадбирҳои зерин зарур мебошанд:

- давра ба давра, дар шакли лозима коркард ва татбиқи механизмҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- ҷалб ва ҳавасманд гардонидани шумораи зиёди ташкилотҳои лизингӣ, ки дар таъмини молиявии сохтори инноватсионӣ иштирок меварзанд;
- васеъ намудани шароити мусоиди карздиҳӣ ва зиёд намудани шаклҳои он;
- аз рӯи имконият мунтазам зиёд намудани ҳаҷми маблағҳои субсидӣ ва субвенсӣ дар мамлакат.

Таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ нишон медиҳанд, ки дар шароити муосир масъалаҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ аз омилҳои зиёд вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, аз шароити мусоиди сармоягузорӣ, ки бевосита аз ҷиҳати ҳуқуқӣ батанзим дароварда шудааст, вобаста аст. Албатта ин, аз ҳолати рушди иқтисодии давлат ва сиёсати пешгирифтаи он вобаста аст. Дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 самтҳои афзалиятноки фазои сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст, ки тадбиқи он бевосита ба рушди соҳаи соҳибкорӣ ва дигар шаклҳои истеҳсолоти ватанӣ мусоидат менамояд [4, 104].

Маълумотҳои омории дар боло овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки сармояи хориҷӣ бештар ба соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок равона карда шудааст. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръасти кишвар дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равона кардани сармоягузориҳои хориҷӣ, хусусан сармояи мустақим ба таъсиси корхонаҳои саноатии мамлакат ба мақсад мувофиқ аст.

Хулоса. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва сафарбаркунии бомақсади онҳо ба соҳаҳои калидии иқтисодиёт, хусусан соҳаҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ нигаронида шудааст, зарур аст. Зеро, онҳо ба коркарди ашёи хом, вориди технологияи пешқадами истеҳсолӣ, дар натиҷа ба коҳиши воридот оварда мерасонад. Дар натиҷа, таъмини масъалаҳои шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, вобаста набудан аз ҷараёнҳои воридотӣ, инчунин таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ нақши фаъолияти инноватсионӣ зиёд гардида, рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳои саноатии инноватсионӣ ҳам дар дохил ва беруни кишвар таъмин мегардад.

Бо мақсади рушди соҳаи мазкур на танҳо аз ҳисоби маблағгузории дохилӣ, инчунин ҷалби сармояи мустақими хориҷиро низ талаб намуда, дар мӯҳлати кутоҳтарин метавонад, харочотҳои худро ҷуброн намуда, ба соҳаҳои сердаромади иқтисоди миллӣ табдил ёфта, натиҷаи худро дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ, вориди асъори хориҷӣ, рушди хунарҳои мардумӣ ва сарчамаи иловагии буҷети давлатӣ аз ҳисоби андоз нишон дода, рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир гардад.

Адабиёт:

1. Гоибназаров Г.У. Факторный анализ теоретических основ привлечения прямых иностранных инвестиций для целей моделирования / Г.У. Гоибназаров // Журнал Экономика Таджикистана, 2023. №1. С. 43-50.

2. Захарова О.П. Управление инвестированием в человеческий капитал; LAP Lambert Academic Publishing. – М., 2015. – 384 с.

3. Комилов С.Дж. Совершенствование управления инновационно инвестиционной деятельностью промышленных предприятий. Монография/ С.Дж. Комилов, Е.Ш. Мирзоева. – Душанбе: ТГФЭУ, 2020. – 144с.

4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. / Душанбе – 2016. саҳ. 104-105.

5. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л. Х. Саидмуродов. – Душанбе: Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985--7074-0. – EDN OUINAH.

6. Солиев А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.01 - экономическая теория (общая экономическая теория) / Солиев Ашурбой Абдувохидович. Душанбе – 2004. Стр. 24-25.

7. Чукавина К.В., Жуков А.Н., Решетова Ч.М., Эконометрическое моделирование факторов привлечения прямых иностранных инвестиций в современных условиях // К.В. Чукавина. Эконометрическое моделирование факторов пространственного и инновационного развития. XI Международная конференция «Российские регионы в фокусе перемен». 1063-1074 стр.

8. Kaufmann D., Kraay A., Mastruzzi M. The Worldwide Governance Indicators: Methodology and Analytical Issues // World Bank. URL: https://openknowledge.worldbank.org/bitstream/handle/10986/3913/WPS5430.pdf?sequence= 1&is Allowedy (дата обращения: 11.11.25).

9. Саидмуродов, Л. Х. Малая открытая экономика Республики Таджикистан в условиях влияния пандемии COVID-19: анализ и прогнозы / Л. Х. Саидмуродов, Р. М. Аминджанов // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 3. – С. 19-29. – EDN DHVFGJ.

10. Saidmurodov, L. Kh. Main directions of investment climate improvement in the Republic of Tajikistan / L. Kh. Saidmurodov // Economy of Tajikistan. – 2019. – No. 1. – P. 11-17. – EDN FZQKEP.

УДК:339.54 (575.3)

ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОДИРОТИ МОЛУ ХИЗМАТҲО ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гул Фарангис Тағоймурод

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷменти байналмилалӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир: E-mail: gulfarangis1991@gmail.com

Дар мақолаи илмӣ асосҳои институтсионалии дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ба омӯзиши мафҳуми содирот ва дастгирии интитутсионалӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи содирот дар марҳилаҳои гуногуни давраи муайян таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Заминаҳои ҳуқуқии танзим, инчунин ҷанбаҳои институтсионалӣ омӯхта шуда, таъсири онҳо ба ҳаҷми содироти молу хизматҳо оварда шудааст. Воситаҳои татбиқшаванда таҳлил гардида, таъсири иштироки Тоҷикистон дар СУС ва савдои озоди ҷаҳонӣ ба либерализатсияи тиҷорат ва диверсификатсияи иқтисоди миллӣ баррасӣ шудааст. Институтҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва институтҳои таъмини молиявии низоми дастгирии содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шуда, пешниҳод гардида аст, ки дар сатҳи институтсионалӣ зарурати таҳияти механизми дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо ба миён омадааст, ки он бояд дар шароити бозор, савдои хориҷӣ ва мутобиқ ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии чӣ дохилӣ ва байналмиллалӣ, аз ҷумла СУС таҳия карда шавад.

Калидвожаҳо: иқтисоди миллӣ, дастгирии давлатӣ, содирот, воридот, протексионизм, либерализм, диверсификатсия, кӯмаки фискалӣ, платформаи маркетингӣ, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ.

ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ ЭКСПОРТА ТОВАРОВ И УСЛУГ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Гул Фарангис Тагоймурод

Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, ассистент кафедры международного менеджмента. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33. E-mail: gulfarangis1991@gmail.com

В научной статье анализируются институциональные основы государственной поддержки экспорта товаров и услуг в Республике Таджикистан. Особое внимание уделяется изучению понятия экспорта и институциональной поддержки как средства повышения уровня экспорта на разных этапах определенного периода. Изучаются правовые основы регулирования, а также институциональные аспекты. Анализируются применяемые инструменты и рассматривается влияние участия Таджикистана в ВТО и мировой зоне свободной торговли на либерализацию торговли и диверсификацию национальной экономики. Исследованы государственные, общественные институты и институты финансовой поддержки системы поддержки экспорта товаров и услуг в Республике Таджикистан. Предлагается, что на институциональном уровне необходимо разработать механизм государственной поддержки экспорта товаров и услуг, который должен основываться на рыночных условиях, внешнеэкономической деятельности и соответствовать как отечественным, так и международным нормативно-правовым актам, включая ВТО.

Ключевые слова: национальная экономика, государственная поддержка, экспорт, импорт, протекционизм, либерализм, диверсификация, фискальная помощ, маркетинговая платформа, налоговые и таможенные льготы.

INSTITUTIONAL ASPECTS OF STATE SUPPORT FOR EXPORT OF GOODS AND SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Gul Farangis Taghoimurod

Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, an assistant at the Department of International Management. Address: 33 Said Nosir Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734003. E-mail: gulfarangis1991@gmail.com

In the scientific article are analyzeed the institutional foundations of the state support for export of goods and services in the Republic of Tajikistan. Particular attention is paid to the study of the concept of export and institutional support as a means of increasing the level of export at different stages of a certain

period. The legal basis for regulation, as well as institutional aspects, are studied. The applied instruments are analyzed, and the impact of Tajikistan's participation in the WTO, and the world free trade zone on trade liberalization and diversification of the national economy is considered. State, public and financial support institutions for the system of support for export of goods and services in the Republic of Tajikistan are studied. It is proposed that at the institutional level it is necessary to develop a mechanism of state support for the export of goods and services, which should be based on market conditions, foreign economic activity and comply with both domestic and international regulatory legal acts, including the WTO.

Keywords: national economy, state support, export, import, protectionism, liberalism, diversification, fiscal assistance, marketing platform, tax and customs benefits.

Пешгуфтор. Дастгирии давлатии содирот худ як низоми бисёрҷанбаест, ки барои ҳавасмандгардонии содироти молу хизматрасонии дар кишвар тавлидшаванда пешбинӣ шудааст. Зарурати дастгирии давлатии содироту молу хизматҳо ҳануз аз асрҳои XV-XVI дар давраи мавҷудияти мактаби иқтисодии меркантилистон дар доираи амалисозии сиёсати “протексионизм” асоснок гардида буд. Амалисозии чунин сиёсат ба воситаи истифодаи усулу фишангҳои институтсионалӣ, молиявӣ, андозбандӣ ва таъсири бевоситаи ниҳодҳои давлатию ғайридавлатӣ роҳандозӣ мегардад. Мақсади асосии истифодаи шаклу усулҳои гуногуни дастгирии содирот ин мусоидат ба субъектоне мебошад, ки бевосита ба содироти молу хизматҳо машғуланд.

Дар давраи муосири рушди сиёсӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ, бо чолишҳо ва таҳдидҳои шадиди омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ба суботи иқтисодии кишвар таъсир мерасонад, нақши институтҳо дар ташаккул ва татбиқи дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мегардад. Дар доираи амалисозии варианти рушди индустриалию инноватсионии “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки ба «...истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгироӣ ва рушди инфрасохтори транзитии кишвар, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси содироти молу хизматрасониҳо оварда мерасонад. Аз рӯи барномаи мазкур манбаъҳои рушди иқтисодиёт ин истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, густариши содироти хизматрасониҳо ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, аз ҷумла рушди густурдаи сайёҳӣ шуда метавонанд» [9] ояндабинӣ карда шуда аст. Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои институтсионалии дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳими стратегӣ дорад.

Тақвият бахшидани дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо дар шароити рақамӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ҳамгироӣ ва дигар механизмҳои либерализатсияи тиҷорати байналмилалӣ ба ташаккули институтҳои қафомондаи миллӣ таъсир расонида, онҳоро бедор месозад, ки он ба сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат расидагӣ кунанд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам тақвият додани истифодаи босамари иқтидорҳои содиротии мамлакат қайд намудаанд, ки «...идоракунии самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад» [8]. Инчунин дар ин самт аз ҷониби Президенти мамлакат таъкид гардид, ки «...сохтору мақомоти марбута ҷиҳати коҳиш додани содироти ашёи хом ва зиёд намудани содироти молу маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда бояд тадбирҳои судманд андешанд»[6].

Методология. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили низомӣ, моделсозии мантиқӣ-сохторӣ, таҳлили муқоисавӣ, инчунин баҳогузории коршиносӣ ва таҳлили муҳтавои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методологӣ истифода шудаанд. Пойгоҳи иттилоотии тадқиқотро нашрияҳои илмии дохилию хориҷӣ, маълумотҳои оморӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вобаста ба дастгирии содироти молу хизматҳо дар Ҷумуҳрии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳо. Вобаста ба ҷанбаҳои институтсионалӣ, моро зарур аст, ки дар таҳқиқоти худ таъсири асосҳои институтсионалии дастгирии давлатии содироти молу хизматҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намоем.

Моҳияти «...институтсионализм ё иқтисоди институтсионалӣ аз забони англисии “institutional economics” гирифта шуда – мактаби назарияи иқтисодӣ, ки таҳаввули институтҳои иҷтимоӣ, аз қабили анъана, урфу одат, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, оила, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва таъсири онҳоро ба ташаккули рафтори иқтисодии одамонро меомӯзад» [2].

Чи тавре, ки дар адабиётҳои иқтисодӣ қайд шудааст: «...асосгузори иқтисоди институтсионалӣ Торстейн Веблен ба ҳисоб рафта, пайрави К.Маркс мебошад» [6]. Истилоҳи "иқтисоди институтсионалӣ" бошад, соли 1919 аз ҷониби Уолтон Хэмилтон дар адабиёти иқтисодӣ ворид карда шудааст [14].

Дар миёнаҳои солҳои 1930, ба Ҷ.М. Кейнс ҳамчун ташаббускори конвергенсия байни ғояҳои худ ва чаҳорчӯбаи институтсионализми ибтидоӣ рабт медиҳанд. Дар ин радиф Уоррен Самуэлс «...таъкид кардааст, ки иқтисоддонҳои пас аз Кейнсӣ, бахусус онҳое, ки дар иқтисодиёти монетарӣ ва макроиқтисод тахассус доранд, бо иқтисоди институтсионалӣ робитаи зеҳнӣ доранд»[12].

Дар доираи рушди назарияи иқтисодӣ ва пайдоиши мактабҳои нави таҳлили иқтисодӣ махсусан иқтисоди институтсионалиро қайд намудан зарур аст, ки дар доираи назарияи иқтисодии неоклассикӣ ташаккул меёбад [7].

Мафҳуми институтсионализм аз ду ҷанбаи асосӣ иборат мебошад:

- якум, ин меъёрҳо дар шакли конститутсия, қонунҳо, барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо, урфу одат, анъана ва рафтори ҷомеа мебошад;

- дуюм, муттаҳидсозии ташкилотҳо, муассисаҳо ва ғайраҳо мебошанд, ки барои ҳалли масъалаҳои алоҳида ташкил карда мешаванд.

Ҳамин тавр, дар доираи иқтисоди институтсионалӣ ҳангоми таҳлили ҳодисаҳои гуногуни иқтисодӣ дар умум ва дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо, дар алоҳидагӣ, ба ғайр аз омилҳои иқтисодӣ, бештар ба омилҳои равонӣ, ҳуқуқӣ ва урфу одату анъанаҳои миллӣ такя карда мешавад, ки ифодагари хусусияти хоси ин мактаби иқтисодӣ мебошад.

Сохтори низоми институтсионалии дастгирии содироти молу хадамот асосан барои он роҳандозӣ мегардад, ки шароити мусоидро барои молистеҳсолкунандагони ватанӣ на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он низ ҳангоми фурӯши молҳо таъмин намуда, барои ба даст овардани фоидаи зиёдтар ҳавасманд бошанд. Ҳамаи ин хусусиятҳои миллию институтсионалӣ ҳангоми ташкили низоми институтсионалии миллии дастгирии содироти молу хадамот, ки таърихан инкишоф ёфтааст, ба инобат гирифта мешаванд, ҳарчанд ки дар он мавқеи ниҳодҳо (институтҳо)-и давлатӣ хеле назаррас мебошад, вале мавқеи институтҳои ғайридавлатӣ низ бояд ба инобат гирифта шавад (ниг.: расми 1).



* Диффузия (лотинӣ: diffusio - паҳншавӣ) - паҳнкунии санадҳо

Расми 1 - Сохтори низоми институтсионалии миллӣ, ки таърихан инкишоф ёфтааст*

***Сарчашма:** дар асоси таҳқиқотҳои муаллиф

Дар ҷаҳони муосир низоми унитарии бисёрсатҳии институтҳо таҳия шудааст, ки барои рушди содироти молу хизматҳо шароити мусоид фароҳам меоранд. Аммо ҳар як кишвар низоми хоси худро доро буда, дар як принсипи шабеҳ сохта шудааст, ки дорои шакли зерин аст [1]:

Дар сохтори низоми институтсионалии дастгирии содироти молу хадамот вазорату кумитаю агентиҳо мавқеи муҳимро касб менамоянд, ки дар доираи амалисозии сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ роҳандозӣ менамоянд. Ин институтҳои давлатӣ на танҳо барои ташкили шароити истеҳсоли молу хизматҳо дар кишвар вазифадоранд, балки дар паҳн намудани молу хизматҳо берун аз мамлакат бояд манфиатдор бошанд. Махсусан бояд қайд намуд, ки Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар ин самт хеле фаъол бошад, чунки дар мамлакат сиёсати воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда амалӣ гашта истодааст.

Дар ин радиф муассисаҳои молиявии мамлакатро низ қайд намудан лозим аст, ки дар сохтори институтсионалии дастгирии содироти молу хизматҳо мавқеи муҳимро дороанд. Онҳо маблағгузорӣ, суғурта, қарздиҳӣ ва сармоягузории содироти молу хизматҳои субъектони фаъолияти иқтисодии беруниқтисодиро дар дохили кишвар ва хориҷа ба зимма доранд.

Ташкилотҳои ғайридавлатӣ – ҷиҳати дастгирии содироткунандагон аз ном ва кафолати давлатӣ тадбирҳо меандешанд. Ба ин гурӯҳ метавон муассисаҳо ва марказҳои махсус, ассотсиатсияҳо ва ҷамъиятҳои содиркунандагони ватанӣ, инчунин иттиҳодияҳои саноатӣ ва Палатаи савдо ва саноати мамлакатро дохил намуд, ки дастгирии содироти молу хадамотро дар дохил ва хориҷи кишвар таъмин месозанд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар давраи муосир аз ҷониби низоми мақомотҳои давлатии махсусгардонидашуда барои рушди содироти молу хизматҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ғайр аз институтҳои давлатии низоми дастгирии содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мамлакат дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъсис дода шуда аст, ки барои пешбурди рушди содироти молу хизматҳо, ифода намудани манфиатҳои соҳибкорон ва соҳибкорон дар соҳаи савдои хориҷӣ нақши муҳим мебозад [10; 6, с. 45].

Дар заминаи Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон портали таълимӣ-омӯзишӣ бо номи Академияи содироти Тоҷикистон кушода шудааст. Ин портал барои таълим додани тиҷорати хурд, дар бораи расмиёти содирот, талаботи тиҷорати байналмилалӣ ва кӯмак ба онҳо дар азхудкунии тиҷорати фаромарзии электронӣ пешбинӣ шудааст. Ҳадафи лоиҳа ҳамчунин мусоидат ба иштироки занони соҳибкор дар тиҷорати байналмилалӣ ва рафъи монеаҳо дар содирот мебошад. Дар он семинарҳои: “Раванди содирот”, “Талаботи бозори Иттиҳоди Аврупо”, “Стандартҳои сифат ва мутобиқат”, “Қоидаҳои савдои байналмилалӣ” ва “Кор бо гумруки давлатҳои хориҷӣ” [13] ва ғайра омӯзонида ва машварат дода мешавад. Роҳандозии чунин лоиҳаю семинарҳо ифодагари ҳавасмандии Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди содироти кишвар ва баландбардории мавқеи мамлакат дар миқёси ҷаҳони муосир мебошад. Ба ғайр аз амалисозии ин лоиҳаю семинарҳо самти дигари фаъолияти пурсамари Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ташкили ярмаркаю форумҳои гуногуни кишоварзию саноатию сайёҳӣ мебошад, ки барои ҷалби харидорон ва сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат мавқеи назаррасро доранд

Унсури дигари муҳими институтсионалии дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин институтҳои таъмини молиявӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз намудҳои зерини пешниҳоди қарзу молиякунонии содирот истифода менамоянд (ниг.: расми 2).



Расми 2 - Институтҳои таъмини молиявии дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо
** *Сарчашма:** Таҳия муаллиф дар асоси https://www.banki.ru ва https://spravochnick.ru

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати институтҳое, ки таъмини молиявии содироти молу хизмтҳоро анҷом медиҳанд, бонкҳои тиҷоратӣ баромад мекунанд. Аз соли 2015 то соли 2020 Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” амал мекард, ки яке аз барномаҳояш ин дастгирии истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунанда ба ҳисоб мерафт. Соли 2020 аниқтараш моҳи июни ҳамон сол дар заминаи таҷдиди муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк" таъсис дода шуд. Бонки мазкур дар баробари амалиётҳои умумие, ки ба низоми бонкӣ хос аст, ба маблағгузории амалиёти содиротӣ машғул аст. Самти афзалиятноки фаъолияти Бонк, ки дар оиномааш сабт шуда аст, ин: «...дастгирии корхонаҳои навтаъсис, амалкунанда ва соҳибкорони инфиродӣ барои истеҳсол, банду баст, нигоҳдории молу маҳсулот, аз ҷумла молу маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда бо роҳи амалӣ намудани амалиёти бонкӣ мебошад» [3].

Маҳсулоти қарзии дигар “Қарз барои истеҳсол ва содирот” номгузорӣ шудааст, ки бештар барои сохтмони нав ва ё иҷораи биною иншоотҳо, хариду таъмиру беҳтарсозии ҳолати техникии воситаҳои асосӣ ва ё васеъ намудани майдонҳои истеҳсолӣ, хариди молу маҳсулоти дар раванди истеҳсолот истифодашаванда, бастабандӣ, нигоҳдории молу маҳсулоти воридотӣ, содироти молу маҳсулот ба хориҷа, хизматрасонии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ ба хориҷа аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ равона шуда аст.

Мақомоти қонунбарор институти дигаре ҳастанд, ки вазифаи асосии онҳо таҳия ва қабули қонунҳо мебошад. Дар кишварҳои демократӣ, мақомоти қонунбарор як қисми ҳокимияти давлатӣ буда, ба парлумонҳо, маҷлисҳо ё дигар ҷамъомадҳои намояндагӣ мансуб аст [5, с. 17].

Институти қонунгузорӣ ба маънои васеъ ба системаи меъёрҳои ҳуқуқие дахл дорад, ки соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад ва метавонад ҳам ба як соҳаи ҳуқуқ ё субъекти мустақил дохил шавад. Дар Тоҷикистон Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун институти қонунгузорӣ баромад мекунанд. Онҳо ҳамчун ду зинаи органи қонунбарор фаъолият менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Пажуҳишгоҳи қонунгузорӣ» ҳамчун ташкилоти алоҳидаи мустақил дар ҳоли ҳозир вуҷуд надорад. Ба ҷойи он «Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9] амал мекунад, ки институти махсуси давлатии илмӣ-тадқиқотӣ ва иттилоотӣ- таҳлилӣ мебошад ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зертобеъ мебошад. Мақсади асосиаш такмили сиёсати ҳуқуқӣ ва қонунгузории давлатӣ, таҳия ва баррасии

қонунҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ, талаботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Аслан институтҳои қонунбарорӣ дар самти дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти содиротро таҳия ва қабул менамоянд, ки метавон онро ба ду гурӯҳ ҷудо кард (ниг.: ҷадвали 1).

Ҷадвали 1 - Маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти содиротии молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Санадҳои меъёри-ҳуқуқии танзимкунандаи маҷмӯи фаъолияти савдои хориҷӣ	Санадҳои меъёри-ҳуқуқии танзимкунандаи шароити содироти молу хизматрасонӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт
1.	Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
2.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ»	Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
3.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»	Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015
4.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»	Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020
5.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»	Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
6.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ»	Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солњои 2020-2025
7.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»	Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
8.	Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон	Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)
9.	Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон	Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020
10.	Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон	

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

Дар баробари таҳқиқи дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо наметавонем берун аз қоидаҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) қароре қабул кунем, чунки Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи ин ташкилоти байналмилалӣ мебошад. Бинобар ин, бояд дар самти дастгирии давлатии институтсионалии содироти молу хизматҳо ба қоидаю тартиботи ин созмони бонуфуз такя намуда, сипас маҷмӯи чорабиниҳоро дар ин самт амалӣ созем.

Низоми савдои ҷаҳонӣ, бо мақсади ворид намудани мулоҳизаҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва сиёсӣ тавассути созишномаҳои гуногуни СУС таҳаввул ёфтааст, аммо пешниҳоди асосии ин созмон савдои озод ва ҳамгироии ҷаҳонӣ ҳамчун роҳи беҳтарини рушди тиҷорат боқӣ мемонад. Бинобар ин,

дар низомномаи он ба масъалаҳои рушди савдои озод байни аъзоёни созмон аҳамияти калон дода мешавад.

Пас аз талошҳову гуфтушуниҳои зиёд миёни давлатҳо «...1 январи соли 1995 Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) таъсис ёфтааст ва ҳадафи асосии он соддагардонии савдои байналмилалӣ, таъмини баробарҳуқуқӣ ва шаффофият, мусоидат намудан ба рушди босуботи иқтисодӣ ва дар асоси ин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум мебошад. Давлатҳои аъзои СУС ин вазифаҳоро тавассути назорати иҷрои талаботи созишномаҳои бисёрҷониба бо дарназардошти гузаронидани гуфтушунидҳои бисёрҷониба, ба танзим даровардани савдо тибқи қоидаҳои СУС, дастгирии кишварҳои рӯ ба инкишоф ва таҳқиқи умумии сиёсати иқтисодии ҳамаи давлатҳои аъзо иҷро менамоянд» [4].

Пас аз омӯзиши амиқ, ки чӣ гуна тавофуқоти мухталифи тиҷорат дар ин институтҳо нобаробарии ҷаҳониро мунтазам пойдор мегардонанд ва фарқияти байни кишварҳои сарватманд ва камбизоатро афзоиш медиҳанд, қайд намудан зарур аст, ки фаъолият дар доираи СУС барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ хеле мураккаб аст. Ба андешаи мо, ин даъво пеш аз ҳама бо нишон додани он баён карда мешавад, ки ин институтҳо фарзияҳои норавшан ва нобаробарро, ки дар асоси назарияи бунёдии савдо қарор доранд, инчунин таҷрибаи тараққиёти мамлакатҳое, ки имрӯз тараққикарда ва саноатӣ шудаанд, пайваста сарфи назар мекунанд. Зеро кишварҳои муттарақӣ пеш аз оне, ки ба либерализатсияи иқтисодӣ гузаранд онҳо протексионизмро истифода карда, сатҳи баланди рушди иқтисоди миллиро соҳиб гаштаанд. Акнун мехоҳанд, то ин ки мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ бе истифодаи протексионизм мустақиман ба либерализатсия гузаранд ва давлатҳои пешрафтаро бо ашёи хом, нимтайёр ва маснуоти арзон таъмин намоянд.

Дар Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар СУС қайд шуда аст, ки мақсади асосии барнома «...тақвияти ҳамгироии иқтисодиёти кишвар бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид баҳри таъмини иштироки дахлдори он дар тақсимоти байналмилалии бозори меҳнат ва савдои ҷаҳонӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ ва инвеститсионӣ, таъмини иштироки мунтазам дар раванди таҳияи қоидаҳои савдои байналмилалӣ ва ноил гардидан ба рушди устувор, мақсади асосии сиёсати робитаҳои иқтисодии хориҷии кишвар ва замина барои ташаккули шарикии глобалӣ барои мақсадҳои рушд мебошад» [4].

Дар ин радиф ба андешаи мо, дастгирии содироти молу хизматҳо аз тарафи Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мақомоти дигари давлатӣ бояд кӯмаки фискалӣ ё ғайрифискалӣ бошад, ки самтҳои зеринро дарбар гирад:

1. Дастгирии фискалӣ:

- мустақиман сафарбар кардани воситаҳои буҷетӣ (дотатсия, қарз ё харидории саҳмия) ба соҳибкороне, ки ба содироти молу хизматҳо машғуланд ё мехоҳанд дар ин самт фаъолияти худро ба роҳ монанд;

- давлат аз гирифтани қисми даромадҳои худ даст мекашад (имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва ғайра);

- хариди давлатӣ, супориши давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои ройгон;

- таъмини молиявии дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо ба воситаи бонкҳои тиҷоратӣ ва давлатӣ;

2. Дастгирии ғайрифискалӣ:

- таъмини маркетингии дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо (реклама ба воситаи интернет ва сомонаҳои иҷтимоӣ);

- таблиғи аҳолӣ барои хариди маҳсулоти ватанӣ;

- таълим додани содиркунандагон оид ба расмиёти содирот, талаботи тиҷорати байналмилалӣ ва кӯмак ба онҳо дар аз худкунии тиҷорати электронӣ;

- дастгирии иттилоотии соҳибкороне, ки ба содироти молу хизматҳо машғуланд.

Албатта, сабаби асосии паст будани самаранокии низоми феълии дастгирии содирот суст будани асосҳои институтсионалии он мебошад, ки аз ҷумла, дар набудани равзанаи ягонаи махсуси ҳамоҳангсозии тамоми фаъолияти содиротӣ зоҳир мегардад.

Дар ниҳоят, эътироф кардан муҳим аст, ки либерализатсияи хизматрасонӣ ва маҳсулоти молӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Бинобар ин онро бо истифода аз воситаҳои маъмули «маҳдудиятҳои тарофавӣ» чен кардан мумкин нест. Ин ба таври худкор барои дурустии бисёр тадқиқотҳо, ки савдои хориҷӣ ва хизматрасониро модел ё механизм месозанд ба хулосае омадан мумкин аст, ки некӯаҳволии аҳолӣ аз ҳисоби либерализатсияи хизматрасониҳо (платформаҳои маъмули маркетингии

"Pinduoduo", "Wildberries", "AliExpress" ва ғайра барои намудҳои гуногуни хариди маҷозӣ (онлайн)) беҳтар мешавад, зеро онҳо талаботи худро бо арзиши аввалия қонеъ мегардонанд. Яке аз роҳҳои ба содирот равона кардани молу хизматрасониҳо ин дар платформаҳои маркетингӣ ҳамчун фурӯшанда сабти ном кардан мебошад. Барои содир кардани молу хизматрасониҳо ба воситаи платформаҳои маркетингӣ масъалаҳои барасмиятдарории гумрукӣ, логистика ва интиқол бояд баррасӣ шаванд. Аз ин лиҳоз, дар сатҳи институтсионалӣ зарурати таҳияти механизми дастгирии давлатии содироти молу хизматҳо ба миён меояд, ки он бояд дар шароити бозор, савдои хориҷӣ ва мутобиқ ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии чӣ дохилӣ ва байналмиллалӣ, аз ҷумла, СУС таҳия карда шавад. Бо ҳамин роҳ мо метавонем фаъолияти субъектони содиротии мамлакатро ҳавасманд намуда, шароити мусоид барои ворид гардидан ба бозорҳои ҷаҳонии молу хизматҳоро ба даст орем. Аз сабаби мушкилоти назаррас дар механизм ва моделсозии содироти молу хизматҳо ва доираи васеи натиҷаҳое, ки тадқиқотҳои гуногун шарҳ медиҳанд, бояд ба таври гуногун модел ва механизм омода карда шаванд, то ин ки кор барои озодсозии савдои хориҷӣ натиҷаҳои назаррас диҳад. Таҳияи механизму модели дастгирии содироти молу хизматҳо бояд бо назардошти хусусиятҳои миллии рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баландбардории дараҷаи некӯаҳволии мардуми кишвар ташкил карда шавад.

Адабиёт

1. Войтешонок, Я.А. Современное состояние институциональной структуры системы поддержки экспорта в российскую Федерацию: вызовы и угрозы развитию российского экспорта / Я.А. Войтешонок // Вестник РУДН. Серия: Международные отношения. 2011. №3. С. 64-73
2. Институционализм [Манбаи электронӣ] Низоми дастрасӣ: http://ru.wikipedia.org/wiki/Институционализми (санаи мурочиат: 04.07.2025)
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №390 «Дар бораи тасдиқ намудани Оинномаи корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон “Саноатсодиротбонк”».
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №691 «Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)».
5. Кодирзода, Д.Б. Основные факторы, содействующие развитию экспортной сферы Таджикистана / Д.Б. Кодирзода, Ф.М. Гулзода // Вестник РТСУ. – 2024. - № 4 (86). – С. 11-23.
6. Кодирзода, Д.Б. Совершенствование механизма стимулирования экспорта в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Д.Б. Кодирзода, Ф.М. Гулзода. Душанбе: Ирфон, 2025. – 308 с.
7. Нуреев, Р.М. Россия: плюсы и минусы раннего распространения идей марксизма вширь // JIS. 2013. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/rossiya-plyusy-i-minusy-rannego-rasprostraneniya-idey-marksizma-vshir (санаи мурочиат: 04.07.2025).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (санаи мурочиат: 04.07.2025). http://www.president.tj/node/29823
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе: 2016. – 98 с.
10. Таърихи палата / мамбаи электронӣ / низоми дастрасӣ: **https://www.tpp-sugd.tj/index.php/o-palate/tpp-tajikistan#:~:text=** (санаи мурочиат: 08.07.2025)
11. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2009, № 637 «Дар бораи таъсиси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».
12. Alfred S. Eichner (1937-1988) and the beginning of Institutionalist Post-Keynesianism (IPK). Theodoro Cesar de Oliveira Sposito Federal University of Paraná. Мамбаи электронӣ. Низоми дастрасӣ: https://www.anpec.org.br/sul/2024/submissao/files_I/i1-b73c486f0afe20e08a7e5cd48b71a234.pdf (санаи мурочиат 04.07.2025)
13. Tadjikistan Export School / мамбаи электронӣ / низоми дастрасӣ: https://learning.intracen.org/course/info.php?id=2764 (санаи мурочиат: 08.07.2025
14. Walton H. Hamilton (1919). «The Institutional Approach to Economic Theory» Архивная копия от 19 февраля 2017 на Wayback Machine, American Economic Review, 9 (1). Supplement. P. 309-318.
3 . Машин Д.В. Анализ опыта цифровизации экономики в США // American Scientific Journal. – 2021. – № 45-1(45). – с. 53-64. – doi: 10.31618/asj.2707-9864.2021.1.45.73.

4.Мирсаидов С.А., Раҳимзода Ф.И.Арзёбии тамоюли рушди бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ С. А. Мирсаидов, Ф. М. Раҳимзода // Экономика и туризм: тенденции и перспективы. – 2025. – No. 3(7). – P. 59-68. – EDN WMZWXS.

5. Подвойский Г.Л., Котова Н.Е. Стратегии адаптации компаний США к цифровизации сфер производства // Мир новой экономики. – 2018. – № 2.– с. 78-89.- doi: 10.26794/2220-6469-2018-12-2-78-89.10.1016/
j.techfore.2022.121951.https://www.cbr.ru/Content/Document/File/161600/analytical_report_20240605.pdf

6.Послание Президента Республики Таджикистана Маджлиси Оли РТ о провозглашение 2025-2030 годы, «Годами развития цифровой экономики и инноваций». Душанбе.- 2025год. Народная газета.02.10. 2025 https://narodnaya.tj/category/2025-2030-gody-razvitija-cifrovoj-jekonomiki-i-innovacii/#

7. Ревинова С.Ю., Чаварри Гальвес Д.П. Перспективы развития цифровой экономики в странах Латинской Америки // Вопросы инновационной экономики. – 2021. – № 2. – с. 849-868. – doi: 10.18334/vinec.11.2.112086

8. Национальная стратегия Развития Республики Таджикистан на период до 2030годы. Душанбе 2016.

9.Цифровизация платежей и внедрение инноваций на платежном рынке. Аналитический доклад. Москва 2024.

10.Фергюсон Ниал Вос хождение денег. пер. с англ. А. Коляндра, И. Файби совича. - Москва: Издательство АСТ: CORPUS, 2017. – 431с.

11. Харина О.А. Цифровизация политики в Индии: опыт для России // Цифровые технологии и право: Сборник научных трудов I Международной научно-практической конференции. В 6-ти томах. Казань,, 2022. – с. 374+380.

12. Zeng H., Ran H., Zhou Q., Jin Y., Cheng Xu.The financial effect of firm digitalization: Evidence from China// Technological Forecasting. – 2022. – p. 121951. – doi: 3. Бауэр В.П.

УДК:334.02

ТАШАККУЛИ ИНФРАСОХТОРИ ИННОВАТСИОНӢ: ҲАМГИРОИИ ИЛМ БО ИСТЕҲСОЛОТ ВА ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ

Қодирзода Неъматулло Ҳабиб
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ
Тел. (+992) 918 92 22 42. E-mail: habibzoda0303@gmail.com.

Аннотатсия. Дар мақола масъалаи ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ, ки ба инноватсия ва таъмини шароити ҷорӣ кардани раванди инноватсионӣ хизмат мерасонанд, мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуда, заминаҳои меъёрӣ –ҳуқуқӣ ва ташкилии он, ки ба рушди инфрасохтори инноватсионӣ мусоидат менамояд, арзёбӣ гардидааст. Ҳамчунин, ҳамгироии илм бо истеҳсолот дар равандҳои муосири рушди иқтисодиву тиҷоратӣ ва дар ин замина тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ баррасӣ гардида, бо истифода аз таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт тавсияҳои илмӣ коркард ва пешниҳод шудааст.

Калимаҳои калидӣ: инфрасохтори инноватсионӣ, инноватсия, саноатикунонӣ, ҳамгироӣ, технопарк.

ФОРМИРОВАНИЕ ИННОВАЦИОННОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ: ИНТЕГРАЦИЯ НАУКИ С ПРОИЗВОДСТВОМ И КОММЕРЦИАЛИЗАЦИЯ РЕЗУЛЬТАТОВ НАУЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Кодирзода Неъматулло Хабиб
Таджикский технический унверситет имени академик М.С. Осими
Тел. (+992) 918 92 22 42. E-mail: habibzoda0303@gmail.com.

Аннотация. В статье проанализированы вопросы формирования инновационной инфраструктуры, которая способствует развитию инноваций и созданию условий для внедрения инновационных процессов. Оценены нормативно-правовые и организационные основы, способствующие развитию инновационной инфраструктуры. Также рассмотрена интеграция науки с производством в современных процессах экономического и коммерческого развития, а также коммерциализация результатов научной и научно-технической деятельности. На основе анализа зарубежного опыта в данной сфере разработаны и предложены научные рекомендации.

Ключевые слова: инновационная инфраструктура, инновации, индустриализация, интеграция, технопарк.

FORMATION OF INNOVATIVE INFRASTRUCTURE: INTEGRATION OF SCIENCE WITH PRODUCTION AND COMMERCIALIZATION OF RESEARCH RESULTS

Kodirzoda Nematullo Habib
Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi
Tel. (+992) 918 92 22 42. E-mail: habibzoda0303@gmail.com.

Abstract. The article analyzes the formation of innovative infrastructure that supports innovation and creates conditions for the implementation of innovation processes. The regulatory, legal, and organizational foundations that contribute to the development of innovative infrastructure are evaluated. The integration of science with production in modern economic and commercial development processes is also examined, as well as the commercialization of the results of scientific and technological activities. Based on the analysis of international experience in this field, scientific recommendations have been developed and proposed.

Keywords: innovative infrastructure, innovation, industrialization, integration, technopark.

Марҳалаи нави тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо саноатикунонии минбаъдаи он дар асоси иваз намудани модели аграрию индустриалї ба модели индустриалию аграрї алоқаманд аст. Дар ин замина Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръатро афзалияти чоруми миллии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар эълон намуданд, ки дар асоси вазифаҳое, ки ба табдили равандҳои гузариш ба модели нави рушд нигаронида шудаанд, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар асоси сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ татбиқ карда мешавад. Илова бар ин, Консепсияи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ, ки ба рушди инноватсионии саноат нигаронида шудаанд, таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Яке аз шартҳои ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ ин ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ мебошад. Инфрасохтори инноватсионӣ ташкилотҳо (муассисаҳо)-е мебошанд, ки қобили амалӣ кардани фаъолияти инноватсионӣ доранд, яъне ба инноватсия ва таъмини шароити ҷорӣ кардани раванди инноватсионӣ хизмат мерасонанд. Ба ин гуна инфрасохтор марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, инкубаторҳои технологӣ, технопаркҳо, марказҳои таълимӣ ва ташкилотҳои дигари махсусгардонидашуда дохил мешаванд.

Роҳандозии инноватсия дар истеҳсолот, аз ҷумла ҳамгироии илм бо истеҳсолот дар равандҳои муосири рушди иқтисодиву тиҷоратӣ омили калидӣ ба ҳисоб рафта, таҷрибаи чандинсолаи давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта, ки тавассути танзими асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ онро ба низоми муҳими таконбахши маҷмуи рушди истеҳсолот табдил додаанд, инро собит месозад. Қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт имкон фароҳам меорад, ки баҳри рушди босубот дар ин бахши муҳим заминаҳои устувори ҳуқуқӣ фароҳам оварда шавад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар ин ҷода якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаву стратегияҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015», «Қоидаҳои ташаккул, экспертиза, тасдиқ, маблағгузорӣ ва иҷрои барномаву лоиҳаҳои илмӣ ва илмиву техникӣ» ва як силсила санадҳои дигар қабул ва мавриди амал қарор дода шуд, ки ба рушди соҳаҳои мазкур такони нав бахшид.

Дар баробари ин, бо назардошти муҳимияти масъала барои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва бо мақсади ба таври васеъ дар истеҳсолот истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ дар мамлакат бори нахуст Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» таҳия ва он 24 декабри соли 2022 қабул карда шуд.

Ҳамчунин, дар асоси қонуни қабулгардида, марказҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ таъсис дода мешаванд.

Мақсади таъсиси чунин марказҳо расондани маҷмуи хизматрасонӣ оид ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ, аз ҷумла ҷустуҷӯ ва арзёбии технологияҳо барои тиҷоратикунонӣ, тадқиқоти маркетингӣ, пешниҳоди хизматрасонии машваратӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, ташкили ҳамкории субъектҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ, бахши хусусӣ ва бастани шартномаҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо назардошти аҳамияти соҳа дар рушди иқтисоди миллӣ, маблағгузории ин соҳаҳои ҳаётан муҳим аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо батадриҷ афзоиш меёбад.

Дар ин раванд солҳои охир дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ паркҳои технологӣ таъсис дода шуда, донишҷӯёну омӯзгорони навовар ба корҳои илмиву истеҳсолӣ ҷалб карда шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки паркҳои технологӣ шакли муосири ҳамгироии илм ва истеҳсолот ба ҳисоб рафта, бо мақсади вусъат бахшидани тадқиқот ва ҷорӣ намудани дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ тавассути фаъолияти мутахассисони ташаббускор, доираҳои академикӣ, истифодаи васеи базаи истеҳсолӣ, таҷрибавӣ ва иттилоотӣ созмон дода мешаванд. Ба истилоҳи дигар, паркҳои технологӣ маконеанд, ки мутахассисони болаёқат идеяҳои худро ба кори амалӣ табдил медиҳанд. Дар ҳамаи давлатҳои рушдёфта паркҳои технологӣ ҳамчун унсури калидии инфрасохтори иқтисодиёти муосири инноватсионӣ хизмат мекунанд.

Таъсиси паркҳои технологӣ, аз ҷумла парки технологияҳои иттилоотӣ метавонад дар ояндаи наздик дар ҳалли чунин масъалаҳои глобалӣ, аз қабили таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ; ташаккул ва рушди низоми миллии тиҷорати рақамӣ; дастгирӣ ва роҳнамоии лоиҳаҳо/моделҳои тиҷоратии нав (Startup), афзоиши ҳиссаи технологияҳои инноватсионӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, ки ба мамлакат сармояи дохиливу хориҷӣ ҷалб мекунад, ҳамачониба мусоидат кунад.

Дар ҷараёни саноатикунонии босуръати мамлакат таъмини пайванди самараноки илму истеҳсолот муҳим буда, истифодаи васеи технологияи муосир ва дастовардҳои илмию инноватсионӣ дар рушди истеҳсолоти ватанӣ омили муҳими саноатикунонии босуръат маҳсуб мешавад.

Агар ба таҷрибаи ҷаҳонӣ назар афканем, меъёрҳои танзими фаъолияти навоварона дар Фаронса мувофиқи қонун дар бораи навоварӣ ва тадқиқоти илмӣ (Loi surinnovation innovation et de la recherche), ки соли 1999 қабул шудааст, ба роҳ монда мешавад. Дар Ҷопон ташкилот дар асоси қонун «Дар бораи тиҷорати хурд ва миёна», ки соли 1999 қабул гардидааст, амал менамоянд. Дар ИМА соли

1982 санади рушди инноватсионии бизнес қабул гардида буд, ки то имрӯз дар доираи он фаъолияти навоварӣ ва тиҷорати навоварии субъектҳои хоҷагидорӣ ба танзим дароварда мешавад. Дар Бразилия тиҷоратикунонии навоварӣ тавассути "Қонуни беҳтарин" (Good Law) (2005) ва қонун "Дар бораи навоварӣ" (Innovation Law), ки соли 2006 қабул гардидааст, танзим карда шуда, механизми пешниҳоди ҳавасмандгардонии молиявӣ ва андозӣ ба корхонаҳои навовар муайян мегардад. Заминаи ҳуқуқии фаъолияти навоварӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин дар асоси қонун "Дар бораи оммавикунонии илм ва техника"(Law of the People's Republic of China on Popularization of Science and Technology), ки соли 2002 қабул гардидааст, гузошта шудааст.

Дар чаҳорчӯбаи қонунҳои қабулгардида дар давлатҳои номбурда барномаҳои гуногуни миллӣ таҳия ва татбиқ карда мешаванд.

Яке аз барномаҳои беҳтарин- ин барномаҳои Тадқиқоти навоварии бизнеси хурд (SBIR) ва Барномаи технологияҳои тиҷорати хурд (STTR) мебошад, ки тақрибан 30 сол пеш дар ИМА коркард ва амалӣ гардонида шудааст. Барномаи шведии "Ҳалқаи пайвасткунандаи навоварӣ" («Инновационный мост» (The Innovation Bridge)) ба дастгирии тиҷоратикунонии натиҷаи тадқиқоти илмӣ равона шудааст.

Барномаи «Ҳавасмандгардонии тадқиқот дар соҳаҳои афзалиятнок» (Intensification of Research in High Priority Areas IRHPA) дар Ҳиндустон ба дастгирии коркарди навовариҳои стратегии рушди соҳаҳои афзалиятноки мамлакат нигаронида шуда, дар шакли баргузории озмунҳо байни корхонаҳо ва донишгоҳҳо татбиқ мегардад.

Гузариш ба меъёри инноватсионии иқтисодиёти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ояндаи наздик барои таъмини бомароми навъи инноватсионии рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва низоми самараноки рушди устувори иқтисодӣ заминаи асосӣ мегузорад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «Мо инкишофи устувори минбаъдаи мамлакатро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имконият дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии мамлакат дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем».

Умуман, ба назари мо, барои минбаъд пурзӯр намудани фаъолияти инноватсионӣ, афзун намудани ҳиссаи молу маҳсулоти инноватсионӣ дар иқтисодиёти кишвар ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ зарур аст, ки масъалаҳои муҳим ва таъхирнопазири зерин ҳал карда шаванд:

1) пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани системаи миллии инноватсионӣ, ки он шароитро барои татбиқи самарабахши дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии технологияҳо ва маҳсулоти инноватсионӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, маҳсулоти хом ва инвеститсионӣ, муваффақ шудан ба амнияти иқтисодӣ, энергетикӣ, озуқаворӣ ва экологӣ, ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ, афзоиши некӯаҳволӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмин менамояд;

2) таъсис додани фонди инноватсионии мамлакат, яъне фонди захираҳои молиявӣ, ки бо мақсади маблағгузории коркардҳои навтарини илмию техникӣ ва лоиҳаҳои иноватсионӣ таъсис дода мешавад. Манбаъ (сарчашма)-и маблағгузории онҳо бояд дар баробари маблағҳои давлатӣ, ҳамчунин саҳмияҳои спонсории соҳибкорон, корхонаҳои истеҳсолӣ, ширкату бонкҳо бошанд;

3) дастгирӣ ва таъсис додани ширкатҳои венчурӣ, яъне ташкилотҳои хурде, ки дар соҳаҳои илмталаби иқтисодиёт амал мекунанд, таҳқиқоти илмӣ, коркардҳои муҳандисӣ анҷом медиҳанд, тибқи фармоишҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва давлат инноватсияҳо ба вуҷуд меоранд ва онҳоро татбиқ менамоянд.

4) таъсис додани Фонди дастгирии бахши хусусии иқтисодиёт ва корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар самти ба роҳ мондани истеҳсоли молу маҳсулоти инноватсионӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои инноватсионӣ пешниҳод мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аксари ғояҳои навоварӣ маҳз дар ширкатҳои хурди инноватсионӣ ба таври воқеӣ то тиҷоратикунонӣ расонида мешаванд. Соҳибкории хурди инноватсионӣ ин қисми бештар ҳаракатманди иқтисодиёти инноватсионӣ мебошад, ки қобили оҷилан эҳсос кардани талаботи бозор ба маҳсулоти баландтехнология, арзёбии ҳолати мавҷуда, аз худ кардани технологияҳои нав ва бо истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир равона намудани истеҳсолоти худӣ мебошад. Мебояд, ки таҷрибаи муфиди давлатҳои дигар оид ба дастгирии ширкатҳо ва корхонаҳои соҳибкории хурд ва миёна, ки маҳз онҳо ҳиссаи зиёди маҳсулоти инноватсиониро истеҳсол карда, ба бозор мебароранд, омӯхтаву истифода карда шавад.

6) ташкил намудани як навъ ташкилоти татбиқкунандаи инноватсияҳо. Ин ташкилоти тиҷоратии миёнараву машваратӣ буда, корҳои асосии зеринро иҷро менамояд: таҳлили ташхисии фаъолияти ташкилот ва асосноккунии илмии самтҳои асосии рушди истеҳсолот ва хизматрасонӣ бо пешниҳоди инноватсияҳои дахлдор; рекламаи инноватсияҳо ва таҳқиқи маркетингӣ барои амалисозии самарабахши онҳо;

7) яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи инноватсия ва такмилу баланд бардоштани ихтисоси онҳо дар самти фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ низоми муосири тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ташаккул дода шавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд мутахассисоне тайёр карда шаванд, ки дар азхудкунии асосҳои соҳаи иқтисодии соҳибкории инноватсионӣ, идоракунии лоиҳаҳо, тиҷоратикунонии технологияҳо, менеҷменти технологӣ, маркетинг, назария ва амалияи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дониш ва малакаҳои касбӣ дошта бошанд;

8) ба роҳ мондани ҳамкории инфрасохторҳои соҳаи инноватсияи ҷумҳурӣ бо сохторҳои донорӣ, ки дастгирии лоиҳаҳои инноватсиониро амалӣ менамоянд. Ба сифати чунин донорҳо ҳоло Фонди «Новая Евразия» (The New Eurasia Foundation – FNE), Шӯрои таҳқиқоти байналмилалӣ ва мубодилаҳои илмӣ – АЙРЕКС (IREX–International Research and Exchanges Board), Фонди мусоидат ба рушди шаклҳои хурди корхонаҳо дар соҳаи илмӣ-техникӣ («Фонд Бортника»), Фонди рушди технологии Россия, TACIS Relations with the New Independent States (NIS) and Mongolia, Фонди Сорос ва ғайра хизмат мекунанд.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 23 декабри соли 2022.

2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 89 с.

3. Нуров, П. Роҳҳои ташаккул додани низоми миллии инноватсионӣ (аз таҷрибаи давлатҳои Чин ва Ҷопон) / П. Нуров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. – No 1. – P. 177-183.

4. Кулаков, К. Ю. Инновационная инфраструктура и инновационный климат: экосистема инновационного развития / К. Ю. Кулаков, Н. Г. Верстина, Т. С. Мещерякова // E-Management. – 2022. – Т. 5. – № 1. – С. 32-42. – DOI 10.26425/2658-3445-2022-5-1-32-42.

УДК: 338.24

ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛИВУ МЕТОДИИ БЕҲТАР КАРДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНӢ

Раҳмон Юсуф Азим,
докторанти Институти иқтисодиёт ва демография
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Айнӣ 44;
тел: (+992) 904-02-40-00; e-mail: rahmonovv71@mail.ru

Асосҳои ташкилӣ ва методологии таъмини амнияти иқтисодии авиатсияи гражданӣ системаи ҳамаҷонибаро ташкил медиҳанд, ки ба ҳифзи ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз таҳдидҳои дохилӣ ва беруна, таъмини устувории молиявӣ ва таъмини пайвастагии сафарҳои ҳавоӣ нигаронида шудааст. Дар ин мақола унсурҳои асосии зерини ин система, ки аз рӯи ҷанбаҳои ташкилӣ ва методологӣ сохта шудаанд, шарҳ дода шудаанд: танзими давлатӣ (чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва танзимкунанда); системаи идоракунии хатарҳо (ташкили шӯъбаҳои махсусгардонидашуда, ки барои аудит дар ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва фурудгоҳҳо масъуланд); ҳамкории субъектҳо (ҳамоҳангсозии талошҳо байни ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои пешгирии амалҳои дахолати ғайриқонунӣ ва ҷиноятҳои иқтисодӣ); амнияти кормандон (интихоб, омӯзиш ва назорати кормандон). Дар ин мақола, муаллиф ангезаҳои иқтисодиро барои амнияти иқтисодии авиатсияи гражданӣ пешниҳод мекунад.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ, ангезаҳо, хатарҳо, система, идоракунӣ, чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва танзимкунанда.

ОРГАНИЗАЦИОННЫЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОВЫШЕНИЯ ПОКАЗАТЕЛЕЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ГРАЖДАНСКОЙ АВИАЦИИ

Рахмон Юсуф Азим,
докторант Института экономики и демографии Национальной академи наук Таджикистана
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул Айни 44;
тел: (+992) 904-02-40-00; e-mail: rahmonovv71@mail.ru

Организационно-методические основы обеспечения экономической безопасности гражданской авиации представляют собой комплексную систему, направленную на защиту авиакомпаний от внутренних и внешних угроз, обеспечение финансовой стабильности и непрерывности воздушных перевозок. В данной статье описываются следующие основные элементы этой системы, построенной на организационно-методических аспектах: государственное регулирование (правовая и нормативная база); система управления рисками (создание специализированных ведомств, ответственных за аудит авиакомпаний и аэропортов); кооперация субъектов (координация усилий авиакомпаний по предотвращению актов незаконного вмешательства и экономических преступлений); кадровая безопасность (отбор, обучение и контроль персонала). В статье автор представляет экономические стимулы для обеспечения экономической безопасности гражданской авиации.

Ключевые слова: экономическая безопасность, стимулы, риски, система, управление, правовая и нормативная база.

ORGANIZATIONAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS OF IMPROVING ECONOMIC SECURITY INDICATORS OF CIVIL AVIATION

Rahmon Yusuf Azim,
Doctorant of the Institute of Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Aini str. 44; тел: (+992) 904-02-40-00; e-mail: rahmonovv71@mail.ru

The organizational and methodological foundations for ensuring the economic security of civil aviation constitute a comprehensive system aimed at protecting airlines from internal and external threats, ensuring financial stability, and the continuity of air travel. This article describes the following key elements of this system, built on organizational and methodological aspects: government regulation (legal and regulatory framework); a risk management system (creation of specialized agencies responsible for auditing airlines and airports); cooperation among entities (coordination of airline efforts to prevent acts of illegal interference and economic crimes); personnel security (selection, training, and supervision of personnel). In this article, the author presents economic incentives for ensuring the economic security of civil aviation.

Keywords: economic security, incentives, risks, system, management, legal and regulatory framework.

Сарсухан. Салоҳияти пешбинӣ ва танзим намудани зарари манфии таҳдидҳои эҳтимолӣ аз ҷумлаи талаботи муҳими низоми амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Риояи ин талабот ба баланд шудани самаранокии амнияти иқтисодӣ мусоидат менамояд. Зуҳургардии ин хусусияти системаи амнияти иқтисодӣ тавассути истифодаи механизми таъмини амнияти иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Механизмҳо ба инструменти муҳим дар самти ташкили назорат ва беҳтар кардани самаранокии амнияти иқтисодии тамоми сатҳои соҳа табдил меёбад [4, с. 113]. Вобаста ба ин, ба назари мо, хусусиятҳои система ва имконоти механизми амнияти иқтисодии соҳа дар доираи самтҳое, ки дар расми 1. оварда шудааст, сурат гирад. Дар мазмуну мундариҷаи расми 1. асосҳои зерини ташкиливу методологии ба ҳам алоқаманд қарор гирифтааст:

- зери назорат қарор додани индикаторҳои амнияти иқтисодӣ, таҳлили қиёсии онҳо ба қиммати индикаторҳои ақал ва ё остонавӣ ва вобаста ба натиҷаҳои таҳлилии он қабули қарорҳои зарурии идоракунии амнияти иқтисодӣ;
- коркарди системаи тадбирҳо ҷиҳати татбиқи қарорҳои қабулшуда.

Дар ин ҷода барои ҳалли ин масъалаҳо коркарди тавсияҳои методиву ташкилӣ зарур аст. Дар ҷараёни мониторинг ҳаддӣ остонавии муаяншуда барои таъмини амнияти иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Аҳамият дар он зоҳир мегардад, ки дар авиатсияи шаҳрвандӣ ҳамчун соҳаи нақлиёт параметрҳо дар шароити омилҳои номуайянӣ ва минтақаҳои дорои хатари баланд ба вуҷуд меоянд.

Аз ин лиҳоз зарурати объективиро, пеш аз ҳама, аз нигоҳи давлатӣ Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи ин тадбирҳо ба коҳиш додани таъсири манфии таҳдидҳо аз таъмин намудани рушди устувори ҷомеа мусоидат мекунад. Яъне, кам кардани таъсири муҳити фаъолият, ки дар он, масалан, боло рафтани якбораи хароҷоти захираҳои энергетикӣ, фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва ғайра рӯй медиҳад, нерӯ бахшидани механизми танзимиву дастгиркунандаи давлад дар самти таъмини устувории фаъолият ва амнияти иқтисодӣ зарур аст.



Расми 1. Тарҳи ташаккули самтҳои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои амнияти иктисодии авиатсияи граждании

Источник: Таҳия шудааст дар асоси [1]

Маҳз идоракунии хавфу хатарҳо имконияти кам кардани талафотро пайдо менамояд. Дар ин самт раванди таъсири мақсадноки мақомоти идоракунанда (дар ин ҳолат, ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, ки соҳаро зери танзим қарор медиҳад) хеле муҳим мебошад.

Идораи агентии авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] барои татбиқи тадбирҳо барои рафъи ҳолати ноустувориву бӯҳронӣ дар соҳа уҳдадор мебошад. Бинобар он муайян кардани хусусиятҳои амнияти иқтисодии дар ҳама сатҳҳо, ки хусусиятҳои амнияти иқтисодиро дар умум дар соҳа дар бар мегирад (нигаред ба расми 2.), муҳим мебошад.



Расми 2. Систематизатсияи методҳои идоракунии хавфу хатарҳо
Источник: Таҳия шудааст дар асоси [2]

Ин имконият медиҳад, ки дар сурати таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ талафоти эҳтимолии иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳадди ақал, қиммати остонавӣ расонида шаванд. Чуноне, ки дар боло ишора намудем, идоракунии хавфу хатарҳои нақши ҳалкунанда дорад. Ҷамъбасти адабиётҳои илмӣ дар ин соҳа ба хулосае оварда, ки усулҳои мавҷудаи идоракунии хатарҳоро, ҳам дар сатҳи соҳа ва ҳам дар сатҳи ширкатҳои ҳавопаймоӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда шаванд - паст намудани сатҳи талаф ва ҷуброн намудани ҳаҷми талаф (расми 4.2.).

Усулҳо кам кардани талафот ва андозаи талафотро вақте, ки хатар ногузир аст ё ногаҳон ба миён меояд, мусоидат менамояд. Тадбирҳои пешгирикунанда, ки аз садамаҳо муҳофизат мекунанд, усулҳои пешгирии хавфу хатар унвон дорад [5]. Усулҳои паст кардани сатҳи таъсири манфии хавфу хатарҳо хеле меҳнатталабанд [6]. Онҳо доираи васеи таҳлилиро талаб менамояд, ки шидатнокии онҳо аз пуррагӣ ва дақиқии итилооти таҳлилӣ вобаста аст. Банақшагирии стратегӣ аз ҷумлаи самараноктарин усулҳои пешгирии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ маҳсуб мешаванд. Ин усул дар соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи авиатсияи гражданӣ ва корхонаҳои алоҳидаи он истифода мешаванд [7].

Банақшагирии стратегӣ ба ҳайси инструменти самараноки ҷуброни хавфу хатар, ки дар тамоми соҳаҳо рӯи кор меояд, хидмат менамоянд. Дар мавриди истифодаи принсипҳои банақшагирии

стратегӣ имконияти на танҳо баратаф намудан ва ё паст кардани дараҷаи зиёди номуайяниро пайдо карда мешаванд, балки барои муаяйн намудан ва бартараф кардани монеаҳои фаъолиятҳои истеҳсолӣ мусоидат менамояд. Масалан, дар доираи таҳрезиву татбиқи банақшагирии стратегӣ раванди заиф шудани мавқеи ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар сегментҳои гуногун ва мушаххаси нақлиёт бордошта мешавад. Яъне дар он омилҳои хавфву хатари эҳтимолӣ пешакӣ аниқ карда мешаванд ва мутобиқ ба табиати онҳо маҷмӯи тадбирҳои ҷубронӣ, инчунин нақшаи истифода ва фаъолсозии захираҳо барои ҷуброни талафҳо таҳия карда мешаванд. Пешбини намудани ҳолатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва вазъи бозорҳои нақлиёти ҳавоӣ дар кишвар ҳамин метод ва усули ба як шакли банақшагирии стратегия таалуқ доранд. Ҷиҳатҳои асосии ин методро метавон равшан намуд:

- Таҳияи марҳилаҳо ва сенарияҳои рушди иқтисодӣ ва арзёбии вазъи ҳозира ва дурнамои бозорҳои нақлиёт;

- Таҳлил ва пешбинии муносибат ва фаъолиятҳои рафтори рақибон дар бозорҳои нақлиётӣ (дохилӣ ва байналмилалӣ);

-Таҳлилу пешгӯии рушди бозорҳои нақлиётӣ дар минтақаҳо;

-Арзёбӣ ва дурнамогирии рафтори шарикон ва таъсири онҳо, хусусан ҳангоми ҳамкорӣ ё иттифоқсозӣ ва фаъолиятҳои рақобатӣ.

Амали намудани мониторинг ва дастовардҳое, ки аз он ба даст оварда шудаанд, салоҳият медиҳанд, ки тамоюлҳои равандҳои нав дар рушди иҷтимоию иқтисодии соҳа таҳлил ва муайян карда шуда, тадбирҳои заруриро барои ҷуброн кардани андозаи муаяйни талафоте, эҳтимоли дар ояндаи наздик амалӣ мегарданд, арзёби намоянд. Барои мисол, дар мамлакатҳои Аврупо Япония ва ИМА ба роҳ мондани монеаҳои нави фурӯдгоҳҳо (с.2002) дар равандҳои садо ва партовҳои амалиёти ҳавопаймоҳо ба коҳиш ёфтани гардиши мусофирон дар хатсайрҳои байналмилалии ширкатҳои ҳавопаймоии ИДМ оқибатҳои барҷаста расонида буданд. Аз ин лиҳоз он ба воситаи гуфтугӯи сиёсиву иқтисодӣ ва татбиқи чораҳо ба мақсади кам намудани талафоти назаррас дар гардиши ҷиҳати бартараф намудани байналмилалӣ тадбирҳои пешакӣ тадбиқ мегарданд.

Мақсаднок истифода бурдани консепсия ва методҳои маркетинг дар низоми таъмини амнияти иқтисодии дар авиатсияи граждани дар равиши ба тарзи фаъол таъсири таъсиси талабот ба намудҳои муаяни хизматрасонии нақлиёти назаррас аст. Ин бо воситаи тарзҳои зерини татқиқоти маркетингӣ дастрас карда мешавад:

- ба сегментҳо тақсим намудани бозор хизматрасонии нақлиётӣ ва арзёбии иқтидори он;

- гузаронидани маъракаи таблиғотӣ оид ба тадбирҳо ҳавсмандкунандаи истеъмолгарони хизматрасониҳо, огоҳ кардани истеъмолкунандагон ва сармоягузорони эҳтимолӣ ҷиҳати бардошти нафъи иқтисодиву иҷтимоии онҳо аз фаъолияти ширкатҳои ҳавоӣ ва ғайрахо;

-омӯзиш ва таҳлили рафтори ширкатҳои рақобаткунанда дар бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва таҳияи стратегияи рақобатӣ ва ғайра.

Ҳангоми таҳлилу баррасии амалиёти ширкатҳои ҳавопаймоӣ усули пешгирӣ аз хатар бештар маъмул аст, ки он барои рад кардани шарикони боэътимод, пешгирӣ кардан аз таҳияву татбиқи лоиҳаҳои хатарнок ва пешгирӣ аз шиддату густариши рақобат дар бозорро, аз номуайянии назаррас ва ғайраҳоро дар бар гирад.

Агар манбаъҳои хатар ба таври возеҳ муайян карда шуда бошанд, пас бояд метавон **усули маҳаллӣ** кардани хатарро истифода бурд. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ ба хотири маҳаллисозии хатар бештар филиалҳо, ба истилоҳ корхонаҳои венчурӣ (хатарнок) таъсис ҳам медиҳанд, ки хавфу хатарро маҳаллисозӣ мекунанд ва натиҷаҳои он метавонад ба нафъ дар ширкати асосӣ дар самти таъмини амнияти иқтисодӣ орад. Ин усулро бештар ширкатҳои калони авиатсиони дар авиатсияи граждани зимни таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвестициони иноватсионӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Тақсимкунии хавфу хатар аксаран дар воситаи идоракунии хавфҳои чандиртар мебошад. Муттаҳид кардани хавфу хатар (бо меёру дараҷаҳои гуногуни ҳамгироӣ) бо дигар иштирокчиёне, ки ба муваффақияти ширкати ҳавопаймо манфиатдоранд яке аз усулҳои асосии тақсимкунии хатари умумӣ мебошанд. Дар татбиқи усули тақсимкунии хавфу хатарҳо ба таъсиси ширкатҳои саҳомӣ мусоидат менамоянд, ки дар доираи ин ҷамъият иштирокдорон-аъзоёни он метавонанд саҳмияҳоро мубодила кунанд, аз якдигар харидорӣ кунанд, имконияти фарох пайдо карда дар консорсиумҳо ва асотсиатсияиҳо ҳамроҳ шаванд. Асотсиатсия ва ё иттифоқҳои байналмилалии амалакунанда мисоли равшани чунин асотсиатсияиҳо дар авиатсияи шаҳрвандии ҷаҳонӣ мебошанд. Паст намудани хавфу хатарҳо ҳадафи асосии онҳо мебошанд, ки ҳангоми таҳияи бозорҳои нави нақлиёт ва тақвияти мавқеи худ истифода мешаванд. Онҳо сиёсати маркетингии паст намудани хавфу хатарро ба тавассути татбиқи сиёсати нархгузории ҳамоҳангшуда, тақсим кардани бахшҳои алоҳидаи бозор байни худ ва амалҳои муштаракро барои муқовимат ба рақибон амалӣ мегардонанад.

Дар методҳои идораи хаву хатарҳо ва таъмини амнияти иқтисодии соҳаи авиатсияи граждани усулҳо ва тарзҳои гуногуни диверсификатсияи фаъолиятҳо истифода мешаванд. Ширкати ҳавопаймоӣ ба тавасути ташкили диверсификатсияи фаъолият доираи хизматрасониҳои пешниҳодшуда васеъ мегарданд, ки ин раванд дар натиҷаи ҳадафгирии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии мусофирон ва ғайраро ба амал меоранд. Дар натиҷаи диверсификатсия коҳиши хавфу хатар, барои таъмини устувории фаъолият ва истиқлолияти иқтисодӣ сурат мегиранд.

Гурӯҳи дуюм таъмини амнияти иқтисодии соҳаи авиатсияи гражданиро усулҳои ҷуброни зарар ташкил медиҳад. Дар сурати татбиқи ин усул ҳаҷми талафот аз таҳдидҳои дохилаву беруна (шояд қисман) барқарор карда мешаванд, дар ҳадди муҳим аз лағжиши онҳо пешгирӣ карда мешаванд. Масалан, дар натиҷаи таъсири ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико коҳиши назарраси ҳаракати мусофирон дар ширкатҳои ҳавопаймоии Амрико сурат гирифт. Бинобар он барои дастгирии ширкатҳои миллии ҳавопаймоӣ, ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сармоягузории назарасро равона карда ва имконияти ҷуброн шудани қисман талафоти ширкатҳои ҳавопаймо гардидаанд.

Суғурта усули ташкили системаи эҳтиетӣ, ки дар дохили худи ширкати ҳавопаймоӣ бунёд мегардад, ки барои барқарор намудани зарар нақши аосӣ мебозад. Дар давраи ҳозира ба ташкил додани захираҳои молиявӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Ин захираҳоро бояд дар шаклҳои зерин тақсим кард:

- захираи маблағҳои суғуртаи дохилӣ;
- ташкили хатҳои қарзӣ;
- ба кор бурдани гарав ва ғайра.

Ҳангоми боло рафтани сатҳи номуаяйни дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ҳам дар вазъи соҳа ва ҳам дар вазъи ширкатҳои ҳавопаймоӣ, ки ба масаълаҳои зерин таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад;

- Рушд додани стратегия ва сиёсати дақиқи молиявӣ;
- Танзими дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ба роҳ мондани сохтори самаранокии онҳо;
-Афзоиши дараҷаи пардохтпазирии лозим барои ҷалби сармоя ва ғайраҳо.

Истифодаи самранокии захираҳои дохилӣ ва имкониятҳои худтакмилдиҳии онҳоро, аз баланбардории ихтисос то рушди фарҳанги корпоративӣ, ки дар нақшаҳои ҷойгиркунии захираҳо кафили амнияти иқтисодӣ, низ мебошанд. Суғуртакунӣ хавфҳо ва хатарҳои тиҷоратӣ сатҳи масъулияти менеҷеронро зиёд мекунад Низоми идоракуниро водор месозад, ки пайваста чораҳои пешгирӣ ва муҳофизатиро тибқи шартномаи суғурта иҷро намоянд. Ташакули сохтори минтақавии суғуртаи амалиёти молиявӣ ва иқтисодӣ ҳам барои ширкатҳои ҳавопаймоӣ шароити беҳтаро дар таъмини амнияти иқтисодӣ фароҳам меорад. Азбаски, амалӣ кардани институти суғурта ҳангоми ташакули технологияҳои замонавӣ ё таъмин намудани шаклҳои навъи хизматрасонӣ, то дараҷае мушкил мебошад, ки бо ҳамин сабабе, ки дар ширкатҳои суғурта омори дахлдор ба вуҷуд меояд. Суғуртаи хавфу хатар хусусиятҳои махсуси худро доранд. Натанҳо суғуртакунии хафву хатар, балки амволи суғурта карда шуда имконияти рӯйпуш кардани талафоти ногаҳониро медиҳанд. Дар заминаи ин суғурта шароити рух додани хавфу хатар вуҷуд дорад, ки хусусиятҳои ногаҳонӣ доранд. Пардохти Ҷуброни аз рух додани хавфу хатар бояд аз манбаъҳои гуногун (кафолатдиҳандагон, фондҳои дастгирӣ ва ғайра) тасвир ёбанд. Дар ин равнд идоракунии хавфҳо нақши зарурӣ доранд. Танзими хавфу хатар аз ҷамоварӣ мушаххаси воситаҳои барои қабули қарор ва қобилияти таъсирбахш иборат мебошанд. Ҳаногми низоми идоракунии хавфу хатар амалӣ намудани воситаҳо ва методҳои ихтисоси усулҳо истифода мешаванд, ки дар мавриди мониторинги нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ ҳам ба кор меравнд. Дар онҳо инчунин таъсиргузориҳо, ҳавасмандгардонӣ ва чораҳои ташкилӣ, ки омилҳо низ мебошад, тасвир меёбанд.

Ҳангоми сазовор шудан ба сифати муҳими натиҷаҳо бояд ба эътибор гирифт, ки мониторинг дар авиатсияи граждани барои паст кардани хисороти иҷтимоӣ-иқтисодӣ сафар карда шудааст. Афзалияти мониторинг дар он ноҳияҳое, ки нишондиҳандаҳои фаолияти кории авиатсияи граждани дар зери хатари таъсир қарор доранду ба амнияти иқтисодӣ хавф меоранд, меафзояд. Дар вақти мониторинг бояд муқоиса кардани арзишҳои стандартӣ дар якҷоягӣ бо сатҳҳои аниқи онҳо муайян карда шаванд. Тартиб додани мувозинат миёни арзишҳои ҳаддиақал сатҳҳои гуногуни нерӯ шарти қаблии ин мебошад. Таъсиси барномаи ягонаи амал таҳия карда мешавад, то минтақаи хавфнок ба зарари ҳадди ақал берун барояд. Азбаски ҳамду нақли мусофирон ба вуҷуд доштани талаботи пардохтпазирӣ мусофирон таъсис ёфтааст, бинобар он муайян кардани арзиши ҳадди ақали он бояд дар асоси фаъолияти хатарноки авиатсияи граждани тасвир ёбад. Аз тарафи дигар, то ҳадди

имкониятҳо аҳамияти иҷтимоии ин ҳамлу-нақлҳо дар меъри муайяни талабот дар тамоми ҳиссаи фаъолият нигоҳ доранд.

Ҳангоми гузаронидани мониторинги нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ қарорномае, ки қабул мешаванд, имкон медиҳанд, ки тарзи беҳтарсозии усулҳои муқовимат ба роҳ монда шаванд. Пеш аз ҳама, омода кардани роҳҳо, самтҳо ва чорахо барои беҳтарсозии Барномаҳо ва нақшаҳои дахлдор барои соҳа ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ сурат мегиранд. Аз ин сабаб Барои ин ҳадаф, аломатҳои фарқкунандаи хусусиятҳои соҳаи нақлиёти ҳавоӣ, ҳамчун заминаи методологӣ истифода шаванд. Тадбирҳои андешидашуда ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ дар доираи стратегияи он барои бартараф кардани камшавии ҳаҷми ҳаракат, зиёдшавии устувории робитаҳои нақлиёти ҳавоӣ ва такмил додани рақобатпазирии ширкатҳои ҳавопаймо ба низом дароварда шаванд.

Сиёсати оқилонаи тарифӣ дар бахши «ҳаракати ҳавоӣ ва тарифҳо» бояд дар самти амалӣ гардонидани татбирҳои зеринро сурат гиранд.

Аввал, тартиб додани низоми тарифҳои афзалиятнок, ки барои ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ имконияти фаровон ҷалби шумораи хеле зиёди истеъмолкунандагони имконияти хизматрасонии нақлиёти дастгири менамоянд. Дар ин иртибот, бояд системаи тарифии хатсайрҳои байналмилалии ҳавоӣ ба таври асос қабул карда шавад. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ озодона метавонанд нархҳои афзалиятнокро барои парвозҳои алоҳида аниқ намуданд, системаи тахфифҳоро муаян намоянд. Ширкатҳои ҳавопаймо, ки тахфифҳоро амали карда мешаванд, бояд бо тартиби муқаррарӣ ба агентиҳо маълумот диҳанд, яъне доир ба амали намудани ҷадвали нави ҳавопаймоҳо ё иваз карда додани нархномаҳо, маълумот диҳанд. Тасдиқ кардани нархномаҳои имтиёзнок бояд ба чунин тарз асос гиранд: аз ин имтиёз набояд мусофироне, ки метавонанд чиптаро бо қимати пурра харанд, имкон диҳанд. Омода кардани имтиёз ва ё нархномаҳо дар асоси маниторинги ҳаракати мусофирон шиддат мегиранд. Дар ин ҷо мақсади асосиро мушахас кардани нишон додани гурӯҳҳои алоҳидаи мусофироне, ки ба онҳо қимати нархномаҳои имтиёзнок амали мешаванд ва шароитҳои махсуси истифода шаванда (мавсим, вақти рӯз, рӯзи ҳафта, харидани чиптаи бозгашт ва ғайра) амали мегардад. Ҷалб кардани сокинони камбизоат аҳолӣ (ҷавонон, нафақахӯрон, коргарони мавсимӣ), ба таъриқи қимати имтиёзнок ҳам ҳадафи ангезишбахши ширкатҳои ҳавопаймоӣ мебошанд. Ширкати ҳавопаймо аксаран бояд вобаста ба татбиқи имтиёзҳо ба парвозҳое, ки барои мусофирон аз сабаби вақти рӯз ва рӯзи ҳафта номувофиқ мебошанд, аҳамият диҳанд.

2. Ворид кардани низоми тарифҳои тахфифнок ба парвозҳо дар қисматҳое, ки нақлиёти ҳавоӣ қариб ягона воситаи нақлиёт аст, низ иқдоми калиди мебошад. Истифодаи қиматҳои тахфифнок дар ин сурат бояд барои омодагӣ аз таъсири берунравии одамон аз ҷойҳои қаблии истиқомати худ ва пешгирии хориҷшавӣ аҳолӣ аз минтақаҳо истифода шаванд. Ин раванд хусусияти иҷтимоӣ дорад ва бояд аз буҷаҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ субсидия ҷудо карда шавад.

Сеюм, барпо намудани ширккати ҳавопаймо ва низомҳои автоматикунонидашуда, ки барои рушди омӯхтани талаботи харидорон, алалхусус барои фурӯши хизматрасониҳои ҳавоӣ дар ҳар гуна парвоз (ё сегменти парвоз), ки дар замина низоми нави тариф вусъат мегирад. Ин тавр низомҳои монанд дар ҳамагуна ширкатҳои ҳавопаймоии навъ ба навъ ҷаҳон зиед истифода мешаванд, ки рақобатпазирии онҳоро ҳангоми дар шароити рақобатпазирии шадид барои бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ афзоиш менамояд.

Чорум, аз нав ҳисоб кардани доими будани сатҳи нархномаҳо бо фосилаи вақти муайянкардаи мутахассисони ширкатҳои ҳавопаймоӣ, дар мисол, як маротиба дар як семоҳа (аз сабаби мавсимии интиқол) амалӣ карда мешаванд. Аз ин сабаб ҷамъ кардани маълумотҳоро оиди афзоиши нархҳо барои нигоҳдории ҳавопаймоҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ содда мекунад ва имконият медиҳанд, ки ҳисобҳо дар сурати иштибоҳ дар давраи ҳисоботӣ ва дар оянда фавран ислоҳ карда шаванд. Ивазшавии мунтазами нархҳо на танҳо ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ фурсат медиҳад, ки бо гардиши замон пешгӯиҳои қонеъ кунанда дақиқ ба даст оранд, балки ба фоидаҳои муштариён ҳам хизмат мерасонанд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мешуморем, ки Хадамоти авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Русия мӯҳлатҳои пешниҳоди нархҳои навро барои моҳи оянда муқаррар намояд, ки бо инобат гирифтани имконияти дохил кардани онҳо ба қароргоҳи додаҳои агентии хизматрасонии ҳавоӣ қабл аз шуруъи фурӯш ва фармоиш додани чиптаҳо барои рӯзи аввали моҳ аниқ карда шавад. 5. Ҳангоми эҷоди (пешгӯии) талабот ба сафари ҳавоӣ, маслиҳат дода мешавад, ки навъҳои нақлиёти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарури, бахусус ҳавопаймоҳои андозааш хурд, ки дар хатсайрҳои дохили истифода мешаванд, афзоиш дода шаванд. Ин амал бояд бо амалҳои дастгирии давлатӣ ҳимоя карда шаванд.

Дар равияҳои «ниёзҳои муосир, сармоя, дороиҳо ва дониши зиёд», тадбирҳои муҳим оид ба хубтар намудани нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ, бо дарназардошти вазъи имрӯзаи бозори

нақлиёт, бояд барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои ҳавопаймоии кишвар нигаронида шаванд. Чораҳои зарурӣ инҳоянд:

1. Азнавсозии парки ҳавопаймоҳои мавҷудаи ширкатҳои ҳавопаймоӣ. Парки ҳавопаймоҳо дар зери системаи асосии технологияи авиатсияи граждани буда, ҳатман самаранокии тамоми соҳаро муайян мекунад. Дар айни замон, ҳолати воқеъи он хеле муҳим аст: корношоямии физикии зиёди ҳавопаймоҳои дар истифодабуда аз 65-70% зиёд шудааст, яъне парки ҳавопаймои фарсуда ва кӯҳна шудааст ва аз ҷиҳати технология аз ҳавопаймоҳо ва чархболҳои хориҷӣ аз синфҳои монанд ду то се табақа қафо мемонад.

2. Ҳангоми азнавсозии паркҳои ҳавопаймоӣ, ҳатман ба истеҳсоли рақобатнокии намудҳои навъи ҳавопаймоҳои истеҳсолкунандаии ватанӣ ва бисёр натиҷабахш бартарӣ дода шаванд, ки истифодаи онҳо барои ширкатҳои ҳавопаймоӣ нисбатан ба истифодабари дар оянда ҳавопаймоҳои кӯҳнашуда манфиат зиёдтар меоранд. Барои харидорӣ кардани намудҳои муосири ҳавопаймоҳо, бояд механизме барои пешниҳод кардани қарзҳои имтиёзнок ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва ворид намудани шаклҳои муосири маблағгузорӣ (лизинг), ҳамчунин истифодаи мувофиқшудаи маблағҳои, дар таъмири ширкатҳои ҳавопаймоӣ истифода мешаванд.

Ҳангоми таъмин ва нигоҳдории фаъолиятнокии ҳавопаймоҳои хориҷӣ дар кишвар бояд аз иншооти истеҳсолии ивазшаванда истифода шавад. Дар шароити воқеъии иқтисодӣ, аксари тадбирҳои зарурӣ барои суръат бахшидан ба азнавсозии техникии нақлиёти ҳавопаймоии шаҳрвандӣ аз имконияти соҳа хориҷ мебошанд. Аз ин лиҳоз, ин тадбирҳо бояд дар доираи тадбирҳои дастгирии давлатӣ арзебӣ шаванд.

Ҳангоми равандҳои «устувории баробари корхонаҳо» ва «маҳдудият кардани фазоии рақобатӣ», тадбирҳо барои кам кардани теъдоди субъектҳои иқтисодии зараровар ба воситаи ташкил ва тартиби муфлисшавӣ барои корхонаҳои муфлисшавандаи авиатсияи граждани, ҳамчунин фаъолсозии тартиби якҷоякунии ширкатҳо тавсия дода мешаванд.

Ҳадди камтарин 30% корхонаҳо (аз ҷумла корхонаҳое, ки дар самти нақлиёти ҳавоӣ фаъолият мекунанд) ба марҳалаи муфлисшавӣ, наздик мебошанд. Муасисаҳои муфлисшавандаи авиатсияи граждани бадушвори барои таъмини амният маблағи кофӣ доранд [8]. Мурофиаҳои судии муфлисшавӣ ҳатман барои барқароркардани корхонаҳо асос шудаанд, ки захираҳои дастраси надоштан ба сарчашмаҳои давлатиро талаб мекунанд. Аз ин сабаб, ягона корхонаҳои дорои муҳимияти иҷтимоӣ ва он корхонаҳое, ки қудрат барои барқарорсозии ғайрипардохтшавандаро нишон додаанд, ҳуқуқи барқарорсозиро доранд. Дар ҳама равандҳои беҳтар кардани нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ, бояд ба тадбирҳои ҷонибдории давлатӣ ҳиссаи назарраси таъсиррасон дода мешаванд, чунонки тибқи стратегияи давлатӣ (системаи амнияти иқтисодӣ ҳамчун қисматии идоракунии давлатӣ ташкил дода мешавад. Чорабиниҳои танзими давлатиро бояд ба ду қисм ҷудо кард: дастгирии давлатӣ ва намудҳои равандҳои танзими давлатӣ [9].

Дасигириҳои давлатӣ баҳри фаъолияти нақлиёти ҳавоӣ, дар назар гирифтани амнияти иқтисодӣ, зарур аст, ки пеш аз ҳама барои пешниҳоди шаклҳои заруртарини хизматрасониҳо ва кори ширкатҳои ҳавопаймоӣ, рушди корхонаҳои инфрасохторӣ ва дар амал татбиқи низомҳо ва технологияҳои муосир пешкаш карда шаванд. Дастгириҳои давлатӣ ба ҳамин тарз пешкаш карда мешаванд:

- Сармоягузории мустақим ва сохтани инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ, ки барои таъмини амнияти иқтисодӣ зарур мебошад ва корхонҳои авиатсияи граждани, ки барои фаъол кардан кафолатҳои давлатӣ барои хизматрасонии ҳавоӣ ба шаҳрвандон ва иқтисоди миллӣ истифода бурда мешаванд;

- Пардохт намудани харақоти амалиёти аз маблағҳои давлатии барои нигоҳдории корхонаҳои инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ, ки дар захираҳои давлатӣ боқӣ мемонанд, ҳамчунин низомҳо ва хизматрасониҳои давлатӣ пайвастанд ба таъмини бехатарии авиатсияи граждани;

- Чонибдориҳои молиявӣ барои хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоии аҳамияти иҷтимоӣ, ки бо сатҳ ва меъёрҳои танзимшаванда ва мувофиқшавандаи давлатӣ пешниҳод карда мешаванд;

- пешниҳоди сабуккунии андозӣ, аз ҷумла барои истифода бурдани замин, барои маблағҳое, ки барои рушди инфрасохтор ва харидории воситаҳои асосӣ, аз ҷумла парки ҳавопаймоҳо маблағгузорӣ шудаанд. Чораҳои дастгирии давлатӣ барои хубтар кардани нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодии бахш дар шароити иқтисоди бозорӣ шарт ва шароитҳои муайянеро талаб мекунанд:

- Субъекти дастгирӣшаванда худи корхона нест, балки лоиҳаи махсус (барнома, хизматрасонӣ, иншоот ё системаҳо);

- назорати қатъи масрафҳо ва самаранокӣ, инчунин истифодаи низомҳо баҳри таъмини истифодаи маблағгузориҳо танҳо барои ҳадафи пешбинишуда;

- дастгирии давлатӣ одатан дар асоси шартномавӣ ва рақобатӣ пешниҳод карда мешавад;

- шарти муҳими бозпасгардонидани маблағҳо мебошад;

- пешниҳоди сармояҳои дастгирии давлатӣ ҳамчун воситаи иловагӣ ё «ангезанда»-и сармоягузории лоиҳа;

- Вуҷуд доштани ҷаримаҳо оиди нодуруст кардани шартҳои шартнома, инчунин барои истифодаи ғайримақсадноки маблағгузориҳо.

Список литературы

1. Митрофанов С.В. Экономические аспектти сервиса безопасности в гражданской авиации//Сервис в Росии и зарубежом , 2021, т.15,№ 4 с. 211-220
2. Таҳия шудааст дар асоси: Прозоров С.Е., Вербин А.В. Оценка угрозы и управление риском в авиационной безопасности// Электронный журнал «Труды МАИ». Выпуск № 78 www.mai.ru/science/trudy//
3. Агентии авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://www.caa.tj/
4. Мирсаидов, А. Б. Теоретико-методологические аспекты оценки экономической безопасности транспортной системы / А. Б. Мирсаидов, Ю. А. Рахмон // Таджикистан и современный мир. – 2024. – № 4(88). – С. 113-128. – EDN XGQKWZ.
5. Принципы развития и размещения производственной инфраструктуры Таджикистана / А. Рауфи, К. О. Бобозода, Д. П. Мирзоева [и др.]. – Душанбе : Дониш, 2025. – 184 с. – EDN MMXCOY.
6. Рахимзода, Ш. Модели долгосрочного прогнозирования отраслей национальной экономики / Ш. Рахимзода, Л. Х. Саидмуродов, Ф. М. Муминова. – Душанбе : Институт экономики и демографии, 2024. – 170 с. – EDN XCUIXL.
7. Раҳимзода, Ш. Баъзе масъалаҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир / Ш. Раҳимзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 3. – P. 9-15. – EDN MKRHYK.
8. Светлаков, А. Г. Экономическая безопасность отрасли авиационной гражданской промышленности РФ в современных условиях / А. Г. Светлаков, М. Э. Лебедев, Г. А. Букреева // Экономика и социум. – 2015. – № 1-4(14). – С. 511-515. – EDN UBHEUH.
9. Роднов, М. А. Экономическая безопасность при введении новых технологических процессов на авиационном предприятии / М. А. Роднов // Учетно-аналитическое и правовое обеспечение экономической безопасности организации: Сборник научных статей VII Всероссийской студенческой научно-практической конференции. В 3-х томах, Воронеж, 26 апреля 2025 года. – Воронеж: Издательский дом ВГУ, 2025. – С. 30-34. – EDN OITNOT.

УДК:338.436.3

ОРГАНИЗАЦИОННЫЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Мирзоева Евгения Шуджоатбековна

кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента и маркетинга Института цифровых технологий и искусственного интеллекта Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистна. Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Дружба народов 17. Телефон: (+992)781-71-33-77. E-mail: evgeniya-2385@mail.ru

В статье исследуются организационные аспекты формирования инновационной инфраструктуры промышленных предприятий Республики Таджикистан в условиях цифровой трансформации экономики. На основе теоретических положений, а также официальных статистических данных проведён анализ современного состояния промышленного сектора и уровня инновационной активности. Выявлены ключевые институциональные и организационные проблемы цифровизации промышленных предприятий, обоснованы направления совершенствования инновационной инфраструктуры с учётом национальных особенностей и стратегических приоритетов социально-экономического развития.

Ключевые слова: инновационная инфраструктура, цифровая трансформация, промышленность, цифровая экономика, инновации, инновационная деятельность, цифровая зрелость.

ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛИИ БУНЁДСОЗИИ ИНФРАСОХТОРИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНСОЗИИ РАҚАМИИ ИҚТИСОДИЕТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мирзоева Евгения Шуҷоатбековна

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Дӯстии халқҳо 17. Телефони: (+992)781-71-33-77. Почтаи электронӣ: evgeniya-2385@mail.ru

Дар мақола ҷанбаҳои ташкилии бунёдсозии инфрасохтори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозии рақамии иқтисодиет тадқиқ карда шуд. Дар асоси муқаррароти назариявӣ, инчунин маълумоти расмии оморӣ вазъи муосири бахши саноатӣ ва сатҳи фаъолияти инноватсионӣ таҳлил карда шуд. Мушкилоти асосии институтсионалӣ ва ташкилии рақамикунонии корхонаҳои саноатӣ ошкор карда шуданд, самтҳои такмили инфрасохтори инноватсионӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва афзалиятҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ асоснок карда шуданд.

Калимаҳои калидӣ: инфрасохтори инноватсионӣ, табдили рақамӣ, саноат, иқтисоди рақамӣ, инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ, камолоти рақамӣ.

ORGANIZATIONAL ASPECTS OF THE FORMATION OF INNOVATIVE INFRASTRUCTURE OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE CONTEXT OF DIGITAL TRANSFORMATION OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Mirzoeva Evgeniya Shudzhoatbekovna

Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Management and Marketing at the Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 17 Druzhba Narodov str., Dushanbe, Republic of Tajikistan. Phone: (+992)781-71-33-77. E-mail: evgeniya-2385@mail.ru

The article examines the organizational aspects of the formation of the innovative infrastructure of industrial enterprises of the Republic of Tajikistan in the context of the digital transformation of the economy. Based on theoretical provisions, as well as official statistical data, an analysis of the current state of the industrial sector and the level of innovation activity is carried out. The key institutional and organizational problems of digitalization of industrial enterprises are identified, the directions of improving the innovation infrastructure are substantiated, taking into account national characteristics and strategic priorities of socio-economic development.

Keywords: innovation infrastructure, digital transformation, industry, digital economy, innovation, innovation activity, digital maturity.

Постановка проблемы: В современном мире цифровая трансформация становится ключевым фактором конкурентоспособности национальных экономик. Для Республики Таджикистан, страна

Assistant Department of Financial Markets and Stock Exchange, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992 988 21 55 51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

Annotation: In the article, the authors examined the activities of the country's securities market sector. Analyzing an important sector of the country's financial market, they identified the problems and advantages achieved in this area. It is emphasized that stock markets occupy a key place as a mechanism for the functioning of the financial instruments market. The main transactions with shares take place on these markets, it is here that their prices are formed and there is a wide opportunity for interaction between buyers and sellers. Based on the indicators of the volume of capitalization of the securities market, the share of investors in total capital and the share of capitalization to GDP, the trends in changing the situation in the domestic securities market are assessed. Next, problems in the functioning of the securities market were identified and directions for increasing the efficiency of its activities through government regulation were substantiated.

Key words: financial market, securities market, commercial banks, non-bank financial institutions, bonds, shares, reforms, economy.

Гузориши масъала. Дар ҳаёти ҳар ҷомеаи алоҳида вобаста ба таҳаввулот тағйиротҳо ба вуқӯъ меояд, ки фаҳмиши амиқ ва зарурияти таҳияи барномаи асоснокшудаи амалиёти минбаъдаро ба миён мегузорад. Зеро, ки тағйиротҳои иқтисодӣ, самтҳои афзалиятноки рушди бахши молиявиро муайян мекунанд. Вобаста аз ин коркардҳои амалии яке аз бахшҳои низоми молиявӣ, бозори қоғазҳои қимматнок дар адабиёти илмии хориҷӣ таҳия гаштаанд. Вале воқиеяти фаъолияти ватании ин сегменти бозор нишон медиҳад, ки то ҳол самараи баланди иқтисодиро надода истодааст. Коғазҳои қиматнок ҷузъи таркибии низоми молиявӣ буда, дар равандҳои иқтисодии давлат мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар шароити имрӯза муҳаққиқон-иқтисодичиён хусусиятҳои фаъолияти амалиётии ин самтро фаъолона мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода истодаанд.

Мақсади мақола. Таҳқиқи ҳолати муосири бозори қоғазҳои қимматнок ҳамчун яке аз сегменти асосии бозори молиявӣ ва муайяннамоии самтҳои афзалноки рушди он.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар байни олимон давлатҳои ИДМ оид ба маслалаҳои принсипҳои асосии бозори фондӣ ва воситаҳои гуногуни молиявӣ чунин иқтисодичиён: И. Озоров, В.П. Воронцов ва Н.Д. Кондратьев машғул буданд. Корҳои илмии онҳо барои омӯзиши низоми молиявӣ дар марҳилаи таърихӣ ва муосир заминаи пайдо гаштани равишҳои назариявӣ гардид. Ҳамчунин масъалаҳои назария ва амалияи фаъолияти бозори қоғазҳои қимматнок аз тарафи олимони рус: М.Ю Алексеева, М.М. Агаркова, Я.М. Миркина, Е.Ф. Жукова ва олимони ватанӣ: Б.М. Шарифзода, Ш.М. Раҳимзода, Т.Р. Ризоқулов, У.С. Ҳикматов маврди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқотҳои зиёд, муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди бозори қоғазҳои қимматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон асосноккунии илмии минбаъдаро талаб менамояд.

Муҳтавои асосии мавод. Дар майдони роҳи рушд қарордоштаи бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли имрӯз омӯзиш ва таҳқиқи илмиро ба миён мегузорад. Вобаста ба ин дар навбати аввал истилоҳҳои мухталифи марбути коғазҳои қимматнокро баррасӣ хоҳем кард. Коғазҳои қимматнок низоми мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиест, ки на танҳо ҳангоми барориш ва истифодаи коғазҳои қимматнок, балки дар ҷараёни муносибатҳои мутақобилаи ҳамаи иштирокчиёни бозор ба вуҷуд меоянд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ собит месозанд, ки навъҳои гуногуни воситаҳои молиявӣ ба ҳайси коғазҳои қимматнок баромад мекунанд. Яъне онҳо ҳуқуқ ва моликиятро тағйир дода, вазифаҳои зиёдеро иҷро мекунанд - аз саҳмияҳо ва вомбаргҳо то векселҳо ва опсионҳо, ки ҳар яки онҳо хусусият ва пардохтпазирии худро доранд, ки ба арзиш таъсир мерасонанд.

Саҳмияҳо ва вомбаргҳо ду навъи хосияти фарқкунанда доштаи коғазҳои қимматнок мебошанд. Саҳмияҳо ҳисса дар сармояи ҷамъиятиро ифода мекунанд, ки иштирок дар идоракунии ҷамъияти саҳомӣ, инчунин гирифтани дивидендҳоро дар назар дорад. Вомбаргҳо, аз тарафи дигар, як воситаи қарзие мебошанд, ки ҳуқуқи гирифтани қарзро бо фоиз пас аз мӯҳлати муайяни вақт медиҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бозорҳои фондӣ ҳамчун механизми фаъолияти бозори воситаҳои молиявӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Муомилоти асосӣ бо саҳмияҳо дар ин бозорҳо сурат мегиранд, маҳз дар ин ҷо нархи онҳо ташаккул ёфта, имконияти васеи ҳамкории мутақобилаи харидорону фурӯшандагон пайдо мешавад.

Бозори қоғазҳои қимматнок дар шароити кунунӣ яке аз омили калидӣ баҳри афзунгардонии захираҳои молиявӣ буда, дар таъмини рушди иқтисодии ҳар як давлати алоҳида таҳким мебахшад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти бозори қоғазҳои қимматнок соли 1992 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи бозори қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ” қабул гардидааст, ки ҳамчун заминаи ҳуқуқии он асос гузошт. Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ, яъне пас аз соли 2000-

ум ин бахши бозори молиявӣ роҳи рушдро касб карда, аммо дар ҳоли имрӯз нисбат ба дигар соҳаҳои низоми молиявии мамлакат назар намоем, ба таври кифоят рушд накарда, барои сармоягузории бахши воқеии иқтисодиёт саҳми назаррас нагузоштааст.

Аз фаъолияти амалии ватанӣ бармеояд, ки объекти муомилоти қоғазҳои қимматнок дар бештар маврид қоғазҳои қимматноки давлатии Бонки миллии Тоҷикистон, векселҳои хазинадории Вазорати молия ва дигар намудҳои қоғазҳои қимматнок дар намуди вомбаргҳои давлатӣ мебошанд.

Дар бозори қоғазҳои қимматноки мамлакат ҳамчун эмитенти асосӣ ашхоси мақомоти амиқи идоракунӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд, ки дар пешбарии сиёсати лоиҳаҳои иқтисодӣ, инфрасохтории он корхонаҳое ӯҳдадор аст, ки ба дастгирӣ ва таъмини амалии соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ омодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи ҷавони фаъолияти бозори қоғазҳои қимматнок дорад, бинобар он ҳамчун ниҳод ташаккул наёфтааст. Вобаста аз ин бо таъсири тағйиротҳои куллӣ бояд ба бахши фаъоли бозори молиявӣ табдил ёбад.

Боиси қайд аст, ки аз мавҷудият ва такмили асосҳои ташкиливу ҳуқуқии бозори қоғазҳои қимматнок, тақвияти назорат аз болои фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори фондӣ чунин монеаҳо ҷой доранд:

- Норасои ҳаҷми сармоягузории иқтисодиёт, ки дар мамлакатҳои рушдёфта то 80%-ро ташкил медиҳад;
- Номукаммалии низоми фаъолияти депозитарӣ, ҳисоббаробаркуниҳо, бақайдгирандагон, ки шаффофиятро дар ин бозор барои иштирокчиёни касбӣ таъмин мекунанд;
- Ҷолибият надоштани бозори фондии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармояи хориҷӣ, ки аз дараҷаи нокифоягии кушодагии бозор дарак медиҳад.

Дар доираи таҳқиқ низ тамоюли рушди бозори қоғазҳои қимматнокро мавриди таҳлил қарор хоҳем дод. Тавре маълум гардид, саҳмия қоғази қимматноке аст, ки ба соҳибмулк ҳуқуқи иштирок дар низоми идораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, бадастовардани як қисми фоидаи тиҷоратӣ дар намуди дивидендҳо ва гирифтани қисми муайяни фоида дар ҳолати барҳамхӯрии корхона. Вобаста аз ин ҳаҷми савдо дар бозори фондӣ ва қоғазҳои қимматнок давоми солҳои 2021-2024 чунин аст. (ниг. ба ҷадвали 1.)

Ҷадвали 1. Ҳаҷми капитализатсияи бозори қоғазҳои қимматнок давоми солҳои 2021-2024

	2022	2023	2024	Тағйироти мутлақ (+,-)		Тағйироти нисбӣ, %	
				Соли 2023 нисбат ба соли 2022	Соли 2024 нисбат ба соли 2023	Соли 2023 нисбат ба соли 2022	Соли 2024 нисбат ба соли 2023
Капитализатсияи бозории саҳмияҳои ба номгӯи коғазҳои қиматноки ба савдо иҷозатдодашуда, млн. сомонӣ	2 666,42	4 201,90	5 692,68	3935,48	1490,78	157,5	135
Ҳаҷми фурӯши саҳмияҳо млн. сомонӣ	533,96	1 716,17	2 742,91	1182,21	1026,74	3,2 маротиба	159,8
Шумораи эммитентҳо	2	2	3	-	1	-	150

Манбаъ: ҳисоби муаллифон дар асоси маводҳои ҶСК “Биржаҳои фондии Осиёи марказӣ”

Аз таҳлили нишонниҳандаҳои ҷадвали 1. бармеояд, ки капитализатсияи бозори қоғазҳои қимматнок давоми солҳои 2022-2024 3026,26 млн. сомонӣ афзоиш ёфта ва ё 2,13 маротиба зиёд шудааст. Ҳаҷми фурӯши саҳмияҳо бошад дар марҳилаи таҳлилӣ 2208,95 млн. сомонӣ, яъне 5 маротиба зиёд гаштаанд. Бояд қайд кард, ки капитализатсияи коғазҳои қимматнок соли 2023 нисбат ба соли 2022 бартарият дошта, ҳаҷми он нисбат ба соли 2024 22,5 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Ба фикри мо зиёдгардии ҳаҷми нисбатан баланди фурӯши коғазҳои қимматнок дар давоми се соли охирро бо чунин омилҳо шарҳ додан мумкин аст:

а) зиёдшавии ҳаҷми фуруш ва идомаёбии афзоиши нархи саҳмияҳо сармоягузорони калони касбӣ саҳмияҳои хешро ба фурӯш мегузоранд;

б) ҳаҷман зиёди муомилот боиси он мегардад, ки аз ҷониби иштирокчиёни хурди бозор фаъолнокӣ таъмин гашта, харидани саҳмияҳо аз ҷониби сармоягузорони калон меафзояд.

Ҳамчунин шумораи сармоягузон солҳои охир дар бозори қоғазҳои қимматнок тамоюли зиёдгардиро доранд, ки нишондиҳандаҳои ҷадвали 2. онро тасдиқ мекунанд.

Ҷадвали 2. Шумораи сармоягузорон ба қоғазҳои қимматнок давоми солҳои 2021-2024

Сармоягузорон	Шумораи сармоягузорон				Ҳиссаи сармоягузорон дар сармояи умумӣ бо %			
	2021	2022	2023	2024	2021	2022	2023	2024
Шахсони ҳуқуқӣ	45	51	57	70	38%	40%	40%	43%
Шахсони воқеӣ	73	76	84	92	62%	60%	60%	57%
Ҳамагӣ	118	127	141	162	100%	100%	100%	100%

Манбаъ: Манбаъ: ҳисоби муаллифон дар асоси маводҳои ҶСК “Биржаҳои фондии Осиёи марказӣ” .

Тавре аз нишондиҳандаи ҷадвал дида мешавад, шумораи сармоягузорон аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ соли 2024 70 нафарро ташкил дода нисбат ба соли 2021 30 нафар зиёд шуданд. Шумораи сармоягузорон аз ҳисоби шахсони воқеӣ бошад солҳои 2021-2024 19 нафар зиёд гардидаанд. Ҳамчунин бояд таъкид намуд, ки бартарияти сармоягузорони шахсони воқеӣ дар он зоҳир мегардад, ки гирифтани манфиати иқтисодии онҳо таъмин гашта, боиси эътимоднокии онҳо дар ин сегменти бозор гардидаанд.

Сохтори сармоягузорон дар ин бахши бозор соли 2024 чунин аст, ҳиссаи сармоягузорон аз ҳисоби шахсонӣ ҳуқуқӣ дар сармояи умумӣ 43% шахсони воқеӣ бошад 57%-ро ташкил медиҳад. Диаграммаи 1.



[1]

Диаграммаи 1. Ҳиссаи сармоягузорон дар сармояи умумӣ (соли 2024)

Дар маҷмӯъ таъкид намудан ба маврид аст, ки қоғазҳои қимматнок хусусияти кӯтоҳмуддат доранд ва воситаҳои пулие, ки бо воситаи сегменти қоғазҳои қимматноки давлатӣ сафарбар гаштаанд, барои истифодаи мақсадноки воситаҳои озоди иштирокчиёни бозори молиявӣ, яъне ба ин захираҳо ҷиҳати тадбиқи лоиҳаҳои дарозмуддати сармоягузорӣ ва инновастсионии корхонаҳои бахши воқеӣ имконият намедиҳад. Ба қоғазҳои қимматноки давлатӣ назар намоем пас онҳо даромади нисбатан паст доранд (аз 7,50 то 10,99% солона), яъне нисбат ба пасандозҳои бонкӣ аз рӯи даромад, кафолатнокӣ рақобат карда наметавонанд.[3] . Ҳол он, ки пасандозҳои бонкии аҳолӣ қисман аз тарафи давлат ҳифз мегарданд. Ин ҳолат ба андешаи мо боиси он мегардад, ки ҳавасмандӣ дар ҷалби захираҳои озоди пулии субъектҳои иқтисодӣ бо воситаи истифодаи қоғазҳои қимматнок аз байн рафта, дар натиҷа ба маҳдудияти сармоягузории бахши воқеии иқтисодиёт таъсиргузор мешаванд.

Таҷрибаи ватанӣ оид ба амалиёте, ки солҳои 2016-2017 гузаронид дар бозори кушод истифодаи қоғазҳои қимматноки давлатиро он барои коҳиш додани фишор ба қурби пули миллӣ ва нигоҳ доштани сатҳи пасти таваррум равона шуда буданд. Ин таҷриба, яъне сиёсати интишор ва гардиши қоғазҳои қимматноки давлатӣ, бо ҳадафи устувории молиявии иқтисодиёт то ҳоло идома дорад.

Дар баробари ин зарур аст, ки тадбирҳои ислоҳоти дар бозори қоғазҳои қимматнок давом ёфта, ниҳодҳои дахлдор ҳам дар самти интишор ва барориши когазҳои қиматноки миёнамуҳлат ва дарозмуддат бо мақсади ҷалби захираҳои дарозмудат дар бозори дохилӣ ва ҷойгиркунии минбаъдаи онҳо дар бахши воқеӣ фаъолиятро босамар роҳандозӣ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки рушди бозори қоғазҳои қимматнок боиси таҳкими сармоягузориҳои дохилӣ дар доираи иқтисоди миллӣ ва иқтисоди бахшу соҳаҳои алоҳида мегардад. Ҳамчунин амали шаффофияти бозори қоғазҳои қимматнок барои сармоягузорони хориҷӣ роҳи ҳадафмандонаи фаъолиятро боз мекунад, ки дар натиҷа тадбиқи лоиҳаҳои дарозмуддати инноватсионии иқтисодиёт дар қаламрави кишвар имконпазир мегардад. Ин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони васеи истифодаи захираҳои мавҷуда, нерӯи инсонӣ ва истеҳсоли молҳои рақобатпазирро дода, ба рушди бахши воқеии иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат мекунад. Дар ин маврид механизмҳои танзими фаъолияти бозори қоғазҳои қимматнок, равандҳои воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ, баҳисобгирии саҳмдорон такмил ёбанд, то ки ҳаҷми капитализатсияи бозори қоғазҳои қимматнок зиёд гардида манфиатҳои тарафайн ба инобат гирифта шаванд.

Нишондиҳандаи дигари умумии баҳодиҳии бозори қоғазҳои қимматнок ҳаҷми капитализатсияи он мебошад. Капитализатсия худ ҳамчун арзиши умумии ҳамаи саҳмияҳои ба савдо иҷозатдодашуда дар бозори фондӣ ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад тамоюли тағйирёбии капитализатсияи бозори мазкурро дар ҷадвали 3. инъикос намудем.

Ҷадвали 3. Капитализатсияи бозори қоғазҳои қимматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таносуби байни капитализатсияи бозори саҳмияҳо нисбат ба ММД	2021	2022	2023	2024	Тағийрот соли 2021 нисбат ба соли 2024 бо %
ММД млрд дол	8,70	11,27	11,90	13,70	157,4
Капитализатсияи бозори саҳмияҳо млрд. дол	0,25	0,29	0,47	0,47	188
Таносуби капитализатсия нисбат ММД, %	2,87	2,57	3,93	3,43	0,56

Манбаъ: Манбаъ: ҳисоби муаллифон дар асоси маводҳои ҶСК “Биржаҳои фондии Осиёи марказӣ”, 2025 сол.

Аз таҳлили ҷадвали мазкур хулоса намудан мумкин аст, ки давоми солҳои 2021-2024 ҳарчанд капитализатсияи бозори қоғазҳои қимматнок тақрибан 2 маротиба зиёд гашта бошад, ҳам вале ҳиссаи он дар ММД 3,43% ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкурро бо дигар мамлакатҳои ИДМ муқоиса намоем, дар ҳоли на онқадар рушд қарор дорад.

Яке аз омилҳои аввалиндараҷае, ки дар рушди фаъолияти бозори қоғазҳои қимматнок монеа эҷод мекунанд, ин дар сатҳи паст қарор доштани гардиши қоғазҳои қимматнок дар бозори дуюмдараҷаи мебошад. Дар ин маврид зарур аст, ки қоғазҳои қимматнок функсияи муҳим, яъне ҷалби воситаҳои муваққатан озоди аҳолӣ ва дигар иштирокчиён баҳри сармоягузории мустақими иқтисодиёти миллиро иҷро намояд. “...Ин тарзи ҷалби сармоя метавонад ба сифати ҷойгузини сармояи хориҷӣ баромад намояд”.[2] .

Бо ин радиф, номутаносибӣ гардиши қоғазҳои қимматнок дар бозорҳои гуногундараҷа, боиси як қатор тамоюлҳои манфии мамлакат гардидааст:

- капитализатсияи бозори дуюмдараҷаи қоғазҳои қимматноки Тоҷикистон ба таври рушд наёфтааст;

- аз фаъолияти такмилнаёфтаи бозори дуюмдараҷаи гардиши саҳмияҳо, арзиши воқеӣ ё бозории объектҳои маблағгузоришаванда имконнопазир буда, оид ба ташкилотҳои молиявӣ ва корхонаҳои бахши воқеӣ, иттилооти комил барои сармоягузорон дастрас нестанд.

“Аз ин сабабҳо бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ барои маблағгузории модернизатсияи фаъолият бо мақсади таъмини рақобатпазирӣ танқиси мекашанд” [3] .

Дар ҳоли имрӯз дар мамлакат баҳисобгирии саҳмияҳо махсусан муайян кардани ҳиссаи иштирокчиён ва ҳуқуқҳои онҳо дар низоми идоракунии ташкилоту корхона мукаммалиро талаб менамояд. Ҳамчунин дар хариду фурӯши озоди саҳмияҳо мушкилот ҷой дорад, ки барои воридгардии сармоягузорон монеа эҷод мекунад. Ин манзараи номутаносиб дар бозорҳои аввалиндараҷа ва дуюмдараҷаи гардиши қоғазҳои қимматнок ҳавасмандии сармоягузоронро аз байн бурда, самаранокии иқтисодии бозори қоғазҳои қимматноки ватаниро коҳиш медиҳад.

Дар баробари ин номувофиқатӣ ба ташаккули бозори қоғазҳои қимматнок ва муносибатҳои фаъол таъсири манфӣ расонидааст, зеро қисми зиёди саҳмияҳо дар доираи маҳдуди саҳҳомон қарор дорад. Дар ин маврид ба андешаи мо баҳри васеъгардии доираи фаъолияти бозори қоғазҳои қимматнок, агар саҳмдорони калон то 5-10% саҳмияҳои хешро бо воситаи биржаи фондӣ ба сармоягузорони чакана, аҳолӣ ба фурӯш бароранд ба мақсад мувофиқ аст. Ин навъи фаъолият имконияти ҷаъоварии воситаҳои пулии муваққатан озоди аҳолӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои дигари молиявиро дода, сафарбарнамоии мақсаднокро ба самтҳои афзалиятноки бахши иқтисодӣ медиҳад.

Ҳамчунин амалиёти мазкур метавонад на танҳо воридоти иловагии захираҳои молиявиро ба бахши воқеии иқтисодиёт таъмин гардонанд, балки аз сармоягузорони хориҷӣ марҳила ба марҳила вобастагӣ коҳиш ёбанд.

Таҷрибаи хориҷӣ аз он дарак медиҳад, ки таъмини суботи молиявӣ дар бозори дохилии молиявӣ ниҳоятан муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ҳоли фарогири бӯҳронҳои молиявӣ содироти сармоя аз ҳудуди ҳар як мамлакати алоҳида боиси он мегардад, ки аз сармояи хориҷӣ вобастагӣ пайдо намояд ва дар ниҳояти кор ба ҳолатҳои ғайричашдошт оварда расонанд.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти доираи васеи бозори қоғазҳои қимматнок, имконияти иҷрои вазифаҳоро ба ҳадафҳои пешбинигардидаи мамлакат медиҳад. Дар ҳоли фаъолияти ноустувори ин бахш, давлат метавонад бо муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рӯ гашта, тамоюли рушди мамлакатро ба қафомонӣ орад.

“Дар тадбиқи лоиҳаҳои азими сармоягузории инноватсионӣ дар доираи рушди дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишофи бозори қоғазҳои қимматнок такон мебахшад. Зеро ҳаҷми иловагии пул баҳри сафарбарнамоии дарозмуддат ба бахши воқеии иқтисодиёт, боиси коркарди ашёи хоми ватанӣ, истеҳсоли маҳсулоти арзиши баланди иловагӣ ва таҳкими иқтидори содиротӣ мегарданд”[5] .

Дар маҷмӯъ бояд ҳаминро қайд кард, ки рушди дурнамои бозори қоғазҳои қимматноки ватанӣ аз тараққиёти иқстисодиёти миллӣ вобастагии бевосита дорад. Бо назардошти нишондиҳандаҳои рушде, ки давоми солҳои 2021-2024 дар ин сегменти бозор дида мешавад, ҳоло ҳам бозори коғазҳои қимматнок дар марҳилаи аввали инкишоф қарор дорад.

Бинобар он дар оянда корхонаҳо бояд на танҳо ба бозори миллии биржаҳои молӣ ва асъорӣ, балки ба сатҳи байналмиллалӣ бароянд то, ки рақобатпазирии онҳо баланд гардад.

Ҳамчунин яке аз самтҳои баланд бардоштани самарнокии фаъолияти бозори коғазҳои қимматнок таъсири фаъолнокии давлат дар танзими равандҳои дар бозори саҳмия ба амал омада ба ҳисоб меравад, яъне такмилдиҳӣ ва таъмини риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, офариниши фазои мусоиди сармоягузорӣ, устуворгардонии назорат дар майдонҳои савдо мебошанд.

Адабиёт:

1. Шарипов, Б. М. Методы оценки влияния финансового рынка на экономический рост: эволюция подходов / Б. М. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 47-55. – EDN OUXPWL.
2. Алексеев, М.Ю. Рынок ценных бумаг. [Текст] / М.Ю.Алексеев. - М.: Финансы и статистика, 1992. - 255 с.
3. Анализ инвестиционного климата и привлечения инвестиций в Республику Таджикистан. [Текст]/ ПРООН. - Душанбе, 2018, 35с. http://www.gki.tj/ru/investment/information/\
4. Буренин, А.Н. Рынок ценных бумаг и производных финансовых инструментов [Текст]: Учеб. пособие / А.Н.Буренин. – М., 2011. С-348
5. Галанов, В.А. Рынок ценных бумаг и его финансовые институты. [Текст] / В.А.Галанов, А.И. Басов. Под. ред. Торкановского В.С.-СПб. АО «Комплект”. М: 2006. С-448
6. Годовые отчеты Ассоциации банков Таджикистана за 2011-2018 гг. http://www.abt.tj. 1.03.2017.
7. Положения Правительства Республики Таджикистан «О выпуске государственных ценных бумаг для капитализации ОАО Агроинвестбанк» от 30 апреля 2012 года, №178, сайт Министерства финансов Республики Таджикистан: http://minfin.tj/index.php?do=static&page=norm#zakr.
8. https://case.com.tj/tj/.
9. Приказ Правительства Республики Таджикистан «О выпуске в обращение Внутренних государственных выигрышных облигаций Министерства

УДК 338.456.

МЕТОДОЛОГИЯИ АРЗЁБИИ ҲАМАҶОНИБАИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ МИНТАҚА

Муслихова Тахмина Тагоевна

н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.

Аннотансия. Ин мақола ба арзёбии рақобатпазирии минтақавии комплекси агросаноатии минтақа бахшида шудааст. Муаллиф якчанд мафҳумҳои системавиро, ки асоси равиши системавии омӯзиши минтақаро ташкил медиҳанд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Барои беҳтар фаҳмидани равиши методологӣ як қатор мафҳумҳои муҳим баррасӣ мешаванд. Дар мақоляа консепсияи рушди устувор дар сатҳи минтақавӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф системаи нишондиҳандаҳоро барои арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхона тавсия менамояд.

Калидвожаҳо: рақобатпазирии минтақавӣ, методология, арзёбӣ, комплекси агросаноатӣ, консепсия, системаи нишондиҳандаҳо.

МЕТОДОЛОГИЯ ОЦЕНКИ РЕГИОНАЛЬНОЙ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА РЕГИОНА

Муслихова Тахмина Тагоевна

к.э.н., доцент, заведующая кафедрой банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

Аннотация. Данная статья посвящена оценке региональной конкурентоспособности агропромышленного комплекса региона. Автор рассмотрел несколько системных концепций, составляющих основу системного подхода в изучении региона. Обсуждается ряд важных понятий для лучшего понимания методологического подхода. В статье рассматривается концепция устойчивого развития на региональном уровне. Автор рекомендует систему показателей для оценки уровня конкурентоспособности предприятия.

Ключевые слова: региональная конкурентоспособность, методика, оценка, агропромышленный комплекс, концепция, система показателей.

METHODOLOGY FOR COMPREHENSIVE ASSESSMENT OF REGIONAL COMPETITIVENESS OF THE REGIONAL AGRICULTURAL COMPLEX

Muslikhova Tahmina Tagoevna

candidate of economics sciences, associate professor of the banking department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14.

Annotation. This article is devoted to assessing the regional competitiveness of the region's agro-industrial complex. The author examined several system concepts that form the basis of a systems approach to the study of the region. A number of important concepts are discussed to better understand the methodological approach. The article examines the concept of sustainable development at the regional level. The author recommends a system of indicators for assessing the level of competitiveness of an enterprise.

Key words: regional competitiveness, methodology, assessment, agro-industrial complex, concept, system of indicators.

Гузориши масъала. Минтақа ҷое маҳсуб меёбад, ки дар он одамон вобаста ба урфу одат ва дигар умумиятҳои иҷтимоиву иқтисодии ба ҳаммдигар монанд зисту зинддагӣ намуда, аз рӯи омилҳои гуногуни табиӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаанд. Онҳо дар баъзе ҳолат дар асоси тағйиротҳои гуногуни ҳаётӣ хусусиятҳои худро тағйир дода, метавонанд ячейкаҳои дохилии худро дигар намоянд.

Мафҳуми «минтақа» дар сатҳи ҷаҳонӣ истифода мегардад, ки ин нисбат ба ҷомеъаи байналмилалӣ хос буда, гурӯҳи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба ҳам наздикро дар назар дорад. Аммо дар таҳқиқоти мо мафҳуми “минтақа” ба маънои фазои иқтисодии ҳудуди алоҳидаи дохили мамлкат истифода мешавад. Зери маънои фазои иқтисодӣ бошад, маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар як ҳудуди муайян фаҳмида мешавад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Чи тавре ки маълум аст, ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани иқтисодиёти минтақа ва дар ин замина боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, олимону коршиносони ватанию хориҷии соҳа доир ба минтақа ва таъмини субот ва устувории иқтисодиёти он корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ гузаронида, рушди минтақаро воситаи асосии ташаккули иқтисодиёти миллӣ медонанд. Дар доираи ин олимону иқтисодчиёни машҳури

соҳа аз қабили Ш.Раҳимзода, Л.Ҳ. Саидмуродов, Д.О. Қандиёрова, Т.Н. Назаров, Д.А. Алиджанов, Н.Н. Жилина, Н.В. Невейкина минтақаро ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ меҳисобанд.

Мақсади мақола. Минтақа зерсохтори низоми иқтисодии мамлакат буда, дар худ зернизоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ молиявӣ ва ғайраро ҷой додааст. Инчунин онро ҳамчун як қисмати қаламрави мамлакат донистан мумкин аст, ки дар он зерсохторҳои иқтисодӣ аз қабили субъектҳои махсуси хоҷагидорӣ (корхонаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ) ҷойгиранд. Аммо нишондиҳандаҳое, мавҷуданд, ки барои хуруҷи сармоя боис мегарданд, ки ба ин мисол шуда метавонад: фоидаи нокифоя, суст тараққӣ намудани бозори дохилӣ, суръати пасти рушди ММД, заминаи номусоиди маблағгузорӣ, ноустувории низоми сиёсӣ ва иҷтимоии давлат ва ғайра.

Бинобар ин, мустаҳам намудани заминаҳои институтсионалӣ ва муайян намудани стратегияи рушди минбаъдаи он дар рушди минтақа, махсусан дар соҳаҳои афзалиятноки он саҳмгузор мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Дар ҳақиқат, иқтисодиёти мамлакат бар замми он ки дорои як қатор масъалаҳои ҳалталаб мебошад, инчунин рушд додани самтҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар сатҳи минтақаҳо низ бояд дар мади назари ҳукумати ҷумҳурӣ қарор гирад. Ин пеш аз ҳама барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти минтақа, масъалаҳои тараққӣ додани бозори истеъмолӣ ва зиёд кардани даромади аҳолӣ равона карда шудааст.

“Дар доираи таҳлили мафҳуми «минтақа» мо метавонем якчанд мафҳумҳоро аз қабили ҳудуд (қисми ҳудуди кишвар, хоҷагии халқ, хоҷагии халқ), минтақаҳои махсусгардонидашуда, ягонагии раванди истеҳсолӣ, мавҷудияти шароити якхелаи табиӣ, мавҷудияти алоқаҳои дохилӣ, мавҷудияти мақомоти идоракунӣ ва инфраструктураи ягонаи иҷтимоию истеҳсолӣ муайян кунем, ки бештар ба минтақа ва рушди он алоқаманд буда, ҳангоми баррасии мафҳум истифода мешаванд”[5].

Коршиноси иқтисодӣ Н.В. Невейкина “ҷанбаи иқтисодии омилҳоро, ки дорои хусусияти мушаххаси минтақа мебошанд, муайян намуда, онҳоро ба шаш гурӯҳ: ҳудудӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ, демографӣ ҷудо намудааст”[6].

Ба ин тағйиротҳо дигар намудани сохтори таркибии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки вобаста ба шароит аҳолӣ метавонанд ҷову макони худро тағйир диҳанд ва аз минтақаҳои деҳотнишин ба шаҳр кӯч банданд. Ин тағйиротҳо ба таври табиӣ рух дода, идора намудани он дар шароити муосир ғайриимкон аст. Зеро, ки аҳолӣ барои дарёфти шароити хуби зиндагии худ ҷои мувофиқу муносибро интихоб менамояд.

Дар доираи ин, сохтори идоракунии минтақа низ вобаста ба шароити замон ба тағйиротҳо дучор мегардад, ки ин ҳам ба ҷойивазкунии аҳолӣ рабт дода мешавад.

Ҳамчунин, дар баробари тағйиротҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маскун шудан, идоракунӣ ва ғайра тайғиротҳои табиӣ низ мавҷуданд, ки метавонанд ба ҳаёти инсонҳо таъсирҳои гуногун расонанд. Аз тарафи дигар, тағйиротҳои минтақавӣ ба дигар омилҳо таъсир расонида, сохтори онро дигар менамоянд.

“Тағйироти минтақавӣ ба гуногунии ҳаёт ва захираҳои табиӣ, аз қабили олами наботот, хок, об ва ҳаво таъсир мерасонад ва бо масъалаҳои сершумори экологии дорои аҳамияти ҷаҳонӣ алоқаманд аст”[3].

Яъне, дар ҳолати иваз намудани иваз намудани ҷои зист аз тарафи қисмати зиёди аҳолӣ ба таври табиӣ ҳолати экологиву биологии минтақа хусусияти худро дигар намуда, наметавонад дар шакли пешина бошад. Зеро, он маҳсулотҳои агросаноатие, ки дар ин мавзеъ парвариш меёфт ва ба рақобатпазирии минтақа дар байни дигар минтақаҳо боис мегардид, дигар наметавонад ҳамчун маҳсулоти рақобатпазир баромад намояд. Чунки, он қисмати аҳолие, ки бо парвариши ин маҳсулот машғул буданд, ҷои зисти худро иваз намуданд.

Дар аксар минтақаҳо мушоҳида намудан мумкин аст, ки бо дигар шудани сохтори иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат шакли зисту зиндагии аҳолии он низ тағйир ёфта, онҳо кӯшиш менамоянд, ки ба ин сохтор фаъолияти худро мутобиқ созанд.

Дар баробари ин, омилҳое мавҷуданд, ки метавонанд дар паст гардидани рақобатпазирии маҳсулоти агросаноатӣ таъсири худро гузорад, ки ба ин тағйирёбии иқлим мисол шуда метавонад.

“Тағйирёбии иқлим як ангезаи нави экологӣ мебошад, ки метавонад барои ҳаёти инсон ва экосистемаи Замин оқибатҳои ҷиддӣ дошта бошад”[1].

Дар ҳақиқат, ин омил боиси он гардида метавонад, ки минтақа аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулотҳои агросаноатӣ рақобатпазириашро аз даст дода, шароит барои истеҳсоли дигар намудаи маҳсулот пайдо гардад.

Кӯшишҳои кишварҳои ҷаҳон барои рафъи ин мушкилот танҳо қисман муваффақият ба даст овардаанд. Таҳлили ин нокомиҳо нишон медиҳад, ки равишҳои анъанавӣ ба рушди минтақавӣ маъмулан ба назарияҳо ва тахминҳои нопурра ё нодуруст асос ёфтаанд.

Минтақаҳо ба ғайр аз таъсири омилҳои беруна, дар дохили худ низ масъалаву мушкилотҳои зиёде доранд, ки онҳо барои рушди он ва рақобатпазир гардидани он дар байни дигар минтақаҳо монеа эҷод менамоянд.

Чи тавре ки қайд мегардад “Дар баробари ин дар бораи характери вазъияти проблемавӣ ихтилофҳои ҷиддӣ мавҷуданд. Худи минтақаҳо низ низомҳои хеле мураккаб ва динамикӣ мебошанд ва бисёре аз мушкилоти минтақавӣ аз мураккабии иловагии муносибатҳои синергетикии байни онҳо бармеоянд”[2].

Бинобар ин, дар баробари ҳал намудани мкшкилотҳои беруна таваҷҷуҳ ба ҳалли мушкилотҳои дохилӣ низ бояд равона гардад, зеро ки бе ҳал намудани мушкилотҳои дохилӣ ҳал намудани мушкилотҳои беруна ғайриимкон аст.

Одатан барои ҳал намудани мушкилотҳо пеш аз ҳама бояд стратегияҳои махсуси дарозмуддат таҳия намуд ва тибқи он фаъолиятро давом дод.

Ҳамин тариқ, ягона асос барои қабули қарорҳои оқилонаи дарозмуддат равишест, ки чаҳор зеррабанди рушдро, ки дар маҷмӯи майдонҳо (муҳитҳо) ё ҳудудҳои дахлдор дар сатҳи васеъ ба вуҷуд меоянд, ба таври возеҳ эътироф мекунад (ниг. ба расми 1).



Расми 1. - минтақаҳои қабули қарорҳо (муҳит) барои рушди устувор
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Чи тавре ки аз расм дида мешавад, рушди устувор аз омилҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, онҳо дар рушди минтақа ва устувор гардидани фаъолияти он нақши беандоза доранд.

Муҳитҳои мазкур дар маҷмуъ муҳити ягонаро дар сатҳи минтақа ба вуҷуд оварда, барои дар амал татбиқ гардидани стратегияҳои дарозмуддат мусоидат менамоянд. Ҳамаи ин боис мегардад, ки фаъолияти иқтисодии минтақа дуруст ба роҳ монда шуда, рақобатпазирии он дар байни дигар минтақаҳо таъмин гардад.

Алиджанов Д.А. ва Алиджанова С.А. ба ақидаи он ҳастанд, ки “...тараққиёти иҷтимоӣ-иқтсодии минтақаҳо бевосита бо таъминоти табиӣ-захиравӣ ва вазъияти экологии онҳо алоқаманд буда, тараққиёти ҳар як минтақа дар макони иқтисодии кишвар дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад,

ки пеш аз ҳама дар хислатҳои таърихан пойдоргардидаи минтақаҳо ва шакли танзимкунии давлатӣ ифода меёбад ва самаранокии фаъолияти иқтисодиѐти минтақавиро муқаррар менамояд”[4].

Пеш аз ҳама ба ҳолати иқтисодӣ ва рушди устувори минтақа муҳити иқтисодӣ таъсиргузор буда, беҳтар гардидани ин муҳит метавонад дар якҷоягӣ бо муҳитҳои дигари ёрирасон рушди устувори минтақаро таъмин кунад. Дар баробари ин, муҳитҳои экологӣ, ташкилӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ барои шароит фароҳам овардан ба ҳолати молиявии минтақа кӯмак менамоянд.

Чи тавре ки Ш.Раҳимзода ва Эмомов М. Қайд менамоянд: “таъмини амнияти минтақа низ зарур буда, он дар рушди тамоми соҳаҳои афзалиятноки минтақа таъсири мусбати худро мегузорад. Зеро, ки бе амнияти комил ягон субъекти иқтисодии минтақа наметавонанд ҳадафҳои дарпешистодаи худро амалӣ намоянд”[7].

Бо вуҷуди ин, таъкид карда мешавад, ки то ҳол асосҳои ягонаи назариявӣ-методологии муносибати маҳаллӣ дар рушди назарияи иқтисодиѐти минтақавӣ таҳия нашудаанд, ки имкон медиҳанд онҳоро ба системаи мантиқии тарозу дар шакли назарияи ҳамаҷонибаи такмилѐфтаи иқтисодиѐти маҳаллӣ ва ташкили иқтисодиѐти минтақавӣ муттаҳид кунанд. Иерархияи рушди иқтисодиѐти минтақавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври зайл дар расми 2 дидан мумкин аст.



Расми 2. Сатҳи иерархӣ ва рушди маҳаллии иқтисодиѐти минтақавӣ.
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар ин расм низоми идоракунии зина ба зина ё вобастагии ин зинаҳои идоракунӣ аз ҳамдигар нишон дода шудааст ва маълум намудан мумкин аст, ки онҳо дар ҳолати дуруст ҷобаҷокунии ин намуди идоракунӣ рушди фазои иқисодиѐт таъмин мегардад. Одатан фазои иқтисодии мамлакат аз фазои иқтисодиѐти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ вобастагӣ дошта, дар навбати худ фазои иқтисодии минтақавӣ аз иқтисодиѐти миллӣ вобаста аст.

Агар мо инро дар сатҳи ҷумҳурӣ дида бароем, он гоҳ муайян намудан мумкин аст, ки идоракунӣ аз зина ба зина, яъне деҳот аз ҷамоат, ҷамоат аз ноҳия, ноҳия аз вилоят ва вилоят аз ҷумҳурӣ вобастаанд.

Чи тавре ки дида мешавад, дар расми 1 ҳудуди минтақавии ҷойгиркунии иқтисодӣ аз поѐн, аз маҳалҳои аҳолинишини деҳотӣ ва маҳалҳо то сатҳи ҷойгиркунии ягонаи хоҷагии ҷаҳонӣ нишон дода шудааст.

Тавре ки мебинем, иерархияи пайдошуда оқибат ва натиҷаи пешрафти илму техника, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ мебошад, ки бо кушодагии иқтисоди миллӣ алоқаманд аст. Дар айни замон, аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки мафҳумҳои қаламрави иқтисодӣ ва иқтисоди ҳудудӣ гуногунанд. Ин тарзи тафсир фарқи байни минтақаи иқтисодӣ ва иқтисоди ҳудудиро равшан нишон медиҳад.

Дар Барномаи миѐнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қайд гардидааст, ки “Рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ буда, ҳамчун нуқтаи ниҳоии тамоми кушишҳои қатъии ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад: аз ҷумла, таъмини сатҳи қобили қабули амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имконоти коммуникатсионии кишвар ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул”[8].

Дар шароити муосир рақобатпазирии иқтисодӣ барои ҳар як субъекти иқтисодӣ зарур буда, дар ҳолати таъмин нанамудани ин талабот ин субъект наметавонад устуворii молиявии худро дар давраи дарозмуддат нигоҳ дорад. Ин падида бисёрҷанба буда, онро бо таърифи умумӣ шарҳ додан душвор аст. Таҳлили тафсирҳои гуногуни мафҳуми "рақобат" ва равишҳои дар ин масъала таъкидшуда нишон медиҳад, ки онҳо ба як қатор меъёрҳои ба ҳам алоқаманд, ки бо нақшҳо ва вазифаҳои гуногуни рақобат дар иқтисодиёт алоқаманданд, асос ёфтаанд. Тафсирҳои дар адабиёти илмии иқтисодӣ пешниҳодшудаи мафҳумҳои рақобатро вобаста ба ҳадафи таҳқиқот ба се гурӯҳ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст (расми 3).



Расми 3. Таснифи мафҳуми рақобат дар асоси таърифҳои олимони соҳа.
Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти адабиёти илмӣ.

Тибқи гурӯҳи якум муайян намудан мумкин аст, ки рақобат ҳамчун омили асосии бозор талабот ва таклифоти озодро таъмин намуда, барои баланд бардоштани хизматрасонӣ ва сифати молу маҳсулоти истеҳсолшаванда хизмат мекунад.

Дар гурӯҳи дуюм бошад, асосан нақши рақобат дар иқтисодиёт муайян карда шудааст, ки дар ҳақиқат ин ба рушди иқтисодиёт таъсири мусбат дошта, бар зидди монополия баромад менамояд. Дар ҳақиқат рақобат дар байни субъектҳои иқтисодӣ ва байни минтақаҳои мамлакат зарур буда, он ба болоравии иқтисодиёти миллӣ нақши калон дорад.

Тибқи гурӯҳи сеюм муайн намудан мумкин аст, ки рақобат аз усулҳои махсус, роҳҳои интихоби стратегияи рафтори корхона дар бозор ва ғайра иборат аст. Дуруст муайян намудани усулҳо ва стратегияи дуруст барои расидан ба рушди устувор ва таъмини рақобатнокӣ дар байни рақибон амалӣ мегардад.

Дар доираи таҳқиқи гузаронидашуда, қайд намудан зарур аст, ки рақобатпазирии комплекси агросаноатии минтақаҳои мамлакат ба қадри зарурӣ ташаккул ёфта, бо вуҷуди ин, мушкилотҳову камбудиҳои назаррас мавҷуданд. Дар доираи ин, таҳқиқи намудани минтақаҳои мамлакат мувофиқи мақсад буда, зарур аст, ки вазъи истеҳсолӣ-иқтисодӣ ва тамоюлҳои рушди кишоварзии вилояти Суғд, рақобатпазирии ҳудудӣ аз рӯи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дид баромада шавад.

Майдони вилояти Суғд 25,2 ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Маркази вилоят шаҳри Хуҷанд буда, дар вилоят 10 ноҳия ва 8 шаҳр, 93 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Аҳолии шаҳрҳо

671,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад ва сатҳи шаҳрсозии аҳолӣ дар маҷмӯъ ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷумҳурӣ мувофиқат мекунад.

Дар вилояти Суғд 693 корхонаи саноатӣ фаъолият дорад. Таносуби ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақа ба ҳаҷми умумии истеҳсоли он дар ҷумҳурӣ дар соли 2020 ба 50,4% расид. Барои муайян кардани сатҳи рақобатпазирии вилояти Суғд шумораи корхонаву ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Он таъсис дода шудаанд, бо дигар минтақаҳо муқоиса карда мешавад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Сохтори соҳаҳои саноати минтақаҳо дар соли 2022 (бо %)

	ВМКБ	**вилояти Суғд**	**вилояти Хатлон**	**ш. Душанбе**	**НТҶ**
Тамоми саноат	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
Саноати коркард	26,5	64,2	60,5	68,3	45,4
аз ҷумла:					
истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла маҳсулоти шоколадӣ ва тамоку	13,5	30,8	14,8	25,4	8,7
истеҳсоли бофандагӣ ва дӯзандагӣ	6,2	5,8	26,8	3,5	6,8
истеҳсоли чарм, чарм ва пойафзол	-	0,3	0,1	1,8	0,0
коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯб	1,0	0,3	0,2	0,9	0,3
истеҳсоли целлюлоза ва коғаз, фаъолияти нашриявӣ	0,5	0,2	0,0	6,3	0,3
дигар соҳаҳо	0,3	0,5	0,1	1,4	0,5
Истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об	42,9	6,3	35,3	30,2	26,9

Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия кардааст 2023 / Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. Саҳ.125-126.

Тибқи маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда муаяйн намудан мумкин аст, ки аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳо, аз қабили истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла маҳсулоти шоколадӣ ва тамоку нисбат ба дигар минтақаҳо бо нишондоди 30,8% дар пеш аст.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, минтақаҳои кишвар дар истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулоти саноатӣ вобаста ба хусусиятҳои мушаххас ва сатҳи рушди иқтисодӣ, инчунин вобаста ба шароити мушаххаси табиӣ ва хусусиятҳои иқлимӣ бартарӣ доранд. Масалан, дар вилояти Хатлон 18,3% маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ истеҳсол шудааст, дар вилояти Суғд бошад, ин нишондиҳанда камтар аз 6,4% буд. Инро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки қариб 70% (69,4%) майдони кишти пахта дар вилояти Хатлон ҷойгир аст.

Хулоса, кардан мумкин аст, ки дар натиҷаи ташаккул ёфтани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар миқёси вилояти Суғд ё дар маҷмуъ тағйирёбии таркиби иқтисодии минтақа суръати рушди устувори комплекси агросаноатии вилоят низ баланд гардида, ин имконият медиҳад, ки рақобатпазирии ин минтақа дар байни дигар минтақаҳо мустаҳкамтар гардад.

Инчунин, бо вуҷуди он ки соҳаҳои гуногуни иқтисодии вилояти Суғд дар байни диагр рақибон пешрафта ва рақобатпазир бошад ҳам соҳаи агросанотаии он ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳанӯз ба қадри зарурӣ ташаккул наёфтааст.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда

1. IPCC - Intergovernmental Panel on Climate Change, 2007: Climate Change 2007: The Physical Science Basis. Contribution of Working Group I to the Fourth \ www.ipcc.ch [retrieved on 11.4.2022].

2. Norgaard, Richard, 1994: Development Betrayed: the End of Progress and a Coevolutionary Revisioning of the Future. New York

3. Steffen, Will; Sanderson, Angelina; Tyson, Peter; Jager, ‹ill; et al., 2004: Global Change and the Earth Systems - A Planet under Pressure New York; MA - Millennium Ecosystem Assessment, 2005: Ecosystems and Human Well-Being- Synthesis. Millennium Ecosystem Assessment. Reid, Walter; et al. (Ed.). Washington D.C.

4. Алиджанов Д.А. Хусусиятҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон дар шароити татбиқи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз / Д.А. Алиджанов, С.А. Алиджанова// “Номаи донишгоҳ”-и **МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"** №4 (67) 2023. С. 59-60.

5. Жилина.Н.Н. Факторы, влияющие на экономику региона, Н.Н. Жилина,М.Р. Магдеева, Казанский инновационный университет имени В.Г. Тимирясова.

6. Невейкина Н.В. Факторы развития региона. / Н.В. Невейкина// Ученые записки Орловского государственного университета. №1 (57), 2014г. С.79.

7. Раҳимзода Ш. Ташкили механизмҳои институтсионалии рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Раҳимзода, М.Н. Эмомов//Паёми молия ва иқтисод. 2026. № 1. С. 12-19. ISSN 2663 – 0389.

8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе, 2016. С.38.

УДК: 338

АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ: МОҲИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ОН

Насриддинов Фирӯзҷон Бобоевич
и.в. профессори кафедраи бехатарии иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992-985-0-11-00
Насриддинов Бењрӯз Фирӯзҷонович
номзади илмҳои иқтисодӣ, менеҷери калони лоиҳаи обёрии вилояти Хатлон.
Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Яккачинор 142/3, 28. Телефон: +992-988-93-99-99

Мақолаи илмии мазкур ба баррасии моҳият, мундариҷа ва хусусиятҳои категории «амнияти иқтисодӣ» дар чаҳорчӯбаи иқтисодиёти миллӣ бахшида шудааст.

Дар мақола нишон дода мешавад, ки амнияти иқтисодӣ мафҳуми бисёрҷанба буда, аз се нуқтаи назар - манфиатҳои миллӣ, утуворӣ ва мустақилияти иқтисодӣ - тадқиқ кардавад спокойный. Муаллиф сохтори амнияти иқтисодиро ҳамчун натиҷаи ҳамкории мутақобилаи се шераки асосии иқтисодиёт - давлат, бизнес ва хоҷагиҳои хонагӣ - тавсиф намуда, модели математикӣ муносибати онҳоро пешниҳод мекунад.

Дар маҷмӯъ, муаллиф ба хулоса меояд, ки амнияти иқтисодӣ ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ мебошад. Натиҷаҳои тадқиқот барои такмили заминаи назариявӣ-методологии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ доранд.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ, амнияти миллӣ, иқтисодиёти миллӣ, устуворӣ, мустақилияти иқтисодӣ, таҳдидҳои иқтисодӣ, субъектҳои иқтисодиёт, манфиатҳои миллӣ.

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ: СУЩНОСТЬ И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ

Насриддинов Фирузжон Бобоевич
кандидат экономических наук, исполняющий обязанности профессора кафедры экономической безопасности Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: +992-985-0-11-00
Насриддинов Бехруз Фирузжонович
Кандидат экономических наук, старший менеджер Хатлонского ирригационного проекта. Адрес: 734049, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Яккачинор 142/3, 28. Телефон: +992-988-93-99-99

Данная научная статья посвящена рассмотрению сущности, содержания и характеристик категории «экономическая безопасность» в рамках народного хозяйства.

В статье показано, что экономическая безопасность - это многогранное понятие, изучаемое с трех точек зрения: национальные интересы, стабильность и экономическая независимость. Автор описывает структуру экономической безопасности как результат взаимодействия трех основных экономических партнеров - государства, бизнеса и домохозяйств - и представляет математическую модель их взаимоотношений.

В целом, автор приходит к выводу, что экономическая безопасность является неотъемлемой частью национальной безопасности. Результаты исследования имеют практическое значение для совершенствования теоретико-методологической базы экономической безопасности Республики Таджикистан.

Ключевые слова: экономическая безопасность, национальная безопасность, национальная экономика, стабильность, экономическая независимость, экономические угрозы, экономические субъекты, национальные интересы.

ECONOMIC SECURITY: ITS ESSENCE AND IMPORTANCE

Nasriddinov Firuzjon Boboevich
PhD in Economics, Acting Professor, Department of Economic Security, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan. Phone: +992-985-0-11-00
Nasriddinov Behruz Firuzjonovich
PhD in Economics, Senior Manager, Khatlon Irrigation Project. Address: 142/3, 28 Yakkachinor Street, Dushanbe, 734049, Republic of Tajikistan. Phone: +992-988-93-99-99

This research article examines the essence, content, and characteristics of the category "economic security" within the national economy.

The article demonstrates that economic security is a multifaceted concept studied from three perspectives: national interests, stability, and economic independence. The author describes the structure of economic security as the result of the interaction of three main economic partners-the state, businesses, and households-and presents a mathematical model of their relationships.

Overall, the author concludes that economic security is an integral part of national security. The research findings have practical implications for improving the theoretical and methodological framework for economic security in the Republic of Tajikistan.

Keywords: economic security, national security, national economy, stability, economic independence, economic threats, economic actors, national interests.

Гузориши масъала. Амнияти иқтисодӣ чун категорияи иқтисодӣ солҳои наздик дар адабиёти иқтисодии ватанӣ арзи вуҷуд намуд ва аз ҷониби муҳаққиқон вақтҳои охир ба проблемаи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

Амнияти иқтисодӣ ба таври анъанавӣ ҳамчун яке аз тавсифоти сифатии муҳими низоми иқтисодӣ баррасӣ мегардад, ки қобилияти онро ҷиҳати фароҳамсозии шароти мусоиди фаъолияти ҳаётии аҳолӣ, таъминот бо захираҳо, инкишофи иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин ба таври муттасил амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ муайян месозад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Академик Л.И. Абалкин амнияти иқтисодиро ҳамчун маҷмӯи шароитҳо ва омилҳо, ки мустақилияти иқтисодиёти миллӣ, устуворӣ, қобилияти доимии навсозӣ ва худтакмилёбии онро таъмин месозанд, тавсиф менамояд [1, с.5].

Г.В. Гутман, Ю.Н. Лапигин ва А.И. Прилепский қайд менамоянд, ки амният – ҳолати муайяни иқтисодиёт мебошад ва маҷмуи шароитҳо ва омилҳо буда наметавонад ва барои тавсифи дақиқи амнияти иқтисодӣ таърифи В.К. Сенчаговро ҷонибдорӣ менамоянд: «… ин на танҳо ҳимояи манфиатҳои миллӣ, балки омодагӣ ва қобилияти институтҳои ҳокимият ҷиҳати ташаккулии механизмҳои амалисозӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллии инкишофи иқтисодиёти мамлакат, таъмини устувории иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа маҳсуб меёбад.

Аз нигоҳи Ҷураев Х.Ғ. таҳти амнияти иқтисодӣ ҳолати ҳимояшудаи манфиатҳои иқтисодии субъект (давлат, минтақа, корхона, шахс) аз таҳдидҳои беруна ва дохилии манфӣ фаҳмида мешавад [6, с.32].

Аз рӯи андешаи Б.А. Райзберг таҳти амнияти иқтисодӣ – маҷмӯи шароитҳои аз ҷониби давлат фароҳамгардида дар назар дошта мешавад, ки ба масъалаи роҳ надодани таҳдидҳои дохиливу берунаи иқтисодӣ ба иқтисодиёти миллӣ кафолат медиҳанд [7, с.39];

Муаллифони китоби «Амнияти иқтисодӣ» (“Экономическая безопасность”) дар ҳайати О.А. Грунин, А.Д. Макаров, Л.А. Михайлов, А.Л. Михайлов, А.С. Скаридов чунин таърифи амнияти иқтисодиро пешниҳод намудаанд: «Амнияти иқтисодӣ – заминаи моддии амнияти миллӣ мебошад, ки инкишофи устувор ва собити мамлакат, инчунин истиқлолияти онро кафолат медиҳад» [8, с.16].

Тибқи андешаи О.А. Белков, амнияти иқтисодӣ – ин ҳолати сифатан муайяни иқтисодиёти мамлакат мебошад, ки аз рӯи нуқтаи назари ҷомеа нигоҳ доштан лозим аст ва ё аз рӯи миқёси афзоянда инкишоф додан зарур аст [2, с.92].

Гурӯҳи муаллифон – Е. Бухвалд, Н. Гловатская, С. Лазаренко ҷанбаҳои макроиқтисодии амнияти иқтисодиро таҳлил намуда, пешниҳод менамоянд, ки таҳти истилоҳи мазкур чунин сатҳи инкишофи иқтисодиёт бояд пиндошта шавад, ки устуворӣ иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳарбии мамлакатро дар шароити таъсири омилҳои номусоид таъмин намояд [3, с.26].

Дар рисолаи муштараки хеш Ю.И. Владимиров ва А.С. Павлов [4] ҷанбаҳои иқтисодии берунаи амнияти иқтисодиро баррасӣ намуда, зикр менамояд, ки вай тавсифи сифатии муҳими низоми иқтисодӣ мебошад ва қобилияти нигоҳдории шароитҳои муҳими фаъолияти ҳаётии аҳолӣ, таъминоти устувори захиравии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин амалисозии муттасили манфиатҳои миллӣ-давлатиро муайян месозад

Яке аз таърифҳои мукаммали амнияти иқтисодӣ, ки дар адабиёти рус васеъ имстифода мегардад, аз тарафи С.Ю. Глазев пешниҳод гардидааст: «Амнияти иқтисодӣ – ҳолати иқтисодиёт ва қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа аз лиҳози имконоти таъмини мустақили устувори инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, нигоҳдории сатҳи зарурии амнияти давлат, ҳамчунин сатҳи зарурии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити рақобати ҷаҳонӣ мебошад» [5, с.3].

Мақсади мақола – ин омӯзиши паҳлуҳои назариявии амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод. Аз нигоҳи мо, амнияти иқтисодӣ - ин чунин ҳолати иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки инкишофи устувори минбаъдаи иқтисодиётро дар шароити таъсиррасонии омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин менамояд.

Тадқиқоти консептуалии моҳияти амнияти иқтисодӣ онро аз се нуқтаи назар баррасӣ менамояд:

а) моҳияти амнияти иқтисодӣ аз лиҳози «манфиатҳо» (миллӣ, давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ғайраҳо);

б) моҳияти амнияти иқтисодӣ аз лиҳози «устуворӣ» (иқтисодиёти миллӣ, инкишофи иқтисодӣ, низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ғайраҳо.);

в) моҳияти амнияти иқтисодӣ аз лиҳози «мустақилият» (иқтисодиёт аз бозорҳои беруна, таҳияи сиёсати иқтисодӣ аз таъсири омилҳои беруна).

Бешубҳа, ба саъю кӯшиши муҳаққиқон оид ба тадқиқи ин ва ё он ҷанбаи муҳими чунин зуҳуроти мураккаб, ки амнияти иқтисодӣ ном дорад, баҳои мусбӣ додан мумкин аст. Аммо, таҳлили тадқиқоти илмӣ оид ба масъалаи зикргардида фазои нопурраи методологиро муайян месозад, ки қабл аз ҳама пурра намудан лозим аст.

Норасоиҳои асосии консепсияҳои мавҷуда инҳо мебошанд:

• амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҳолати иқтисодиёти мамлакат баррасӣ гардидааст, аммо на ҳамчун хусусияте, ки сифати умуминизомӣ дорад;

• амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҳолат озод аз ихтилофоти дохилӣ баррасӣ гардидааст (рафтори метафизикиро доро мебошад);

• таърифҳои мавҷуда марҳилаҳои нахустини инкишофи муносибатҳои иқтиодиро фаро намегиранд.

Ба андешаи мо, мавҷуд набудани тадқиқоти назариявӣ-методологии амнияти иқтисодӣ дар адабиёти иқтисодӣ омӯзиши ҷанбаҳои мазкурро хеле муҳим арзёбӣ менамояд.

Паҳнгардидатарин таърифи амнияти иқтисодӣ чунин мебошад. Амнияти иқтисодӣ - маҷмӯи шароитҳо ва омилҳое мебошад, ки мустақилияти иқтисодиёти миллӣ, устуворӣ ва қобилияти онро доир ба азнавсозии доимӣ ва худтакмилёбӣ таъмин менамояд [1]. Чунин рафтор таваҷҷуҳро ба тавсифҳои асосии амнияти иқтисодӣ равона месозад, аммо ба суоли моҳият ва табиати қавмии ӯ ҷавоб намедиҳад.

Кӯшиши таҳлили моҳияти амнияти иқтисодӣ бо ҷамъбаст намудани мазмуну мундариҷаи назариявӣ, ки заминаи методологии онро ба вуҷуд меорад, алоқаман мебошад.

Амнияти иқтисодӣ чунин категорияе мебошад, ки геометрияи мураккаби фазоӣ-замониро доро мебошад. Таърифҳои мухталифи моҳияти амнияти иқтисодӣ гуногунтаркибии зуҳуроти иқтисодии мазкурро ифода менамояд.

Вобаста ба ин, амнияти иқтисодӣ низоми бисёрҷанбае мебошад, ки аз самтҳои мухталиф баррасӣ карда мешавад:

а) талаботи субъектҳои иқтисодиёт, аз ҷумла дараҷаи қонеъсозии дигар талаботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ;

б) ҳолати иқтисодиёти миллӣ, ки ба худ маҳсулнокӣ, самаранокӣ ва чандириро дар бар мегирад;

в) вазифаи давлат, ки дар таъмини сатҳи зарурӣ ва кифояи амнияти иқтисодӣ ифода меёбад.

«Амнияти иқтисодии мамлакат» ҳамчун категорияи иқтисодӣ натиҷаи ҳамкории мутақобилаи амнияти иқтисодии агентҳои асосии иқтисодиёт (давлат, фирма ва хоҷагиҳои хонагӣ) мебошад, ки бо формулаи зерин ифода намудан мумкин аст:

Esc = i (Ess, Esb, Esh) * f, (1)

дар ин ҷо: **Esc –** амнияти иқтисодии мамлакат;

Ess – амнияти иқтисодии давлат;

Esb – амнияти иқтисодии бизнес;

Esh – амнияти иқтисодии хоҷагиҳои хонагӣ;

f – зариби таъсири системавӣ ба Esc мебошад. Вай қиммати зеринро қабул намуда метавонад [1> f ⩾0].

Новобаста ба ин моҳияти дараҷаи иқтисодии мазкур дар чунин ҳолат пурра кушода намешавад. Гуфтан мумкин аст, ки ин фақат зуҳуроти «сатҳӣ» аст. Дар асл амнияти иқтисодӣ, бинобар он ки, субъектҳои мазкури иқтисодӣ зерсохторҳои алоҳида бо таркибҳои ҷудогонаи худро доранд, хеле мафҳуми мушкил ҳисобида мешавад.

Тибқи конунгузории мавҷуда, давлатро мақомоти ҳокимияти давлатӣнамояндагӣ мекунанд, дар натиҷаи ин амнияти иқтисодии сохтори давлатӣҳамчун низоми ягонаи таъмини амнияти иқтисодии кишвар, танҳо ҳамон вақт пурра татбиқ карда мешавад, ки амнияти иқтисодии давлат дар умум ва аз ҷумла минтақаҳои он мунтазам ва мураттаб таъмин карда шавад. Маҳз барои ҳамин мо чунин меҳисобем, ки принсипи асосии фаъолияти босамари мукаммали низоми амнияти иқтисодӣ, риояи якхелаи манфиатҳои ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Ташхиси таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ягон давлат наметавонад амнияти иқтисодии ҳамаи субъектҳои иқтисодиро таъмин намояд ва ҳатто кӯшиши гузоштани чунин вазифаро дар назди худ намекунад. Вазифаи ӯ аз он иборат аст, ки бо мақсади паст намудани сатҳи таҳдидҳои беруна ва хавфҳо барои таъмини қонунгузорӣ, иттилоотӣ ва дигар фаъолияти корхонаҳо, ба онҳо шароити зарура муҳайё созад.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти вобастагии манфиатҳои иқтисодии ҳамаи се намуди тиҷорат вуҷуд дорад. Дар иқтисодиёти бозоргонии пешрафта, дар он ҷое, ки қонунгузорӣ ҳуқуқҳои баробари навъҳои гуногуни тиҷоратро таъмин мекунад ва низоми тақсимшудаи дастгирии тиҷорати хурд ва миёна амал мекунад, ҷараёни якҷоякунии манфиатҳои ин се наввъи соҳибкорӣ камтар ихтилофнок аст.

Ҳамин тариқ, амнияти иқтисодӣ қисми асосӣ ва ҷудонашандаи амнияти миллӣ буда, дар навбати худ дараҷаи таркибан мураккаби илмиро ифода мекунад.

Дар он, ҳамчун дар дараҷаи илмӣ, тартиби нисбатан баланди объектҳо ва субъектҳои амниятӣ, арзишҳо, талабот, ҳадафҳо, манфиатҳо ва таҳдидҳои манфиатҳои мазкур тақсим мешаванд. Амнияти иқтисодӣ инчунин,ҳамчун низоми ягонаи шаклҳо ва намудҳо баррасӣ мешавад, ки ҳар яке аз онҳо зернизоми мустақили дорои хусусиятҳои махсуси худ мебошанд.

Адабиёт

1. Абалкин Л.И. Экономическая безопасность России: угрозы и их отражение // Вопросы экономики. 2004. № 12. С. 5.
2. Бельков О. А. Понятийно-категориальный аппарат концепции национальной безопасности // Безопасность. – 2004. – № 3. – С. 92
3. Бухвальд Е., Гловацкая Н., Лазаренко С. Макроаспекты экономической безопасности: факторы, критерии и показатели // Вопросы экономики. − 2014. – № 12. – С. 26
4. Владимиров Ю.И., Павлов А.С. Внешнеэкономический аспект экономической безопасности Российской Федерации // Безопасность. – 2014. – № 3. – С. 61.
5. Глазьев С.Ю. Основы обеспечения экономической безопасности страны – альтернативный реформационный курс // Российский экономический журнал. – 2015. − № 1. – С. 3.
6. Джураев Х.Г. Теоретические вопросы обеспечения экономической безопасности в условиях переходной экономики. С. 32.
7. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. М., 2016. С. 39.
8. Экономическая безопасность: учеб. для вузов / О.А. Грунин [и др.]. М., 2015. С. 16.

УДК 338.43:364.22(575.3)

ПРОДОВОЛЬСТВЕННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ КАК СТРАТЕГИЧЕСКИЙ ФАКТОР СНИЖЕНИЯ БЕДНОСТИ И СОЦИАЛЬНОГО НЕРАВЕНСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Нодиров Музаффар Абдуллоевич
соискатель Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, Душанбе, ул. Айни 44. тел.: +992907500314, e-mail: **muzaffar.wfp1959@gmail.com**.

Данная статья посвящена исследованию продовольственной безопасности как важнейшего социально-экономического фактора снижения бедности и социального неравенства в Республике Таджикистан. Рассматривается актуальность проблемы в условиях ограниченности внутренних ресурсов, высокой доли продовольственных расходов в бюджете домохозяйств, зависимости от импорта и воздействия внешних и климатических рисков. Раскрываются теоретические подходы к понятию продовольственной безопасности, представленные в трудах ФАО, Всемирного банка и национальных стратегических документах Республики Таджикистан, с акцентом на её экономическую доступность и стабильность. Анализируется взаимосвязь продовольственной обеспеченности с уровнем доходов населения, структурой потребления, качеством питания и формированием человеческого капитала. Показано, что в условиях относительно низкого имущественного расслоения именно доступность и устойчивость продовольственного обеспечения выступают ключевыми детерминантами бедности и элементов социального и регионального неравенства. Обоснована научная и практическая значимость исследования для формирования и реализации государственной политики в сфере продовольственной безопасности и социальной защиты населения.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, бедность, социальное неравенство, уровень жизни, доступность продовольствия, человеческий капитал, Республика Таджикистан.

FOOD SECURITY AS A FACTOR IN REDUCING POVERTY AND SOCIAL INEQUALITY PART I. THE SOCIO-ECONOMIC ROLE OF FOOD SECURITY IN REDUCING POVERTY AND SOCIAL INEQUALITY

Nodirov Muzaffar Abdulloevich
Applicant (Research Degree Seeker) at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Dushanbe, 44 Ayni Street. Tel.: +992907500314, e-**muzaffar.wfp1959@gmail.com**.

The first part of the article is devoted to the study of food security as a crucial socio-economic factor in reducing poverty and social inequality in the Republic of Tajikistan. The relevance of the problem is considered in the context of limited domestic resources, a high share of food expenditures in household budgets, dependence on imports, and exposure to external and climatic risks. Theoretical approaches to the concept of food security, presented in the works of the FAO, the World Bank, and national strategic documents of the Republic of Tajikistan, are revealed, with an emphasis on its economic accessibility and stability. The relationship between food provision, income levels, consumption patterns, nutrition quality, and human capital formation is analyzed. It is shown that, under conditions of relatively low wealth stratification, it is precisely the accessibility and stability of food provision that act as key determinants of poverty and elements of social and regional inequality. The scientific and practical significance of the study is substantiated for the formation and implementation of state policy in the field of food security and social protection of the population.

Keywords: food security, poverty, social inequality, living standards, food accessibility, human capital, Republic of Tajikistan.

АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ КОҲИШИ КАМБИЗОАТӢ ВА НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ ҚИСМИ I. НАҚШИ СОЦИАЛӢ-ИҚТИСОДИИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР КОҲИШИ КАМБИЗОАТӢ ВА НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ

Нодиров Музаффар Абдуллоевич
унвончуйи Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44.
Тел.: +992907500314, почтаи электронӣ: **muzaffar.wfp1959@gmail.com**.

Қисми аввалини мақола ба таҳлили амнияти озуқаворӣ ҳамчун омили муҳимтарини иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар коҳиш додани камбизоатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида

шудааст. Аҳамияти масъала дар заминаи маҳдуд будани захираҳои дохилӣ, ҳиссаи баланди харочоти озуқаворӣ дар буҷети хоҷагиҳои хонаводагӣ, вобастагӣ аз воридот ва таъсири хатарҳои берунӣ ва иқлимӣ баррасӣ мегардад. Роҳравҳои назариявӣ ба мафҳуми амнияти озуқаворӣ, ки дар асарҳои ФАО, Бонки Ҷаҳонӣ ва санадҳои стратегӣ миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, бо таъкид ба дастрасӣ ва устувории иқтисодии он кушода мешаванд. Муносибати таъмини озуқаворӣ бо сатҳи даромади аҳолӣ, сохти истеъмол, сифати ғизо ва ташаккули капитали инсонӣ таҳлил карда мешавад. Нишон дода мешавад, ки дар шароити тақсимоти нисбатан пасти молу мулк, дастрастӣ ва устувории таъмини озуқаворӣ маҳз ҳамчун омилҳои асосии камбизоатӣ ва унсурҳои нобаробарии иҷтимоӣ ва минтақавӣ амал мекунанд. Муҳимияти илмӣ ва амалӣии тадқиқот барои таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ асоснок карда мешавад.

Калидвожахо: амнияти озуқаворӣ, камбизоатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, сатҳи зиндагӣ, дастрасии озуқа, капитали инсонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Введение. В условиях социально-экономического развития Республики Таджикистан проблема продовольственной безопасности приобретает особую актуальность и рассматривается как один из ключевых факторов снижения бедности и социального неравенства [1; 2]. Ограниченность внутренних ресурсов, высокая зависимость от импорта отдельных видов продовольствия, инфляционные процессы, а также воздействие климатических и внешнеэкономических рисков усиливают уязвимость домохозяйств, прежде всего малообеспеченных слоёв населения [6] . Значительная доля расходов на продукты питания в структуре семейного бюджета делает уровень жизни населения чувствительным к колебаниям цен и доходов, что напрямую отражается на качестве питания, социальной устойчивости и региональных различиях в благосостоянии [4;7] .

В то же время укрепление продовольственной безопасности создаёт предпосылки для устойчивого сокращения бедности за счёт развития аграрного сектора, роста занятости и доходов сельского населения, стабилизации цен и повышения экономической доступности продовольствия [1; 8]. Улучшение качества питания способствует укреплению здоровья и развитию человеческого капитала, что имеет долгосрочное значение для социально-экономического роста страны [6;14]. В этой связи исследование продовольственной безопасности как инструмента снижения бедности и социального неравенства приобретает не только научную, но и практическую значимость для формирования эффективной государственной политики в Республике Таджикистан [2].

Теоретико-методологические основы исследования продовольственной безопасности формируются на основе совокупности современных социально-экономических концепций и научных подходов, рассматривающих продовольственное обеспечение как ключевое условие устойчивого развития и социальной стабильности [1; 10]. В международной научной практике базовым является подход, сформулированный Продовольственной и сельскохозяйственной организацией ООН (ФАО) [4;5], согласно которому продовольственная безопасность трактуется как состояние, при котором все люди в любое время имеют физический и экономический доступ к достаточному, безопасному и качественному продовольствию для ведения активной и здоровой жизни [1]. Данный подход дополняется концепциями Всемирного банка, акцентирующими внимание на взаимосвязи продовольственной обеспеченности с уровнем доходов населения, устойчивостью продовольственных систем и их способностью противостоять внутренним и внешним рискам [5].

В национальном контексте Республики Таджикистан теоретические основы продовольственной безопасности закреплены в стратегических и программных документах, где она рассматривается как способность государства обеспечить население основными продуктами питания за счёт приоритетного развития внутреннего производства и рационального использования импортных ресурсов [8]. Такой подход отражает специфику социально-экономического развития страны, связанную с ограниченностью природных ресурсов, высокой долей сельского населения и значительным влиянием внешнеэкономических и климатических факторов [9]. В рамках данного подхода продовольственная безопасность выступает не только как экономическая категория, но и как важный элемент социальной политики и национальной устойчивости.

С теоретической точки зрения продовольственная безопасность включает несколько взаимосвязанных компонентов: наличие продовольствия, физическую и экономическую доступность, качество и безопасность питания, а также стабильность продовольственного обеспечения [1; 7]. Для Республики Таджикистан особое значение имеет экономическая доступность продовольствия, поскольку значительная часть доходов домохозяйств направляется на питание. Рост цен на продовольственные товары в условиях ограниченных и нестабильных доходов усиливает уязвимость населения и повышает риски бедности [3]. Существенную роль играет и компонент стабильности,

отражающий способность национальной продовольственной системы противостоять климатическим, ценовым и внешнеторговым шокам.

Анализ продовольственной безопасности в увязке с бедностью и социальным неравенством базируется на теориях абсолютной и относительной бедности, а также на концепции человеческого капитала [6;11]. В рамках абсолютного подхода бедность определяется как невозможность удовлетворения базовых жизненных потребностей, включая потребности в полноценном питании, что подчёркивает прямую зависимость уровня жизни населения от состояния продовольственной безопасности [12]. Относительный подход позволяет выявить социальную дифференциацию и неравномерность доступа к продовольственным ресурсам между различными социальными и региональными группами [11].

Методологической основой исследования послужили методы анализа и синтеза, системного и сравнительного анализа, а также статистические методы обработки социально-экономических данных. Информационную базу исследования составили официальные статистические данные Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, материалы международных организаций и результаты научных исследований отечественных и зарубежных авторов [1;2;3]. Применение комплексного методологического инструментария позволило обеспечить целостное рассмотрение продовольственной безопасности как социально-экономического явления и выявить её роль в снижении бедности и социального неравенства без изменения логики и внутренней структуры исследования.

Взаимосвязь продовольственной безопасности, бедности и социального неравенства в Республике Таджикистан. В Республике Таджикистан продовольственная безопасность выступает одним из ключевых факторов, определяющих уровень жизни населения и масштабы бедности. При относительно невысоком уровне социального расслоения, характерном для страны, основное социально-экономическое напряжение формируется не столько за счёт глубокого имущественного неравенства, сколько вследствие различий в уровне доходов, доступе к продовольствию и устойчивости источников средств к существованию. В этих условиях именно продовольственная обеспеченность домохозяйств становится важнейшим индикатором их социального благополучия.

Влияние продовольственной безопасности на доходы и расходы домохозяйств проявляется прежде всего через структуру потребления. Для большинства таджикских семей расходы на продукты питания занимают значительную долю семейного бюджета, особенно в сельской местности. Низкий уровень доходов и их нестабильность делают домохозяйства уязвимыми к росту цен на основные продукты питания [15]. В результате ухудшение продовольственной обеспеченности приводит к снижению реальных доходов, сокращению потребления и росту рисков бедности, даже при отсутствии выраженного социального расслоения.

Продовольственные расходы выступают одним из ключевых индикаторов бедности. Чем выше доля расходов на питание в общем объёме потребительских расходов домохозяйства, тем ниже уровень его экономического благополучия. В условиях Таджикистана данный показатель особенно информативен, поскольку отражает не только уровень доходов, но и степень экономической доступности продовольствия. Рост цен на продукты питания приводит к перераспределению семейных расходов в ущерб образованию, здравоохранению и другим социально значимым статьям, что усиливает уязвимость населения и ограничивает возможности социального развития.

Полноценное и сбалансированное питание играет важную роль в формировании человеческого капитала, оказывая прямое влияние на состояние здоровья, уровень образования и производительность труда. Недостаточное потребление качественных продуктов питания негативно сказывается на физическом и интеллектуальном развитии детей, снижает трудовой потенциал взрослого населения и увеличивает социальные издержки государства. В долгосрочной перспективе это ограничивает экономический рост и снижает эффективность мер по сокращению бедности, несмотря на относительно низкий уровень социального неравенства.

Социальные последствия продовольственной нестабильности в Таджикистане проявляются преимущественно в форме уязвимости отдельных социальных и региональных групп, а не в виде выраженного социального расслоения [13].Наиболее подвержены рискам бедности сельское население, домохозяйства с низкими доходами, семьи с детьми и жители труднодоступных регионов. Межрегиональные различия в уровне продовольственной обеспеченности обусловлены природно-климатическими условиями, развитием инфраструктуры и доступом к рынкам сбыта. Таким образом, продовольственная нестабильность формирует элементы межрегионального и социального неравенства, не носящие системного характера, но требующие адресных мер государственной политики.

С целью наглядного отражения ключевых взаимосвязей между состоянием продовольственной безопасности, уровнем бедности и масштабами социального неравенства в Республике Таджикистан ниже представлена соответствующая таблица.

С целью наглядного отражения ключевых взаимосвязей между состоянием продовольственной безопасности, уровнем бедности и масштабами социального неравенства в Республике Таджикистан ниже представлена соответствующая таблица.

Таблица 1.

Взаимосвязь продовольственной безопасности, бедности и социального неравенства в РТ

Компонент/фактор	Как проявляется в Таджикистане	Влияние на бедность	Влияние на социальное неравенство
Доступность продовольствия	Ограниченная доступность в горных и отдалённых районах, зависимость от сезона и транспортной инфраструктуры	Снижение доступности ведёт к росту расходов и ухудшению качества питания	Формирует региональные различия в уровне жизни
Экономическая доступность (доходы/цены	Высокая доля расходов на питание в бюджете домохозяйств, нестабильность доходов	Рост цен повышает долю продовольственных расходов и усиливает бедность	Усиливает уязвимость низкообеспеченных домохозяйств
Качество и безопасность питания	Недостаток разнообразия питания, влияние сезонности, риск дефицита витаминов и белка	Низкое качество питания снижает трудоспособность и доходы	Усугубляет социальные различия по здоровью и возможностям
Стабильность продовольственного обеспечения	Влияние климатических рисков, импортной зависимости по отдельным продуктам	Шоки (засуха, рост цен) приводят к резкому ухудшению благосостояния	Усиливает уязвимость отдельных регионов и групп населения
Продовольственные расходы как индикатор бедности	Доля расходов на питание в бюджете высока, особенно у сельских домохозяйств	Высокая доля указывает на низкий уровень доходов и риск бедности	Усиливает уязвимость отдельных регионов и групп населения
Роль питания в формировании человеческого капитала	Недостаток питательных продуктов влияет на здоровье, развитие детей и трудоспособность	Снижает качество человеческого капитала и ограничивает рост доходов	Ведёт к неравенству в возможностях (образование, здоровье)
Социальные последствия продовольственной нестабильности	Уязвимость сельского населения, семей с детьми, жителей отдалённых районов	Увеличивает число бедных и риск социального неблагополучия	Создаёт элементы регионального и группового неравенства

Источник: составлено автором на основе [3;4;5;6;7;8]:

Представленная таблица 1 отражает ключевые направления взаимосвязи продовольственной безопасности, бедности и социального неравенства в Республике Таджикистан с учётом национальной социально-экономической специфики. В условиях относительно низкого уровня имущественного расслоения в стране основное влияние на уровень благосостояния населения оказывают не различия в накопленном капитале, а доступность и стабильность продовольственного обеспечения.

Данные таблицы показывают, что продовольственная безопасность напрямую влияет на уровень бедности через структуру доходов и расходов домохозяйств. Высокая доля продовольственных расходов в семейном бюджете выступает важнейшим индикатором бедности, поскольку рост цен на продукты питания приводит к сокращению потребления и перераспределению расходов в ущерб образованию, здравоохранению и другим социально значимым направлениям. Это усиливает уязвимость домохозяйств даже при отсутствии выраженного социального расслоения.

Особое внимание в таблице уделено экономической и физической доступности продовольствия, которые в Таджикистане существенно различаются по регионам. Ограниченная транспортная инфраструктура и природно-климатические условия формируют межрегиональные различия в уровне продовольственной обеспеченности, что проявляется в виде элементов социального неравенства регионального характера.

Важным выводом является роль качества и стабильности питания в формировании человеческого капитала. Недостаток полноценного питания негативно отражается на здоровье и трудоспособности населения, ограничивая возможности роста доходов и снижения бедности в долгосрочной перспективе. Таким образом, продовольственная нестабильность усиливает социальную уязвимость отдельных групп населения, прежде всего сельских домохозяйств, семей с детьми и жителей отдалённых районов.

В целом взаимосвязь продовольственной безопасности, бедности и социального неравенства в Республике Таджикистан носит специфический характер. При отсутствии значительного имущественного расслоения именно доступность и стабильность продовольственного обеспечения определяют уровень благосостояния населения и социальную устойчивость общества, что подчёркивает ключевую роль продовольственной безопасности в стратегии снижения бедности и повышения качества жизни.

Результаты исследования. Современное социально-экономическое развитие Республики Таджикистан характеризуется сочетанием устойчивого экономического роста и сохраняющихся структурных ограничений в сфере доходов населения и продовольственной безопасности. Несмотря на позитивную динамику макроэкономических показателей и сокращение уровня бедности за последние годы, значительная часть домохозяйств остаётся уязвимой к ценовым шокам и колебаниям доходов, прежде всего вследствие высокой доли расходов на питание и ограниченной продовольственной самообеспеченности по ряду ключевых продуктов. В этих условиях анализ доходов и расходов населения, состояния аграрного сектора и ценовой доступности продовольствия позволяет комплексно оценить текущее состояние продовольственной безопасности и связанные с ней социальные риски.

Доходы и расходы домохозяйств являются важнейшим индикатором экономической доступности продовольствия и уровня жизни населения. По данным официальной статистики Республики Таджикистан, в последние годы наблюдается рост среднедушевых денежных доходов населения, что свидетельствует о постепенном улучшении материального положения домохозяйств. Вместе с тем рост доходов сопровождается опережающим увеличением потребительских расходов, прежде всего на продукты питания и другие базовые товары, что ограничивает возможности накоплений и снижает устойчивость домохозяйств к экономическим и ценовым шокам.

Высокая доля продовольственных расходов в структуре бюджета, особенно у сельских домохозяйств, указывает на сохраняющуюся уязвимость населения. Даже при росте номинальных и реальных доходов экономическая доступность продовольствия остаётся ограниченной, поскольку значительная часть дополнительных доходов направляется на компенсацию роста цен. В этом контексте динамика доходов и расходов выступает не только показателем уровня благосостояния, но и прямым индикатором продовольственной безопасности.

Наглядное соотношение доходов и расходов домохозяйств отражено на рисунке 1, который демонстрирует, что в анализируемом периоде расходы стабильно превышают доходы или растут сопоставимыми темпами. Это свидетельствует о сохраняющемся напряжении в бюджетах

домохозяйств и высокой чувствительности продовольственной доступности к инфляционным процессам.



Синяя линия - отражает динамику среднемесячных **доходов домохозяйств** в расчёте на одного человека.

Оранжевая линия - отражает динамику среднемесячных **расходов домохозяйств** в расчёте на одного человека.

Примечание: сглаженные линии построены на основе официальных статистических данных и отражают общую тенденцию изменения доходов и расходов домохозяйств.

Рисунок 1. Динамика доходов и расходов домохозяйств Республики Таджикистан

Источник: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан.

Как видно из рисунка 1, в 2010–2023 гг. наблюдается устойчивая тенденция роста как доходов, так и расходов домохозяйств. При этом в отдельные периоды темпы роста расходов опережают динамику доходов, что указывает на повышение финансовой нагрузки на бюджеты домохозяйств и формирование рисков снижения уровня сбережений, особенно среди социально уязвимых групп населения.

Рост расходов и доходов домохозяйств, а также выявленные финансовые нагрузки, подчеркивают важность анализа аграрного сектора как ключевого источника продовольственной самообеспеченности и формирования устойчивого уровня питания населения [15].

Обсуждение. В целом аграрный сектор традиционно играет ключевую роль в обеспечении продовольственной безопасности Республики Таджикистан, формируя значительную часть занятости и доходов сельского населения, а также выступая важнейшим источником средств к существованию для уязвимых социальных групп [1; 2]. В условиях высокой доли сельского населения и ограниченных альтернативных источников доходов развитие сельского хозяйства оказывает прямое влияние на уровень бедности и социальную устойчивость регионов. В последние годы сельское хозяйство демонстрирует положительную динамику производства основных видов продукции, включая зерновые, овощи, фрукты и бахчевые культуры, что способствует укреплению внутреннего продовольственного обеспечения и частичному снижению зависимости от импорта по отдельным позициям [3].

Вместе с тем уровень продовольственной самообеспеченности остаётся неоднородным и уязвимым. По ряду стратегически важных продуктов, прежде всего пшенице, растительному маслу и сахару, страна сохраняет высокую импортозависимость, что формирует структурные риски для национальной продовольственной системы [4; 5]. Данная ситуация обусловлена совокупностью внутренних факторов, включая дефицит орошаемых земель, высокий износ ирригационной инфраструктуры, ограниченное внедрение современных агротехнологий, а также недостаточный

доступ фермеров к финансовым ресурсам и страховым механизмам [2]. Эти ограничения снижают производительность сельского хозяйства и сдерживают рост его вклада в устойчивое сокращение бедности.

Сохраняющаяся зависимость от импорта продовольствия делает национальную продовольственную систему чувствительной к внешним ценовым колебаниям, логистическим сбоям и изменениям внешнеэкономической конъюнктуры. Рост мировых цен на продовольственные товары, валютные колебания и геоэкономическая нестабильность напрямую отражаются на внутреннем рынке, усиливая инфляционное давление и снижая экономическую доступность питания для населения [4; 6]. В условиях Таджикистана данные процессы оказывают особенно сильное воздействие на малообеспеченные домохозяйства, для которых расходы на продукты питания составляют значительную часть семейного бюджета [3].

Ценовая доступность продовольствия является одним из наиболее чувствительных и социально значимых компонентов продовольственной безопасности. Инфляционные процессы и периодические скачки цен на основные продукты питания оказывают непосредственное влияние на покупательскую способность домохозяйств, особенно в условиях ограниченного и нестабильного роста доходов [3; 6]. Рост цен на хлебобулочные изделия, сахар, мясо и растительное масло приводит к увеличению доли продовольственных расходов, вынуждая домохозяйства сокращать потребление более качественных и разнообразных продуктов, что негативно сказывается на рационе питания и уровне жизни.

Наиболее уязвимыми к росту цен остаются сельское население, малообеспеченные домохозяйства, семьи с детьми и жители отдалённых и горных регионов. Для этих групп даже незначительное удорожание продовольствия может привести к ухудшению качества питания, росту продовольственной бедности и усилению социальной уязвимости [7; 8]. Социальные последствия ценовой нестабильности проявляются не только в краткосрочном снижении уровня потребления, но и в долгосрочных эффектах, связанных с ухудшением здоровья населения, снижением образовательных возможностей и ослаблением человеческого капитала [9].

Таким образом, ценовая доступность продовольствия выступает ключевым каналом воздействия продовольственной безопасности на уровень бедности и социальную устойчивость общества. В условиях Республики Таджикистан обеспечение стабильности цен и экономической доступности продовольствия требует активного государственного регулирования, направленного на поддержку внутреннего производства, модернизацию аграрной и ирригационной инфраструктуры, развитие сельских рынков и транспортной логистики, а также реализацию адресных мер социальной защиты наиболее уязвимых групп населения [1; 2; 4]. Реализация данных мер позволит не только снизить текущие риски продовольственной бедности, но и создать устойчивые предпосылки для долгосрочного социально-экономического развития страны.

Заключение. В результате анализа теоретических и социально-экономических аспектов продовольственной безопасности установлено, что в условиях Республики Таджикистан она выступает ключевым фактором, определяющим уровень жизни населения и устойчивость социальной системы. При относительно низком уровне имущественного расслоения именно доступность, качество и стабильность продовольственного обеспечения формируют основные различия в социальном благополучии домохозяйств. Высокая доля расходов на питание в структуре семейного бюджета, зависимость от ценовой конъюнктуры и региональные различия в доступе к продовольствию усиливают уязвимость отдельных социальных групп и оказывают непосредственное влияние на масштабы бедности.

Таким образом, продовольственная безопасность в Республике Таджикистан выступает не только экономической, но и социальной категорией, определяющей специфический механизм формирования социального неравенства. Ограниченная экономическая и физическая доступность продовольствия, нестабильность цен и внешние риски трансформируются в факторы социальной дифференциации, прежде всего по региональному и доходному признакам. Это подтверждает, что укрепление продовольственной безопасности является необходимым условием снижения бедности, повышения качества жизни и обеспечения долгосрочной социальной устойчивости страны.

Литература

1. Стратегия национального развития Республики Таджикистан до 2030 года. Душанбе, 2021. https://khovar.tj/wp-content/uploads/2017/01/NSR-2030_russkij.pdf?ysclid=mldrww3afj454777028

2. Программы развития аграрного сектора Республики Таджикистан. Министерство сельского хозяйства Республики Таджикистан, Душанбе, 2022. https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=148599&ysclid=mldryo1wip582263311

3. 3.Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан Официальные статистические данные за 2010–2023 гг. Душанбе, 2023. https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2024/08/ezhegodnik-2023.pdfж

4. FAO. The State of Food Security and Nutrition in the World. https://www.fao.org/publications/fao-flagship-publications/the-state-of-food-security-and-nutrition-in-the-

5. World Bank. Food Security and Poverty Reduction. Poverty and Shared Prosperity 2022: Correcting Course. Washington, DC: World Bank, 2022. https://www.worldbank.org/en/publication/poverty-and-shared-prosperity

6. HLPE. Reducing Inequalities for Food Security and Nutrition. https://www.csm4cfs.org/hlpe-report-on-reducing-inequalities-for-food-security-and-nutrition/

7. Deaton A. The Analysis of Household Surveys. https://openknowledge.worldbank.org/server/api/core/bitstreams/f9f3cfaa-a06c-5755-8c10-bdcfddeaa42d/content

8. OECD. Food Security and Social Protection. https://www.researchgate.net/publication/390025109_Mapping_food_security_in_OECD_countries_Clusters_insights_and_policy_strategies

9. Becker G. Human Capital. https://books.apple.com/us/book/human-capital/id6503581815

10. Sen A. Poverty and Famines https://books.google.ru/books?id=FVC9eqGkMr8C&redir_esc=y

11. Холбобоев, Ф. С. Омилҳо ва марҳилаҳои асосии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон: арзебии тамоюлҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар солҳои истиқлолият / Ф. С. Холбобоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – No. 4. – P. 9-19. – EDN XJKUSW.

12. Холбобоев, Ф. С. Влияние социально-экономических условий на территориальную мобильность населения (на материалах Республики Таджикистан) : специальность 08.00.05 "Экономика и управление народным хозяйством (по отраслям и сферам деятельности, в т.ч.: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами; управление инновациями; региональная экономика; логистика; экономика труда; экономика народонаселения и демография; экономика природопользования; экономика предпринимательства; маркетинг; менеджмент; ценообразование; экономическая безопасность; стандартизация и управление качеством продукции; землеустройство; рекреация и туризм)" : автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Холбобоев Файзулло Самадович. – Москва, 1995. – 23 с. – EDN ZLQRJV.

13. Шарипов, Б. М. Экономика Таджикистана в условиях влияния внешних шоков / Б. М. Шарипов, Ф. С. Холбобоев, Д. Т. Назаров // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 4-1(33). – С. 38-45. – EDN UMNZAO.

14. Джонакова, Г. А. Проблемы измерения качества жизни населения (вопросы методики) / Г. А. Джонакова // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 4-1. – С. 158-164. – EDN SYSBLO.

15. Джонакова, Г. А. Институциональные факторы обеспечения роста доходов населения (в условиях ускоренной индустриализации регионов) / Г. А. Джонакова // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 4-1. – С. 106-110. – EDN JXPHLQ.

УДК 311

РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

Нуров Нусратулло Қудратуллоевич

устоди калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,.Суроға:734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбд 48/5 E-mail:nusratullo.nurov.82@inbox.ru Тел. 988810148.

Аннотатсия Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва таҳлили нақши соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими рушди устувори иқтисоди миллӣ бахшида шудааст. Дар он моҳият, вазифа ва хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчунин таъсири он ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики асосии пешрафти иқтисодӣ арзёбӣ шудааст. Инчунин нақши соҳибкорӣ дар баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, афзоиши истеҳсолот, ғанисозии буҷети давлатӣ ва ҷалби сармоя бориз арзёбӣ гаштааст. Дар мақола сармояи инсонӣ ҳамчун омили стратегӣ дар рушд ва фаъолияти соҳибкорӣ эътироф гардида, муаллиф сатҳу сифати зиндагии аҳолиро аз донишу маҳорат ва малакаи касбии соҳибкорон ва хизматрасонии онҳо вобаста мешуморад.

Калидвожаҳо: иқтисоди миллӣ, соҳибкорӣ, рушди иқтисодӣ, инноватсия, сармоягузорӣ, рақобат, рақамисозӣ, сиёсати давлатӣ, рушди устувор, сармояи инсонӣ.

РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА НА ОСНОВЕ ФОРМИРОВАНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

Нуров Нусратулло Кудратуллоевич

старший преподаватель кафедры государственного и местного управления Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, адрес: 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Борбд 48/5, электронная почта: nusratullo.nurov.82@inbox.ru, тел. 988810148.

Аннотация Настоящая статья посвящена изучению и анализу роли предпринимательства как одного из важных факторов устойчивого развития национальной экономики. В ней рассматриваются сущность, задачи и особенности предпринимательской деятельности, а также ее влияние на экономическое, социальное и технологическое развитие. В статье рассматривается предпринимательство как основной двигатель экономического прогресса. Также наглядно оценивается роль предпринимательства в повышении уровня занятости населения, увеличении производства, пополнении государственного бюджета и привлечении капитала. В статье человеческий капитал признается стратегическим фактором в развитии и деятельности предпринимательства, и автор считает, что уровень и качество жизни населения зависят от знаний, навыков и профессиональной компетентности предпринимателей и предоставляемых ими услуг.

Ключевые слова: национальная экономика, предпринимательство, экономическое развитие, инновации, инвестиции, конкуренция, цифровизация, государственная политика, устойчивое развитие, человеческий капитал.

DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURSHIP BASED ON THE FORMATION OF HUMAN CAPITAL

Nurov Nusratullo Kudratulloevich

Senior Lecturer, Department of Public and Local Administration, International University of Tourism and Entrepreneurship, Tajikistan, Address: 48/5 Borbd Avenue, Dushanbe, 734055, Republic of Tajikistan, Email: nusratullo.nurov.82@inbox.ru, Tel.: 988810148.

Annotation This article examines and analyzes the role of entrepreneurship as a key factor in the sustainable development of the national economy. It examines the nature, objectives, and characteristics of entrepreneurial activity, as well as its impact on economic, social, and technological development. The article examines entrepreneurship as the primary driver of economic progress. It also provides a clear assessment of the role of entrepreneurship in increasing employment, expanding production, replenishing the state budget, and attracting capital. The article recognizes human capital as a strategic factor in the development and operation of entrepreneurship, and the author believes that the standard and quality of life of the population depend on the knowledge, skills and professional competence of entrepreneurs and the services they provide.

Keywords: national economy, entrepreneurship, economic development, innovation, investment, competition, digitalization, public policy, sustainable development, human capital.

Гузориши масъала. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ яке аз масоили мубрам ба шумор меравад. Зеро рушди тамоми соҳаҳо ва махсусан соҳаи иқтисодиёт ва заминаи асосии муваффақиятҳои соҳаи соҳибкорӣ аз сармояи инсонӣ- сатҳи дониш, малака, таҷриба ва қобилияти эҷодии аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи донишҳои назариявию малакаҳои амалӣ, таҷрибаи касбӣ, фарҳанги иқтисодӣ ва қобилияти навоварӣ асоси рушди соҳибкориро ташкил медиҳад. Бе ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ таъсиси корхонаҳо, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳои рақобатпазир, ба истеҳсолот ворид намудани технологияҳои муосир ҷиҳати мутобиқшавӣ ба талаботҳои бозори дохилӣ ба баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ ғайриимкон мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамоҳангӣ байни рушди соҳибкорӣ ва ташаккули сармояи инсонӣ ҷиҳати муайянсозии омилҳои калидӣ ва муайянсозии дурнамои такмили он яке аз масоилҳои мубрами бахши иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Тули даврони соҳибистиқлолӣ масоилҳои марбут ба рушди соҳибкорӣ дар заминаи ташаккули сармояи инсонӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии иқтисодӣ табдил ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити иқтисодиёти ба дониш асосёфта сармояи инсонӣ яке аз омилҳои калидӣ ва дар ин замина манбаи асосии рушди инноватсионӣ ҳамзамон рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ баромад менамояд..

Мақсади мақола –омӯзиши омилҳои рушди соҳибкорӣ дар заминаи ташаккули сармояи инсонӣ ва муайян намудани муҳиммият ва афзалиятҳои донишу малака, таҷрибаи касбӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамзамон рушд ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Истиқлолият, неъмати бебаҳо ва сарвати миллии ҳар як миллати соҳибватану соҳибдавлат маҳсуб меёбад. Дар замина ин муайян намудани самтҳои рушди стратегӣ ва иқтисодии устувори он таъмин мегардад. Таҷрибаи таърихӣ собит менамояд, ки пешравии халқу миллатҳое, ки ҳуқуқҳои худро мустақилона амалӣ мегардонанд, ҳамешагӣ буда, саҳми онҳо дар рушду нумӯи инсоният аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ назаррас аст. Агар ба харитаи сиёсии имрӯзаи љањон назар афканем аён аст, ки тафовути сатњи пешравии давлатњои соҳибистиқлол ва мустақил, инчунин нишондињандањои рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Зеро сарчашмаи тамоми муваффақияту музаффарият, соҳибистилолии давлат, сарҷаъмии миллат ва якпорчагии ватани аҷдодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза, ки буҳронҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва рақобат дар бозорҳои ҷаҳон шиддат меёбад, Ҳукумати мамлакат стратегия ва барномаҳои худро ба ҳалли масъалаҳои баланд бардории рақобатнокии молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ, мутобиқ намудани сифати онҳо ба меъёр ва стандартҳои СУС, Иттиҳоди иқтисодии АвроОсиё ва дигар бозорҳои эҳтимолии фурӯш, такмилдиҳии амалиётҳои бастабандӣ тамғагузорӣ ва амалӣ намудани барномаҳои инноватсионӣ дар истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, ташкил намудани хизматрасониҳои логистикӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва амсоли ин равона намудааст[9; с 92].

Воқеияти ҷаҳонии муосир нишон медиҳад, ки бидуни фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба яке аз омилҳои муҳим ва пешбарандаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сатҳи некӯаҳволии моддии аҳолӣ имконнопазир аст. Соҳибкорӣ, ки бо мафҳумҳои ташаббускорӣ, масъулиятнокӣ, навоварӣ, ҳосилнокии баланд алоқаманд аст, на танҳо ҷараёни пешрафт ва рушдро суръат медиҳад, балки дар эҳёи ғояҳои сершумори нав, ки ба рушди иқтисодиёти кишвар нигаронида шудаанд, нақши муҳим мебозад.

Рушди соҳибкорӣ ва ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ ва омили пешрафти иҷтимоӣ дар шароити табдили рақамкунонии ҷомеа ба як воситаи муҳим ва зарурӣ дар шароити муосир табдил ёфтааст. Мавриди зикр аст, ки ҳамкорӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ яке аз омилҳои асосӣ ва калидии рушди он ба шумор рафта, ҷиҳати самаронок гаштани фаъолият ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасонии он шароит мусоид фароҳам меорад [7; с 409].

Соњибкорї яке аз унсурњои асосии иќтисоди бозорї мебошад, ки бидуни он иќтисоди миллї бо суръат рушд карда наметавонад. Соњибкорї ба суръати рушди иќтисодии кишвар, сохтор ва њаљму сифати маљмӯи маҳсулоти миллии он таъсир мерасонад[5; с 7].

Зери мафҳуми соҳибкорӣ корхонаи истеҳсолкунандаи мол (модӣ) ё расонидани хизмат (ғайри моддӣ) меистад. Рушди соҳибкорӣ барои ба даст овардани муваффақияти иқтисодӣ тавассути суръати баланди рушди саноат нақши муҳим мебозад. Он асоси табиати инноватсионӣ ва истеҳсолии иқтисодиёт мебошад[6; с 37]

Навиштаҳои Фридман бо чунин ақида фаро гирифта шудааст, ки дар байни ҳамаи низомҳои иҷтимоӣ, ки дар ҷаҳон вуҷуд доранд, аз ҳама одилонатарин низоми соҳибкории озод аст. Ҳар қадар маҳдудиятҳо барои соҳибкории озод камтар бошад, ҳамон қадар самаранокии иқтисодӣ ва озодии сиёсӣ бештари шахс бархурдор мешавад.[10; с 112]

Соҳибкорӣ ин «...фаъолияти мустақили ба таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст» [2] мебошад. Маврид ба зикр аст, ки Пешвои миллат дар Суханронӣ дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорон, ки 14.10.2014 баргузор гардид, соҳибкориро «муҳаррики иқтисодиёт» номиданд. Мақсад аз таҳқиқот дар мақолаи мазкур низ муайян намудани соҳибкорӣ ҳамчун омили рушди бахшҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Ж.Б. Сэй. фаъолияти соҳибкориро ба ҳам пайваст намудани се омили истеҳсолот: меҳнат, замин ва сармоя мешуморад. А. Смит бар чунин ақида аст, ки соњибкорї дар шароити иќтисоди бозорї фаъолияти худидоракунанда ва худтанзимкунанда мебошад, ки дар њолати мављудияти омилњои асосии истењсолот ба вуљуд меояд. П. Самуэльсон чунин мешуморад, ки соҳибкорӣ бо навоварӣ алоқамандӣ дорад аст ва соҳибкор шахсест, ки тафаккури навоварона дорад ва барои амалӣ намудани ғояҳои нав саъй мекунад[4; с5].

Бояд зикр намуд, ки рушди иқтисодиёти миллӣ ба рушди соҳибкорӣ вобастагии калон дорад. Роҷеъ ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Суханронӣ дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорон 14.10.2014 чунин ибрози ақида намуданд: «Шумо, соҳибкорону сармоягузорон қувваи бузургу пешбарандаи иқтисодиёти кишвар ва нерӯи созандаву ободкори Ватанамон мебошед ва ҳадафи асосии баргузор намудани воҳӯрии имрӯза мубодилаи афкор ба хотири идома бахшидани ислоҳот ва густариши он ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мебошад» [3]

Бояд қайд кард, ки маҳс соҳибистиқлолии давлат ба гузариш ба иқтисоди бозорӣ, татбиқ намудани ислоҳот дар тамоми соҳаҳо ва сатҳҳо, ташаккул додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии соҳавӣ ва дар ин росто ба иқтисодиёти мамлакат сармояи дохилю хориҷи заминагузор гардид. Ин буд, ки сарфи назар аз мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии давраи гузариш иқтисодиёти кишвар ба таври назаррас рушд намуд. Аз ҷумла, дар соҳаҳои саноату энергетика, кишоварзӣ ва бахшҳои гуногуни хизматрасониҳои давлатию бахши хусусӣ нишондиҳандаҳои рушдро дидан мумкин аст.

Тули солҳои охир рақамисозии бахшҳои гуногун ба хусус соҳибкорӣ, тағйир додани таҷрибаҳои анъанавии он ба фаъолияти замонавии хислати инноватсионӣ дошта ва эҷоди чолишҳо ва имкониятҳои нав таъсири назаррас расонидааст. Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, соҳибкорон ба зарурати мутобиқ шудан ба технологияҳои тағйирёбанда дучор меоянд, ки аз нав дида баромадани омилҳое, ки устувории фаъолияти онҳоро муайян мекунанд, талаб менамояд. Муайян намудани омилҳо аз ҷумла рақамикунонӣ, ки ба рушди устувори бахши хусусӣ ва ҳамкорӣ бо он мусоидаткунанда ва муайян намудани тамоюлҳои рушд дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ба тамоми ҷабҳаҳои иқтисодиёт таъсир мерасонад ва рушди он аз рақамисозии бахшҳо, махсусан рушди соҳибкории ҳозиразамони дорои хислатҳо ва равандҳои инноватсионидошта вобастагии амиқ дорад. Равандҳои инноватсионї ин равандҳои офариниш ва паҳн намудани навоварӣ яъне ҷорӣ ё татбиқ кардан, баланд бардоштани самаранокии равандҳо ва (ё) беҳтар шудани сифати маҳсулотро, ки бозор талаб мекунад, таъминкунанда мебошад. Дар шакли умумӣ нақшаи раванди инноватсиониро метавон ба таври хаттӣ ҳамчун пайдарпайии марҳилаҳои давомнок муаррифӣ кард.

Ҷузъи аввали раванди инноватсионӣ ғояҳои нав, дониш ва натиҷаи тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ, тарҳрезии таҷрибавӣ ва дигар натиҷаҳои илмию техникӣ мебошад. Ҷузъи дуюм татбиқ, яъне табдил додани идея ё прототип ба намунаи саноатӣ: навоварӣ ё инноватсия. Ҷузъи сеюм паҳншавии инноватсияҳо мебошад, ки ба паҳншавии инноватсияи қаблан азхудшуда ва татбиқшуда дахл дорад: яъне татбиқи маҳсулот, хидматҳо ё технологияҳои инноватсионӣ дар ҷойҳо ва шароити нав. Чунин тартиб модели умумии хаттии раванди инноватсионӣ ба шумор меравад. Афзалиятҳои ин модел аз он иборат аст, ки он хеле содда аст, зеро танҳо аз ҷузъҳои асосии раванди навоварӣ иборат аст. Ин ба соҳибкор имкон медиҳад, ки моҳияти раванди инноватсиониро фавран фаҳмад. Блокҳои ҷудогонаро ба як блок муттаҳид кардан мумкин аст. Ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки худи тадқиқоти фундаменталӣ хеле кам сарчашмаи инноватсия аст, аммо асоси тадқиқоти амалӣ мебошад, ки аллакай бевосита ба инноватсия алоқаманд аст. Илова бар ин, марҳилаҳо метавонанд ҷойҳоро иваз кунанд,

масалан, марҳилаи эҷоди талабот - маркетинг метавонад ё марҳилаи истеҳсоли озмоишӣ ва саноатиро пайгирӣ кунад ё пеш аз он бошад ва маҷмӯи тадбирҳо оид ба ташаккули афзалиятҳои истеъмолкунандагон низ дар байни марҳилаҳои истеҳсолот таҷрибавӣ ва истеҳсолоти саноатӣ ҷойгир карда шаванд. Ҳамаи ин нозукиҳо аз як соҳибкор ва корхонаи мушаххас вобастаанд ва моҳияти раванди инноватсионирo ҳамчунон тағир намедиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шароити модернизатсияи иқтисодӣ, зарурати рушди инноватсия, рафъи камбудиҳои технологӣ барои расидан ба сатҳи комилан нави ҳалли масъалаҳои рушди инфрасохтор ба миён омад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ аз талошҳое, ки давлат ва бахши хусусиро муттаҳид мекунанд, пайравӣ кунад. Дар иқтисодиёти як қатор мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ шакли махсуси ҳамкории бахши хусусӣ ва ҳукумат ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина, мо ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дарк мекунем, ки одатан шарикии давлат ва бахши хусусӣ номида мешавад. Дар аксар сарчашмаҳои илмӣ мафҳуми «шарики давлат ва бахши хусусӣ» (Public-Private Partnership қабул шудааст[8; с 117].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид ҷиҳати содирот ва сармоягузорӣ таъмин гардидааст, ки ин ба амалӣ намудани ҳадафҳои аввалиндараҷаи баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ нигаронида шудааст. Муносибатҳои давлат ва соҳибкорӣ инкишоф ёфта, дар бобати такмил додани системаи танзими давлатии соҳибкорӣ тадбирҳои назаррас андешида шуданд. Механизмҳои функсионалии ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон фароҳам оварда шуда, дар натиҷаи татбиқи онҳо ҳолатҳои дахолат кардан ба фаъолияти соҳибкорӣ кам шудааст.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. Дар ин самт тадбирҳои амалӣ ва муҳим, аз қабили рушди муносибатҳо ва ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, такмили қонунгузорӣ ва расмиёти маъмурии марбут ба муҳит ва соҳибкорӣ, тавсеаи дастгирии давлатии бахши хусусӣ, маориф, рушди муносибатҳои тиҷоратии дохилию хориҷии соҳибкорон, пешниҳоди намудҳои гуногун ва ба талаботи бозори ирӯзаи хизматрасонҳо пайваста амалӣ карда мешаванд.

Аз ҷумла, дар давоми солҳои 2020-2024 шумораи субъектони хоҷагидарӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст Расми 1.



Расми 1. Шумораи субъекҳои хоҷагидори дар солҳои 2020-2024 (январ июни соли 2024).

15. **Назаралӣ Салимов.Солҳои 2025 – 2030** «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия»/ Захираҳои интернетӣ. https://tguk.tj/index.php/tj/habarho-5/item/4790-sol-oi-2025-2030-sol-oi-rushdi-i-tisodi-ra-am-va-innovatsiya.html

16. Раджабова З.С., Шарипова А.Б., Джураева Дж.Х. Цифровизация экономики – требование времени. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. №6. Қисми 2. –С.29-35

17. Раҳмонзода Д.Р., Такмили агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзии Тоҷикистон. Авт.дисс. барои дарёфти н.и.и. 2025.-С.3.

18. Цифровая экономика: глобальные тренды и практика Российского бизнеса//Доклад/Национальный исследовательский университет. «Высшая школа экономики» Электроннвй ресурс. Дата обращения.25.12.2025

19. Шамсов И.С., Мирзоев Н.Ҳ., Шерматов Р.Б. Муаммоҳои идоракунии корхонаҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ/Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. №4. Қисми I.

20. Электронная экономика. Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Электронная_экономика (дата обращения: 10.03.2025).

21. Паньшин, Б. Цифровая экономика: особенности и тенденции развития /Б. Паньшин // Наука и инновации. – 2016. – Т. 3, № 157. – С. 17–20.

22. DIGITAL economy [Электронный ресурс]. – URL: https://en.wikipedia.org/ wiki/DIGITAL_economy/ (дата обращения: 16.03.2025).

23. Кунцман, А. А. Трансформация внутренней и внешней среды бизнеса в условиях цифровой экономики / А. А. Кунцман // Управление экономическими системами: электронный научный журнал. – 2016. – № 11 (93). – С. 1.

24. Цифровая экономика – «Умный способ работать» / В. П. Куприяновский, С. А. Синягов, С. И. Липатов и др. // International Journal of Open Information Technologies. – 2016. – № 2. – С. 26–33.

25. Стефанова, Н. А. Модель цифровой экономики / Н. А. Стефанова, А. П. Седова // Карельский научный журнал. – 2017. – Т. 6, № 1 (18). – С. 91–93.

26. Что важнее: реальная или цифровая экономика? [Электронный ресурс] //Информационно-аналитический центр (ИАЦ) [Официальный сайт]. 12.03. 2025. – Режим доступа: http://inance.ru/2025/cifrovaya-ekonomika / (дата обращения: 21.02.2025)

27. Зубарев, А. Е. Цифровая экономика как форма проявления закономерностей развития новой экономики / А. Е. Зубарев // Вестник Тихоокеанского государственного университета. – 2017. – № 4 (47). – С. 177–184

28. Конюхов, В. Ю. Цифровая экономика как экономика будущего /В. Ю. Конюхов, А. А. Харченко // Молодежный вестник ИрГТУ. – 2017. – № 3 (27). – С. 17.

29. Чернышова, Д. О. Экономика и менеджмент предприятий в условиях цифровой экономики / Д. О. Чернышова // Центральный научный вестник. – 2018. –Т. 3, № S9 (S50). – С. 70–71.

30. Манжосова И.Б. Формирование стратегии модернизции сельского хозяйства в условиях цифровой экономики. Дисс. на соис.уч.ст.д.э.н., Ставрополь 2019. –436 с.

УДК 656.7

ТАҲЛИЛИ ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ СИСТЕМАИ НАҚЛИЁТИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Саидзода Ф.Ҳ.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои умумии системаи нақлиётии шаҳри Душанбе мавриди таҳлил қарор дода мешаванд. Системаи нақлиёт ҳамчун унсури муҳими инфрасохтори шаҳрӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини ҳаракати аҳолӣ нақши калидӣ мебозад. Дар тадқиқот сохтор ва намудҳои асосии нақлиёт, сатҳи хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ, инчунин омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти он мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ҳамзамон, самтҳои асосии такмили системаи нақлиётии шаҳр муайян ва пешниҳод карда мешаванд. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд дар банақшагирии рушди устувори нақлиёти шаҳрӣ, такмили сиёсати нақлиётӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии нақлиётӣ дар шаҳри Душанбе истифода шаванд.

Калидвожаҳо: системаи нақлиётӣ, нақлиёти шаҳрӣ, инфрасохтори шаҳрӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, рушди устувор, сиёсати нақлиётӣ.

АНАЛИЗ ОБЩИХ ХАРАКТЕРИСТИК ТРАНСПОРТНОЙ СИСТЕМЫ ГОРОДА ДУШАНБЕ

Саидзода Ф.Х.

Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими

Аннотация. В данной статье анализируются общие характеристики транспортной системы города Душанбе. Транспортная система как важный элемент городской инфраструктуры играет ключевую роль в социально-экономическом развитии и обеспечении мобильности населения. В исследовании рассматривается структура и основные виды транспорта, уровень обслуживания общественного транспорта, а также факторы, влияющие на его функционирование. При этом определяются и предлагаются основные направления совершенствования транспортной системы города. Результаты исследования могут быть использованы при планировании устойчивого развития городского транспорта, совершенствовании транспортной политики и повышении качества транспортных услуг в городе Душанбе.

Ключевые слова: транспортная система, городской транспорт, городская инфраструктура, общественный транспорт, устойчивое развитие, транспортная политика.

ANALYSIS OF THE GENERAL CHARACTERISTICS OF THE TRANSPORT SYSTEM OF THE CITY OF DUSHANBE

Saidzoda F.H.

Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi

Annotation. This article analyzes the general characteristics of the transport system of the city of Dushanbe. The transport system, as an important element of urban infrastructure, plays a key role in socio-economic development and ensuring population mobility. The study examines the structure and main modes of transport, the level of public transport service, as well as factors affecting its functioning. At the same time, the main directions for improving the city's transport system are identified and proposed. The results of the study can be used in planning the sustainable development of urban transport, improving transport policy and improving the quality of transport services in the city of Dushanbe.

Keywords: transport system, urban transport, urban infrastructure, public transport, sustainable development, transport policy.

Нақлиёти автомобилӣ дар рушди иқтисод ва зиндагии шаҳрвандон нақши муҳим дорад [1]. Шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахт ва маркази маъмуриву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои системаи густурдаи нақлиёт мебошад, ки мусофирон ва борҳоро интиқол медиҳад. Таҳлили хусусиятҳои умумии системаи нақлиётӣ, аз ҷумла ҳаҷми мусофирон ва боркашонӣ, имконият медиҳад, ки самтҳои асосии рушди нақлиёт муайян ва масъалаҳои самаранокии он арзёбӣ гардад.

Системаи нақлиётии шаҳри Душанбе ҳамаи намудҳои нақлиётро дар бар мегирад, аз ҷумла нақлиёти истифодаи умум ва ғайриумум, инчунин нақлиёти соҳибкорони хусусӣ, ки бо мусофирбарӣ ва боркашонии тиҷоратӣ машғуланд [2]. Нақлиёти истифодаи умум ҳамагуна бор ва мусофиронро интиқол медиҳад ва барои хизматрасонии тамоми аҳолӣ равона шудааст. Нақлиёти истифодаи ғайриумум танҳо борҳо ва мусофирони корхонаҳо, вазоратҳо ва идораҳоро интиқол медиҳад. Нақлиёти соҳибкорони хусусӣ барои интиқоли ҳам бор ва ҳам мусофирон дар асоси шартномаҳои махсус хизмат мерасонад.

Боркашонӣ ин интиқоли борҳо тавассути шабакаи нақлиётӣ мебошад, ки ҳаҷми борҳои фиристода, воридшуда ва боркашониҳои транзитиро дар бар мегирад. Инчунин боркашонӣ метавонад дар дохили шаҳр, аз як қисмати шаҳр ба қисми дигари он, барои таъмини талаботи аҳолӣ ва корхонаҳо амалӣ шавад.

Мусофирбарӣ бошад интиқоли шаҳрвандон ва меҳмононро дар дохили шаҳр ва байни минтақаҳо фаро мегирад. Ин раванд тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ амалӣ шуда, фарогирии аҳолӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва шароити роҳро нишон медиҳад.

Гардиши мусофирон тавассути нақлиёти таксомоторӣ ва баркӣ яке аз нишондиҳандаҳои калидии самаранокии системаи нақлиётии шаҳри Душанбе мебошад. “Дар нақлиёти таксомоторӣ, гардиш ҳамчун натиҷаи зарби масофаи тайкардаи роҳ бо шумораи миёнаи мусофирон ҳисоб карда мешавад. Масофаи тайкарда аз ҳисоботҳои ҷорӣ гирифта шуда, шумораи миёнаи мусофирон бо таксомотор баробар ба 2 нафар қабул карда мешавад, ки ин фарогирии миёнаи хизматрасониро нишон медиҳад”[8].

Дар нақлиёти баркӣ (троллейбусҳо) низ ҳамон усул истифода мешавад: гардиш ҳамчун натиҷаи зарби масофаи миёнаи кашонидашудаи мусофирон бо ҳаҷми интиқоли онҳо муайян карда мешавад. Масофаи миёнаи мусофирбарӣ тавассути троллейбусҳо ба масофаи миёнаи ҳаракати мусофирон бо автобусҳои дохилишаҳрӣ баробар ҳисобида мешавад.

Ин равиш имкон медиҳад, ки на танҳо самаранокии нақлиёт, балки гардиши мусофирон дар пойтахт ба таври илмӣ таҳлил ва баҳогузорӣ карда шавад, ки барои стратегияи беҳтар кардани хизматрасонии нақлиёт ва дастрасии аҳолӣ аҳамияти калон дорад [5].

Ҳамин тавр, таҳлили гардиши мусофирон ва ҳаҷми боркашонӣ тавассути нақлиёт имконият медиҳад, ки на танҳо самаранокии ҳаракати одамон, балки ҷараёни интиқоли молу маҳсулот дар пойтахт ва кишвар ба таври илмӣ арзёбӣ ва стратегӣ таҳлил карда шавад.

Ҳаҷми боркашонӣ ҳамчун унсури системаи нақлиётии пойтахт таъсири мустақим ва назаррас ба самаранокии мусофирбарӣ дорад, зеро афзоиши ҳаракати борҳо боиси пуршиддат гардидани роҳҳо, коҳиши суръати ҳаракати мусофирон ва халалдоршавии ҷараёни нақлиёти ҷамъиятӣ мегардад.

Ҳаҷми боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2019–2024 бо назардошти нақлиёти байналмилалӣ ва нақлиёти автомобилии вазоратҳо, идораҳо ва шахсони воқеӣ ҷамъбаст гардида, нишондиҳандаи ҷараёни интиқоли молу маҳсулот ва фаъолияти системаи нақлиётӣ дар кишварро инъикос менамояд.

Ҷадвали 1 - Динамикаи боркашонӣ, боргардиш ва масофаи миёнаи интиқоли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар шаҳри Душанбе

Сол	Боркашонӣ, хаз.т	Боргардиш, млн.т-км	Масофаи миёнаи интиқоли бор, км
2019	8828,6	492,5	55,8
2020	9849,1	711,0	72,2
2021	11366,7	744,8	65,5
2022	19622,8	797,9	40,7
2023	19608,8	702,9	35,8
2024	21062,1	892,1	42,4

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.14-15

Ҷадвал нишон медиҳад, ки дар шаҳри Душанбе ҳаҷми боркашонӣ ва боргардиш аз соли 2019 то 2024 афзоиш ёфтааст, вале масофаи миёнаи интиқоли бор бо тағйироти назаррас каму зиёд мешавад. Масалан, соли 2020 масофаи миёна ба 72,2 км расидааст, аммо пас аз соли 2021 масофа коҳиш ёфта, ба 35,8 - 42,4 км мерасад.



[8] Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.5

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.14-15

Расми 1. Тамоюлҳои рушди боркашонӣ дар солҳои 2019-2024

Ин нишон медиҳад, ки бо афзоиши ҳаҷми боркашонӣ ва боргардиш, қисми зиёди борҳо дар масофаҳои кӯтоҳ интиқол дода мешаванд, ки асосан дар дохили шаҳр ё байни минтақаҳои атрофи Душанбе мебошад. Дар муносибатҳои нақлиётӣ, ин раванд нишондиҳандаи таъсири интиқоли борҳо ба самаранокии ҳаракати нақлиёти мусофирбар мебошад, яъне шумораи зиёди нақлиёти боркаш метавонад роҳҳоро пуршиддат кунад ва суръати ҳаракати нақлиёти ҷамъиятии мусофирбарро коҳиш диҳад.



Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.14-15

Расми 2. Тамоюлҳои тағйирёбии боргардиш дар солҳои 2019-2024

Ҳамин тавр, масофаи миёнаи интиқоли бор ҳамчун индикатори илмии самаранокии системаи нақлиёти шаҳр ва таъсири он ба мусофирбарӣ баррасӣ карда мешавад.



Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.14-15

Расми 3. Тамоюлҳои тағйирёбии масофаи миёнаи интиқоли бор дар солҳои 2019–2024

Азбаски, боринтиқолдиҳии шаҳрӣ ба борҳои ба шаҳр воридшаванда, борҳои аз шаҳр баровардашуда ва борҳои дар дохили шаҳр интиқолшаванда ҷудо мешаванд, аз ин лиҳоз тибқи маълумоти камшудани масофаи миёнаи интиқол дар солҳои охир, хулоса карда мешавад, ки ҳиссаи борҳио дар дохили шаҳр интиқолшуда афзудаистодаанд.

Читавре, қайд гардид, афзоиши ҳаҷми борҳо ва боргардиш бо коҳиши масофаи миёнаи интиқол нишон медиҳад, ки борҳо асосан дар дохили шаҳр ё масофаҳои кӯтоҳ интиқол дода мешаванд, ки метавонад нишондиҳандаи таъсирпазирии интиқоли борҳо ба самаранокии фаъолияти нақлиёти мусофирбар бошад, зеро ҳаракати зиёди нақлиёти боркаш дар дохили шаҳр ҳаракати нақлиёти ҷамъиятиро маҳдуд мекунад.

Маҳз аз ин хотир, масофаи миёнаи боринтиқолдиҳӣ яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии системаи нақлиёт дар шаҳри Душанбе шуморидашуда, таъсири он ба гардиши мусофирон дар ҳудуди шаҳр назаррас мебошад [4].

Инчунин дар кори мазкур, барои муқоиса таҳлили динамикаи ҳаҷми мусофирбарӣ дар ҳудуди кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва суръати рушди хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ гузаронида шудааст.

Ба сифати нишондиҳандаи муқоисашаванда ва таҳлилшаванда индекси ҳаҷми мусофирбарӣ бо нақлиёти истифодаи умум дар мамлакатҳои ИДМ интихоб гардид, ки дар ҷадвали 2 нишон додашудааст.

Ҷадвали 2 - Индекси ҳаҷми мусофирбарӣ бо нақлиёти истифодаи умум дар мамлакатҳои ИДМ, бо фоиз нисбат ба соли гузашта.

Мамлакатҳои ИДМ	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Тоҷикистон	**107,2**	**98,9**	**113,2**	**111,2**	**109,6**	**112,2**
Озарбойҷон	102,9	75,0	98,0	134,0	121,2	109,8
Арманистон	98,2	102,0	152,5	148,0	122,1	119,3
Белорус	93,7	93,0	95,2	103,9	103,4	104,6
Қазоқистон	103,6	102,0	127,2	117,8	109,2	108,6
Қирғизистон	103,6	78,0	119,5	103,5	110,2	113,6
Молдова	96,3	87,0	110,6	124,0	116,2	127,6
Русия	95,3	96,0	111,4	105,0	108,2	102,6
Ӯзбекистон	106,5	88,0	114,0	104,0	103,3	104,6

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.17

Ҷадвали мазкур тағйирёбии ҳаҷми мусофирбариро бо нақлиёти ҷамъиятӣ дар кишварҳои ИДМ нисбат ба соли гузашта нишон медиҳад. Ин маълумот муяссар менамояд, ки суръати рушд ва самаранокии хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ дар кишварҳои гуногун муқоисаи шаванд.

Ҷадвал нишон медиҳад, ки ҳаҷми мусофирбарӣ бо нақлиёти ҷамъиятӣ дар кишварҳои ИДМ дар даврaҳои 2019-2024 тағйирёфтааст ва суръати афзоиш бошад дар байни кишварҳо аз якдигар тавофути назаррас доранд.



Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.17

Расми 4 - Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ бо нақлиёти истифодаи умум дар мамлакатҳои ИДМ дар солҳои 2019-2024

Масалан, тамоюл нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон ҳаҷми мусофирбарӣ дар аксарият солҳо афзоиш ёфта, нишондодҳо аз 98,9 % дар соли 2020 то 113,2 % дар соли 2021 ва 112,2 % дар соли 2024 расидааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ пас аз буҳрони соли 2020 дубора афзун гардидааст.

Дар Озарбойҷон ва Арманистон бошад, тағйироти назаррас мушоҳида мешавад, масалан, коҳиши шадид дар 2020 то 75 % дар Озарбойҷон ва афзоиш дар 2021 то 152,5 % дар Арманистон нишон медиҳад, ки омилҳои иқтисодӣ ё пандемия таъсир калон расонидааст.

Дар Қирғизистон ва Молдова низ тамоюли афзоиши мусофирбариро мушоҳида менамоем, ки дар солҳои охир устуворона баланд шудаистодааст.

Маълумот оиди ҳаҷми мусофирбарӣ дар сатҳи кишварамон нисбати банақшагирии фаъолияти нақлиёти ҷамъиятӣ дар пойтахт алоқамандии мустақим дорад, зеро, афзоиши мусофирбарӣ дар саросари кишвар метавонад боиси зиёд шудани шумораи мусофирони ба шаҳр воридшаванда,

гардида, талабот нисбати хизматрасонии автобусҳо, троллейбусҳо ва таксиҳои шаҳри Душанбе зиёд, мутаҳаррикии нақлиётӣ баланд, кучаҳои шаҳр серҳаракат ва инфрасохтори нақлиётӣ зери фишори шадид қарор гирад. Ин раванд нишон медиҳад, ки хизматрасонии нақлиётӣ бояд мутобиқ ба талаботи афзояндаи аҳолии шаҳр гардонида, фаъолияти нақлиёти ҷамъиятӣ самараноктар ташкил карда шавад.

Илова бар ин, таҳлили афзоиш ё коҳиш имконият медиҳад, ки барои рушди инфрасохтори нақлиётии шаҳр хатсайрҳо муносибгардонидашуда, барои самаранокии ҳаракати нақлиёти ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳр стратегияҳои муносиб таҳия шаванд.

Пеш аз он, ки таҳлил гузаронем, бояд таъкид намуд, ки нишондиҳандаҳои мусофирбарӣ, мусофиргардиш ва масофаи миёнаи мусофирбарӣ яке аз муҳимтарин меъёрҳои арзёбии фаъолияти системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе ба ҳисоб мераванд. Ин нишондиҳандаҳо на танҳо ҳаҷми воқеии ҷараёни мусофиронро инъикос мекунанд, балки тағйирёбии самаранокии кор, сатҳи сарбории шабакаи нақлиётӣ, дарозии хатсайрҳо ва талаботи аҳолиро нисбат ба хизматрасониҳои нақлиётӣ муайян месозанд. Ҷадвали зерин динамикаи ин меъёрҳоро дар солҳои 2019-2024 ба таври муқоисавӣ нишон дода, имконияти таҳлили тамоюлҳо ва муайян намудани тағйиротҳои сохториро дар низоми нақлиётии пойтахт фароҳам меорад.

Ҷадвали 3 - Динамикаи мусофирбарӣ, мусофиргардиш ва масофаи миёнаи мусофирбарии шаҳри Душанбе дар солҳои 2019-2024

Нишондиҳанда	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Мусофирбарӣ, млн. мус.	282,4	259,3	301,0	345,4	356,2	390,6
Мусофиргардиш, млн.мус.-км	1604,3	1565,1	1764,0	1609,7	1861,3	2079,2
Масофаи миёнаи мусофирбарӣ, км	5,68	6,04	5,86	4,66	5,23	5,32

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.18, 20

Ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2019-2024 ҳаҷми мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе устуворона афзудаистодааст. Агар соли 2019 мусофирбарӣ 282,4 млн. нафарро ташкил дода бошад, соли 2024 он ба 390,6 млн. нафар расида, афзоиши назаррасро нисбати талабот ба нақлиёти ҷамъиятӣ нишон медиҳад.



Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.18, 20

Расми 5 - Тамоюли тағйирёбии мусофирбарии шаҳри Душанбе дар солҳои 2019-2024

Мусофиргардиш низ бо суръати муносиб боло рафта, аз 1604,3 млн.мус.км дар соли 2019 то 2079,2 млн.мус.км дар соли 2024 зиёд шудааст, ки афзоиши воқеии мутаҳарикии аҳолиро дар шабакаи нақлиётии шаҳр нишон медиҳад.



Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.18, 20

Расми 6 - Тамоюли тағйирёбии мусофиргардиш дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2019-2024

Лекин, масофаи миёнаи сафари мусофирон дар давраҳои гуногун тағйир ёфта, солҳои 2022–2023 то 4,66 км коҳиш ёфтааст, ки эҳтимолан аз кӯтоҳ шудани хатсайрҳо, зиёд шудани хатсайрҳои дохилишаҳрӣ ё афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёт шаҳодат медиҳад.



Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.18, 20

Расми 7 - Тамоюли тағйирёбии масофаи миёнаи сафари мусофирон дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2019-2024

Ин таҳаввулот далолат медиҳад, ки фаъолияти нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе ҷиҳати қонеъ намудани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ рушд карда, ҳамзамон ниёз ба такмили инфрасохтор, танзими оқилонаи хатсайрҳо ва идоракунии самарабахши сарбории шабакаи нақлиётӣ низ боқӣ мемонад.

Инчунин таҳаввулоти мазкур шаҳодат медиҳад, ки тағйироти интиқолдиҳии мусофирон тавассути нақлиёти барқӣ бо рушди инфрасохтори он ва такмилдиҳии идоракунии нақлиёти ҷамъиятӣ ҳамоҳанг буда, рушди устувори соҳаи нақлиётро низ инъикос мекунад. Чунки, нақлиёти барқӣ дар таъмини бехдошти мусофирбарӣ ва баланд бардоштани самаранокии умумии низоми нақлиёти ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозад.

Миқдори мусофироне, ки дар дохили шаҳри Душанбе хизматрасонии нақлиёти барқиро истифода мебаранд, дар давоми солҳои 2019-2024 чунин тағйиротро нишон медиҳад (Ҷадвал 4).

Ҷадвал 4 - Мусофирбарӣ тавассути нақлиёти барқӣ дар шаҳри Душанбе

Нишондиҳанда	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Мусофирбарӣ бо нақлиёти барқӣ, (млн. мус.)	21,4	19,2	19,2	20,5	21,4	22,4

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.19

Таҳлили ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки шумораи мусофироне, ки бо нақлиёти барқӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2019-2024 сафар кардаанд, тағйироти хурд дорад. Масалан мушоҳида мешавад, ки дар солҳои 2020 ва 2021 ҳаҷми мусофирбарӣ ба 19,2 млн. коҳиш ёфтааст, ки эҳтимолан бо таъсири омилҳои ба монанди эпидемия ва дигар маҳдудиятҳои ҳаракат вобаста мебошад ва минбаъд аз соли 2022 мушоҳида мешавад, ки мунтазам афзоиш ёфта, дар соли 2024 бошад, ба 22,4 млн. баробар шудааст.

Дар расми 8 тамоюли тағйирёбии мусофирбарӣ тавассути нақлиёти барқӣ дар шаҳри Душанбе нишон додашудааст.



Расми 8 - Тамоюли тағйирёбии мусофирбарӣ тавассути нақлиёти барқӣ дар шаҳри Душанбе, (млн. мус.)

Тамоюл нишон медиҳад, ки дар солҳои 2019-2024 шумораи интиқоли мусофирон бо нақлиёти барқӣ дар ҳудуди шуҳри Душанбе тағйироти кам дошта, ин раванд шаҳодат медиҳад, ки нақлиёти барқӣ бо талаботи афзояндаи аҳолӣ нисбати хизматрасонии нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ ҳамоҳанг шуда, ҳамзамон ниёз ба такмили инфрасохтори роҳию нақлиётӣ, муносиб кардани хатсайрҳои дохилишаҳрию наздишаҳрӣ (тангенсионалӣ), тақвияти идоракунии ҳаракати тамоми

намудҳои нақлиёт ва татбиқи хизматрасониҳои муассир ба мусофирон мубрам ҳисобида мешавад. Барои беҳтар шудани самаранокии низоми нақлиёти ҷамъиятӣ, ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳамзамон осонтар гардонидани сафари мусофирон дар ҳудуди шаҳр ва берун аз он зарур аст, ки ин чораҳои зерин амалӣ гарданд:

1. Такмилдиҳии инфрасохтори роҳию нақлиётӣ ҷиҳати навсозӣ ва амалисозии роҳҳо, истгоҳҳо ва низоми пардохти ғайринақдии мусофирон.

2. Муносибгардонии хатсайрҳои дохилишаҳрӣ, наздишаҳрӣ ва тангенсиалӣ ҷиҳати барқароркунӣ ва мувофиқгардонии хатсайрҳо бо эҳтиёҷоти мусофирон, баландбардоштани коэффитсиенти истифодаи ғунҷоиш ва камтар кардани вақти мунтазирии мусофирон.

3. Тақвияти идоракунии ҳаракати нақлиёт бо истифода аз технологияҳои муосири рақамӣ ҷиҳати назорат ва ҳамоҳангсозии раванди нақлиёт.

4. Татбиқи хизматрасониҳои муассир ба мусофирон ҷиҳати пардохтҳои электронӣ, иттилоъ дар вақти воқеӣ, баҳри таъмини сатҳи баланди хизматрасонӣ ба шаҳрвандон.

5. Машварат ва маълумотдиҳӣ ба аҳолӣ ҷиҳати таблиғ ва огоҳсозии мусофирон оид ба ивазшавии хатсайрҳо, вақт ва дигар намуди хизматрасониҳо.

Дар ин замина, дар ҳоле ки сатҳи таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар шаҳри Душанбе афзоиш меёбад, татбиқи чораҳои муассир баҳри беҳтар намудани фаъолияти нақлиёти мусофирбарии ҷамъиятӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва мусоидат намудан ба амнияти сафарҳо ва осоиштагии аҳоли ҳангоми истифодабарии хизматрасонии нақлиётӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар давраи 2019-2024 фарқиятҳои назаррасро нишон медиҳад. Махсусан дар шаҳри Душанбе афзоиши мунтазами шумораи автомобилҳо барои ҳар 1000 нафар аҳолӣ хеле назаррас мебошад (Ҷадвал 5).

Ҷадвали 5 - Таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ

Солҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Ҳамагӣ, ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии доимӣ, адад	46	45	46	50	55	56
аз он ҷумла:						
ВМКБ	46	45	46	47	48	50
Вилояти Суғд	58	58	58	62	67	66
Вилояти Хатлон	28	28	28	28	32	32
ш. Душанбе	82	80	61	83	89	94
НТҶ	44	43	50	52	61	63

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.21

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки сатҳи таъминшавии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар шаҳри Душанбе дар давраи 2019–2024 афзоиш ёфтааст. Миқдори автомобилҳо аз 82 адад дар соли 2019 ба 94 адад дар соли 2024 расида, шаҳри Душанбе нишондоди баландтаринро дар кишвар дорад. Афзоиши мунтазами нақлиёти шахсӣ дар пойтахт зарурати такмил додани инфрасохтор ва низоми нақлиёти ҷамъиятиро барои қонеъ кардани талаботи мусофирон тақозо мекунад.

Дар зер тағйироти миқдори автомобилҳои сабукрави шахсӣ барои ҳар 1000 нафар аҳолии доимӣ дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он, аз ҷумла шаҳри Душанбе дар солҳои 2019 то 2024 нишон дода шудааст.



Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.21

Расми 9 - Таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ, (ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ, адад)

График нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2019 то 2024 таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар шаҳри Душанбе нисбати дигар тобеиятҳо афзоиши назаррас дорад. Мушоҳидаи рушди босуръати нақлиёти шахсӣ дар шаҳри Душанбе шаҳодат медиҳанд, ки ташкили раванди нақлиётиро такмилдода, инфрасохтори онро беҳтар ва идоракуниро оқилонатар намоем. Сабаби асосии коҳиш ёфтани шумораи нақлиёт дар ҳудуди шаҳри Душанбе дар соли 2021 шояд аз таъсири якҷояи омилҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Пеш аз ҳама, паёмадҳои пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёт ва робитаҳои нақлиётӣ таъсири ҷиддӣ расонданд. Маҳдудиятҳо, бастани роҳҳо ва кам шудани ҳаҷми истеҳсол оварда расонд. Илова бар ин, дар ҳамин давра камшавии маблағҳои интиқолии муҳоҷирон низ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир кард. Дар баъзе минтақаҳо ҳолатҳои номусоиди обу ҳаво, аз ҷумла хушксолӣ ё сел, ба бахшҳои муҳим, хусусан кишоварзӣ, таъсири манфӣ расонданд. Ҳамин тавр, пастравии соли 2021 бештар ба омилҳои ҷамъшудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маъмурӣ вобаста ба буҳрони ҷаҳонии пандемия сарчашма мегирад.

Ин тағйироти мушоҳидашуда заминаи боэътимод барои қабули қарорҳо дар соҳаи нақлиёти ҷамъиятии мусофирбарро фароҳам меоранд.

Барои дар оянда муқаррар намудани зарфияти шабакаи нақлиётӣ дар асоси таҳлили матрисавии маълумотҳо пешгӯии миқдори автомобилҳоро барои ҳар 1000 нафар аҳолӣ дар қаламрави кишвар, махсусан дар шаҳри Душанбе, барои солҳои 2025-2026 пешниҳод карда мешавад.

Матритсаи асосии солҳои 2019 то 2024

$$A=\begin{pmatrix} 46 & 45 & 46 & 47 & 48 & 50 \\ 58 & 58 & 58 & 62 & 67 & 66 \\ 28 & 28 & 28 & 28 & 32 & 32 \\ 82 & 80 & 61 & 83 & 89 & 94 \\ 44 & 43 & 50 & 52 & 61 & 63 \\ 46 & 45 & 46 & 50 & 55 & 56 \end{pmatrix}$$

Фарқият (Δ):

$$\Delta A=\begin{pmatrix} -1 & 1 & 1 & 1 & 2 \\ 0 & 0 & 4 & 5 & -1 \\ 0 & 0 & 0 & 4 & 0 \\ -2 & -19 & 22 & 6 & 5 \\ -1 & 7 & 2 & 9 & 2 \\ -1 & 1 & 4 & 5 & 1 \end{pmatrix}$$

Афзоиши миёна (вектор):

$$\overline{\Delta A} = \begin{pmatrix} 1{,}0 \\ 1{,}6 \\ 0{,}8 \\ 2{,}4 \\ 3{,}8 \\ 2{,}0 \end{pmatrix}$$

Ҳамин тавр афзоиши миёна барои ВМКБ → 1,0; Суғд→ 1,6; Хатлон→ 0,8; Душанбе→ 2,4; НТҶ→ 3,8; -Ҳамагӣ→ 2,0 муайян гардид.

Пешгӯӣ: $A_{2025} = A_{2024} + \overline{\Delta A}$; $A_{2026} = A_{2025} + \overline{\Delta A}$

Бинобар асоси маълумотҳои солҳои 2019 то 2024 ва истифодаи усули матрисавӣ пешгӯӣ нишон медиҳад, ки миқдори автомобилҳо барои ҳар 1000 нафар аҳолӣ дар минтақаҳо ва махсусан дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2025 -2026 бо афзоиши дар ҷадвали зер овардашуда, идома хоҳад ёфт (ҷадвали 6 ва расми 10).

Ҷадвали 6 - Пешгӯии таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ барои минтақаҳо ва шаҳри Душанбе, ба ҳисоби 1000 нафар

Минтақа	**2025**	**2026**
ВМКБ	51	52
Суғд	68	69
Хатлон	33	34
Душанбе	96	98
НТҶ	66	70
Ҳамагӣ	58	60

Манбаъ: ҳисоби муаллиф

Расми 10 – Шарҳи графикии пешгӯии таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ барои минтақаҳо ва шаҳри Душанбе, ба ҳисоби 1000 нафар



Теғаҳо нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Душанбе, вилояти Суғд ва ВМКБ бо маром ва дар НТҶ бо ҷаҳиш дар солҳои оянда афзоиш меёбад. Ин нишондиҳанда шаҳодат медиҳад, ки банақшагирии инфрасохтор, роҳҳо ва низоми нақлиёти ҷамъиятӣ бояд бо назардошти ин афзоиш боз ҳам такмилтар дода шавад.

Афзоиши шумораи автомобилҳо дар минтақаҳои дигар низ метавонад шиддатнокии ҳаракатро дар кӯчаҳои пойтахт зиёд карда, ҳамзамон, шумораи афзояндаи нақлиёти аз берун воридшаванда, бинобар сабаби бетаҷрибагӣ ва маҳорати пасти ронандагии онҳо метавонад боиси зиёд шудани садамаҳо ҳам дар ҳудуди шаҳр ва ҳам дар мирнтақаҳо гардад.

Шумораи садамаҳо дар роҳҳо ва оқибати онҳо дар давраи солҳои 2019-2024 тағйироти муайянро нишон медиҳад, ки ҳам шумораи садамаҳо ва ҳам талафоти ҷонию осеби ҷисмонӣ мушоҳида мешавад (Ҷадвал 7).

Ҷадвал 7 – Шумораи садамаҳо дар роҳҳои мошингард

Солҳо	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**Пешгӯӣ**	
							2025	**2026**
Шумораи садама, воҳид	**1212**	**1109**	**1102**	**1096**	**1111**	**1236**	**1241**	**1246**
Одам талаф шуд	391	376	395	416	519	553	585	618
Одам захмдор шуд	1314	1263	1218	1197	1179	1357	1366	1375

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.23

Ҷадвали пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2019-2024 шумораи садамаҳо нисбатан устувор боқӣ монда, шумораи одамоне, ки талаф ё захм бардоштаанд, тадриҷан афзоиш ёфтааст. Ин раванд ишора мекунад, ки ҳарчанд шумораи садамаҳо назар ба солҳои пешин фарқият каме дошта бошад, оқибатҳои онҳо барои аҳолӣ назаррас ва барои бехатарии нақлиёт нигаронкунанда боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, зарурати такмили чораҳои пешгирӣ, идоракунии ҳаракат ва

баланд бардоштани фарҳанги ронандагӣ дар роҳҳои шаҳр ва минтақаҳои кишвар бештар ба назар мерасад.

Дар зер таҳаввули шумораи садамаҳо, талафоти ҷонию осеби ҷисмонӣ дар роҳҳои мошингард дар солҳои 2019 то 2024 дар шакли графикӣ нишон дода шудааст.



Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.23

Расми 11 – Шарҳи графикии шумораи садамаҳо дар роҳҳои мошингард

Маълумотҳои солҳои гузашта дар бораи шумораи садамаҳо, талафот ва захмдориҳои ҷисмонӣ дар роҳҳои мошингард асоси мустаҳками таҳлили оморӣ ва моделсозии пешгӯиро фароҳам меоранд. Ин таҳлилҳо барои дарёфти равандҳо ва тағйироти эҳтимолӣ дар солҳои оянда, инчунин барои қабули қарорҳои саривақтӣ ва самаранокии он дар соҳаи нақлиёт ва бехатарии роҳ аҳамияти калон доранд.

Пешгӯӣ нишон медиҳад, ки шумораи садамаҳо ва оқибатҳои онҳо дар солҳои 2025 ва 2026 бо каме афзоиш идома меёбад. Ин натиҷаҳо барои банақшагирӣ ва қабули татбирҳои пешгирӣ муҳим мебошанд.

Дар давраи солҳои 2019-2024 нақлиёт ҳамчун яке аз соҳаҳои калидӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ нақши муайян дошта, ҳиссаи он аз 8,4% то 14,1% тағйир меёбад. Ин нишондиҳанда шаҳодат медиҳад, ки рушди инфрасохтор ва таҷдиди воситаҳои нақлиётӣ дар сиёсати сармоягузорӣ ҷиддӣ ба инобат гирифташуда, нақлиёт дар таъмини ҳаракат ва рушди иқтисодиёт саҳми назаррас дорад.

Ҷадвали 8 - Таносуби ҳиссаи соҳаҳо дар ҳаҷми умумии маблағгузории асосӣ

Солҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Ҳамагӣ сармоягузорҳои асосӣ, % аз он ҷумла:	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
Саноат	48,9	48,2	37,5	34,4	40,5	42,1
Кишоварзӣ	0,3	0,2	0,1	0,5	0,6	0,3
Сохтмон	7,6	15,4	10,0	9,6	11,6	20,0
Нақлиёт	8,4	9,2	10,7	11,8	14,1	10,5
Сохтмони манзил	14,0	20,2	18,2	17,6	20,5	27,1

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.24

Ҷадвал нишон медиҳад, ки ҳиссаи нақлиёт дар сармоягузориҳои асосии солҳои 2019-2024 таҳаввулоти мусбӣ дошта, боиси рушди инфрасохтор, беҳтар гардидани хизматрасонии нақлиётӣ ва мусоидат ба ҳаракати бехатартар дар кишвар мегардад. Ҳамзамон, афзоиши сармоягузорӣ ба дигар

соҳаҳо ҳам нишон медиҳад, ки сиёсати иқтисодӣ ба ҳамоҳангсозии рушди инфрасохтор ва беҳбудии иҷтимоӣ равона шудааст.



Расми 12 – Шарҳи графикии таносуби ҳиссаи соҳаҳо дар ҳаҷми умумии маблағгузории асосӣ, (%)

Маълумотҳои зерин ҷараёни маблағгузорӣ ва ба истифода додани фондҳои асосиро дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2019-2024 инъикос мекунанд. Ин нишондиҳандаҳо имконият медиҳанд, ки сатҳи сармоягузорӣ, самаранокии истифодаи маблағҳо ва динамикаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар кишвар таҳлил карда шаванд.

Ҷадвали 9 - Маблағгузорӣ ва ба истифода додани фондҳои асосӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ҳаз. сомонӣ)

Солҳо	Маблағгузорӣ	Ба истифода додани фондҳои асосӣ
2019	1049319	1134654
2020	1084882	1324038
2021	1612246	268460
2022	1971309	248969
2023	2912246	453438
2024	1588947	870124

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.24

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳанд, ки ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи нақлиёт дар давраи солҳои 2019-2024 тағйироти назаррас дошта, дар баъзе солҳо афзоиши ҷиддӣ ва дар баъзе дигар коҳиш мушоҳида мешавад. Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои ба истифода додани фондҳои асосӣ низ устувор нестанд, ки ин метавонад ба муҳлати анҷоми лоиҳаҳо, хусусияти сармоягузории инфрасохторӣ ва давраҳои татбиқи сохтмон вобаста бошад. Ин таҳаввулот зарурати такмили механизми банақшагирӣ, идоракунии сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳоро дар соҳаи нақлиёт таъкид мекунад.



Расми 13 – Шарҳи графикии маблағгузорӣ ва ба истифода додани фондҳои асосӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ҳаз. сомонӣ)

Маълумоти дар зер овардашуда, дар солҳои 2019-2024 тағйирёбии вазъияти меҳнатро дар соҳаи нақлиёт нишон медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо имконият медиҳанд, ки динамикаи шумораи кормандон ва сатҳи музди меҳнати онҳо арзёбӣ гардида, равандҳои бозори меҳнат ва таъсири омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба фаъолияти соҳа таҳлил шаванд.

Ҷадвали 10 – Динамикаи шумораи коргарон ва маоши миёнаи моҳона дар солҳои 2019-2024

Солҳо	Шумораи коргарон, ҳазор нафар	Маоши миёнаи моҳона, сомонӣ
2019	17,1	1960,95
2020	16,7	1557,65
2021	17,0	1922,47
2022	17,4	2395,39
2023	17,0	2778,72
2024	18,0	3137,28

Сарчашма: Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, АОНПҶТ, 2025, С.33, саҳ.24

Натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки сарфи назар аз зиёд тағйир наёфтани шумораи кормандон, сатҳи маош дар соҳа тамоюли устувори афзоишёбандаро нишон медиҳад. Ин раванд метавонад аз беҳтар шудани сатҳи шароити меҳнат ва баланд шудани арзиши меҳнат дар ин бозор шаҳодат диҳад. Бо вуҷуди ин, устувории шумораи коргарон нишон медиҳад, ки бозори меҳнат дар ин соҳа нисбатан муназзамбуда, талабот ба мутахассисон вобаста ба ҳаҷми кор ва густариши хизматрасониҳо зина ба зина ташаккул ёфтаистодааст.



Расми 14 – Шарҳи графикии тайирёбии шумораи коргарон дар давраи солҳои 2019–2024

Нақша нишон медиҳад, ки шумораи коргарон дар давраи солҳои 2019–2024 боло рафта, дар соли 2024 ба сатҳи баландтарини худ мерасад.



Расми 15 – Шарҳи графикии Маоши миёнаи моҳона, (сомонӣ)

Маоши миёнаи моҳона баъд аз коҳиши соли 2020 пайваста боло рафта, то соли 2024 ба сатҳи баландтарини худ мерасад.

Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки вазъи бозори меҳнат тадриҷан беҳтар шуда, шумораи коргарон боло рафтааст ва музди миёнаи моҳона бо суръати назаррас афзудааст. Ин раванд аз фаъолшавии иқтидори истеҳсолӣ ва болоравии имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ дарак медиҳад.

Ин омилҳои зикршуда маҳз ҳамон тағйиротеанд, ки метавонанд ба беҳтар шудани сатҳи фаъолияти нақлиёти автомобили мусофирбар дар шаҳри Душанбе мусоидат кунанд.

Сатҳи фаъолияти нақлиёти автомобили мусофирбар дар шаҳри Душанбе бо рушди босуръат тавсиф меёбад:

- васеъ намудани шабакаи корхонаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ва таксиҳои хаттӣ дар шаҳр;
- ташаккул ва таъсиси филиалҳои корхонаҳои нақлиётӣ, терминалҳо ва нуқтаҳои фурӯшӣ билет дар нуқтаҳои ҷалби мусофирон;
- ҷорӣ намудани шаклҳо ва усулҳои нави ташкили равандҳои мусофирбарӣ дар ҳудуди шаҳр ва ғ.

Лекин бояд ба инобат гирифт, ки интиқоли мусофирон дар ҳудуди шаҳр хусусиятҳои худро дорад:

1. номутобиқ будани зичии шабакаи роҳҳо;
2. шумораи зиёди маҳаллаҳои дорои аҳолии кам;
3. набудани автобусҳои муосир ва маҳдуд будани намудҳои онҳо барои кор дар шароити маҳаллаҳои гуногун;
4. тақсимоти нобаробари мусофирон дар воҳидҳои вақт, рӯз, ҳафта;
5. хусусияти махсуси мусофирон бо бағоҷ.

Аз ин рӯ, таҳқиқи раванди хизматрасонии нақлиётии аҳолии маҳаллаҳои шаҳр ҳамчун як системаи мустақил боқӣ мемонад.

Муайян кардани хусусиятҳои нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе имкон медиҳад, ки корҳои зерин анҷом дода шавад:

-таҳия намудани татбирҳо баҳри баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолии шаҳр;

-муайян намудани хусусиятҳои хоси интиқоли мусофирон дар шаҳр;

-истифодаи самараноки маълумотҳои илмӣ (ба хусус донишҳои методологӣ) дар амалия;

-афзоиши самаранокии таҳқиқотҳои илмӣ доир ба мушкилоти соҳаи нақлиёти ҷҷамъиятии мусофирбар;

-муайян кардани сатҳи қонеъмандии эҳтиёҷоти аҳолии шаҳр ба хизматрасонии нақлиёти муофирбарии ҷамъиятӣ.

Бо вуҷуди ин, хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолии шаҳри Душанбе яке аз омилҳои асоси маҳсуб буда, ба самаранокии фаъолияти он диққати кофӣ дода намешавад.

Хусусиятҳои хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолии шаҳр ниёз ба истифодаи усулҳои методологӣ ва навовариҳо дошта, таҳқиқи омилҳоеро талаб мекунанд, ки талаботи шаҳрвандон ба хизматрасонии нақлиётро муайян мекунад.

Бо дарназардошти ин масъалаҳо, самаранокии хизматрасонии нақлиётӣ дар шаҳри Душанбе метавонад тавассути самтҳои асосии зерин таъмин шавад:

1. Такмил додани равандҳои нақлиётӣ;
2. Рушди сатҳи ташкилӣ-техникии сохторҳои субъектҳои хоҷагидор;
3. Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ин сохторҳо хусусан дар ҳудуди шаҳрҳо;
4. Рушди унсурҳои инфрасохтори нақлиётӣ дар шаҳр;
5. Истифодаи самараноки захираҳои моддӣ ва беҳтар намудани таъмини моддиву-техникии муасисаҳои мусофирбарӣ ва ғайраҳо.

Аз ин рӯ, афзоиши самаранокии хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолии Душанбе талаб мекунад, ки чораҳои илмӣ ва асоснокшуда бо истифода аз усулҳои гуногун татбиқ карда шаванд. Ин чораҳо ба беҳтар кардани фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагии ҳамаи шуъбаҳои корхонаҳои нақлиётӣ равона шуда, бо сатҳҳои гуногуни хароҷоти молиявӣ ва меҳнатӣ алоқаманд бошанд, ҳамчунин омилҳои мухталиферо, ки талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётро муайян мекунанд, ба назар гирифта шаванд.

Адабиёт

1. Ваксман С.А., Гальперин А.И., Отдельнова Е.Е. Совершенствование работы пассажирского общественного транспорта в крупных городах// Проблемы больших городов: обзорная информация. – М.: МГЦНТИ, 1989. – Вып. 21. – С. 24.
2. Ҷалилов У.Ҷ., Саидзода Ф.Ҳ. Мушкилиҳои асосии таъминӣ ва риояи қоидаҳои ҳаракат дар шаҳрҳо //Маводи Конфронсияи IX байналмилалии илмӣ-амалии «ИЛМ – асоси рушди инноватсионӣ» (17–18 апрели соли 2025). – Душанбе, 2025.
3. Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – 33 с.
4. Саидзода Ф.Ҳ., Ҷалилов У.Ҷ. Моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва вазифаҳои нақлиёти мусофирбар дар шаҳри Душанбе //Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции / Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2025. – № 3 (71). – Душанбе.
5. Саидзода Ф.Х., Джалилов У.Дж. Проблемы и перспективы внедрения цифровых технологий в регулировании дорожного движения в городе Душанбе // Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ барои рушди соҳаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводҳои конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (25 октябри соли 2025). – Бӯстон, 2025.

УДК: 330.5

МИРОВОЙ ОПЫТ ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Сафарзода Навруз Умарали

Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: 988-72-21-23. E-mail: cheh-16@mail.ru

Статья посвящена мировым опытом повышения уровня благосостояния населения и их использование в условиях Республики Таджикистан. Автор статьи разделяет мнение о том, что в исследование западных теорий благосостояния показывает, что в них основное уделяется приоритету человеческой личности. Почти во всех теориях природу благосостояния раскрывается с позиций индивидуального и общественного благосостояния, как главным условием повышения уровня жизни населения признается вмешательство государства в экономику в связи с несовершенством рынка. Сделан вывод о том, что теория благосостояния связана с изучением таких методов организации хозяйства, которые обеспечивают обществу максимизацию богатства или, как говорит современная наука, экономического благосостояния.

Ключевые слова: человеческий потенциал, богатства человека, мировой бедность, природа благосостояния, человеческий фактор, социальные гарантии.

ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ НЕКЎАҲВОЛӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сафарзода Наврӯз Умаралӣ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва амнияти иқтисодӣ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

Телефон: +992 988 72 21 23

E-mail: cheh-16@mail.ru

Дар мақола таҷрибаҳои ҷаҳонии беҳтар кардани некӯаҳволии аҳолӣ ва татбиқи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Муаллиф бар он ақида аст, ки таҳқиқоти назарияҳои некӯаҳволии ғарбӣ нишон медиҳад, ки онҳо шахсияти инсонро авлавият медиҳанд. Қариб ҳамаи назарияҳо табиати некӯаҳволиро аз нигоҳи некӯаҳволии инфиродӣ ва иҷтимоӣ меомӯзанд ва дахолати давлатро дар иқтисодиёт ҳамчун шарти асосии беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ аз сабаби нокомилии бозор эътироф мекунанд. Хулоса бароварда мешавад, ки назарияи некӯаҳволӣ бо омӯзиши усулҳои ташкили иқтисодӣ, ки сарват ё, чунон ки илми муосир онро меномад, некӯаҳволии иқтисодиро ба ҳадди аксар мерасонанд, алоқаманд аст.

Калидвожаҳо: потенсиали инсонӣ, сарвати инсонӣ, камбизоатии ҷаҳонӣ, хусусияти некӯаҳволӣ, омили инсонӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ.

WORLD EXPERIENCE OF HIGH-RISING NECKOAIVOL STATUS AND ITS USE IN THE HUMOROUS CONDITIONS OF TAJIKISTAN

Navruz Umarali Safarzoda

Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of National Economy and Economic Security.

Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan.

Tel.: +992 988 72 21 23

E-mail: cheh-16@mail.ru

The article discusses global experiences in improving the well-being of the population and their implementation in the conditions of the Republic of Tajikistan. The author believes that the study of Western theories of well-being shows that they prioritize the human personality. Almost all theories study the nature of well-being from the point of view of individual and social well-being and recognize state intervention in the economy as the main condition for improving the standard of living due to market imperfections. It is concluded that the theory of well-being is associated with the study of methods of economic organization that maximize wealth or, as modern science calls it, economic well-being.

Key words: human potential, human wealth, global poverty, nature of well-being, human factor, social guarantees.

Введение.Человечество в своем развитии достигло больших успехов, процессы глобализации в последние годы явились средством повышения уровня жизни. Однако, несмотря на колоссальные

достижения человечества в сфере социального, экономического и технологического развития, проблема благосостояния так и полностью не решена.

Прежде чем говорить о причинах экономического и социального регресса или провала, стоит сказать о человеке как о самом важном звене в структуре экономики. И в первую очередь обратим наше внимание на такое важнейшее понятие как «экономическое благосостояние» человека. Ведь от того, насколько благополучен каждый человек, складывается и формируется общее благосостояние страны. Более того, в последнее время есть тенденция оценивать развитие государства по состоянию уровня жизни населения и по уровню его благополучия. «Благосостояние» — понятие очень растяжимое. Нам же стоит его рассмотреть в контексте экономики. Это степень удовлетворения физических, духовных и социальных потребностей человека. Также для нас особенно важно понятие «благосостояния» целой группы людей или даже всего общества. Теория благосостояния связана с изучением таких методов организации хозяйства, которые обеспечивают обществу максимизацию богатства или, как говорит современная наука, экономического благосостояния. Предмет этого раздела экономической науки можно определить и как сравнение разных состояний экономики. Поскольку благосостояние и отдельного человека, и группы людей выражается через многие, в том числе и количественные, факторы, среди которых и реальные доходы, и жилищные условия, и продолжительность рабочего и свободного времени, и возможности системы образования, здравоохранения и органов обеспечения безопасности, и политическая обстановка.

Степень разработанности темы. Тема мировой опыт повышения уровня благосостояния населения и их использование в условиях Республики Таджикистан является объектом пристального внимания ряда отечественных и зарубежных ученых.

Разработка теоретических и методологических аспектов исследования благосостояния населения Таджикистана и выявление основных факторов данной темы представляют не только научно-теоретический, но и практический интерес.

Цель исследования заключается в теоретическом описании особенностей и перспектив повышения уровня благосостояния населения в Республике Таджикистан с учётом современных реалий западных страна и их практики в преодолении данной проблематики.

Метод исследования: В исследовании использованы методы комплексно-системного анализа, группировки данных, обобщения, приёмы статистического, логического, исторического и сравнительного анализа для оценки текущего состояния и определения основных перспективных направлений уровня благосостояния в западные страны и использования их методов Республике Таджикистан в современном этапе.

Основная часть.

Благосостояния населения выступает центральной причиной, усиливающим фактором целого ряда глобальных проблем человечества, в результате чего решение проблем благосостояния достаточно сложная мировая задача. Представляя собой феномен глобального социального характера, благосостояния проецируется на экономику, социальные отношения, политику, культуру, влияет существенным образом на уровень образования и состояние здоровья людей. Так, несмотря на изобилие, в мире существует глубокая благосостояния, которая приобретает все новые черты и проявления. Каждый день «на Земле 12 - 20 тыс. человек умирают от голода и от различных заболеваний, вызванных длительным голоданием, 75% из них - дети в возрасте до 5 лет. В слаборазвитых странах умирает 10% детей в возрасте до 5 лет. При этом неурожаи и военные действия последних времён торговые войны между стран являются причиной голодной смерти населения всего лишь на 10%, а большая часть смертей вызвана постоянным недоеданием»[3]. Основная причина перечисленного является проблема благосостояния населения мира, при которой люди не могут обеспечить себя и свои семьи достаточным количеством еды. Согласно оценкам экспертов, Всемирного банка начиная с 2025 года порог бедности рассчитано на уровне 4.20 доллара. Именно этим расчётам в 2025 около 2.5 млрд человек живут в состоянии бедности (4.20 $) и 1 млрд человек живут за чертой бедности установленной Всемирным банком, а 1/5 часть – менее чем на 3 долл. США в день, основная масса этих людей проживает в Южной Азии, и Африке[4].

Распределение глобальных достижений происходит крайне неравномерно. Средний доход 20 наиболее богатых стран в 38 раз превосходит средний доход 20 беднейших стран, и данный разрыв увеличился за последние 40 лет вдвое и продолжает увеличиваться. «Повышения уровня благосостояния населения в разных странах охватывает все аспекты социальной политики государства и включает в себя системы социальной защиты, социального обеспечения и социального

страхования» [2]. Поэтому так важно проанализировать масштабы и перспективы проблем благосостояния в различных странах и понять, какой опыт накоплен в различных регионах и странах мира по вопросам благосостояния и улучшению качества населения[5].

Выбор модели и концепции развития в вопросе повышения уровня благосостояния населения в Республике Таджикистан предполагает исследование зарубежного опыта, поскольку становление рыночных отношений для страны является новым явлением, к которому ещё не выработаны соответствующие адекватные механизмы регулирования. Общеизвестно, что в странах с развитой рыночной экономикой по нынешнее время накоплен богатый опыт не только в реализации экономических, структурных, институциональных изменений, но и по вопросам регулирования социальной жизни населения для их дальнейшего развития. В этом контексте рассмотрим опыт некоторых из них.

Одно из основных организаций которое принимает различные документы области благосостояния в мировом контексте является Организация Объединённых наций. Одно из важнейших документов которое принимал это организация является 17 целей устойчивого развития (ЦУР) были приняты 2015 года на саммите дня «Преобразование нашего мира: Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года». Эти цели выступили в силу с 1 сентября 2016 года и должны быть достигнуты к 2030 году. Эти цели заключатся в следующим:



Рисунок 1. Цели устойчивого развития ООН

Источник: https://www.undp.org/ru/belarus/celi-ustoychivogo-razvitiya-cur

Реализация 17 целей устойчивого развития должна обеспечивать возможность удовлетворения необходимых для жизнедеятельности человека потребностей (в пище, чистой воде, воздухе, жилье), сохранение здоровья и увеличение продолжительности жизни (в том числе снижение доли населения, страдающих вредными привычками), безопасность в обществе, возможности образования и культурного развития, занятость, мобильность, обеспеченность ресурсами (электроэнергия, водные и лесные ресурсы), технологиями и инновациями, облегчающими жизнь человека в обществе, развитие комфортной городской среды. Для измерения степени достижимости целей устойчивого развития запланировано 248 показателей, из которых разработано 114. При этом все показатели являются «объективными социальными индикаторами». Например, для оценки степени достижимости ЦУР-8 «Достойная работа и экономический рост» используются следующие индикаторы:

- ежегодные темпы роста реального ВВП на душу населения;
- ежегодные темпы роста реального ВВП на каждого занятого;
- доля неформальной занятости от общей занятости в разбивке по сектору и полу;
- средний почасовой заработок работников в разбивке по полу,
- возрасту и роду занятий, а также признаку инвалидности;
- уровень безработицы в разбивке по полу, возрасту и признаку инвалидности роста;
- доля молодежи (в возрасте от 15 до 24 лет), которая не учится, не

работает и не приобретает профессиональных навыков;

− доля и число детей в возрасте от 5 до 17 лет, занятых детским трудом,
в разбивке по полу и возрасту;

− уровень производственного травматизма со смертельным и не смертельным исходом на 100 000 работников в разбивке по полу и миграционному статусу;

− непосредственный вклад туризма в совокупный ВВП и в темпы
число, a) филиалов коммерческих банков на 100 000 взрослых и b) число банкоматов на 100 000 взрослых;

− доля взрослых (от 15 лет), имеющих счет в банке или ином
финансовом учреждении или пользующихся услугами операторов мобильных финансовых услуг;

− объем обязательств и выплат в рамках инициативы «Помощь в торговле».

Нет необходимости приводить дополнительные примеры, поскольку

представленный перечень показателей ЦУР-8 достаточно демонстрирует их преимущественно «объективную» природу[11].

Аннотатсия. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иқтисодӣ, рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баромад менамояд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дастгирии молиявии давлатӣ дар шакли грантҳо, субсидияҳо, қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои андозӣ ва сармоягузориҳои мустақим нақши калидӣ дар ташаккул ва густариши экосистемаи инноватсионӣ мебозад. Мақсади таҳқиқот таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии ҳиссаҷудокуниҳои молиявии давлатӣ ба рушди соҳибкории инноватсионӣ мебошад. Дар доираи таҳлил омилҳои таъсиррасон, шаклҳои дастгирӣ, механизми тақсимоти захираҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшӣ баррасӣ мегарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки самаранокии ҳиссаҷудокуниҳои давлатӣ аз шаффофият, ҳадафнокӣ, мониторинг ва баҳодиҳии мунтазами лоиҳаҳо вобаста мебошад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани низоми маблағгузорӣ, дастгирии давлатӣ метавонад боиси афзоиши ҳаҷми маҳсулоти инноватсионӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва баланд гардидани сатҳи содирот гардад. Ҳамзамон, хавфҳои вобастагӣ аз маблағгузории давлатӣ ва истифодаи ғайрисамараноки захираҳо низ мавҷуданд, ки зарурати такмили сиёсати молиявиро тақозо менамоянд.

Калидвожаҳо: соҳибкории инноватсионӣ, ҳиссаҷудокуниҳои молиявии давлатӣ, дастгирии давлатӣ, сиёсати инноватсионӣ, грантҳо, субсидияҳо, самаранокии иқтисодӣ, сармоягузории давлатӣ, экосистемаи инноватсионӣ, рушди устувор.

АНАЛИЗ И ОЦЕНКА ГОСУДАРСТВЕННЫХ ФИНАНСОВЫХ АССИГНОВАНИЙ НА ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Убайдуллозода Файзулло Убайдулло
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансы, Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: davlatali.1998@mail.ru. Телефон: (+992) 918101051

В условиях глобализации и жёсткой экономической конкуренции развитие инновационного предпринимательства выступает в качестве ключевого фактора повышения конкурентоспособности национальной экономики. Опыт развитых стран показывает, что государственная финансовая поддержка в форме грантов, субсидий, льготных кредитов, налоговых преференций и прямых инвестиций играет важную роль в формировании и расширении инновационной экосистемы. Целью исследования является анализ и оценка эффективности государственных финансовых ассигнований, направляемых на развитие инновационного предпринимательства. В рамках исследования рассматриваются влияющие факторы, формы поддержки, механизм распределения ресурсов и показатели оценки результативности. Результаты исследования показывают, что эффективность государственных ассигнований зависит от прозрачности, целевого характера использования средств, системы мониторинга и регулярной оценки реализуемых проектов. При правильной организации механизма финансирования государственная поддержка может способствовать увеличению объёмов инновационной продукции, созданию новых рабочих мест, развитию цифровых технологий и росту экспортного потенциала. Вместе с тем существуют риски зависимости от государственного финансирования и неэффективного использования ресурсов, что требует совершенствования финансовой политики.

Ключевые слова: инновационное предпринимательство, государственные финансовые ассигнования, государственная поддержка, инновационная политика, гранты, субсидии, экономическая эффективность, государственные инвестиции, инновационная экосистема, устойчивое развитие.

ANALYSIS AND ASSESSMENT OF PUBLIC FINANCIAL ALLOCATIONS TO INNOVATIVE ENTREPRENEURIAL ACTIVITY

Ubaydullozoda Fayzullo Ubaydullo

Candidate of economic sciences, associate professor. Associate department finance of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: davlatali.1998@mail.ru. Phone: (+992) 918101051

In the context of globalization and intense economic competition, the development of innovative entrepreneurship serves as a key factor in enhancing the competitiveness of the national economy. The experience of developed countries demonstrates that public financial support in the form of grants, subsidies, concessional loans, tax incentives, and direct investments plays a crucial role in the formation and expansion of the innovation ecosystem. The aim of the study is to analyze and assess the effectiveness of public financial allocations directed toward the development of innovative entrepreneurship. The research examines influencing factors, forms of support, mechanisms for resource allocation, and performance evaluation indicators. The results of the study indicate that the effectiveness of public allocations depends on transparency, targeted use of funds, monitoring systems, and regular evaluation of implemented projects. When the financing mechanism is properly organized, public support can contribute to increased output of innovative products, job creation, development of digital technologies, and growth of export capacity. At the same time, there are risks of dependence on public funding and inefficient use of resources, which necessitate the improvement of financial policy.

Keywords: innovative entrepreneurship, public financial allocations, public support, innovation policy, grants, subsidies, economic efficiency, public investment, innovation ecosystem, sustainable development.

Сарсухан. Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамқадами инсоният ба ҳисоб рафта, дар тамаддуни башарият ба унвони қадимитарин шуғл арзёбӣ мегардад. Соҳибкорӣ дар марҳилаҳои мухталифи сохти ҷамъиятӣ, бузургтарин нақшро дар самти таъмини суботи иқтисодӣ, бунёди шуғл, таъмини ниёзҳои аҳолӣ ба намудҳои мухталифи хизмтаарсониҳо касб намудааст. Мувофиқ ба омори таърихӣ, соҳибкорӣ яке аз сармчашамаҳои асосии таҳаввулдиҳандаи иқтисодҳо маҳсуб ёфта, дар вориднамоии дигаргуниҳои фановарӣ-техникӣ назир надорад. Яъне соҳибкорӣ ба унвони маҳаки асосии коркард ва татбиқсозандаи навгониҳо баҳисоб меравад.

Замони муосире, ки айни ҳол мо дар он қарор дорем, дар ҳоли таҳаввулоти ҷиддии иқтисодӣ қарор дорад. Ҳадаф аз чунин як дигаргуниҳо ин баландбардории сифати фаъолиятнамоии корхонаҳо ва ширкатҳо, таъмини мустақилияти иқтисодӣ, субот ва инчунин коҳиши вобастагӣ аз маҳдудиятҳои сиёсӣ-иқтисодии берунӣ башумор меравад. Бар ин асно, татбиқи дигаргуниҳои куллӣ ва гузариш ба платформаҳои нави бар асоси фановариҳои муосир эҷодёфта мувофиқи мақсад мебошад.

Ба андешаи мо, дар шароити имрӯза гузариш ба фаъолияти инноватсионӣ метавонад дар таъмини тавсеи иқтисодӣ, нақши калидӣ дошта бошад. Зеро ҳадаф аз гузариш ба шакли нави фаъолият ин қабл аз ҳама коркард ва воридсозии навгониҳо дар амалкардҳои бизнесс-сохторҳо маҳсуб меёбад. Коркард ва вориднамоии чунин як навгониҳо, имкон дорад то дар густариши фурсатҳои рақобатнокии соҳибкории ватанӣ боис гардад.

Соҳибкорӣ бо мурури замон ва дар натиҷаи равнақу ривоҷёбии муасиртарин фановариҳо, ранги куллан дигарро дар худ ҷой додааст. Тавре аз мушоҳидаҳо бар меояд, имрӯзҳо соҳибкории инноватисонӣ дар тавсеа ва таъмини суботи иқтисодӣ калидитарин нақшро иҷро менамояд, он барои теъдоди зиёди ҷараёнҳо ба унвони қувваи ҳаракатдиҳандае баромад менамояд, ки баҳри беҳдошти вазъи иқтисодӣ-ичтимоӣ, баландбардории сатҳи некуаҳволӣ нигаронида шудааст. Бар ин асно дар расми 1 нақш ва мавқеи соҳибкорӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ мавриди пешниҳод қарор дода шудааст.



Рас

ми 1. Нақш ва мавқеи соҳибкорӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ

Ҳамин тавр, метавон қайд дошт, ки соҳибкорӣ на танҳо дар рушду ривоҷи тиҷорати хусусӣ, балки дар таъмини субот ва тавсеаи иқтисодӣ низ нақши қобили таваҷҷӯҳ дорад, яъне дар натиҷаи густариши фаъолияти худ он дар беҳдошти сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ дошта, дар таъмини рушди пойдорӣ ҷомеа низ нақши беназир доранд

Вориднамоии идоранамоии босамар ва равнақи соҳибкории инноватсионӣ дар ҳоли ҳозир ба унвони омили калидӣ арзёбӣ мегардад, зеро он тавсеаи иқтисодиро ҳам дар доираи корхона ва ҳам дар сатҳи кишвар таъмин менамояд. Тавре таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, соҳибкории инноватсионӣ дар ҳоли табдил шудан ба як пояи эътимоднок барои таъмини рушди иқтисодӣ ва афзоиши рақобат мубаддал гаштааст[11].

Бар ин асно ва бо назардошти мубрамияти соҳибкории инноватсионӣ барои иқтисоди миллӣ, ифшои хусусиятҳои хоси он зарур арзёбӣ мегардад. Дар расми 2 хусусиятҳои хоси соҳибкории инноватсионӣ мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд.



Расми 2. Хусусиятҳои хоси соҳибкории инфиродӣ

Масъалаи тавсеаёбии соҳибкории инноватсионӣ, ба унвони муҳимтраин мавзӯъ барои иқтисоди миллӣ ва ҳадафҳои рушди устувори он шарҳ дода мешавад, зеро ниҳоди равнақёфтаи соҳибкории инфиродӣ бо тавоноии худ дар тавлиди навовариҳое, ки дар дараҷаи аввал дар бозори дохилӣ мавриди тақозо мебошанд ва барои дасгирии рушди иқтисодӣ зарур маҳсуб меёбанд, тамаркуз менамояд. Бинобар ин, метавон натиҷагирӣ намуд, ки бахши соҳибкории инновастсионии равнақёфта, дар густариши имкониятҳои рақобатнокии иқтисоди миллӣ таъсиргузор мебошад.

Бар асоси таҳлилҳои иқтисодичиёни ширкати Moody's Economy маблағгузориҳои давлатӣ ба инфрасохтор боис ба густариши ангезаҳо дар байни сармоягузорони инфиродӣ мегардад, тавре аз ҳисобиҳои ин ширкат бар меояд, ҳар як доллари дар ин самт, яъне ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ махраҷ намуда, самараи мултпликативӣ дар ҳаҷми 1,59 долларо ба бор хоҳад овард. Ба ҷуз аз ин, соҳибкорӣ бинобар коҳиши хароҷотҳои мансуб ба хароҷотҳои нақлиётӣ, иртиботӣ-коммуникатсионӣ, энергетикӣ ва обтаъминнамоӣ дар умум бурд менамояд[3].

Лозим ба ёдоварист, ки дар ҳоли ҳозир, ҷомеаи ҷаҳонӣ бо суръати ниҳоят баланд дар марҳилаи гузориш ба модели нави тавсеаи иқтисодӣ қарор дорад, ин модел ба унвони “иқтисоди бар асоси дониш асосёфта” дар саросари ҷаҳон ба як тренди умумибашарӣ мубаддал гаштааст. Таҳрик ва дастгирии тавсеаи инноватсионӣ дар давоми солҳои охир ба яке аз самтҳои калидии сиёсати иқтисодии кишварҳо табдил ёфтааст. Хусусияти пӯёии тавсеаи иқтисоди ҷаҳон дар дараҷаи қобили таваҷҷӯҳ аз имконот ва фурсатҳои коркард ва аз худнамоии фановариҳои муосир, ҷамъоварии донишҳо ва тавлиди он ба сармояи инсонӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити имрӯза на танҳо тавлиди дониш, балки сафарбарсозии он ба истеҳсолоти босамар, яъне тиҷоратсозии он нақши ниҳоят муҳимро касб менамояд. Аз ин хотир, бо назардошти мубрамияти масъалаи зикргардида ҳар як кишвари олам талош бар он дорад, то маблағгузориҳоро ба самти Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкторӣ (КИТТК) бештар гардонад.

Мувофиқ ба иттилооти Намояи ҷаҳонии инноватсионӣ (НҶИ) дар давоми соли 2024, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо касби 18,6 банд мақоми107-ро касб намудааст. Бояд иброз дошт, ки ин шохис дар соли 2023 ба 18,3 банд баробар буд, яъне дар давоми 1 соли ин шохис ба андозаи 0,3 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст[13].



Диаграммаи 1. Раддабандии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фурсатҳо дар самти навовариҳо аз ҷониби НИҶ(Global Innovation Index)

Барои қиёс, бар асоси маълумотҳои 132 кишвар, шохиси миёнавазнии ҷаҳонӣ дар ин айём 31,57 бандро ташкил медиҳад. Шохиси зикргардида барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2011 то соли 2024, 24.1 холро ташкил намудааст. Бояд қайд дошт, ки нуқтаи пастарини он дар соли 2023 ба андозаи 18,3 ва нуқтаи баландтаринаш бошад соли 2013 мебошад, дар ин сол ин шохис ба 30 хол расида буд.

Намояи инноватсионии ҷаҳонӣ унсурҳои иқтисодиеро фарогир мебошад, ки дар пешбурди фаъолияти инноватсионӣ мусоидат менамоянд, ин унсурҳо дар расми 3 мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд:



Расми 3. Унсурҳои асосии фарогири масъалаҳои мансуб ба инноватсия

Намояи ҷаҳонии инноватсионӣ фарогири ду зершохис (субиндекс) мебошад. Зершохиси “ Захираҳои инноватсионӣ” ва зершохиси “Натиҷаҳои инноватсионӣ”. Зершохиси аввал бар асоси 5ҷузъи таркибӣ, ниҳодҳо, сармояи инсонӣ ва таҳқиқотҳо, инфрасохтор, тавсеаи бозор, ва сатҳи равнақи тиҷорат. Зершохиси 2-юм бошад бар асоси ду ҷузъ, донишу технология ва натиҷаҳои эҷодӣ.

Тавре қаблан изҳор намуда будем, тавсеаи соҳибкории инноватсионӣ аз пешбурди корҳо дар самти (КИТТК) вобастагӣ дорад, аммо мувофиқ ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва мушоҳида дар самти пешбурди соҳибкории инноватсионӣ нақши давлат ниҳоят муҳим мебошад. Яъне, дар шароити муосир давлат маблағгузори асосии (КИТТК) баҳисоб меравад. Бар ин асно, метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикстон низ баҳри вусъатбахшии фаъолиятҳои инноватсионӣ бо маблағгузори соҳаи илм сару кор гирифтааст. Аз ин хотир, лозим донистем то таҳлилу арзёбии ҳиссаҷукуниҳои давлатиро ба ин соҳ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Ислоҳот дар самти баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии соҳаҳои иҷтимоӣ дар такя ба натиҷаҳои назарраси бадастомада оид ба истифодаи равишҳои нави идоракунии рушди сармояи инсонӣ равона мегардад. Ҳалли асосӣ ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва ташаккулёбии табақаи миёна алоқаманд хоҳад буд. Ислоҳот дар ин давра бо баланд бардоштани дараҷаи инноватсионии соҳаҳои ташаккулдиҳандаи сармояи инсонӣ алоқаманд мебошанд. Афзалиятҳо бо таъмин намудани стандартҳои баланди некӯаҳволии инсон ва суботи ҷамъият ва беҳбудии иҷтимоӣ алоқаманд хоҳад буд. Ҳамгироии давраҳои сикли инноватсионӣ ҳавасманд гардонида мешаванд: тадқиқотҳои фундаменталӣ ва амалӣ, истеҳсолоти таҷрибавӣ ва тиҷораткунонии навовариҳо[12].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориҳои буҷетӣ сарчашмаи асосӣ барои бахши илм ва инноватсияи ватанӣ маҳсуб меёбанд. Дар ҷадвали 1 хароҷотҳо аз ҳисоби буети кишвар баҳри дастгирии илм ва инноватсия мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд.

Ҷадавли 1. Хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм ва инноватсия, ҳазор сомонӣ

	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023 нисбат ба 2018, маротиба
Хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм	66910,7	76401	82820,4	99690,7	119586,7	143510,8	2,14

Сарчашма. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуи оморӣ. – Душанбе, 2024. – С.67.

Мувофиқ ба рақамҳои дар ҷадвали 1 инъикос ёфта, метавон мушоҳида намуд, ки дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ ҳиссаҷудокуниҳо аз ҳисоби буҷети кишвар дар ҳоли афзоиш қарор доранд. Ҳамин тавр, мувофиқ ба маълумотҳои оморӣ дар соли 2018 маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ба соҳаи илм 66910,7 млн.сомониро ташкил намудаанд, дар соли 2019 бошад, ин нишондиҳанда ба 76401 млн.сомонӣ, дар соли 2020 то 82820,4, дар соли 2021 ба 99690,7 млн.сомонӣ, дар соли 2022 11958, 7 ва дар соли 2023 бошад ин нишондиҳанда то 143510,8 млн.сомонӣ боло рафтааст. Яъне дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ ин нишондиҳанда ба андозаи 2, 14 маротиб боло рафтааст.

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз ҳиссаҷудокуниҳои назаррас, ин маблағҳо барои тавсеаи ҳамаҷонибаи илм ва инноватсия кофӣ нестанд, барои тақвиятбахшии ин соҳаи калидӣ, хароҷотҳои бояд зиёд карда шаванд. Тавре аз иттилооти ҷаҳонӣ бар меояд, кишварҳои мухталиф саҳми назарраси ММД-ро баҳри густариши ин бахш сафарбар менамоянд, барои мисол Изроил – 5, 56%, Кореяи Ҷанубӣ- 4,93%, Шоҳигарии Белгия – 3, 43% ва Шоҳигарии Шветсия 3,42%-ро ташкил менамояд. Бо назардошти мубрамияти масъалаи мазкур ба андешаи мо, хароҷотҳо ба соҳаи илм ва инноватсия бояд ҳадди ақал ба андозаи 3%-и ММД афзоиш дода шаванд.

Дар умум бояд қайд дошт, ки агар дар кишвар ислоҳоти ҷиддӣ дар ин самт мавриди татбиқ қарор нагирад, дар ояндаи наздик бархе аз ихтисосҳо ва равияҳои илмӣ, куллан аз байн хоҳанд рафт. Дар умум метавон гуфт, ки раванди татбиқи соҳибкории инноватсионӣ ва татбиқи таҳаввулоти ҷиддӣ дар иқтисоди миллӣ, бидуни тақвиятбахшии илм номумкин мебошад. Таҷрибаи кишварҳои мухталифи ҷаҳон гувоҳидиҳандаи ин андешаҳо мебошад. Аз ин хотир, ба андешаи мо баҳри коҳиши ин тамоюл ҳамоҳангии сохторҳои давлатӣ зарур мебошад, аз ҷумла дар доираи вазоратҳо ва кумитаҳои дахлдор.

Тавсеаи соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо камбудиҳо дар алоқаманди илм ва истеҳсолот, нокифоягии маблағгузориҳо, ҳамгироӣ асоснок карда мешавад. Аамо, ин навъ фаъолиятро тавассути таъсиси инфрасохтори зарурӣ, дастгрии давлатии соҳибкории инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои таъсирбахши андозӣ ва равобити байналмилалӣ махсусан дар заминаи саноатикунонии босуръат ва рақамикунонии иқтисод таъмин намуд. Ба андешаи мо, заминаи асосии дастгирии соҳибкории инноватсионӣ, вориднамоии фановариҳои муосир, маблағгузориҳои муштарак, эҷоди паркҳои технологӣ, фондҳои венчурӣ ва ҳамчунин тавсеаи ниҳодҳои дастгирикунандаи интиқоли фановариҳо маҳсуб меёбанд. Ҷиҳати натиҷагирии камбудиҳои асосии боздорандаи соҳибкории инноватсионӣ, назароти худро дар расми 4 мавриди пешниҳод қарор додаем.



Расми 4. Ҷиҳати натиҷагирии камбудиҳои асосии бозторандаи соҳибкории инноватсионӣ

Ба андешаи мо дар даврони муосир омилҳои асосии рушддиҳандаи соҳибкории инноватсиониро барои кишвар метавон дар чунин шакл гурӯҳбандӣ намуд:

Дастгирии давлатӣ

- ҷоринамоии имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳо ва соҳибкории инноватсионӣ;
- маблағгузории муштараки лоиҳаҳои инноватсионӣ аз тарафи давлат ва бахши хусусӣ;
- таъсиси низоми давлатӣ-хусусии бимманамоии хавҳои мансуб ба r&d

Нуқтаи дигаре, ки метавонад дар рушди соҳибкории инноватсионӣ мусоида намояд, ба андешаи мо ин инфрасохтори инноватсионӣ башумор меравад, инфарсохтори инноватсионӣ дар навбати худ татбиқи амалҳои зерро тақозо менамояд:

- равнақи бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ ва марказҳои таҳвили фановариҳо барои дастгирии соҳибкории инноватсионӣ ва стартапҳо;
- дастгирии корхонаҳои хурди инноватсионӣ ҳамчун зинаи воқеии ҳамбастакунадаи илм ва иқтисод.

Ҳамзамон густариши равобити байналмилалӣ ва тақвиятбахшии чорабиниҳои ниҳод метавонад дар таъмини сармоя ва мубодилаи донишу малака тавассути равобити байналмилалӣ муосидат намояд. Тавассути андешидани чорабиниҳои ниҳодӣ метавон шабакаҳо ва намояндагиҳоро дар сохторҳои давлатӣ барои дастгирии соҳибкории инноватисионӣ таъсис дод. Инчунин дар заминаи чорабиниҳои ниҳод, метавон таҳрики истеҳсолики дороиҳои моддӣ ва ғайиримоддиро татбиқ намуд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши тавлидотӣ ва фановариҳои рақамии M2M ба андешаи аз зумраи омилҳои калидӣ маҳсуб меёбанд. Дар ҳоли ҳозир, навовариҳо дар бахши истехроҷи маъданҳо, саноати сабук ва ғизо (коркарди ашё)ниҳоят мубрам арзёбӣ мегарданд. Инчунин истифодаи M2M (равобити мошин бо мошин) барои таъсиси бахшҳои нав ва хизматрасониҳои мансуб ба бонкдории муосир, тиб ва нақлиёт мусоидат хоҳад намуд.

Дар умум, чиҳати рушди муваффақонаи соҳибкории инноватсионӣ, бунёди стратегияи маҷмӯии мувофиқсозанда ва дарбаргирандаи чораҳои таҳриккунанда ҷиҳати таъсиси инфрасохтори зарурӣ ва ҳамгирокунандаи илму соҳибкорӣ метавонад дар беҳдошти иқтидори иқтисодии кишвар дар шароити саноатикунонии босуръат нақши ҳалкунанда дошта бошад.

Хулоса соҳибкории инноватсионӣ дар шароити имрӯза барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамияти зиёд бархурдор мебошад. Бинобар ин, дастгирии ҳамаҷонибаи ин бахш метавонад дар ояндаи наздик нақши калидиро дар ММД-и кишвар иҷро намояд. Новобаста аз тағйиротҳо ва ҷараёнҳои бавуқӯъ оянда, давлат то баҳол муҳимтарин нақшро дар таҳрки ва равнақи соҳибкории инноватсионӣ иҷро менамояд. Давлат ба унвони васлкунанда ва таъминсозандаи афзалиятҳои калидӣ барои рушди иқтисоди миллӣ баромад менамояд, он бавоситаи таъсиси фазои мусоиду созгор метавонад дар беҳдошти раванди фаъолияти инноватсионӣ таъсир расонад. Дар натиҷаи роҳандозии чунин чораҳо, соҳибкории инноватсионӣ тавассути чораҳои дастгирикунандаи мустақим ва ғайримустақим (мушаххассозии сатҳи гаронии андозҳо, пешниҳоди қарзҳои имтизнок ва коркарди механизмҳои нави маблағгузорӣ, барпонамоии муносибатҳои шарикӣ бо корхонаҳо ва соҳибкрон,

татбиқи харидҳои ҳадафнок ва қабули қарорҳои дахлдори инноватсионӣ, иштирок дар лоиҳаои муҳими низомсоз, рушди инфрасохтори зарурӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва танзми қонунии навовариҳои рақамӣ).

Адабиёт:

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025.
2. Бабаджанов Р.М. Методология научного исследования: учебно-методическое пособие. – Душанбе, 2020. – 109 с.
3. Владимир Кондратьев. Инфраструктура как фактор экономического роста // www.perspektivy.info: сайт Фонда исторической перспективы.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуи оморӣ. – Душанбе, 2024. – С. 67.
5. Қосимов Ф.У. Такмилдиҳии инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир / Ф.У. Қосимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. S2.1(31). – P. 112–120.
6. Косимов Ф.У. Основы предпринимательской деятельности и организация инновационного процесса в Республике Таджикистан / Ф.У. Косимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 7. – С. 167–173.
7. Косимов Ф.У. Особенности национальной инновационной системы в реализации инновационной политики государства / Ф.У. Косимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 8. – С. 172–177.
8. Қосимов Ф.У. (бо алифбои тоҷикӣ) Такмилдиҳии инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир / Ф.У. Қосимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. S2.1(31). – P. 112–120.

(Агар талаботи маҷалла муттаҳид кардани навишти насабро пешбинӣ кунад, тавсия мешавад як шакл интихоб карда шавад.)

9. Қурбонализода Д.Т. Рушди таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Т. Қурбонализода // Масъалаҳои мубрами молия ва иқтисод дар шароити рушди индустриалию инноватсионӣ: Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявӣ… – Душанбе, 2025. – P. 73–77. – EDN BERMTX.
10. Қурбонализода Д.Т. Рушди хизматрасониҳои пулакӣ барои аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ / Д.Т. Қурбонализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025. – No. 3(91). – P. 239–251. – EDN EAPBSM.
11. Радостева М.В., Мясоедов А.И. Многоуровневая система оценки финансового состояния организаций // Крымский научный вестник. – 2019. – № 4(25). – С. 64–76. – EDN RWVFUI.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030.
13. The Global Innovation Index 2024 (GII). Takes the pulse of global innovation trends against the background of an economic environment fraught with uncertainty.
14. Убайдуллозода Ф.У. Мушкилотҳои рушди инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир / Ф.У. Убайдуллозода, Н.Н. Нусратуллозода // Нақши зеҳни сунъӣ дар тақвияти зеҳни касбии мутахассисон… – Душанбе, 2025. – P. 50–53.
15. Убайдуллозода Ф.У. Соҳибкори инноватсионӣ дар таҳавуллоти назарияи олимони ватанӣ: назария, методология, амалия // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4(43). – P. 160–170.

УДК: 338.462

ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РУШДИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

Фаррухи Муҳаммадисо Табарзода
ассистенти кафедраи низоми иттилоотӣ-инноватсионӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: 91.farrukh@mail.ru. Телефон: (+992) 904-28-28-27.

Мақола ба татбиқи технологияи инноватсионӣ дар рушд ва такмилдиҳии тиҷорати электронӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола мафҳумҳои асосии тиҷорати электрониро аз нигоҳи олимони ватаниву хориҷӣ дида баромада, дар асоси он нигоҳи худро пеша намудааст. Инчунин, раддабандии истифодабарандагони Интернет дар кишварҳои алоҳида дар соли 2025 мавриди таҳил қарор дода шудааст. Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф нақши мутахассисони алоҳида дар таҳияи реклама маълум карда шуда, вазифаи функсионалии онҳо ба таври васеъ пешниҳод карда шудааст. Қайд карда шудааст, ки рушди низоми тиҷорати электронӣ бо истеъмолкунандагон имкониятҳои васеъро фароҳам меорад, хусусан интихоби васеъ, пешниҳодҳои фаврӣ, фармоиш додани мол ва анҷом додани амалиёт дар вақти муносиб барои худ, аз қабили харидани мол бо нархҳои дастрас.

Калидвожа: иқтисодиёт, инноватсия, такмилдиҳӣ, рушд, тиҷорати электронӣ, маркетинги инноватсионӣ, истеъмолгарон, Интернет, технология, амалиёт, хизматрасонӣ.

ПРИМЕНЕНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ ЭЛЕКТРОННОЙ КОММЕРЦИИ

Фаррухи Мухаммадисо Табарзода
ассистент кафедры информационно инновационных систем в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: 91.farrukh@mail.ru. Телефон: (+992) 904-28-28-27.

Статья посвящена применению инновационных технологий в развитии и совершенствовании электронной коммерции. В статье автор рассматривает основные концепции электронной коммерции с точки зрения отечественных и зарубежных ученых и на их основе представляет собственную точку зрения. Также были проанализировани рейтинг интернет-пользователей в отдельных странах в 2025 году. При этом автор выявляет роль отдельных специалистов в развитии рекламы и подробно представляет их функциональные задачи. Отмечено, что развитие системы электронной коммерции предоставляет потребителям широкие возможности, в частности, широкий выбор, мгновенные предложения, заказ товаров и совершение сделок в удобное для себя время, например, приобретение товаров по доступным ценам.

Ключевые слова: Экономика, инновация, совершенствование, развития, электронная коммерция, инновационный маркетинг, потребители, Интернет, технологии, операции, услуги.

APPLICATION OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE DEVELOPMENT OF E-COMMERCE

Farrukhi Muhammadiso Tabarzoda
Assistant of the Department of Information Innovation Systems in Economy of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: 91.farrukh@mail.ru. Phone: (+992) 904-28-28-27.

The article is devoted to the application of innovative technologies in the development and improvement of e-commerce. In the article, the author examines the main concepts of e-commerce from the point of view of domestic and foreign scientists and, based on them, presents his own point of view. The rating of Internet users in individual countries in 2025 was also analyzed. At the same time, the author identifies the role of individual specialists in the development of advertising and presents their functional tasks in detail. It is noted that the development of the e-commerce system provides consumers with wide opportunities, in particular, a wide choice, instant offers, ordering goods and making transactions at a convenient time, for example, purchasing goods at affordable prices.

Key words: Economy, innovation, improvement, development, e-commerce, innovative marketing, consumers, Internet, technologies, operations, services.

Пешгуфтор. Иттилоотонии иқтисодиёт барои такмилдиҳии равандҳои ҷаҳонишавӣ боиси

кам шудани давомнокии давраи истеҳсол ва фурӯш гардида, миқёси бозори фурӯшро тавассути рушди системаҳои тиҷорати электронӣ хеле васеъ намуд. Таҷрибаи даҳсолаҳои охир нишон дод, ки тиҷорати электронӣ метавонад самаранокии фаъолияти иқтисодии сохторҳои соҳибкориро дар сатҳҳои гуногун ба таври назаррас афзоиш диҳад, чунки он тамоми фаъолияти мол ва хизматрасонии ширкатро таъмин менамояд.

Низоми тиҷорати электронӣ ба истеъмолкунандагон имкониятҳои васеъро фароҳам меорад ва кори онҳоро осон мегардонад, аз қабилӣ: интихоби васеъ, пешниҳодҳои фаврӣ, фармоиш додани мол, анҷом додани амалиётҳои лозимӣ дар вақти муносиб, инчунин ба даст овардани мол бо нархҳои дастрас.

Ҳамин тариқ, татбиқи низоми тиҷорати электронӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки аз як тараф, самаранокии фурӯши молу хизматрасониҳоро баланд бардошта, муносибатро бо мизоҷон васеъ намоянд ва аз тарафи дигар, ба кам кардани хароҷотҳо ва кӯтоҳ кардани фосилаи фурӯши мол таъсир расонанд.

Имрӯз ташкили амалиёти тиҷоратӣ тавассути шабакаҳои компютерии ҷаҳонӣ дар маркази таваҷҷӯҳи бисёр мутахассисони соҳавӣ қарор дорад. Яке аз муҳимтарин вазифаҳои тиҷорати электронии муосир иваз кардани механизми анъанавии савдо байни корхона ва муштарӣ мебошад. Дар ин замина муҳимтаринаш омӯзиши ташкили тиҷорати электронӣ дар сатҳҳои сохторӣ, функсионалӣ ва технологӣ мебошад, чунки тамоми фаъолияти корӣ дар ин самт аз се қисмати дар болоовардашуда вобаста мебошад.

Дар шароити ба механизмҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилотҳои ба фазои ягонаи иттилоотӣ пайвастани иқтисодиёти мамлакат аҳамияти бештар пайдо намуда истодааст. Бо ворид шудани технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва соҳаҳои мухталиф доираи муносибатҳои тиҷоратӣ дар асоси истифодаи фаъолонаи Интернет ба таври назаррас васеъ мегардад. Агар имрӯз таҳлил кунем мебинем, ки тиҷорати электронӣ як ҷузъи ҳаёти ҳаррӯзаи инсон шудааст ва дар ояндаи наздик ин шакли ташкили муносибатҳои тиҷоратӣ маъмул хоҳад шуд.

Бо вуҷуди ин, дар адабиёти илмӣ то ҳол нисбат ба моҳият ва таърифи тиҷорати электронӣ мавқеи ягона вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди тиҷорати электронӣ аҳамияти муҳим дорад.

Фарзияи таҳқиқот. Татбиқи технологияҳои инноватсионӣ (интернети баландсуръат, маркетинги рақамӣ, системаҳои таҳлили додаҳо ва платформаҳои мобилӣ) ба афзоиши ҳаҷм, самаранокӣ ва рақобатпазирии тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат ва омории аҳамиятнок мерасонад.

Ҳадафи таҳқиқот – муайян намудани нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди тиҷорати электронӣ ва асоснок намудани самтҳои такмилдиҳии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Методологияи таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот якчанд усулҳои зарурӣ истифода гардиданд,аз ҷумла таҳлили муқоисавии назарияҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҳлили оморӣ ва раддабандии нишондиҳандаҳои истифодабарандагони Интернет, усули гурӯҳбандӣ ва таснифот, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, усули мантиқӣ ва хулосабарорӣ. Манбаъҳои иттилоотӣ аз корҳои илмии олимон, маълумоти оморӣ оид ба истифодабарандагони Интернет ва таҳлилҳои муосир оид ба рушди тиҷорати электронӣ иборат мебошанд.

Натиҷаи таҳқиқот. Тиҷорати электронӣ худ ҷараёни хариду фуруш ва хизматрасониҳоро тавассути шабакаи Интернет ва технологияҳои алоқавӣ дар бар мегирад. Ин навъи бизнес ба ширкатҳо ва шахсони алоҳида имконият медиҳад, ки ҷараёнҳои тиҷоратро дар шакли онлайн ташкил намуда, бе ширкат варзидан дар мавқеъи тиҷорат барпо намоянд.

Чи тавре, ки ба ҳамагон маълум аст дар давраи пандемия шакли электронии савдо ё худ тиҷорати электронӣ ҳам барои хариду фуруши мол ва ҳам барои хизматрасониҳо бартариятҳои худро исбот намуд.

Дар кори худ Бабкин А.В. қайд менамояд, ки “...тиҷорати электронӣ хароҷоти камтарро талаб мекунад ва ба истифодабарандагон имкон медиҳад, ки ба осонӣ ба бозори бузург бо қобилияти фарқ кардани хизматрасониҳо ба ҳар як истеъмолкунанда, новобаста аз ҷойгиршавии онҳо дастрасӣ пайдо намоянд” [2].

Воқеан ҳадафи ниҳоии тамоми намуди тиҷорат ин баланд бардоштани табодули фурӯши мол ва хизматрасониҳо тавассути вебсайтҳои расмии мағозаҳои онлайн аст, аммо дар шароити рақобати шадид, стратегияи анъанавии маркетинги тиҷорати электронӣ метавонад самаранок кор накунад.

Дар асарҳои худ муаллифон ба он ақидаанд, ки "...барои татбиқи тиҷорати электронӣ истифодабарандаро зарур аст, ки доир ба истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотї, хусусан, таъминоти техникї, барномавї ва иттилоотиву њуќуќї дониши кофї дошта бошад" [7].

Албатта барои ташкил ва ба роҳ мондани тиҷорати электронӣ таъминоти барномавӣ ва таъминоти иттилоотӣ нақши бузург мебозад, чунки ташкил намудани тиҷорати электронӣ бе самаранокии таъминоти барномавиву иттилоотӣ ғайриимкон аст.

Олимон ба он ақидаанд, ки "..барои ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар қаламрави кишвар омилҳои зерин таъсир мерасонанд, аз қабилӣ: паст будани сатњи дониши техникии аҳолї, гарон будани нархи хизматрасониҳои интернет, ҳаҷми бузурги раҳгумкунандаи маълумотњо дар бораи тиљорати электронї, таҷрибаи нокифоя дар кор бо сомонаҳои расмӣ ва доштани маълумоти нокифоя оиди маҳсулоти пешниҳодгардида" [7].

Барои такмилдиҳии тиҷорати электронӣ роҳҳои муосир вуҷуд дорад, аз он ҷумла:

1. Раванди фармоиш ва бақайдгирии корбарро дар сомона содда намудан лозим аст, то ин ки истифодабаранда ба мушкилӣ дучор нагардад.

2. Тавсифи муфассал, ҷолиб ва иттилоотии маҳсулотро пешниҳод намудан лозим аст, то ин ки ба харидорон дар қабули қарорҳои харид кӯмак расонад;

3. Тасвирҳои баландсифатро истифода намудан лозим аст, ки маҳсулотро аз ҳама ҷиҳат инъикос намояд, ва ба истифодабаранда имконияти шарҳ додани маводро иҷозат диҳад;

4. Харидорон одатан ба баррасиҳо ва рейтингҳои маҳсулот аҳамияти хоса медиҳанд, бинобар ин барои муштари имконияти баррасӣ кардани молро пеша намудан лозим аст;

5. Барои ҳавасманд кардани харидор пешниҳодҳои ҷолиб намудан лозим аст, ба монандӣ тахфифҳо барои баъзе мол ё туҳфаи иловагӣ ҳангоми харидорӣ;

6. Раванди фармоишро то ҳадди имкон содда намудан лозим аст, инчунин шумораи майдонҳои заруриро кам намуда, усулҳои мувофиқи пардохт барои муштарӣ пешниҳод намудан лозим аст;

7. Бо истифода аз барномаҳои махсус рафтори корбаронро пайгирӣ намудан лозим аст, чунки ин ба Шумо имкнонияти муайян кардани нуқтаҳои заифиро фароҳам меорад. Дар ин маврид Шумо бе мушкили роҳи ҳалли онро пайдо менамоед;

8. Муштариён интизор шуданро дӯст намедоранд, аз ин лиҳоз дар такмилдиҳии тиҷорати электронӣ бояд Интернети баландсуръат истифода бурда шавад;

Пеш аз one, ки самаранокии тиҷорати электрониро дар беҳбудии зиндагонии аҳолӣ қайд намоем, бояд моҳияти тиҷорати электрониро дуруст дарк намоем.

Ҷадвали 1. Мафҳумҳои асосии тиҷорати электронӣ

Кобелев О.А. [3].	"... савдои электронӣ қисми асосӣ ва хеле муҳими тиҷорати электронӣ маҳсуб меёбад, онро ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ оид ба амалигардонии амалиёти тиҷоратӣ бо истифодаи васоити электронии мубодилаи маълумотҳо тасвир кардан мумкин аст".
Хоҷаев Н.С., Қурбонов А.Р., Раупов А.Ҳ. [10].	"... фаъолияти кории дилхоҳро фаҳмидан мумкин аст, ки бо истифодабарии имкониятҳои шабакаҳои иттилоотӣ сартосарӣ, баҳри барқароркунии иртиботи дохилӣ ва берунӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ба роҳ монда мешавад".
Машокиров Ҷ.Н., Султонов З.С. [5].	"... тиҷорати электронӣ истилоҳ барои нишон додани фаъолияти тиҷоратӣ дар шабакаи Интернет мебошад. Он барои харидорӣ, фурӯш, хизматрасонӣ, гузаронидани ҷамъомадҳои маркетингӣ тавассути истифода аз шабакаҳои компютерӣ имкон фароҳам меоварад".
Бабкин А.В. [1].	"... оғози асри XXI боиси бавуҷудоӣ ва рушди технологияи рақамӣ, инқилоби иттилоотӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ гардида,ҳаёти инсоният дигаргун шуда, муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ марҳила ба марҳила ба олами маҷозӣ ворид гардидаанд".
Нусратзода М.Н. [6].	"... тиҷорати электронӣ - ин қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти муосир буда, шабакаи Интернет ба харидорон ва фурушандагон имкони бештарро барои хариди молу хизматрасониҳо дар шакли навин пешниҳод менамояд".
Ба ақидаи мо	Дар шароити муосир тамоми хариду фуруши мол ва

	хизматрасониҳое, ки тавассути шабакаи интернет ва дигар намуди воситаҳои алоқа баргузор карда мешавад ба тиҷорати электронӣ дохил намудан мумкин аст.

Аз нигоҳи олимони ватаниву хориҷӣ бар меояд, ки ҳануз оиди тиҷорати электронӣ ва моҳияти он ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Дар шароити муосир тиҷорати электрониро барои соҳибкорони инфиродӣ ё ширкатҳои алоҳида ташкил намудан осон ва қулай шудааст. Барои он кифоя ҳаст, ки компютери худро ба интернет пайваст намуда, саҳифаи дилнишинро кушод. Дар шароити имрӯза тамоми кишварҳо истифодабарандагони худро бо Интернет таъмин намудаанд. Тибқи маълумотҳои оморӣ айни ҳол 5,56 млрд аҳолии рӯи ҷаҳон истифодабарандаи Интернет ба шумор меравад, ки 67,9%-и аҳолиро ташкил медиҳад [14]. Дар ҷадвали навбати истифодабарандагони кишварҳои алоҳида ба таври васеъ оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Раддабандии истифодабарандагони интернет дар кишварҳои алоҳида дар соли 2025 [11,12,13].

№	I	II	III	IV
1.	Ҳиндустон	1,4 млрд	62,6	0,16
2.	ЧИН	1,4 млрд	77,3	0,38
3.	ШМА	346,5 млн	92,4	6,1
4.	Индонезия	285,2 млн	78,8	0,28
5.	Покистон	254,4 млн	70,8	0,12
9.	Федератсияи Руссия	145,4 млн	89,5	0,25
36.	Афғонистон	41,5 млн	10,1	1,02
43.	Ҷумҳурии Узбекистон	35,7 млн	49	0,3
64.	Ҷумҳурии Қазоқистон	20,3 млн	72,5	0,41
92.	Ҷумҳурии Тоҷикистон	10,4 млн	45,1	1,65
107.	Ҷумҳурии Қирғизистон	7,1 млн	35,4	0,17

I - Мамлакат
II - Аҳолӣ
III - Истифодабарандагони интернет нисбат ба аҳолӣ бо %
IV - Нархи истифодабарии Интернет

Манбаъ: таснифоти муаллифон дар асоси маълумотҳои https://yandex.ru/support/search/ru/neuro,global-relocate.com, translated.turbopages.org (санаи мурочиат 2.05.2025).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бар меояд, ки нархи истифодабарандагони Интернет аз ҳама қимматтарин дар Штатҳои Мутаҳидаи Амрико ва арзонтарин дар Покистон ба назар мерасад.

Доир ба таъмин намудани Интернети баландсуръат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсуси худро равона намудааст. Оиди масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумхури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” ба сохторҳои дахлдор дастур доданд, ки “...барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд” [8].

Воқеан барои такмилдиҳии тиҷорати электронӣ ва рақамикунонии соҳаи савдо яке аз омилҳои асосӣ Интернет ба шумор меравад. Бинобар ин моро зарур аст, ки дар такмилдиҳии тиҷорати электронӣ саҳмгузор бошем.

Ба истилоҳи умум тиҷорати электронӣ худ барои харид ё фурӯши мол дар интернет ба шумор меравад. Маркетинги тиҷорати электронӣ таҷрибаи истифодаи тактикаи таблиғотӣ барои ҷалби муштарӣ ва табдили тамошобин ба харидор мебошад, ки ин асоси маркетинги шабакавиро ташкил медиҳад.

Тиҷорати электронӣ бешубҳа дар ҷаҳони тиҷорат мавқеи хоса пайдо намуда истодааст ва тибқи тадқиқотҳои гузаронидаи олимон, шуруъ аз соли соли 2021 ин навъи тиҷорат бо суръати баланд тавассути технологияҳои инноватсионӣ ба аҳолии ҷаҳон самаранокии худро исбот намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки пайдоиши технологияҳои нав ва истифодаи афзояндаи дастгоҳҳои мобилӣ, одатҳои харидоронро ба куллӣ дигаргун сохт.

Д.В. Махноновов дар тадқиқотҳои гузаронидаи худ қайд менамояд, ки "... саноати тиҷорати онлайн бо рақобати шадид рӯ ба рӯ шуда истодааст ва интизор меравад, ки то соли 2040 тақрибан 95% тамоми харидҳо тавассути сайтҳои тиҷорати электронӣ анҷом дода мешаванд" [4]. Бешубҳа бидуни таблиғи самараноки онлайн, тиҷорати электрониро такмил додан мушкил аст. Аз ин лиҳоз барои барои ҷалби муштарӣ ва мавқеи худро дар бозор нигоҳ доштан аз мо тақозо менамояд, ки омезиши тактикаи дуруст ва стратегияи устувор дошта бошем.

Тиҷорати электронӣ ба Шумо имконият фароҳам меорад, ки дар кори худ моделҳои нави бизнесро истифода намоед. Аз модели анъанавии тиҷорат, ки доираи камро ишғол менамуд ба модели нав гузаред, чунки масоҳати тиҷорати электронӣ бемаҳдуд аст.

Рақобат дар бозори электронӣ калон мебошад. Бинобар ин барои расидан ба мақсад ва ҳадафҳои худ бояд методҳои навин истифода бурда шавад. Дар мадди аввал зарур аст, ки тадқиқотҳои маркетингӣ ва бренди ҷолибу диққатҷалбкунандаро пурзур намуд, то аз дигарон куллан фарқ кунад.

Доир ба мавқеъи устувор пайдо намудан ва муаррифи намудани молҳои аз лиҳози экологӣ тозаи кишвари азизамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ соли 2019 қайд намуданд, ки "... имрӯз дар берун аз кишвар имконияти пайдо кардани маълумоти кофӣ доир ба корхонаҳои саноатӣ ва маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон маҳдуд аст. Сомонаҳои интернетии корхонаҳо роҳи аз ҳама самараноки муаррифии маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб мераванд" [9]. Воқеан сомона дар шароити имрӯза муаррифкунандаи ташкилот ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки барои мавқеъи устувор пайдо намудан дизайн ва рекламаи хуб доштан лозим аст. Чи тавре, ки дар тадқиқотҳои худ асосгузори илми маркетинг Ф. Котлер қайд намудааст, муҳаррики асосии тиҷорат ин реклама аст.



Расми 1. Нақши мутахассисон дар таҳияи реклама

Дар тиҷорати электронӣ низ реклама қисми ҷудонашавандаи фаъолият ба шумор меравад. Барои таҳияи реклама мутахассисони зерин саҳмгузор мебошанд, ки он дар расми зерин ба таври зайл оварда шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои расми навбатӣ бар меояд, ки ҳар як мутахассис барои таҳияи реклама нақши муҳим дорад. Дар ин ҷо бозоршиносон мавқеъ ва макони рекламаро муайян намуда, иқтисодчиён арзиши онро маълум менамояд. Тарроҳон шакли оудио ва видеоро ба танзим дароварда, бо рангу бор ва дизайн машғул мешаванд. Нақши калон ва мустаҳкамро ҳуқуқшиносон мебозанд, зеро таҳлил ва дурустии иттилоот асоси мазмун ва мундариҷаи рекламаро дар бар мегирад, чунки дурустии маълумот ва саҳҳеҳии иттилоот аввалиндараҷа ба шумор меравад. Мутахассисони технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ бошад тамоми муҳтавои рекламаро ба шакли электронӣ мубаддал мегардонанд.

Муњокима. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмї нишон медиҳанд, ки рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омилҳои инфрасохторӣ ва сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ вобастагии

зиёд дорад. Дар шароити рақобати шадиди бозори электронӣ, истифодаи стратегияҳои анъанавии маркетинг кофӣ нест. Аз ин лиҳоз, ба андешаи муаллиф ва олимони соҳа, зарур аст, ки маркетинги инноватсионӣ ҷорӣ карда шавад, брендинги рақамӣ пурзӯр гардад, моделҳои нави бизнес истифода шуда, рақамикунонии равандҳои тиҷоратӣ вусъат дода шавад. Ҳамзамон, сиёсати давлатӣ дар самти паст намудани арзиши хизматрасониҳои интернет ва дастрас намудани Интернети баландсуръат нақши ҳалкунанда дорад.

Натиҷа. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашуда, мо унсурҳои асосию муҳими тиҷорати электрониро дар шабакаи интернет маълум намудем, ки барои босифат ва самаранок пешбурди хизматрасониҳо ва гузаронидани амалиётҳо сафарбар карда шудааст. Аз ин лиҳоз моро зарур аст, ки барои такмилдиҳии тиҷорати электронӣ дар мадди аввал бояд ҷомеаи иттилоотиро такмил диҳем ва дар баландбардории дониши техникии аҳоли саҳми арзанда гузорем. Ҳамин тариқ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ заминаи устувор барои рушди минбаъдаи тиҷорати электронӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Адабиёт

1. Бабкин А.В. Формирование цифровой экономики в России: сущность, особенности, техническая нормализация, проблемы развития / А.В. Бабкин, Буркальцева Д.Д. и др. // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. - 2017. - №3 (10). - С.9-25.
2. Кандиев, С.С. Электронная торговля: особенности и тенденции развития / С. С. Кандиев // Молодой ученый. - 2023. - № 1 (448). - С.76-81.
3. Кобелев О.А. Электронная коммерция: Учебное пособие / О.А. Кобелев // Издательство "Дашков и К" - 2017, - 684 стр.
4. Махноносов, Д.В. Маркетинговый инструментарий сетевого взаимодействия компании с потребителями товаров на рынке электронной торговли / Д.В. Махноносов // Торговля и рынок. - 2018. - Вып. - №4 (48), том 1. - С.113-120.
5. Машокиров Ҷ.Н. Тиҷорати электронӣ ва мавқеъи он дар рушди иқтисоди рақамӣ / Ҷ.Н. Машокиров, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020. - No. 2 (31). - P.22-29.
6. Нусратзода, М.Н. Рушди тиҷорати электронӣ: дурнамо ва тамоюлҳо / М. Н. Нусратзода // Паёми молия ва иқтисод. - 2024. -No. 2-1 (41). - P.12-17.
7. Нусратзода, М.Н. Ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Н. Нусратзода, М.Ф. Файзиддинзода // Паёми молия ва иқтисод. - 2023. - No. 2(36). - P.111-119.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.12.2019.
10. Хоҷаев Н.С. Тиҷорати электронӣ, таърих ва марҳилаҳои рушди он / Н.С. Хоҷаев, А.Р. Қурбонов, А.Ҳ. Раупов // Вестник Технологического университета Таджикистана. - 2021. - No. 3 (46). - P.194-200.
11. https://global-relocate.com/ru/rankings/world-population (санаи мурочиат 2.05.2025).
12. https://global-relocate.com/ru/rankings/worldwide-data-pricing (санаи мурочиат 2.05.2025).
13. https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.6146b875-6814ca56-1d1768e9-74722d776562/https/worldpopulationreview.com/country-rankings/internet-users-by-country (санаи мурочиат 2.05.2025).
14. https://yandex.ru/support/search/ru/neuro (санаи мурочиат 2.05.2025).

УДК.574

РОЛЬ И ОПЫТ РАЗВИТЫХ СТРАН В ГОСУДАРСТВЕННОМ УПРАВЛЕНИИ ИНВЕСТИЦИЯМИ В РАЗВИТИЕ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ

Хайруллозода Тахмина Хайрулло
Докторант (PhD), 3-й курс по специальности 6D050600 «Экономика» Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
E-mail: khayrullozodatahmina@gmail.com
Телефон: 989417474

Аннотация. В статье рассматриваются особенности государственного управления инвестициями в развитие зеленой экономики в странах с различным уровнем социально-экономического развития. Особое внимание уделяется опыту развитых стран – Европейского союза, Японии, Республики Корея, США и Скандинавских государств, – где эволюция экологической политики проходила в тесной связи с реформами государственного управления, инновационными механизмами финансирования и стратегиями низкоуглеродного роста. Проведено сопоставление данных моделей с тенденциями, наблюдаемыми в Центральной Азии, включая Таджикистан, Казахстан и Узбекистан. Анализируются теоретические подходы, институциональные механизмы и инвестиционные инструменты, обеспечивающие эффект «зеленого» структурного сдвига. В статье предложены направления адаптации международных практик в контексте Таджикистана, где переход к зеленой экономике требует комплексного управления природным капиталом, модернизации энергетической инфраструктуры и повышения устойчивости горных экосистем.

Ключевые слова: зеленая экономика, государственное управление, устойчивое развитие, инвестиции, Центральная Азия, Таджикистан, климатическая политика

THE ROLE AND EXPERIENCE OF DEVELOPED COUNTRIES IN PUBLIC MANAGEMENT OF INVESTMENTS IN GREEN ECONOMY DEVELOPMENT

Khayrullozoda Takhmina Khayrullo
PhD Doctoral Student, 3rd year, specialty 6D050600 "Economics" at the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
E-mail: khayrullozodatahmina@gmail.com
Phone: +989417474

Abstract. This article examines the specifics of public management of investments in green economy development in countries with varying levels of socioeconomic development. Particular attention is paid to the experience of developed countries—the European Union, Japan, the Republic of Korea, the United States, and the Scandinavian countries—where the evolution of environmental policy has been closely linked to public administration reforms, innovative financing mechanisms, and low-carbon growth strategies. These models are compared with trends observed in Central Asia, including Tajikistan, Kazakhstan, and Uzbekistan. Theoretical approaches, institutional mechanisms, and investment instruments that ensure the effect of a "green" structural shift are analyzed. The article proposes areas for adapting international practices to the context of Tajikistan, where the transition to a green economy requires integrated natural capital management, modernization of energy infrastructure, and increased resilience of mountain ecosystems.

Keywords: green economy, public administration, sustainable development, investment, Central Asia, Tajikistan, climate policy

НАҚШ ВА ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ РУШДИДА ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ

Хайруллозода Тахмина Хайрулло
Докторанти PhD курси сеюми ихтисоси 6D050600 "Иқтисодиёт"- и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон e-mail khayrullozodatahmina@gmail.com
тел 989417474

Аннотатсия. Дар ин мақола хусусиятҳои идоракунии давлатии сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди сабз дар кишварҳое, ки сатҳҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодӣ доранд, баррасӣ мешаванд. Таваҷҷӯҳи махсус ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта - Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои Скандинавия - равона карда шудааст, ки дар онҳо таҳаввулоти сиёсати экологӣ бо ислоҳоти маъмурияти давлатӣ, механизмҳои инноватсионии маблағгузорӣ ва стратегияҳои рушди камкарбон зич алоқаманд аст. Ин моделҳо бо тамоюлҳое, ки дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон мушоҳида мешаванд, муқоиса карда

мешаванд. Равишҳои назариявӣ, механизмҳои институтсионалӣ ва воситаҳои сармоягузорӣ, ки таъсири тағйироти сохтории "сабз"-ро таъмин мекунанд, таҳлил карда мешаванд. Дар мақола самтҳои мутобиқсозии амалияҳои байналмилалӣ ба шароити Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд, ки дар он гузариш ба иқтисоди сабз идоракунии муттаҳидаи сармояи табиӣ, навсозии инфрасохтори энергетикӣ ва афзоиши устувории экосистемаҳои кӯҳиро талаб мекунад.

Калидвожаҳо: иқтисоди сабз, маъмурияти давлатӣ, рушди устувор, сармоягузорӣ, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, сиёсати иқлимӣ

Введение. Переход к зеленой экономике стал одной из ключевых мировых тенденций XXI века, определяющих как траектории экономического роста, так и характер государственного управления. Рост климатических рисков, усиление экологических угроз, трансформация глобальных энергетических рынков и необходимость модернизации инфраструктуры создают условия, при которых традиционные модели социально-экономического развития оказываются недостаточными. Развитые страны первыми выстроили комплексные государственные механизмы управления зелёными инвестициями, интегрировав экологические цели в экономическую, промышленную и инновационную политику.

Для государств Центральной Азии, включая Таджикистан, изучение этого опыта приобретает особую актуальность. Регион одновременно обладает значительным природным потенциалом (гидроэнергетика, возобновляемые источники энергии, биоресурсы) и высокой климатической уязвимостью — от таяния ледников до изменений гидрологического режима. В этих условиях эффективное государственное управление инвестициями становится не просто инструментом развития, а фактором экономической и экологической безопасности.

Настоящая статья посвящена анализу опыта развитых стран в сфере государственного управления зелёными инвестициями и возможностям его адаптации к реалиям Таджикистана. Рассматриваются институциональные модели, финансовые механизмы и практики стратегического планирования, которые обеспечивают успешную экологическую трансформацию.

Практическая значимость исследования заключается в том, что его результаты могут быть использованы для совершенствования интеграционной политики ЕАЭС, разработки национальных адаптационных стратегий, углубления гармонизации законодательства и оптимизации работы наднациональных органов. Выводы исследования также важны для стран, рассматривающих возможность присоединения к ЕАЭС, включая Таджикистан: выявленные преимущества и риски позволяют формировать более взвешенную концепцию потенциального участия, оценивать институциональные и инфраструктурные требования, прогнозировать социально-экономические последствия и определять приоритетные направления адаптационной политики.

Перспективы дальнейших исследований включают углублённое изучение отраслевых эффектов интеграции, разработку индикаторов качества реализации четырёх свобод, оценку влияния цифровой трансформации на процессы гармонизации и формирование новых трансграничных цепочек создания стоимости. Особое значение представляет анализ интеграционных механизмов в условиях глобальной турбулентности, изменений в мировой торговле и перехода к более гибким форматам международного экономического взаимодействия.

Прогноз развития интеграции в ЕАЭС предполагает постепенное укрепление наднациональных институтов, расширение внутреннего рынка и дальнейшую цифровизацию регуляторных процедур. При условии эффективной гармонизации нормативной базы, выравнивания экономического развития государств-членов и устранения структурных барьеров Союз способен усилить свою роль как региональный интеграционный центр, повысить устойчивость экономик-участниц и обеспечить более глубокую кооперацию, формируя основу для долгосрочного инклюзивного роста.

Литература

1. **Баласса Б.** The Theory of Economic Integration. – London: Allen & Unwin, 1961.
2. **Глазьев С. Ю.** Евразийская интеграция: от идеи к реализации. – М.: Экономика, 2014.
3. **Глазьев С. Ю.** Евразийский экономический союз: проблемы и перспективы. – М.: Институт экономических стратегий, 2015.
4. **Петрова Н. С.** Трансформация рынков товаров и услуг в рамках ЕАЭС. – М.: Финансы и статистика, 2020.
5. Сайфиддин Караев Таджикистан: Плюсы и минусы от вступления в ЕАЭС, Asia-Plus
6. от 29 мая, 2019. https://asiaplustj.info/news/tajikistan/economic/20190529/tadzhikistan-plyusi-i-minusi-ot-vstupleniya-v-eaes?ysclid=mik3ovjt86278081477
7. **Смирнов А. И.** Свободное движение капитала и рабочей силы в странах ЕАЭС. – М.: Издательство РАН, 2018.

8. **Холбобоев, Ф. С**. Инвестиционная активность в странах Центральной Азии: прямые иностранные инвестиции и развитие инновационного капитала / Ф. С. Холбобоев // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 2. – С. 170-178. – EDN HZQZRZ.

9. **Холбобоев, Ф. С**. Новые глобальные вызовы и угрозы, их влияние на региональное экономическое развитие / Ф. С. Холбобоев // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 3. – С. 155-164. – EDN BBIZQW.

10.**Холбобоев Ф.С** «ЕАЭС: формирование единого рынка товаров, услуг, капитала и трудовых ресурсов», Душанбе, еженедельная социально экономическая и общественная газета «Время и Деньги» №41(57) от 28.11.2025,

11.**Шарипов, Б. М.** Экономика Таджикистана в условиях влияния внешних шоков / Б. М. Шарипов, Ф. С. Холбобоев, Д. Т. Назаров // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 4-1(33). – С. 38-45. – EDN UMNZAO.

12.**Евразийская экономическая комиссия.** Статистический сборник ЕАЭС 2015–2024 гг. – Ереван, 2024. https://eec.eaeunion.org/comission/department/dep_stat/union_stat/publications/newsletters_collections_booklets/statistical_yearbook.php?ysclid=mikl2d4umj246868198

13.**Евразийская экономическая комиссия (ЕЭК)** – ежегодные доклады:
– Доклад о состоянии взаимной торговли в ЕАЭС (2015–2024).
– Мониторинг интеграции ЕАЭС (ежегодные выпуски).
– Доклад о барьерах, изъятиях и ограничениях на внутреннем рынке ЕАЭС. https://eec.eaeunion.org/comission/department/dep_makroec_pol/makroekonomicheskie-doklady/?ysclid=mikkygjunb720970525

14.**Статистика национальных органов**: Росстат, Белстат, Бюро национальной статистики Казахстана, Нацстатком КР, Армстат. https://new.cisstat.org/cis-nsi

15.**Позитивный импульс для бизнеса**: в ЕАЭС выросли объемы взаимной торговли услугами и прямых инвестиций. https://eec.eaeunion.org/news/pozitivnyy-impuls-dlya-biznesa-v-eaes-vyrosli-obemy-vzaimnoy-torgovli-uslugami-i-pryamykh-investitsi/?ysclid=mik194m9b2832817205

УДК: 338

ИДОРАКУНИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОР

Холиқов Диловар Файзуллоевич
Муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Суроға: 734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Борбад 73а. Телефон: (992) 985-02-33-44

Дар мақолаи мазкур идоракунии интеллектуалии захираҳои обӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ (AI) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Истифодаи захираҳои обӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ (AI) яке аз масъалаҳои асосӣ ва мубрами замони ҳозира буда, ҳамчун воситаи таъмини рушди устувор ба ҳисоб меравад. Захираҳои оби тоза манбаи ҳаётан муҳим барои инсонҳо ва экосистемаҳо дониста мешаванд.

Дар шароити тағйирёбии иқлим зиёдшавии аҳолӣ, хушксолӣ ва норасоии об дар соҳаи кишоварзӣ мушкилоти ҷиддиро ба бор меорад. Инчунин, кишварҳои поёноби Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои камоб барои идоракунии самараноки захираҳои обӣ муҳимтарин масъалаҳои экологӣ ва иқтисодиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамоянд. Дар ин замина, истифодаи зеҳни сунъӣ (AI) ба системаҳои идоракунии об дар ҳалли ин масъала кумак расонида, метавонанд ба таҳлили маълумот ва пешгӯии беҳтари манбаъҳои оби табиӣ оварда расонанд.

Калидвожаҳо: механизми идоракунӣ, экология, захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим, зеҳни сунъӣ (AI), рақамикунонӣ, соҳаи кишоварзӣ.

ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЕ УПРАВЛЕНИЕ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ КАК СРЕДСТВО ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

Холиков Диловар Файзуллоевич
старший преподаватель кафедры обществознание Таджикского государственного института культуры и искусств имени Мирзо Турсунзоде. Адрес: 734032, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 73а. Телефон: (992) 985-02-33-44.

В данной статье рассматривается интеллектуальное управление водными ресурсами с использованием искусственного интеллекта (ИИ). Использование водных ресурсов с помощью искусственного интеллекта (ИИ) является одной из главных и актуальных проблем нашего времени и рассматривается как средство обеспечения устойчивого развития. Пресноводные ресурсы считаются жизненно важным ресурсом для человека и экосистем. В контексте изменения климата, роста населения, засухи и нехватки воды в сельском хозяйстве представляют собой серьезные проблемы. Кроме того, страны Центральной Азии, расположенные ниже по течению, и регионы с дефицитом воды рассматривают наиболее важные экологические и экономические вопросы в Республике Таджикистан для эффективного управления водными ресурсами. В этом контексте использование искусственного интеллекта (ИИ) в системах управления водными ресурсами может помочь решить эту проблему и привести к улучшению анализа данных и прогнозирования природных водных ресурсов.

Ключевые слова: механизм управления, экология, водные ресурсы, изменение климата, искусственный интеллект (ИИ), цифровизация, сельское хозяйство.

INTELLIGENT MANAGEMENT OF WATER RESOURCES AS A MEANS OF ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT

Kholikov Dilovar Fayzulloevich
Senior lecturer of department of social science of the Tajik state Institute of culture and arts named after Mirzo Tursunzoda. Address: Republic of Tajikistan 734032, Dushanbe, ave. Borbad 73a. Telephone: (992) 985-02-33-44

This article studies the intelligent management of water resources using artificial intelligence (AI). The use of water resources using artificial intelligence (AI) is one of the main and urgent issues of our time and is considered as a means of ensuring sustainable development. Fresh water resources are considered a vital resource for humans and ecosystems. In the context of climate change, population growth, drought and water shortages in agriculture pose serious challenges. Also, the downstream countries of Central Asia and water-scarce regions are considering the most important environmental and economic issues in the Republic

of Tajikistan for the effective management of water resources. In this context, the use of artificial intelligence (AI) in water management systems can help solve this problem and can lead to better data analysis and forecasting of natural water resources.

Keywords: governance mechanism, ecology, water resources, climate change, artificial intelligence (AI), digitalization, agriculture.

Муқаддима. Захираҳои обӣ дар таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва соҳаи кишоварзӣ мавқеи калидӣ дошта, барои таъмин намудани амнияти озуқавории нақши назаррас дорад. Дар баробари ин, тағйирёбии иқлим, бад шудани вазъи экологӣ, зиёд шудани шумораи аҳолӣ ва истифодаи ғайрисамаранокии захираҳои табиӣ боиси коҳиши захираҳои обии кишвар гардида, мушкилотҳои ҷиддӣ дар самти истифодаи захираҳои обӣ ва маҳсулоти соҳаи кишоварзиро ба вуҷуд овардааст.

Тибқи таҳлилҳои Созмони Умумиҷаҳонии Обуҳавошиносӣ тағйирёбии иқлим ҳарорати миёнаи ҳаво дар Осиёи Миёна нишон медиҳад, ки «аз солҳои 20-уми асри гузашта сар шуда, то солҳои 60-70 - ум ба ҳисоби миёна 0,3 дараҷа зиёд ва аз ин баъд то солҳои 80-ум, қариб бетағйир монд. Аз солҳои 80-ум сар карда, ҳарорати ҳаво то охири соли 2025, ба ҳисоби миёна аз 0,3 то 1,6 дараҷа баланд шудааст ва ин раванд ҳоло ҳам давом ёфта истодааст» [10].

Ҳамзамон мушкилоти дигаре, ки раванди идоракунии захираҳои обиро душвор намудааст, ин корношоям будани инфрасохтори обтаъминкунӣ дар ноҳияҳои кишоварзӣ мебошад. Истифодаи техналогияҳои мавҷудбуда, сол аз сол қобилияти иқтидориашон маҳдуд ва сарбории зиёд барои истифодабарандагони об дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва инчунин истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбат ба маҳсулоти воридоти имконияташон кам гардонида истодааст.

Дар ин раванд масъалаи идоракунии захираҳои обӣ бо истифода аз роҳҳои инноватсионӣ яке аз масоили ҳалталаб дар рушди низоми иқтисодии давлатҳо дар шароити муосир маҳсуб меёбад. Механизмҳои идоракунии техналогияи иноватсионӣ бо истифода аз платформаҳои зеҳни сунъӣ дар шароити кунунӣ, махсусан, барои минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки бо «...бисёр хатарҳои табиӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ва экосистемаҳои кӯҳӣ хосанд, таъсири худро дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳамасола мерасонад ва боисти талафоти зиёд мегардад» [8, с. 253]. Бо назардошти равандҳои мавҷуда, яке аз роҳҳои ҳали истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир кам кардани хатарҳои экологӣ, таҳлили ҳолати заминҳои обӣ, камшавии захираҳои об, беҳтар кардани раванди тақсимоти об дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба шумор меравад.

Усулҳо ва маводҳои таҳқиқот. Дар мақолаи мазкур барои расидан ба мақсади таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ ва маълумотҳо аз сарчашмаҳои гуногуни илмии олимони ватаниву хориҷӣ ба монанди Ф. П. Арабов, Ф. Р. Шарофзода, Н. Фирдавси. М.М. Аламшоева, Ҷ. Перес, Ф. Арсе ва Саидшозода М., истифода шудааст. Усули монографӣ барои истифодаи захираҳои обӣ бо омӯзиши амиқ ва ҳамаҷониба имкон дод, ки масъалаи идоракунии захираҳои обӣ дар соҳаҳои гуногун ва бо истифодаи аз технологияҳои инноватсионӣ дар муҳити илмӣ бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Бо истифода аз усули нави муқоисавии масъалаҳои асосии амсила муайян гардид, ки яке аз роҳҳои ҳал барои кам намудани талафоти захираҳои обӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулоти кишоварзӣ, пешгирии тағйирёбии иқлим ва расидан ба таъмини ҳадафҳои рушди устувор бо истифода аз технологияи муосири инноватсионӣ дар раванди механизмҳои идоракунии интеллектуаӣ ба шумор меравад. Усулҳои таҳлил имкон фароҳам оварда, ки хатарҳои экологӣ, пешгӯии маълумотҳо ва амсилаҳои дар боло зикр гардида, вобоста ба сабаби тағйирёбии иқлим бо ёрии платформаҳои зеҳни сунъӣ доир ба истифодаи захираҳои об дар ҳолатҳои камобӣ қарорҳои самаранок қабул карда шавад.

Натиҷаи таҳқиқот. Таҳқиқот нишон дод, ки яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи кишоварзӣ ин истифодаи технологияи инноватсионии идоракунии захираҳои обӣ ба шумор мераванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳои табиӣ ва географии худ дорои захираҳои обии бузург буда, тибқи маълумотҳои мутахассисони соҳа ҳаҷми умумии захираҳои обӣ дар кишвар иборатанд аз: «....пиряхҳо - 845 км3 (ҳаҷм), 11146 км^2 (масоҳат), маҷрои дарё – 64 км^3/сол, кӯлҳо -46,3 км^3 (ҳаҷм), 705 км^2 (масоҳат), 1300 (шумора), обанборҳо – 15,34 км^3 (ҳаҷм), 664 км^2 (масоҳат), обҳои зеризаминӣ 18,7 км^3/сол» [2, с.63-72] иборат мебошанд, ки истифодабарандаи асосии об ин соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ на танҳо дорои захираҳои обии бузург мебошад, инчунин дар тақсимоти оби минтақа низ нақши муҳимро иҷро менамояд. Бо вуҷуди ин «... аз сабаби нобаробар тақсим шудани об дар ҳудудҳои муайян бо мурури замон дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон камбудии зиёди он мушоҳида мегардад» [7, с.41].

Илова бар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ зикр намуданд, ки: «... тайи панҷ соли охир мо пайваста шоҳиди солу моҳҳои гармтарин дар сайёра дар тамоми давраи мушоҳидаҳо гардидаем. Тибқи гузориши коршиносон, соли 2023 низ ҳамчун соли гармтарин сабт шудааст. Эҳтимоли қавӣ вуҷуд дорад, ки ин ниҳояти кор нест ва дар чанд соли оянда мо боз шоҳиди дигар рақамҳои рекордӣ хоҳем шуд. Қобили зикр аст, ки ҳиссаи ҳодисаҳои фавқулоддаи марбут ба об дар шумораи умумии офатҳои табиӣ ва ҳаҷми хисорот аз онҳо низ сол ба сол рӯ ба афзоиш дорад» [5], ки ин як мушкили дигари пайдошудаи асри XXI мебошад. Басомади боришоти шадиди мавсимӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст ва боиси обхезӣ дар минтақаҳое шудааст, ки қаблан осебпазир ҳисобида намешуданд.

Ин ҳодисаҳо дар саросари ҷаҳон хисороти иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба бор меорад, ки талафот ба инфрасохтор, аз даст додани амвол ва кӯчонидани аҳолӣ танҳо қисме аз ин мушкилот мебошанд. Ин омилҳо аз нигоҳи иқтисодӣ ба талафоти мустақим ва ғайримустақим мерасонанд, ки зиёнашон ба миллиардҳо доллар баробар буда, ба устувории молиявии тамоми минтақаҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Норасоии захираҳои обӣ боис мешавад, ки дар оянда зиёд шудани хушксолӣ рӯзафзун гардад. Дар чунин шароит «...яке аз роҳҳои кам кардани ҳаҷми обёрӣ истифодаи бурдани обҳои зеризаминӣ барои обёрӣ мебошад. Истифодаи обҳои зеризаминӣ имконият медиҳад, ки меъёрҳои обёрӣ ва мувофиқи он миқдори обёрӣ вобаста ба дараҷаи пайдо шудан ва шӯр будани онҳо кам карда шавад» [8, с.254]. Ин мушкилот аз обҳои рӯйизаминӣ фаротар мераванд ва ин раванд ба обҳои зеризаминӣ таъсири худро расонида, сифати онҳоро аз сабаби истифодаи аз ҳад зиёди қабатҳои обӣ дар даврaҳои хушк паст мекунанд. Самаранок идора накардани захираҳои обӣ дар давраи хушксолиҳои тӯлонӣ, на танҳо боиси кам шудани захираҳои обӣ мешавад, ҳамзамон ба коҳиши сифати онҳо мусоидат мекунад, ки ин боиси афзоиши консентратсияи ифлоскунандаҳо ва воридшавии оби шӯр мегардад. Аз ин рӯ, системаҳои дастгирии қарорҳо бояд моделҳои гидрогеохимиявиро барои арзёбӣ ва идоракунии сифати об дар давраи хушксолӣ дар бар гиранд.

Мавриди ба зикр аст, ки хушксолӣ хароҷоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад, ки ба соҳаи кишоварзӣ таъсири худро расонида, боиси нобудшавии ҳосил ва афзоиши хароҷоти истеҳсолот мегардад. Дар баробари ин, дар давраи хушксолӣ дар мамлакат бинобар сабабе, ки шуғли асосии зиёда аз 70%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, сатҳи камбизоатиро зиёд намуда, боиси эҷоди нооромиҳои иҷтимоӣ мегардад.

Ин мушкилотҳо боиси коҳиши захираҳои табиӣ аз ҷумлаи захираҳои обӣ, хушксолӣ ва бад шудани экосистема мегардад, ки тибқи маълумотҳо мутахасисони соҳа:

«-40 % - майдони умумии заминҳои кишоварзӣ ба деградасия ва эрозияи хок гирифтор шуда, хусусияти ҳосилхезии худро аз даст додааст; - то 20% истеҳсолкунандагони ғалладона дар ҷаҳон истифодаи обро нодуруст ба роҳ мемонанд, ки ин ба норасогии об оварда расонида, ба рушди соҳаи кишоварзӣ монеа эҷод мекунанд;

- биёбоншавӣ ба заминҳои лалмӣ, ки дар он сеяки аҳолии кураи замин зиндагӣ мекунанд, таҳдид менамояд;

- дар натиҷаи тағйир ёфтани иқлим тақрибан 2 миллиард нафар одамоне, ки дар минтақаҳои соҳилӣ зиндагӣ мекунанд, метавонанд зарар бинанд» [6, с. 97]

Ин мушкилотҳо роҳҳои ҳалро талаб менамоянд, ки яке аз ин роҳҳо идоракунии инноватсионӣ, яъне ба тариқи платформаҳои зеҳни сунъӣ мебошад, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 12.12.2025 дар ҷаласаи 7-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» [3] қабул карда шудааст.

Айни замон яке аз воситаи муосири идоракунии захираҳои обӣ, ки барои кам кардани талафоти об, пешгӯии хатарҳои экологӣ кӯмак намояд, ин истифодаи технологияи платформаҳои зеҳни сунъӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, бояд зарурияти омӯзиши маълумотҳои зиёдро доир ба сатҳ, ҳолат, инфрасохтор, талаботи обу иқлим бештар гардонида, механизми идоракунии интеллектуаии масъалаи мазкурро таҳлил намуда, қарорҳои оптималӣ қабул намоем.

Дар шароити норасоии об ва тағйирёбии иқлим қарорҳои инноватсионӣ метавонанд самараи истифодаи захираҳои обиро хеле баланд бардошта, дар баробари ин талафоти обро кам кунанд ва раванди идоракунии онҳоро ба шароитҳои душвор мутобиқ созанд. Масалан, тибқи ҳисобот ва таҳлилҳое, ки дар кишвари Африқо дар соҳаи кишоварзӣ гузаронида шуд технологияи интеллектуалї имконият фароҳам овард, ки бо истифода аз «системаҳои «Детиньӣ» бо сенсорҳои заминӣ ва стансияҳои обу ҳаво метавонанд истифодаи об ва нуриҳои минералиро хело кам намоянд» [9].

Имкониятҳои механизмҳои платформаи зеҳни сунъӣ IoT дар самти идоракунии захираҳои обӣ шароит фароҳам овард, ки бо истифода аз ин технологияи сатҳи намнокии замин, сатҳи об дар зироатҳо, нарасидани ғизоҳо дар заминҳои кишоварзӣ, [1, с. 4] омӯзиши ҳарорати об, таркиби захираҳои обӣ, камшавии захираҳои об, таҳлили ҳолати заминҳои обӣ, беҳтар кардани раванди тақсимоти об ва пешгирии офатҳои табии дар маҳалҳои аҳолинишин кумак расонад.

Ҷадвали 1. – Истифодабарии идоракунии захираҳои обӣ бо ёрии механизмҳои платформаҳои зеҳни сунъӣ дар шароити муосир.

Механизмҳои платформаҳои **зеҳни сунъӣ**	**Истифодабарӣ**
Big Data (таҳлили маълумотҳои калон**)**	Бо истифода аз Big Data имкон фароҳам оварда мешавад, ки маълумоти гидрологӣ аз паёми сенсорҳо ё иқлими муҳит барои баррасӣ ва таҳлил намудан истифода карда шавад. Инчунин, метавон бо кумаки алгоритмҳои барномавӣ идоракунии самаранокии захираҳои обӣ, ҳарорати об, ивазшавии сатҳи об ва дигар ҷузъҳои таркибии захираҳои обро таҳлил ва баррасӣ намуд.
Моделсозии захираҳои об	Зеҳни сунъӣ имконият фароҳам меорад, ки бо ёрии он моделҳои компютерии хеле мураккаб омода намуда, ҳолати тағйирёбии иқлим, обхезӣ ё камшавии захираҳои обро муайян намуд. Инчунин, бо истифода аз зеҳни сунъӣ таҳлили маълумотҳо, пешгӯии шиддатнокӣ ва таркиби захираҳои обӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.
Пешгӯии обхезӣ ва камшавии захираҳои обӣ	Истифодаи зеҳни сунъӣ ба сохторҳои марбут ба захираҳои об иконият медиҳад, ки вобаста ба равандҳои экологӣ ва маълумотҳои ҷамъовардашуда, тағйирёбии муҳити зистро, ки боиси камшавии захраҳои обӣ ва ё обхезӣ гардад, шароит фароҳам меоранд.
Идоракунии шабакаи обёрӣ	Дар ин раванд алгоритмҳои зеҳни сунъӣ барои беҳтарсозӣ ва идоракнии самараноки системаи обёрии кишоварзӣ кумак менамояд, ки дар ҷумҳурӣ зиёда аз 90% захираҳои обӣ дар хоҷагиии халқ истифодашаванда ба соҳаи кишварзӣ мансуб буда, истеъмолкунандагии асосии об ин соҳаи киоварзӣ ба шумор мераванд. Аз ин лиҳоз, бо истифода аз сенсорҳои хос, ки ҳолати заминҳои обиро мунтазам мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, метавонад то ҳадди аксар самаранокии обёрӣ ва интиқоли обро таъмин карда, дар натиҷа истифодаи беҳтари захираҳои обиро таъмин намояд.
Баррасӣ ва тасдиқи қарорҳо	Зеҳни сунъӣ бо ёрии алгоритмҳои зарурӣ шароитеро ба миён меорад, ки мутахасисони соҳаи идоракунии захираҳои обӣ маълумотҳои омориро истифода бурда, бо огоҳии воқеӣ қарорҳои асосиву самаранокро қабул мекунанд.
Барномаҳо барои манбаъҳои обӣ	Истифодаи алгоритимҳои зеҳни сунъӣ дар шаҳрҳо ва ҷойҳое, ки талабот ба об зиёданд имкон фароҳам меорад, ки пешгирии обхезӣ, хубтар намудани тақсимоти об дар соҳаҳои гуногун ва мушкилоти норасоии обро дар маҳалҳо ва ҷойҳое, ки талабот ба об зиёданд кумак расонад . Дар баробари ин, истфодаи сенсорҳо, мониторингҳо ва таҳлили омор барои назорат кардани дарё, обанборҳо ва дигар манбаъҳои обӣ зарур мебошанд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар шароити муосир ворид намудани идоракунии механизми захираҳои обӣ бо истифода аз платформаҳои зеҳни сунъӣ метавонад воситаи муоссир барои муайян намудани ояндабинӣ гашта, ба нақшагириҳои дақиқ ва муайян кардани ҳолати захираҳои обӣ ёрии калон расонад.

Тибқи таҳқиқотҳои Гупта Р., Гош П., барои пешгирии эрозия дар давлати Перу бо истифода аз системаҳои табии обии кӯњњои Анд обёрии ќатрагиро бо таҷҳизоти бо сенсор муҷањњазшуда таҳия намуда, қайд менамоям, ки «захирањои об ба таври ќатъї вобаста ба зироат кам карда мешаванд, ки талафоти обро 50% кам карда, њосилро 20% зиёд мекунад» [4, с. 98-112].

Ҳамин тариқ, вобаста ба натиҷаҳои дар боло қайдгардида дар самти идоракунии захираҳои обӣ бо ёрии механизмҳои зеҳни сунъӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушди иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

Хулоса, вобаста ба мушкилотҳои ҷойдошта истифодаи технологияи инноватсионӣ аз ҷумла зеҳни сунъӣ ба роҳ мондани саривакқтӣ буда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот ва татбиқи чунин

механизмҳо ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоӣ қарор доранд. Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар системаи идоракунии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ имкон фароҳам меорад, ки идоракунии самаранокии захираҳои обӣ, ҳарорати об, ивазшавии сатҳи об, таркиби захираҳои об, ҳолати заминҳои обӣ, пешгирии обхезӣ, хубтар намудани тақсимоти об дар соҳаҳои гуногун, ҳамзамон баланд бардоштани маҳсулоти рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ, кам кардани хароҷот ва гирифтани фоидаи бештарро таъмин намояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи механизмҳои интеллектуалии идоракунии захираҳои обӣ дар шароити Тоҷикистон дорои аҳамияти илмиву амалии баланд буда, ҷавобгӯ ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори кишвар ҳисобида мешавад.

АДАБИЁТ

1. Арабов, Ф. П. Рақмикунонии соҳаи кишоварзӣ дар самти расидан ба рушди устувор / Ф. П. Арабов, Ф. Р. Шарофзода, Н. Фирдавси // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 3(58). – EDN FKQTUE**.**
2. Аламшоева, М.М. Истифодабарии технологияҳои иттилоотии рақамӣ барои омӯзиши пиряхҳо ва захираҳои об. Маҷаллаи байналмилалии илмии «ФУРӮҒИ ИЛМ» 4 (04). 2024 с. 63-72
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 16-уми декабри соли 2025
4. Перес Ҷ., Арсе Ф. Мониторинги спутник барои назорати эрозия дар куҳҳои Перу. Санҷиши дурдаст дар кишоварзї, 2019. №18(7), -С.98–112.
5. Суханронии Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” Душанбе, - 2024. (манбаи электронӣ): http://prezident.tj/node/33617
6. Саидшозода, М. С. Истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои обӣ - заминаи бунёдии рушди устувор / М. С. Саидшозода, Д. Ф. Холиков // Таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим : Маҷмуаи мақолаҳо ва гузоришҳо, Душанбе, 04 ноября 2025 года. – Душанбе: Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2025. – P. 95-100. – EDN ARSSAE.
7. Холиқов, Д. Ф. Мукамалгардонии усулҳои истифодабарии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ / Д. Ф. Холиқов // Захираҳои обӣ, энергетика ва экология. – 2022. – Vol. 2, No. 2. – P. 40-44. – EDN GDPWEA.
8. Холиқов, Д. Ф. Мушкилоти норасоиҳои захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ / Д. Ф. Холиқов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 2(41). – P. 249-255. – EDN VLCXGM.
9. Њисобот ва тавсияњо оид ба ҷорї намудани технологияњои кишоварзии интеллектуалї дар кишварњои Африќо. Манбаъ: https://worldbank.org
10. https://amit.tj/tj/masalai-balandshavii-besobikai-kharorati-khavo-dar-payomi-navbatii-peshvoi-millat?page=93

МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАЪРИХИ АФКОРИ ИҚТИСОДИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми вазири
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. Тел.: (+992) 927660629. E-mail:
homid_@mail.ru.

Аннотатсия Дар мақолаи мазкур таҳқиқот оид ба афкори иқтисодии халқи тоҷик, ки таърихи чандинҳазорсола дорад ва дар раванди ташаккули тамаддуни миллӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ саҳми арзанда гузоштааст, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мақола фарогири афкори иқтисодии ниёгонро аз “Авасто”, “Таврот”, “Инҷил”, “Қуръон”, ақидаҳои хоҷагидории оқилонаи Ал-Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Саъдии Шерозӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ, Кошифӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ мебошад. Қайд карда мешавад, ки ташаккули илми иқтисод дар Тоҷикистон, афкори иқтисодӣ аз шакли панду ахлоқӣ ба шакли илмии академӣ мегузарад. Саҳми олимони тоҷик – академик Нарзиқулов Ибодулло Қосимович, Раҳимов Рашид Каримович, Саидмуродов Ҳабибулло Муродович, Қаюмов Нуриддин Қаюмович, Назаров Талбак Назарович ва дигарон дар рушди илми иқтисод хеле назаррас аст. Дар қатори ин олимони бузург иқтисодчиёни варзидаи тоҷик, аз қабили Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло, Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, Шариф Раҳимзода, Ҳоҷимуҳаммад Умаров, Мирсаидов Аброр Бобоевич ва дигарон низ дар таҳқиқи раванди иқтисодӣ ва роҳҳои рушди устувор корҳои арзанда анҷом додаанд.

Калидвожаҳо: таърихи афкори иқтисодӣ, фарҳанги хоҷагидорӣ, хоҷагидории оқилона, фарҳанги тиҷорат, фарҳанги сиёсӣ.

ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ИСТОРИИ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

Хошимзода Хомид Хасан
доктор экономических наук, доцент, первый заместитель
министра образования и науки Республики Таджикистан, г. Душанбе. Тел.: (+992) 927660629.
mail: homid_@mail.ru.

Аннотация. В статье исследуются экономические учения таджикского народа, которые имеют многовековую историю и развитие в процессе формирования национальной и мировой цивилизации. Экономические учения древних персидских ученых оказали весомый вклад в социльную, культурную и политическую жизнь персидско-таджикского народа. Статья охватывает экономические учения “Авесты”, “Торы”, “Библии”, “Корана”, а также идеи по рациональному ведению хозяйства в трудах Аль-Фараби, Аль-Бируни, Авицены, Унсурулмаали Кайкавус, Саади Ширази, Газали, Кашифи, Ахмад Дониша и Садриддина Айни. Отмечается, что формирование и развитие экономической науки в Таджикистане, а также экономические идеи переходят из морально-этического формата в научно-академический. Вклад таджикских ученых – академиков Нарзикулова Ибодулло Касымовича, Рахимова Рашид Каримовича, Саидмуродова Хабибулло Муродовича, Каюмова Нуриддина Каюмовича, Назарова Талбака Назаровича и других в развитие экономической науки очень велика. Наряду с этими великими учеными, особый вклад в развитие экономической науки Таджикистана вносят такие видные экономисты, как Саидмуродзода Лутфулло Хабибулло, Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт, Шариф Рахимзода, Ходжимухаммад Умаров, Мирсаидов Аброр Бобоевич и другие.

Ключевые слова: история экономической мысли, культура торговли, культура хозяйствования, рациональное хозайство, политическая культура.

MAIN STAGES IN THE HISTORY OF ECONOMIC THOUGHTS OF THE TAJIK PEOPLE

Hoshimzoda Homid Hasan

Doctor of Economics, Associate Professor, First Deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan, Dushanbe. Tel.: (+992) 927660629.E-mail: homid_@mail.ru.

Abstract. This article examines the economic thoughts of the Tajik people, which have a centuries-long history and development during the formation of national and global civilization. Tajik economic teachings have made a significant contribution to the social, cultural, and political life of the Persian-Tajik

people. The article covers the economic teachings in Avesta, Torah, the Bible, and the Koran, as well as ideas on rational economic management in the works of Al-Farabi, Aburaykhan Beruni, Avicenna, Unsurmaali Kaykavus, Saadi Shirazi, Gazali, Kashifi, Akhmadi Donish, and Sadriddin Ayni. It is noted that the formation and development of economic science in Tajikistan, as well as economic ideas, are moving from a moral and ethical format to a scientific and academic one.

The contributions of Tajik academicians Narzikulov Ibodullo Kasimovich, Rakhimov Rashid Karimovich, Saidmurodov Khabibullo Murodovich, Kayumov Nuriddin Kayumovich, Nazarov Talbak Nazarovich, and others to the development of economic science are enormous. Along with these great scholars, prominent economists such as Saidmurodzoda Lutfullo Khabibullo, Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht, Sharif Rahimzoda, Khodjimuhammad Umarov, Mirsaidov Abror Boboevich, and others have made significant contributions to the development of economic science in Tajikistan.

Keywords: history of economic thoughts, trade culture, economic culture, rational economic management, political culture.

Афкори иқтисодии халқи тоҷик таърихи чандинҳазорсола дорад ва дар раванди ташаккули тамаддуни миллӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд омада, бо гузашти замон такмил ёфтааст. Мардуми тоҷик аз даврањои бостон то имрӯз ба масъалаҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила, идораи хоҷагидорӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат, шаклҳои моликият, фоидаю зарар ва меҳнат бо диди хоси худ назар кардааст. Ин анъанаи фикрӣ дар тӯли асрҳо на танҳо ба таҷрибаи иқтисодии рӯзмарраи халқ такя мекард, балки ба осори ахлоқӣ, динӣ, фалсафӣ ва илмии мутафаккироне, ки дар ин сарзамин ба камол расидаанд, асос меёфт. Маҳз ҳамин омезиши илмию амалӣ, андешаи фалсафӣ ва таълимоти ахлоқӣ шароити мусоид фароҳам овард, ки таърихи афкори иқтисодии тоҷикон ба як низоми пурмуҳтаво ва пайваста мубаддал гардад.

Дар марҳалаҳои ибтидоӣ манбаъҳои асосии ифодагари тафаккури иқтисодӣ аз таълимоти ахлоқӣ, динӣ, расму ойин ва анъанаҳо сарчашма гирифта, дар онҳо масъалаи моликият, покиву нопокӣ, масъулияти инсон дар муомила, тақсимоти одилонаи сарват, закоти мол, манъи истисмор ва моҳияти меҳнат ҳамчун манбаи ризқу рӯзӣ ҷойгоҳи хосса доштанд. Дар ин сарчашмаҳо робитаи мустақими иқтисод бо ахлоқ, дин, адлу инсоф, ростӣ ва масъулияти иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Тавсияҳо нисбати сарфаву сариштакорӣ, адолат дар хариду фурӯш, покии мол ва масъулияти сарватмандон дар дастгирии ҷомеа, таълимоти меҳнат ҳамчун манбаи баракат, муҳтавои аввалиндараҷаи тафаккури иқтисодии ниёгони моро ташкил додаанд.

Афкори иқтисодии ниёгон аз ҷониби мутафаккирони гузашта ба таври бояду шояд мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд. Чун худи ҳаёт иқтисод аст ва он бидуни иҷтимоиёт буда наметавонад, масоили ҳаллу фасли онҳо аз қадим то кунун дар асарҳои ниёгони мо ҳамчун падидаву андешаҳои мухталиф, дар шаклҳои парокандаву парешон дар китобҳои таърихӣ, достонҳо, дастнависҳо, ҳикмату пандномаҳо тавассути рубоиёту ғазал, қасидаву шеър ва сурудҳо то рӯзгори мо расидаанд.

Бояд махсус қайд кард, ки то солҳои 90-уми қарни XX ягон асари илмию тадқиқотӣ оиди таҳлили ин раванд вуҷуд надошт. Ин иштибоҳи таърих, хушбахтона, ба ислоҳ расид ва баъзе аз олимони фидоию бомасъулият дар ин ҷода заҳмати зиёде ба харҷ дода, мақолаву китобча, рисолаву асарҳои илмию тадқиқотӣ, таълимию методиро дастраси хонандагон гардонидаанд. Дар ин ҷода чопи китобҳои “Назаре ба афкори иқтисодии ниёгон” ва “Таърихи афкори иқтисод” профессор Б. Исоматов шоистаи таваҷҷуҳ аст [2;3]. Аз шиносоӣ, таҳлил ва дарки маҳсули дастранҷи иқтисоддонон хулоса бармеояд, ки падидаҳои иқтисодӣ 3-4 ҳазор сол қабл бо таври васеъ дар хонадорию хоҷагидорӣ ва давлату давлатдорӣ истифода шудаанд. Масалан, “дар навиштаҷоте, ки дар болои санги кӯҳи Бесутун ба шоҳи Эрони Қадим Дорои I мерос монда буд, теъдоди сарзамин, сарвату дороии он, боҷу хироҷ ва мукофотҳо (даромад) аз онҳо, услубҳои худидоракунию мухторият ва ғайра ифшо карда шудаанд” [2].

Дар таҷрибаи давлатдории “Шоҳ Дорои I на фақат масоили забткорию ҷангҳо, инчунин ободонию ривоҷи ҷомеа, тарзу услуби ташаккул ва инкишофи иқтисодиёт, бозору тиҷорат, алоқаи байни марзҳои дохилию берунӣ, истеҳсоли тиллову нуқра, инкишофи кишоварзию ҳунармандӣ ва муносибатҳои молию пулӣ таҳти назар қарор гирифта буданд” [2].

Авасто. Падидаҳои иқтисодӣ зиёда аз 3 ҳазор сол қабл аз ин дар китоби осмонию динии муқаддас “Зардушд “Авасто” андӯхта шуда, минбаъд дар осори ҳазорон бузургони фарҳанг ва илму адаб рушду камол ёфтаанд. Дар он оиди тахсис ва тақсими меҳнат – шикорчигӣ, моҳидорӣ, ҳунармандӣ, чорводорӣ; табақабандии ҳайати иҷтимоия – рӯҳониён, ҷанговарон, пешоварон (ҳунармандон), кишоварзон, ғуломон; сохти идораю давлатдорӣ вазъ ва амволи шахсӣ, низомҳои

ҳуқуқӣ, шарту шароити ташкили оила, аҳком (қоида, қонун) ва мазҳабу навиштаҷоти зиёдеро дарёфт кардан мумкин аст” [1].

Дар “Авасто” ба қатори масъалаҳои муҳимтарини динию мазҳабӣ, масоили ҳифзи ҳайвонот (махсусан ҳайвонҳои хонагӣ), муносибатҳои оилавӣ ва услуби оиладорӣ (фарзанддорӣ, бефарзандӣ, тарбияи онҳо), равобити тиҷоратии байни мамлакатҳои алоҳида, муносибатҳои молиявӣ, рӯёнидани андозҳои нақдӣ ва ҷисмӣ чун тиллою нуқра, амволу ғалладона, хӯрока, ғуломон (зану мард), аспу уштур ва ғайра тасвир шудаанд. Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии дар “Авасто” қайдшуда бо ибораи профессор Б. Исоматов ҳазорсолаҳо пеш аз “Таврот”, “Инҷил” ва “Қуръон” ба саҳна омадаанд. Аҳкоми чорчӯбаи он: гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек то кунун нерӯ ва қудрати худро гум накардаанд [2;3].

Дар давраи Сомониён низ амиқ гаштани ҷараёнҳои меҳнат – обёрию зироат, парвариши чорвою кирми абрешим, занбӯри асалу моҳӣ, пайдо шудани шаҳрҳо, реша давонидани зиддияти байни шаҳру қишлоқ, ташаккули сохти давлатдорӣ, андозу андозбандӣ ва ғайра густариш ёфта буданд.

Муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон танҳо дар як асри XVI – 164 навъи санъати ҳунармандӣ амал мекард: сохтану фурӯхтани намудҳои гуногуни силоҳи ҷангӣ, тиҷорат, китобату нусхабардорӣ, заргарию дӯзандагӣ, наққошию кандакорӣ, нассоҷӣ, атторию мушкфурӯшӣ, кафшдӯзӣ, бофандагӣ ва ғайра [5].

Закариёи Розӣ. Панду насиҳат, андеша ва ҳикматҳои зиёдеро дар осори Абӯбакри Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ дидан мумкин аст.

Мувофиқи ақидаи ӯ, кайҳон, замин, осмону ситораҳо, ҳаёт ва одамон таърихи қадима дошта, аз моддаҳо (ҳаюло)-и муайян таркиб ёфтааст. Назарияи нисбатан ба материализм наздику шабоҳатдоштаи вай аз он гувоҳӣ медиҳад, ки “олам донисташавандаю модда абадӣ аст; таърихи башар ҳам ниҳоят тӯлонӣ мебошад; тақсимоти меҳнат боиси инкишоф мегардад; дар ҳаёти ҷомеа истисмор ҷой дошта метавонад” [4].

Закариёи Розӣ чунин ақида дошт, ки дар назди Худо ҳамаи табақаҳои аҳолӣ (дороён, нодорон, соҳибони сарвату мулк, аҳли меҳнат) баробаранд. Одамон тавассути ақл аз ҳайвонҳо фарқ мекунанд ва ба кашфи асрори илм мерасанд. Маҳз завқу нафс ва имконоти идора кардани онҳо одамонро аз ҳайвон ҷудо месозад. Вай оид ба характери ҷамъиятӣ доштани меҳнат, тахсис, такрористеҳсол, мубодила ва ғайра маълумот дода, қайд мекунад, ки ҳеч гоҳ як нафар тамоми ҳунарҳоро фаро гирифта наметавонад. Аз ин лиҳоз, зарурати қонеъ гардонидани ниёзу эҳтиёҷи мардум, тақсими касбу ҳунарҳо миёни онҳо, ба даст овардани сарвату молу мулк ва ғайра пайдо мешавад [5].

Зиёда аз 160 асари файласуф ва мутафаккири асри IX Абӯнаср Муҳаммад ал-Форобӣ (873-950) ба мерос мондааст. Ӯ бештар ба мутафаккир ва файласуфи Юнони Қадим Арасту (Аристотел) пайравию тақлид намуда, қисме аз асарҳои худро дар асоси шоҳкориҳои ӯ таълиф намудааст. Дар адабиёти асримиёнагӣ ӯро баъд аз Арасту “Устоди сонӣ” шинохтанд. Ақоиди иқтисодии ӯ “афзалиятан дар китоби “Афкори маскунони шаҳри некбахтон” иброз шуда, оид ба масоили зиёди хонадорию шаҳрдорӣ, нақшу мақоми инсон дар офариниши неъматҳои иқтисодӣ, накӯкорию зиёнкорӣ, ҳамкорию муттаҳидӣ ва ғайра баҳсу мунозира мекунад” [3; 4].

Форобӣ асоси рушди давлатдориро дар накӯкорӣ – ёрии байниҳамдигарӣ, муттаҳидӣ, қонеъ гардонидани талабот ва ғайра мебинад. Тибқи назарияи Форобӣ инсон офаридаи Худост. Соҳиби ақлу фаросат, кору фаъолият ва касбу ҳунар будан, на аз рӯзи азал, балки ба туфайли заҳмати таълиму тарбия эҳё ва ташаккул меёбад. Инсонҳое, ки дар ҷомеаи “накӯкорон”- и Форобӣ иқомат мекунанд, бояд ба ҳам дӯсту бародар, некхоҳу некбин, одилу оқил бошанд ва ягонагии ҳамдигарро дар олами башарият таъмин намоянд [1].

Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048) ҳамчун мутафаккири барҷастаи асри худ зиёда аз 180 асар таълиф намуда, нисбати масоили бисёрҷабҳаи рушду таҳаввули табиату коинот, инсону ҳайвонот ва хусусиятҳои ҳаёти башарият маълумотҳои гуногуне додааст [5].

Баррасии масоили иқтисодию иҷтимоӣ бештар дар асари ӯ “Осор-ул-боқия” назаррас мебошад. Дар ин асар ҷанбаҳои зиёди ҳаёти иҷтимоии инсону ҷомеа, аз ҷумла нозукиҳои хонадорию оиладорӣ, давомнокии умри инсон, ташкили давлату давлатдорӣ, сабабу оқибатҳои ҷангҳо, таърихи бедор шудани оламу одам, набототу ҳайвонот, бозору тиҷорат, сабаби бенавоии аҳолӣ, дороию сарватмандӣ таҳқиқ шудаанд.

Тибқи андешаҳои Берунӣ инсоният ду давра – давраи ёбоӣ ва давраи ҷоҳилияро аз сар гузаронидааст. Инсонро на фақат аз рӯйи забону дил, инчунин аз рӯйи сарвату дороияш бояд шинохт. Ӯ боварӣ дорад, ки дар ҳолати бурдани ҳаёти солим умри табиии инсон то 120 сол мерасад. [1;5]. Берунӣ дар масъалаҳои иқтисодӣ андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Ӯ аз аввалин мутафаккирони

шарқӣ аст, ки масъалаи пул, пайдоиши он, таносуби тилло ва нуқра, муомилоти молӣ ва аҳамияти арзишро тавсиф намудааст. Меҳнат барои ӯ манбаи асосии зиндагӣ аст ва арзишро кори инсон муайян мекунад.

Абӯалӣ ибни Сино (970-1037) аз донишмандони маъруфи асримиёнагӣ, асосгузори илми тиб ва файласуфу мутафаккири бузурги асри XI будааст. Шояд аз ҳамин нуқтаи назар бошад, ки ӯ дар асарҳои худ ба масъалаҳои инсонпарварӣ, одоби намунавӣ, қуввату тавоноӣ, ахлоқ, фарқи байни инсону ҳайвонот, сабаби тавлид ва нобудии онҳо, тарзу услуби хонадорию хоҷагидорӣ, шаклҳову зинаҳои амалии соҳибкорӣ, сиёсати идоракунӣ ва хоҷагидории подшоҳону бузургон, роҳу усулҳои ислоҳи нафс, дахлу харҷ, нақшу мақом ва сиёсати мард нисбати зан, фарзандон ва хизматгузорон бо диди худ баҳогузорӣ намудааст. Абӯалӣ ибни Сино итминон дошт, ки иқтисодиёт бояд дар бобати хонадорӣ ва ё равишҳои хоҷагидорию идораи он баҳс кунад. Мувофиқи ақидаи Ибни Сино, афзалияти бани одам дар меҳнат аст; одамон аз рӯйи моликияту манзил, дороӣ, хислату рафтор аз ҳамдигар фарқ доранд; нобаробарии иҷтимоӣ ҳамеша вуҷуд дорад ва он сабаби низоъ ё рушду нумӯи ҷомеа мебошад. Абӯалӣ ибни Сино, ки дар илми иқтисодиёт низ саҳми бузург дорад, дар «Донишнома» иқтисоди хонаводагӣ, табақабандии иҷтимоӣ, зарурати ҳамкории табақаҳо дар истеҳсолот, аҳаммияти захира, истифодабарии оқилонаи мол ва мақоми меҳнатро ҳамчун асоси зиндагӣ баррасӣ мекунад. Барои Ибни Сино муносибати иқтисодӣ аз муносибати ахлоқӣ ҷудо нест: мол бояд ба нафъи ҷомеа бошад ва инсон бояд масъулияти иқтисодии худро дар назди ҷомеа дарк кунад. Ба туфайли ҳикмат ва андешаҳои бисёрҷабҳаи Абӯалӣ ибни Сино мо на фақат пиромуни тақсиму тахсиси меҳнат, балки хусусиятҳои хоҷагидорию хонадорӣ, сохтори давлатдорӣ, тавлиди мол, шарту услуб ва одоби тиҷорат, хайроту садақа, масрафу андӯхти қисми даромад, андозу закот, пасандозу захираҳои молу амвол ва ғайра маълумот гирифта метавонем [1; 2; 5].

Бояд иқрор шуд, ки падидаҳои парокандаву барҷомондаи иқтисодиёт хеле барҷаста дар асарҳои мутафаккирони зиёде (“Сиёсатнома”- и Низомулмулк, “Қобуснома”- и Унсурулмаолии Кайковус, “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, осори Муҳаммад Ғазолӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон) иброз шудаанд [5]. Бо рушди адабиёти пандуахлоқӣ ин афкор боз ҳам густариш ёфт. Дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, ки онро метавон нахустин дастури мукаммали иқтисодии асрҳои миёна номид, масъалаҳои муҳимми иқтисод ба таври амалӣ ва бо такя ба ҳикмати зиндагӣ шарҳ дода мешаванд. Муаллиф роҳҳои ба даст овардани мол, риояи одоби тиҷорат, идораи хоҷагии хонаводагӣ, тарзҳои харҷи дуруст, захира кардани амвол, ҷудо намудани фоида, тақсимоти одилонаи даромад, инчунин, омӯзиши касбу ҳунар ва меъёрҳои масъулияти иҷтимоиро ҳамчун рукни муҳими зиндагӣ баён мекунад [5].

Дар ҳамин давра «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ба миён меояд, ки яке аз муҳимтарин асарҳои сиёсиву иқтисодии асри миёна мебошад. Дар ин асар истеҳсолот, хазинадории давлатӣ, идораи молия, бозор, андоз, муносибати подшоҳ бо мардум ва адлу инсоф ҳамчун асоси иқтисоди солим тавсиф карда мешаванд. Низомулмулк бар он ақида аст, ки адолат ва суботи сиёсӣ шарти рушди иқтисод аст. Ӯ дар бораи назорати нарх, танзими бозор, роҳҳои пур намудани хазина, риояи ҳуқуқи муомилот, муносибати оқилонаи давлат дар идоракунии бозор ва аҳаммияти одобу фарҳанги меҳнат андешаҳои хеле мукаммал иброз мекунад.

Дар «Футувватнома»-и Кошифӣ низ масъалаҳои иқтисодӣ аз дидгоҳи ахлоқӣ баррасӣ мешаванд. Дар ин асар, ки бештар ба одоби ҳунармандон, тоҷирон ва соҳибони касб равона шудааст, одоби хариду фурӯш, ростиву амонатдорӣ дар муомилот, риояи ҳуқуқи муштариён, дастгирии фақирон ва баробарии иҷтимоӣ таъкид мешаванд. Футувват ҳамчун низоми ахлоқиву касбӣ муносибати ҳунарманд ва тоҷирро ба ҷомеа дар чорчӯбаи фазилатҳои инсонию ахлоқӣ муайян мекунад. Маҳз ҳамин таҷриба дар даврaҳои минбаъда асоси фарҳанги бозории мардуми тоҷик гардид [5].

Дар осори мутафаккирони дигари форсу тоҷик, аз ҷумла Закариёи Розӣ, Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ масъалаҳои иқтисодӣ аз нигоҳи илмӣ амиқтар таҳлил шудаанд. Закариёи Розӣ дар «Тибби рӯҳонӣ» ба масъалаҳои истеҳсолоти моддӣ, касбу ҳунар, тақсимоти меҳнат, нақши захираҳои молӣ, муносибати инсон ба мол ва маниши иқтисодӣ диққат медиҳад. Барои ӯ иқтисод на танҳо воситаи рӯзгор, балки як қисмати муҳимми ахлоқи шахсият аст.

Баъдан афкори иқтисодӣ аз шакли панду ахлоқӣ ба шакли илмии академӣ мегузарад. Саҳми олимони тоҷик – академик Нарзиқулов Ибодулло Қосимович, Раҳимов Рашид Каримович, Саидмуродов Ҳабибулло Муродович, Қаюмов Нуриддин Қаюмович, Назаров Талбак Назарович ва дигарон дар рушди илми иқтисод хеле назаррас аст. Онҳо масъалаҳои назариявии иқтисод, моделҳои рушди хоҷагии халқ, сиёсати иқтисодӣ, сохтори истеҳсолоти миллӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодро аз назари илмӣ таҳқиқ кардаанд. Ин таҳқиқот барои таҳияи сиёсати

иқтисодии давлати ҷавони Тоҷикистон ва барои ташаккули низоми иқтисоди миллӣ замина гузоштанд. Дар қатори ин олимони бузург, иқтисодчиёни варзидаи тоҷик, аз қабили Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло, Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, Шариф Раҳимзода, Ҳоҷимуҳаммад Умаров, Мирсаидов Аброр Бобоевич ва дигарон низ дар таҳқиқи раванди иқтисодӣ ва роҳҳои рушди устувор корҳои арзанда анҷом додаанд. Онҳо масъалаҳои иқтисоди рақамӣ, иқтисоди донишбунёд, моделҳои рушди устувор ва механизми танзими бозорро таҳқиқ намуда, илмро ба талаботи асри нав мутобиқ месозанд.

Даврони истиқлол марҳилаи нав ва хеле муҳим дар таърихи иқтисод ва афкори иқтисодии тоҷикон мебошанд. Бо гузариш аз системаи фармонӣ ба иқтисоди бозорӣ муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсати молиявӣ, сохтори бозор, фаъолияти соҳибкорӣ ва модели рушди миллӣ шакли тамоман нав гирифтанд. Дар ин шароит андешаи иқтисодӣ низ ба сатҳи хеле баланди илмӣ расида, дар маркази таваҷҷуҳ масъалаҳои устувории рушди миллӣ, истиқлоли иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, рақамикунонии иқтисод, рушди корхонаҳои инноватсионӣ ва иқтисоди сабз қарор гирифтаанд.

Ҳамаи ин ҷараёнҳо нишон медиҳанд, ки таърихи афкори иқтисодии халқи тоҷик як равандест пайваста ва дорои решаҳои амиқи тамаддунӣ. Аз таълимоти ахлоқӣ, динӣ, расму ойин ва анъанаҳо оғоз ёфта, тавассути пандномаҳо, осори фалсафии мутафаккирон, таҷрибаи давлатдории ниёгон ва таҳқиқоти илмии асри XX идома ёфта, дар даврони истиқлол ба марҳилаи нав расидааст. Барои мо имрӯз омӯзиши ин таърих на танҳо аз ҷиҳати илмӣ зарур аст, балки барои пешбурди сиёсати иқтисодии миллӣ, беҳтар намудани самаранокии хоҷагии халқ, таҳия ва татбиқи моделҳои рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аҳаммияти бевосита дорад.

Бо такя ба таърихи ғании ҳазорсолаи ниёгон ва дастовардҳои илми муосир, мо метавонем иқтисоди миллии худро дар роҳи дуруст роҳнамоӣ кунем, захираҳои маҳдудро самаранок истифода барем, фарҳанги иқтисодиро баланд бардорем ва рушди устувори Тоҷикистонро таъмин созем. Ин таърих барои мо на танҳо сабақи гузашта, балки раҳнамои оянда аст. Ояндае, ки дар он иқтисоди миллӣ бо такя ба илму дониш, навоварӣ, фарҳанг ва меҳнати софдилонаи мардум пеш меравад.

Адабиёт:

1. Асроров З.У. Афкори иқтисодӣ (дар эҷодиёти мутафаккирони халқи тоҷик): монография / З.У. Асроров; муҳ. Р. Тағоймуродов.// – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2024. – 184 с.
2. Афкори иқтисодиву иҷтимоии халқи тоҷик. Исоматов Б., Каримов У., Исломов С., Ризоев К., Комилов Р. ва диг.// – Душанбе, 1999. – 184 с.
3. Исоматов Б., Каримбердиев О. Таърихи афкори иқтисод. – Душанбе: “Паёми ошно”, 2005. – 228 с.
4. Каримзода О. Таърихи афкори иқтисодӣ (қисми аввал) – Душанбе: “ЭР-граф”, 2012. – 188 с.
5. Каримов У. Иқтисод ва тиҷорат дар адабиёти тоҷик (асрҳои X-XVI). Душанбе, 1997.- 226 с.

УДК.336

ТАҲЛИЛИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Асрорзода Убайд Сатор
д.и.и., профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Борбад 48/5.
Ҷураев Шоҳрух Неъматович
омӯзгори калони кафедраи фаъолияти гумрук, сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Борбад 48/5, тел:918-78-10-78, E-mail: shohrukh@mail.ru

Дар мақола таъсири пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шуд. Механизмҳои мавҷудаи пешниҳоди имтиёзҳо, танзими ҳуқуқии онҳо, инчунин ҷанбаҳои амалии татбиқ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт таҳлил карда шуданд. Ба арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ аз нуқтаи назари ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, афзоиши ҳаҷми фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва дастгирии тиҷорати хурду миёна диққати махсус дода мешавад. Дар асоси модели коррелиатсионӣ-регрессионӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам мушкилот ва хатарҳои мавҷуда ошкор карда шудаанд. Тавсияҳо оид ба мутаносибкунии низоми ҳавасмандгардонии гумрукии соҳибкорӣ пешниҳод карда шудаанд.

Калимаҳои калидӣ: имтиёзҳои гумрукӣ, соҳибкорӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, дастгирии давлатӣ, сармоягузорӣ, соҳибкории хурд ва миёна, сиёсати иқтисодӣ

АНАЛИЗ ЭФФЕКТИВНОСТИ ТАМОЖЕННЫХ ЛЬГОТ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Асрорзода Убайд Сатор
д.э.н., профессор, ректор Международного университета туризма и предпринимателӣства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5.
Джураев Шохрух Нематович
старший преподаватель кафедры таможенной деятельности, начальник отдела кадров и специальных дел Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5, тел:918-78-10-78, E-mail: shohrukh@mail.ru

В статье рассматривается влияние предоставления таможенных льгот на развитие предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. Проанализированы существующие механизмы предоставления льгот, их правовое регулирование, а также практические аспекты применения в различных секторах экономики. Особое внимание уделено оценке эффективности таможенных льгот с точки зрения стимулирования инвестиций, увеличения объемов внешнеэкономической деятельности и поддержки малого и среднего бизнеса. На основе корреляционно-регрессионой модели определены как положительные эффекты, так и выявлены существующие проблемы и риски. Предложены рекомендации по оптимизации системы таможенного стимулирования предпринимательства.

Ключевые слова: таможенные льготы, предпринимательство, внешнеэкономическая деятельность, государственная поддержка, инвестиции, малый и средний бизнес, экономическая политика

ANALYSIS OF THE EFFECTIVENESS OF CUSTOMS PRIVILEGES IN THE DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Asrorzoda Ubaid Sator
is a Doctor of Economics, Professor, Rector of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5Borbad ave.
Juraev Shokhrukh Nematovich
a senior lecturer at the Department of Customs, Head of the Personnel and Special Affairs Department at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Ave., tel:918-78-10-78, E-mail: shohrukh@mail.ru

The article examines the impact of the provision of customs privileges on the development of entrepreneurial activity in the Republic of Tajikistan. The existing mechanisms for granting benefits, their legal regulation, as well as practical aspects of their application in various sectors of the economy are analyzed. Special attention is paid to assessing the effectiveness of customs privileges in terms of stimulating investment, increasing foreign economic activity and supporting small and medium-sized businesses. Based on the correlation and regression model, both positive effects and existing problems and risks were identified. Recommendations on optimizing the system of customs incentives for entrepreneurship are proposed.

Keywords: customs privileges, entrepreneurship, foreign economic activity, government support, investments, small and medium-sized businesses, economic policy

Таъсири самараноки имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст, чунки имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд барои соҳибкорон заминаи муносиб барои афзоиши тиҷорат, рушди истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои корӣ муҳайё созанд. Аммо, барои ба даст овардани натиҷаҳои самаранок, механизми иқтисодӣ-ташкилӣ бояд дуруст ва муассир амал кунад.

Механизми имтиёзҳои гумрукӣ бояд на танҳо аз ҳалли масъалаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ барояд, балки сохтори ташкилиӣ ва ҳуқуқӣ низ бояд барои истифодаи самаранок ва шаффофи онҳо таҳия гардад. Мақсади асосии мукамалгардонии ин механизм, ба таври умумӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд кардани иқтидори иқтисодӣ ва саноатӣ мебошад.

Имтиёзҳои гумрукӣ бояд барои рушди соҳаҳои калидӣ, ба монанди саноат, кишоварзӣ, технологиҳои инноватсионӣ, ва содирот равона карда шаванд. Муҳимияти тафовути имтиёзҳо барои ҷалби соҳибкорон ба соҳаҳои муайян ва рушди иқтисоди миллӣ назаррас аст.

Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи муассир барои рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар кардани шароити тиҷоратӣ дар кишварҳои дар ҳолати рушд, ба вижа Тоҷикистон, метавонанд дар соҳаҳои стратегӣ ва калидӣ, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ ва технологиҳои инноватсионӣ, нақши муҳими худро иҷро кунанд. Мақсади асосии пешниҳод кардани имтиёзҳои гумрукӣ дар ин соҳаҳо иборат аз ҳавасманд кардани соҳибкорон ва ширкатҳо барои сармоягузорӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ, афзоиши истеҳсолот ва кам кардани монеаҳои тиҷоратӣ мебошад.

1. Мақсади имтиёзҳои гумрукӣ дар соҳаи саноат.

Имтиёзҳои гумрукӣ барои саноатро метавон ҳамчун воситаи асосии рушди истеҳсолот ва зиёд кардани иқтидори саноатии кишвар истифода бурд:

- Ҳавасмандсозии истеҳсолот: Имтиёзҳои гумрукӣ, ба монанди кам кардани ҳаққи моли воридотӣ барои маводи хом ва таҷҳизот, метавонанд ба ширкатҳо дар беҳтар кардани иқтидори истеҳсолӣ ва навсозии фабрикаҳо кумак кунанд.
- Технология ва автоматизатсия: Кормандон ва соҳибкорон, ки дар соҳаи саноат фаъолият мекунанд, метавонанд бо кумаки имтиёзҳои гумрукӣ дар ҷорӣ кардани технологияи пешрафта ва таҷҳизоти замонавӣ, ки дар беҳтар кардани самаранокии истеҳсолот кумак мекунанд, сармоягузорӣ кунанд.
- Моҷарои ҷалби сармояи хориҷӣ: Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд дар ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи саноат ва инноватсия кумак кунанд, ки дар натиҷа метавонад истеҳсолоти ватаниро афзоиш диҳад.

2. Мақсади имтиёзҳои гумрукӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди Тоҷикистон мебошад, ва истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар ин соҳа метавонад таъсири амиқ ба рушди иқтисоди миллӣ дошта бошад:

- Таъсиси иқтидорҳои нав: Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд барои ворид кардани таҷҳизот ва маводи хом барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ кумак расонанд, ки ин боиси афзоиши истеҳсоли ғизо ва таҳвили молҳои кишоварзӣ мегардад.
- Рушди соҳаҳои нав: Барои рушди соҳаҳои кишоварзии инноватсионӣ, мисли парвариши дуруст ва экологӣ тозаи маҳсулот, имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд кумак кунанд, ки маҳсулот ба бозори ҷаҳонӣ пешниҳод шаванд.
- Кумак ба истеҳсолот ва ташкили шабакаҳои содиротӣ: Имтиёзҳои гумрукӣ барои соҳибкорон ва фермерон дар соҳаи кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки ба содирот равона кунанд ва бозорҳои навро кушоянд.

3. Мақсади имтиёзҳои гумрукӣ дар технологиҳои инноватсионӣ.

Технологияҳои инноватсионӣ барои кишварҳои дар ҳолати рушд, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон, як манбаи муҳими рушди иқтисоди рақамӣ ва модернизатсияи соҳаҳои мухталиф мебошанд.

● Пешбурди инноватсия: Имтиёзҳои гумрукӣ барои воридот ва таҳия кардани маҳсулоти инноватсионӣ, чун дастгоҳҳои электронӣ, технологияи иттилоотӣ ва дигар маҳсулоти баландтехнологӣ, метавонанд рушди иқтисоди рақамиро зудтар кунанд.

● Сармоягузорӣ дар соҳаи илм ва технологӣ: Бо истифода аз имтиёзҳои гумрукӣ барои ворид кардани молу маҳсулот ва мавод барои соҳаҳои технологӣ, кишвар метавонад ба рушди илм ва техник ба таври самаранок мусоидат кунад.

● Шабакаи тадқиқоти илмӣ: Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд барои маводҳои илмӣ, дастгоҳҳои махсус ва таҷҳизоти истеҳсолӣ, ки барои инноватсия дар соҳаи илм ва технологияи нав кумак мекунанд, кумак расонанд.

Механизмҳои имтиёзҳои гумрукӣ бояд бар асоси таҳлили амиқ ва омори бозорӣ созмон ёбанд, то ки онҳо самаранок ва барои тамоми бахшҳои иқтисодӣ, махсусан барои соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон, манфиатовар бошанд. Истифодаи таҳлили амиқ ва омори бозорӣ барои таҳия ва роҳандозии имтиёзҳои гумрукӣ метавонад дар таъмини самаранокии онҳо ва кумак ба рушди иқтисодиёт нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлили амиқ ва омори бозорӣ ба маълумоти дуруст барои қабул кардани қарорҳои самаранок оид ба таъмини имтиёзҳои гумрукӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Бо истифода аз чунин таҳлилҳо, мақомоти гумрукӣ метавонанд барномаҳое эҷод кунанд, ки манфиатҳои бештар барои соҳибкорон ва рушди иқтисодӣ таъмин карда шаванд. Таҳлили омори бозорӣ ба назар мерасад, ки як дастур барои тасаввур кардани эҳтиёҷот, мавҷудияти маводи хом ва тайёр, ки барои истеҳсолот лозиманд, ва инчунин арзиши онҳо дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Қадамҳои муҳими истифодаи таҳлили амиқ ва омори бозорӣ барои механизмҳои имтиёзҳо:

● Идоракунии барномаҳои имтиёзӣ бо фаҳмидани эҳтиёҷот: Вақте ки таҳлили амиқ ва омори бозорӣ амалӣ мешавад, мақомоти гумрук метавонанд фаҳманд, ки кадом соҳаҳо (масалан, саноат, кишоварзӣ, технологиҳо) бештар ба имтиёзҳои гумрукӣ ниёз доранд. Дар асоси ин таҳлилҳо, имконоти пешниҳод кардани имтиёзҳои гумрукӣ бо мақсади пешбурди ин соҳаҳо интихоб мешавад.

● Омӯзиши бахшҳои бо иқтидори баланди рушд: Агар маълумотҳо нишон диҳанд, ки бахше барои рушд ба сармоягузорӣ ва таҳияи маҳсулот бо арзиши афзоянда имкониятҳои зиёде дорад, имтиёзҳо метавонанд ба ин бахшҳо равона карда шаванд, ки ба рушди умумии иқтисод кумак расонанд.

Бо истифода аз омори бозорӣ ва таҳлил, давлат метавонад тасаввур кунад, ки кадом молу маҳсулот ва маводҳо бо нархи баланд ворид мешаванд ва чӣ гуна имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд онҳоро дастгирӣ кунанд. Ин ба пешгирии хатарҳои сарфаи зиёд ва мувозинати арзиш дар иқтисоди миллӣ кумак мекунад.

Дар назар доштани шароити бозори ҷаҳонӣ ва таҳлили афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти маҳаллӣ, имтиёзҳо метавонанд такон диҳанд, ки истеҳсолкунандагон дар муқобила бо маҳсулоти воридотӣ рақобатпазир бошанд.

Арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ

● Мониторинг ва баҳогузорӣ: Ба ҳар як механизми имтиёзӣ омори дақиқ ва таҳлилҳои мунтазам, ки натиҷаҳои бадастомада ва таъсири онҳо ба рушди соҳаҳоро нишон медиҳанд, бояд мусоидат намуд. Ин ба мақомоти гумрукӣ кумак мекунад, ки барномаҳои имтиёзиро такмил ва ислоҳ кунанд, агар натиҷаҳои онҳо нисбатан ғайриэффектив бошанд.

● Пешгӯии натиҷаҳо: Таҳлили амиқ ва омории бозорӣ метавонад ба таҳияи моделҳои пешгӯӣ кумак кунад, ки нишон медиҳанд, ки кадом имтиёзҳо дар асоси маводи воридотӣ ё маҳсулот дар дарозмуддат муфид ва самаранок хоҳанд буд.

Яке аз омилҳое, ки ба восита ба рушди соҳибкорӣ дар асоси имтиёзҳои гумрукӣ таъсир мерасонад, ин рушди содироти мамлакат дар асоси воридот мебошад. Яъне содирот дар он вақт рушд меёбад, ки дар мамлакат рушди соҳибкорӣ назаррас бошад ва дар баробари ин имтиёзҳои гумрукӣ ба роҳ монда шавад.

Бинобар ин дар ин бобат дар таҳқиқоти худ Юнусзода Х.Қ. ва Ҷалолзода М. қайд мекунанд, ки “байни воридот ва содирот алоқамандии зич ҷой дорад, яъне агар таҳлили коррелиатсионӣ гузаронем он гоҳ r = 0,79 аст. Аз натиҷаи таҳлилӣ коррелиатсонӣ муайян карда шуд, ки воридот метавонад ҳамчун омили рушддиҳандаи содироти мамлакат бошад”[14].

---

[14] Юнусзода, Х. Қ. Воридоти молу хизматрасонӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти кишвар / Х. Қ. Юнусзода, М. Ҷалолзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – No. 1. – С. 194-200. – EDN ALRIQX.

Яъне содироти мо аз воридоти молу маҳсулоти мо вобастагӣ дорад. Инчунин онҳо як муодилаи регрессионӣ пешниҳод кардаанд, ки аз натиҷаи он бар меояд, ки ба 1% афзудани воридоти кишвар ба 0,3% афзудани воридоти кишвар оварда мерасонад. Агар инро ба имтиёзҳои гумрукӣ пайваст намоем, дар натиҷаи бештар пешниҳод кардани имтиёзҳои гумрукӣ дар кишвар соҳибкорӣ рушд меёбад.

Аз ин лиҳоз дар баробари ин мо дигар омилро дида мебароем, ки ба восита ба рушди соҳибкорӣ таъсири худро расонад. Барои ин мо кушиш кардем, ки амсилаи эконометрикии коррелиатсионӣ-регрессиониро созем. Барои амсила чунин омилҳоро интихоб намудем, аз ҷумла:

- Шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда - ҳамчун омили вобаста (Y)
- Воридоти молу маҳсулот – ҳамчун омили таъсиррасон (X_1)
- Содироти молу маҳсулот – ҳамчун омили таъсиррасон (X_2)

Ҷадвали 1.Нишондиҳандаҳои асосӣ барои амсилаи коррелиатсионӣ-регрессионӣ.

Солҳо	Шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда (адад)	Боҷҳои гумрукӣ (млн. доллар)	Воридот (млн. доллар)	Содирот (млн. доллар)
2013	31655	462,6	4045,4	943,4
2014	31352	521,3	4297,4	977,3
2015	32084	450,6	3435,6	890,6
2016	32001	536	3031,2	898,7
2017	32096	584,9	2774,9	1198
2018	33572	592,1	3151	1073,3
2019	34604	660,4	3349,3	1174,4
2020	37264	542,9	3150,9	1406,9
2021	36663	680,8	4209,5	2149,6
2022	35749	875,3	5167,5	2142

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 429 с.

Сабаби асосии интихоб гардидани содирот ва воридоти молу маҳсулот ҳамчун нишондиҳандаи имтиёзҳои гумрукӣ, дар он аст, ки имтиёзҳои гумрукӣ бе восита ба содирот ва воридоти молу маҳсулот таъсири худро мерасонад. Мисол барои воридоти технологияи нав боҷи гумрукӣ ситонида намешавад, ё ин ки барои содир кардани молҳои тайёр имтиёзҳои гумрукӣ дода шудааст. Бинобар ин сабаб дар асоси нишондиҳандаи мазкур амсиларо сохтем ва у чунин натиҷаро нишон дод.

Ҷадвали 2. - Матритсаи таносубӣ байни нишондиҳандаҳо

Нишондиҳандаҳо	**Субъектҳои хоҷагидорӣ**	**Боҷҳои гумрукӣ**	**Воридот**	**Содирот**
Субъектҳои хоҷагидорӣ	1.000	0.601	0.219	0.785
Боҷҳои гумрукӣ	0.601	1.000	0.548	0.834
Воридот	0.219	0.548	1.000	0.600
Содирот	0.785	0.834	0.600	1.000

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси барномаҳои эконометрикӣ сохта шудааст.

Аз натиҷаи таҳлили коррелиатсия ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вобастагии шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда вобастагӣ дорад бо боҷҳои гумрукӣ ва содироти молу маҳсулот, яъне шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда бо чунин нишондиҳандаҳо вобастагии қавӣ дорад:

- боҷҳои гумрукӣ (0.601),
- содироти молу маҳсулот (0,785)

Бо воридоти молу маҳсулот бошад вобастагии заиф ба назар мерасад. Сабаби асосии чунин вобастагии заиф бештари молҳо ин молҳои истеъмолӣ мебошад, яъне молҳои инвеститсионӣ ва молҳое, ки ҳамчун ашёи хом барои коркард ворид мегардад, камтар ба назар мерасад.

Барои сохтани модели регрессионӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун омили вобаста, яне -Y ва Боҷҳои гумрукӣ – X_1, Воридот – X_2, Содирот – X_3 интихоб гардид.

Барои сохтани муодилаи регрессионӣ барномаи Python statsmodels (натиҷаи он замима гардидааст, замимаи 1) истифода шудааст. Дар натиҷа мо ба чунин ноил шудем ба:

- **$R^2 = 0.720$**: Яъне амсила вобастагии Y-ро аз омилҳои интихобгардида ба 72% таъмин менамояд.
- Константа: 32530.0
- X_1 −2.09 (p-value = 0.775, таъсир намерасонад)
- X_2 −1.15 (p-value = 0.207, таъсир намерасонад)
- X_3 - 5.14 (p-value = 0.035, таъсир мерасонад)
- **F-санҷиш (p-value = 0.0426)**: муодила дар умум ба талаботҳо ҷавобгӯй ҳаст.

Дар натиҷа муодилаи мо чунин намуди зоҳирӣ дорад:

$$Y= \beta_0+\beta_1* X_1 + \beta_2* X_2 + \beta_3* X_3$$

Яъне дар ин ҷо:

β_0 - нишондиҳандаи константа;

β_1, β_2, β_3, -коэффитсиентҳои омилҳои таъсиррасон

Дар натиҷа муодилаи регрессионии мо чунин намудро доро мегардад:

$$Y= 32530,0+2,09* X_1 + 1,15* X_2 + 5,14* X_3$$

Аммо боиси қайд аст, ки байни Y, X_1 ва X_2 вобастагии мултиколлинеарности вуҷуд дорад, бинобар ин сабаб мо наметавонем ин нишондиҳандаҳоро дар муодила истифода барем. Бинобар ин сабаб мо дар муодила танҳо як нишондиҳандаро истифода мебарем, ки ин X_3 (Содирот) мебошад. Дар натиҷа муодилаи регрессионии мо чунин мешавад:

$$Y=\beta_0+\beta_3 \cdot X_3$$

Дар ин ҷо:

- β_0 — константа.
- β_3 — коэффитсиенти X_3.

$$Y=29042.93+3.63 \cdot X_3$$

Муодилаи мо нишон медиҳад, ки ба 1 афзудани содироти молу маҳсулот ба 3,6% афзудани субъектҳои хоҷагидорӣ оварда мерасонад. Яъне кам гардидани боҷҳои гумрукӣ, ба афзудани содироти молу маҳсулот оварда мерасонад, ки ин дар натиҷа ба афзудани соҳибкорӣ дар кишвар оварда мерасонад (эзоҳ, дар ҳолати кам кардани боҷҳои гумрукӣ, ба 1 % афзудани содирот оварда расонад, ин дар навбати худ ба 3,6% афзудани соҳибкорон оварда мерасонад.

Дар баробари ин мо кушиш кардем, ки вобастагии рушди соҳибкориро аз боҷҳои гумрукӣ муайян намоем, барои ин мо суръати рушди онҳоро гирифтем (нигаред ба ҷадвали 3.2.3)

Ҷадвали 3. – Суръати рушди нишондиҳандаҳои асосӣ.

	Y	**X_1**	**X_2**	**X_3**
Солҳо	Шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда (адад)	Боҷҳои гумрукӣ (млн. доллар)	Воридот (млн. доллар)	Содирот (млн. доллар)
2014	0,990428	1,126891	1,062293	1,035934
2015	1,023348	0,864378	0,79946	0,911286
2016	0,997413	1,189525	0,882291	1,009095
2017	1,002969	1,091231	0,915446	1,333037
2018	1,045987	1,01231	1,135536	0,89591
2019	1,03074	1,115352	1,062932	1,094195
2020	1,07687	0,822078	0,940764	1,197973
2021	0,983872	1,254006	1,335968	1,527898
2022	0,97507	1,285693	1,22758	0,996464

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 429 с. , таҳия карда шудааст

Дар асоси ҷадвали мазкур санҷишҳои гуногун аз ҷумла, коррелиатсия, вобастагии омилҳо, таҳлили нишондиҳандаи p-value, таҳлили нишондиҳандаи Durbin-Watson stat гузаронида шуд. Дар натиҷа муайян гардид, ки танҳо X_3 дар алоҳидагӣ метавонад ба Y таъсири худро расонад. Аз ин таҳлил истифода бурда муодилаи регрессионӣ сохтем, ки дар натиҷа ноили чунин коэффисиентҳо гардид:

- **$R^2 = 0.727$**: Яъне модел вобастагии Y-ро аз омилҳои интихобгардида ба 73% таъмин менамояд.
- Константа: 1,204
- X_1 - (−0,175) (p-value = 0.003, таъсир мерасонад)
- **F-санҷиш (p-value = 0.003)**: муодила дар умум ба талаботҳо ҷавобгӯй ҳаст.

Дар натиҷа муодилаи мо чунин намуди зоҳирӣ дорад:

$$Y= \beta_0+\beta_1* X_1$$

Яъне дар ин ҷо:

- β_0 - нишондиҳандаи константа;
- β_1, -коэффисиенти омили таъсиррасон

Дар натиҷа муодилаи регрессионии мо чунин намудро доро мегардад:

$$Y= 1,204 – 0,175* X_1$$

Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки дар натиҷаи кам шавии боҷи гумрукӣ ба 1 %, субъектҳои хоҷагидорӣ (соҳибкорон) ба 0,17% афзоиш меёбад, танҳо дар ҳолати рушди дигар омилҳо бе тағйир мондан. Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки таъсири омилҳои дигар бештар аст (нишондиҳандаи β_0 – 1,204), яъне дар ҳолати ба 1 фоиз афзудани дигар омилҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ба 1,2% меафзояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар дохли нишондиҳандаи мазкур чунин нишондиҳандаҳо таҷассум ёфтааст, ба монанди:

1. Муҳити иқтисодӣ;
2. Қонунгузорӣ ва сиёсати давлат;
3. Технология ва инноватсия;
4. Дастрасии ба сармоя;
5. Кумаки иҷтимоӣ ва шабакаҳо;
6. Маърифати иқтисодӣ ва қобилияти идоракунӣ;
7. Меҳнат ва захираҳои инсонӣ ва ғ.

Бинобар ин сабаб дар ҳолати мазкур вобастагии рушди соҳибкорӣ аз боҷҳои гумрукӣ чунин тасниф карда мешавад.

Истифодаи таҳлили амиқ ва омори бозорӣ дар механизмҳои имтиёзҳои гумрукӣ метавонад барои ошкор кардани эҳтиёҷоти воқеии бозор ва таъсири эҳтимолии имтиёзҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ, беҳтар кардани самаранокии амалия ва кумак ба соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон муфид бошад. Бо тавақӯҳ ба таҳлили оморӣ ва пешгӯии натиҷаҳо, имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ба як воситаи пуркудрат барои рушди иқтисоди миллӣ, кам кардани монеаҳои тиҷоратӣ ва зиёд кардани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ табдил ёбанд.

Имтиёзҳои гумрукӣ як воситаи муҳими сиёсати иқтисодӣ мебошанд, ки ба соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон кумак мекунанд, ки барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат кунанд. Барои баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ, механизмҳое бояд ҷорӣ шаванд, ки равандҳои баррасӣ, назорат, ва иҷрои онҳо ба таври муассир ва шаффоф сурат гиранд.

Адабиёт

1. Кочубей И.С. Классификация правовых льгот в области таможенного дела / И.С. Кочубей // Право и государство: теория и практика. -2007. - № 10 (34). - С. 122-127.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 429 с.
3. Орлова Е.Н., Завьялова Е.О. Таможенные льготы: механизм установления и практика применения // Baikal Research Journal. 2021. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tamozhennye-lgoty-mehanizm-ustanovleniya-i-praktika-primeneniya, санаи мурочиат 7.11.2024

4. Синенко О.А. Практика применения таможенных льгот в рамках территорий с особым экономическим статусом АТР / О.А. Синенко // Инновационное развитие экономики. -2020. — № 3 (57). — С. 123-134.

5. Юнусзода Х. Қ. Воридоти молу хизматрасонӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти кишвар / Х. Қ. Юнусзода, М. Ҷалолзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – No. 1. – С. 194-200.

УДК.130.1

ҲАМГИРОИИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ИДОРАКУНИИ РУШДИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ҶАҲОНӢ

Сафаров Аъзамҷон Аҳмадхонович
н.и.и, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ, факултети молиявию иқтисодии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб.С.Сафаров 16.
Ҷурахони Исмоил
хатмкардаи зинаи докторанти PhD-и кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Суроға: ш.Кӯлоб к. С.Сафаров 16 факс 735360 тел: 985444431 почтаи электронӣ jurakhon4431@gmail.com

Дар мақолаи мазкур оид моделу системасозии навини таълимоти бефосилаи касбӣ-электрониро дар менеҷменти муосири байналмилалӣ, роҳбарии стратегии ҳайати кормандон хамчун асоси рушди устувори менеҷменти байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, идоракунии молиявӣ ва сармоягузорӣ ва ташкили ҳамкориҳои илмӣ - техникӣ ва рушди технологӣ, роҳбарии зиддибуҳронӣ ва сармоягузорӣ, инчунин рушди системаҳои инноватсионии рақобатпазирӣ дар идоракунии менеҷменти ширкатҳои байналмилалӣ, ташаккули менеҷменти муосири заҳнӣ дар ин мақола пурра оварда шудааст.

Хушбахтона, мо стратегияи рушди босуботи иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳамчун ҷараёни фарҳанги азхудкунии эҷоду кашфиёти навин ва сарватшиносиву созандагии олии зеҳнии касбӣ дар идоракунӣ шинохта, онро механизми доштани мақсадҳои бузурги фарҳангии касбӣ - ҳунарӣ, лоиҳавӣ, системаву модели бамақсадрасӣ, барномаву нақша ва ҳамкору шарикони рушду истеъмолкунандаву таъминкунандаи менеҷменти муосири касбӣ дар шароити иқтисоди глобалии бозори ҷаҳонӣ барои имрӯзу фардои ҷомеаи инсонӣ номидаем. Вобаста аз ин, барои ташаккули стратегияи навини фарҳангии идоракунӣ дар менеҷменти муосири асри XXI зарурати тарзу усул ва методу методологияи инноватсионии соҳаи иҷтимоӣ, омӯзишӣ, ташкилӣ ва роҳбарии стратегии фарҳангии рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ ба майдон омадааст, ки аз тарзи анъанавӣ куллан фарқ мекунад.

Калидвожаҳо: маориф, менеҷмент, илм, модел, идоракунии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, навоварӣ, зеҳнӣ сунъӣ, ҳунарӣ-касбӣ, рушди босубот,

ИНТЕГРАЦИЯ НАУКИ, ОБРАЗОВАНИЯ И УПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНЫМ РАЗВИТИЕМ В ФОРМИРОВАНИИ СОВРЕМЕННОГО ГЛОБАЛЬНОГО ОБЩЕСТВА

Сафаров Азамджон Ахмадхонович
к.э.н, заведующий кафедрой экономической теории финансово-экономического факультета Университета Абу Абдуллы Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, ш. Куляб С. Сафаров 16.
Джурахони Исмоил
докторант PhD кафедры цифровой экономики и менеджмента Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки. Адрес: Куляб, ул. С.Сафарова, 16, факс 735360, тел.: 985444431, e-mail: jurakhon4431@gmail.com

В данной статье в полной мере представлены новая модель и систематизация непрерывного профессионально-электронного образования в области современного международного менеджмента, стратегического управления персоналом как основы устойчивого развития международного менеджмента в условиях глобализации, финансового и инвестиционного менеджмента и организации научно-технического сотрудничества и технологического развития, антикризисного и инвестиционного менеджмента, а также развития инновационных систем конкурентоспособности в управлении международными компаниями, формирования современного интеллектуального менеджмента.

К счастью, мы признали стратегию устойчивого экономического и социального развития как процесс культурного освоения новых творений и открытий и высокого интеллектуального богатства и креативности профессионалов в управлении и назвали ее механизмом наличия больших профессионально-художественных, проектных культурных целей, системы и модели достижения целей, программы и плана, а также партнеров по развитию, потребителей и поставщиков современного профессионального менеджмента в условиях глобальной экономики мирового рынка для сегодняшнего и будущего человеческого общества. В этой связи, для формирования новой стратегии управления культурой в современном менеджменте XXI века необходимы инновационные методы, подходы и методологии в социальном, образовательном, организационном и стратегическом

культурном лидерстве устойчивого экономического и социального развития, принципиально отличающиеся от традиционного подхода.

Ключевые слова: образование, управление, наука, модель, социальное управление, экономика, культура, инновации, обучение, программа, искусственный интеллект, художественно-профессиональный, государство, устойчивое развитие, стратегия.

INTEGRATION OF SCIENCE, EDUCATION AND SOCIAL DEVELOPMENT MANAGEMENT IN THE FORMATION OF A MODERN GLOBAL SOCIETY

Jurakhoni Ismoil
PhD student, Department of Digital Economics and Management, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki Address: Kulob, S.Safarov Street, 16, fax 735360, tel: 985444431, e-mail jurakhon4431@gmail.com
Safarov Azamjon Ahmadhonovich
n.i.i., head of the Department of Economic Theory, Faculty of Finance and Economics of the Abu Abdullah Rudaki University. Address: 735360, Republic of Tajikistan, sh. Kulob. S. Safarov 16.

This article fully presents the new model and systematization of continuous professional-electronic education in modern international management, strategic management of personnel as the basis for the sustainable development of international management in the conditions of globalization, financial and investment management and the organization of scientific and technical cooperation and technological development, anti-crisis and investment management, as well as the development of innovative systems of competitiveness in the management of international companies, the formation of modern intellectual management.

Fortunately, we have recognized the strategy of sustainable economic and social development as a process of cultural mastery of new creations and discoveries and high intellectual wealth and creativity of professionals in management, and have called it a mechanism for having great professional-artistic, project-based cultural goals, a system and model for achieving goals, a program and plan, and development partners, consumers and suppliers of modern professional management in the conditions of the global economy of the world market for today and the future of human society. In this regard, in order to form a new cultural management strategy in modern management of the 21st century, there is a need for innovative methods, approaches and methodologies in the social, educational, organizational and strategic cultural leadership of sustainable economic and social development, which are fundamentally different from the traditional approach.

Keywords: education, management, science, model, social management, economic, culture, innovation, training, program, artificial intelligence, artistic and professional, state, sustainable development, strategy.

Муқаддима: Маълумот яке аз унсурҳои муҳимтарини рушди инсонӣ мебошад, зеро маҳз тавассути он инсон дониш, таҷриба ва ҷаҳонбинии худро васеъ намуда, барои зиндагии беҳтар омода мегардад. Он имкониятҳои инсонро барои ба даст овардани дониш ва малакаҳои касбӣ васеъ намуда, сармояи инсониро ташаккул медиҳад, сифати зиндагиро беҳтар месозад ва ҳамчун манбаи рушди иқтисодӣ хизмат мекунад. Яке аз ҷузъҳои асосии рушди нерӯи инсон сатҳи маълумотнокии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки бо нишондиҳандаҳои саводнокии болиғон ва фарогирии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ тавсиф мешавад.

Мақсади таҳқиқот: Идоракунии рушди низоми иҷтимоию иқтисодӣ бо ҷузъҳои асосии рушди нерӯи инсон алоқаманд буда, яке аз нишондиҳандаҳои муҳими он сатҳи маълумотнокӣ ва баланд гардидани саводнокии аҳолӣ мебошад. Ин раванд тавассути саводнокии аҳолии болиғ ва рушди солими ҷомеаи фарҳангӣ дар ҷаҳони муосир зоҳир мегардад.

Методҳои таҳқиқот: Барои омода намудани мақолаи илмӣ-таҳқиқотӣ аз пурсишҳои шифоҳӣ дар соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ истифода бурда шуд. Вобаста ба масъалаи баррасишавандагузоришҳои рушди нерӯи инсон, марҳилаҳои идоракунии ҷанбаҳои гендерӣ, маориф ва рушди инсон, инчунин шохиси рушди нерӯи инсон ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси онҳо хулосабарорӣ анҷом дода шуд.

Муҳокимаронӣ: Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои идоракунии самараноки соҳаҳои иҷтимоӣ истифодаи моделҳои муосир ва самараноки рушди устувори иҷтимоӣ зарур аст. Ин моделҳо бо дараҷаи баланди мустақилият фарқ мекунанд ва ба субъектҳои идоракунӣ имкон медиҳанд, ки стратегияи рушди худро мустақилона таҳия ва амалӣ намоянд. Дар натиҷа, сатҳи зарурии идоракунии рушди иҷтимоӣ таъмин гардида, масъалаҳои марбут дар чорабиниҳои илмӣ ва муҳокимаҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Донишмандони бахши менеҷмент аслан панҷ равиши зеринро, ки илму маорифро дар менеҷменти муосири касбии асри XXI пайванд медиҳанд, ҷудо менамоянд:

1. Васеъшавии такрористеҳсоли донишҳои илмиву тадқиқотӣ - пуррашавию навсозӣ ва тадқиқоти чуқури омӯзиши қонунияти алоқамандии рушди табиӣ ва истифодаи сарватҳои табиӣ, рушди системаи техникӣ, технологӣ, иртиботӣ, ва иттлоотии электронии замони муосир;
2. Рушди соҳаи маориф ва саводнокии одамон ҳамчун ҷараёни устуворсозӣ ва додани дониш ба насли оянда, бо мақсади таъмини рушёбандагии баланди неруи инсонӣ аз боғчаи бачагона сар карда, то мактаби миёнаву аспирантураву докторантура ва таҳсилоти иловагии касбӣ, хулоса таъмини таълимоти бефосилаи касбиву ҳунарӣ дар менеҷменти муосири касбӣ;
3. Равиши ташаккул ва амалисозиву навсозии арзишҳои баланди фарҳанги касбиву ҳунарӣ ва созандагии соҳаҳои илми роҳбарӣ, меъморӣ, санъат, адабиёт, китобдорӣ, театру мусиқӣ ва дигар равишҳои рушёбандагии фарҳангии этикиву эстетикии ҷомеаи инсонӣ;
4. Нигоҳдорӣ ва аз насл ба насл додани арзишҳои олии созандагиву эҷоду кашфиётӣ ва ташкиливу рафтории корманди одӣ то пешвои комили касбӣ дар ҷомеа, оила ва корхонаву ширкатҳо.
5. Фаъолияти диниву эътиқодии ҷомеа ва шаклҳову равишҳои боварии рушдёбандагии ҷомеа ва аз насл ба насл боқӣ мондану додани арзишҳои ахлоқиву муносибатҳои олии инсонӣ дар ҷамъият, оила ва корхонаву ширкатҳо [4].

Аз равишҳои қонунияти васлгарии фарҳанги идоракунии соҳаи иҷтимоии дарболовардашуда маълум мегардад, ки тамоми ин панҷ равиш аслан талаботи функсионаливу вазифавии рушдёбандагии зеҳниву ақлонӣ ва ташкили олии касбиву ҳунарӣ асри XXI буда, имконоти васеи такрористеҳсолкунии ҷомеаи инсониро барои даврaҳои муайяни рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ таъмин хоҳанд кард.

Аммо барои таъмини ин панҷ равиши идоракунии соҳаи иҷтимоӣ кормандони олии касбӣ, олимону донишмандон, устодону муаллимони бузурги касбӣ донишмандону олимони бахши диншиносӣ, менеҷерону роҳбарон ва пешвоёни комили касбӣ ба майдон зарур мебошанд, ки ин равиши бузурги рушдёбандагии иқтисодиву иқтимоиро ба уҳда гиранд. Сухан дар бораи фарҳанги созандагии ҳазорҳо роҳбарону донишмандоне меравад, ки дар ҳақиқат, худ фарҳангсозу парчамбардору пешвои ин равиши мушкилу мураккаби ҷомеаи инсонӣ мебошанд.

Ба ақидаи аксари донишмандони бахши менеҷмент, аз охири солҳои 90 -уми асри гузашта сар карда нишонаҳои буҳрони илму маориф қариб дар тамоми ҷаҳон мушоҳида мешавад. Ин ду равиш бо якдигар сахт пайванд буда, дигаргунсозиро дар илму маориф аслан олимони ҷавони соҳибистеъдоди касбӣ-ҳунарӣ ва он ҷавонмардоне, ки дар доираи донишҳои эҷодӣ тарбия ёфтаанд, амалӣ месозанд. Ин ҷавонони соҳибистеъдоди касбиву ҳунарӣ бо мақсади худтасдиққунии фарҳангиву илмиву амалии худ пайваста ҳаракати мактабсозиву кашфиёту эҷодро дошта, ҳамчун пешоҳанги ин соҳа баромад ҳоҳанд кард [7]. Аз ҷониби дигар, худи вазифаи илму маориф ба насли оянда додани андешаву эҷоду кашфиёту созандагиест, ки дар давоми тамоми давраи рушди фарҳангии худ ҷомеаи инсонӣ ба даст овардааст ва аз насл ба насл гузаронида омадааст. Бояд гуфт, ки ин равиши фарҳангӣ низ дар менеҷмент қонунияти васеи васлгарии фарҳангии иҷтимоӣ дошта, пайваста талаби навсозиву рушдёбандагиро тақозо мекунад.

Таҳлилиҳои равияҳо нишон медиҳанд, ки ба суръатнокии баланди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ дар ин соҳаи фарҳангӣ низ тағйиротҳои бузурги шакливу мазмунӣ ба майдон омадаанд, ки аслан талаботи болобардории донишҳои техникиву технологиро доранд. Умуман, дар назди илму маориф пайваста он масоиле меистад, ки дар назди ҷомеаи инсонӣ дар ҳама давру замон пайдо мегардад.

Хислати имрӯзаи рушди инқилобии технологияи саноати яъне худи ташаккули ҷомеаи навини баъдисаноатӣ ва рушди иқтисоди зеҳнӣ ва ё рақамӣ гувоҳӣ он аст, ки дар оянда талаботи функсионалии ҷомеаи инсонӣ комилан дигаргун мешавад.

Равишҳои гуногуни илмиву эҷодиву кашфиётие пайдо мегарданд, ки бевосита талаботи навини фарҳангии иҷтимоии созандагиро дар назди тамоми зинаҳои идоравии бахши менеҷменти муосири касбиву ҳунарӣ гузошта, талаботи инноватсионии такрористеҳсоли васеъи ҷамъиятӣ ва ҳатто дигаргунсозии тарзи истеҳсолотро тақозо доранд. Яъне вақту замони ташаккули ҷомеаи навини индустриалии асри XXI ба майдон омадааст, ки дар соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва умуман системаи маориф талаботи болотари фарҳангивӣ ва касбиву

ҳунариро тақозо дорад [8]. Ҷаҳони имрӯза талаботи навини рушдёбандагии зеҳнии иқтисоду иҷтимоӣ дошта, дар пайвастагӣ бо масоили ҷаҳонии экологиву сиёсӣ роҳу равиши фарҳангии навинро талабгор мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки асосҳои воқеии чунин як масоили бузурги рушди илму маорифи ҷаҳонӣ ҳанӯз аз нимаи дувуми асри гузашта оғоз ёфтааст. Зиёда 100 сол аст, ки ҷамъ шуда, ташаккул ёфта, омада истодаанд.

Ҳанӯз донишмандони бузурги рус В. Вернадский, Н. Кондратев, И.Павлов, Д. Менделеев, Ҷ. Кейнс ва чанде аз донишмандони дигари ҷаҳонӣ дар замони худ пешниҳодҳои бузурги илмии гузошта, ноосфераву ноономикаву шинохти мавҷҳои хурду калони рушди саноатӣ, ҳолатҳои буҳрониву роҳҳову тарзу усулҳои илмию амалии ин равишҳоро тадқиқот бурда, аз нигоҳи илмиву амалӣ асоснок карда, пешниҳодҳои бузурги таърихӣ намудаанд [5].

Аммо, дар солҳои охири даврони шӯравӣ ва даҳсолаи аввали асри XXI ба ин масоил диққати камтар зоҳир карда шуда, андешаҳои илмии соҳаи маорифу илм камтар мавриди таваҷҷуҳи роҳбарону донишмандону олимон гашта, ин соҳаро ба буҳрони рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ гирифтор намудаанд.

Бояд гуфт, ки донишманди таърихӣ В. Вернадский ҳанӯз солҳои 20 -уми асри гузашта чунин як пешгӯии бузург карда буданд: «Андешаҳову кашфиётҳои илмӣ хислату суръати хоси **ҳаракатҳои** муайяни таърихӣ доранд. Онҳо қонунияти диалектикии рушдёбандагиву тағйирёбандагӣ дошта, давраҳои бо **навба**ти муришу аз байнравӣ ва боз пайдоиши навину таркишу такроршавиҳоро баъди садсолаҳо доро мебошанд. Дар ҳолате, ки дар давоми як ва ё якчанд насл, дар як ва ё якчанд давлат, инсонҳои худододи соҳибистеъдоди ҷаҳонӣ пайдо мешаванд, ин қувваи бузурги инқилобиву навсозиро дар Замин ташкил медиҳанд. Онҳо фаҳмишу дониши биосфера ва умуман шинохти сайёраро тағйир медиҳанд.» [1].

Буҳрони илми маориф, пеш аз ҳама бо он сабаб ба майдон меояд, ки макотиби бузурги илмии ҷаҳонӣ имрӯзҳо имконоти шинохту пешгӯии ҳолатҳои глобалии буҳронҳои ҷаҳониро мушоҳида карда натавонистанд.

Вобаста ба ин илму маориф натавонист, ки рохҳои устувори рушдёбандагии илму маориф ва ё умуман рушдёбандагии устувори ҷомеаи инсониро дар авали асри XXI пешниҳод намояд. Дар натиҷа насли имрӯзаро аксар маврид аз рӯйи маълумотҳову назарияҳои куҳнашудаи гузашта таълим дода, аз донишу малакаи навгониҳову дастовардҳои рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронии асри XXI таълим надодаанд. Аз ин хотир насли имрӯза барои рушдёбандагии илму маориф он қадар ҷавобгӯй набуда, ҷомеаи имрӯза шахсиятҳои дорои қобилияти баланди илмиву маорифпарвари доштаро тарбия карда натавониста истодааст.

Аз ҳад зиёд тиҷоратикунонии таҳсилоти олӣ ва стандартизатсияву барномарезии ғайрикасбии донишомӯзӣ ба он оварда расонидааст, ки имрӯз кам ҷавононеро мо мушоҳида менамоем, ки қобилияти озоду баланди эҷодиву кашфиётии зинаи 4-5-умро дошта бошанд. Ё ин ки кашфиёту эҷоду ихтироот дар соҳаи илму маориф солҳои охир хеле кам ба назар мерасанд.

Ба хотири он, ки ҷараёни системасозиву навсозии илму маориф ҷараёни камаш 15-20-сола буда, меҳнати зиёди зеҳнии ақлониро талаб дорад, пайвастсозии инқилобии фарҳангии сарватшиносиву созандагии роҳбариро дар ин самт тезтар аз ин мушоҳида кардан ғайриимкон аст.

Аз ин хотир равишҳои асосии пайвастсозии фарҳанги сарватшиносиву созандагиро дар нимаи дувуми солҳои 2025 - 2030 дар се равиши инқилобӣ - «илм - маориф ва иттилоот» интизор шудан мумкин аст. Ин се равиш асосгузори ташаккули ҷомеаи навини баъдисаноатӣ мебошад. Чунки инқилоби илмӣ ин худ ҷустуҷӯву пайдо кардани роҳҳову равишҳои навини рушдёбандагии инноватсионии илмиву ҳунарие мебошанд, ки шинохти навини сарватҳои табииву созандагии инқилобии дар иқтисоду ҷомеаро пайдо месозанд.

Инқилоби илмиву амалӣ бояд аз кашфиётҳои бузурги илмие, ки аз асри гузашта комилан фарқкунанда мебошанд, иборат буда, ҳамчун роҳи асосии стратегии рушди фарҳангиву мадании ҷомаеи инсонӣ дар асри XXI бояд гардад.

Аз нигоҳи дигар, инқилоби илмиву амалӣ ин худ равиши табаддулоти бузурги илмӣ аст ва баробари гузаришҳои бузурги таърихии форматсионивву давлату давлатдориҳову сохтори навини соҳавию функсионалии роҳбарӣ дар тамоми зинаҳои идоравӣ хоҳад кард. Натиҷагирии ин инқилоби бузурги илмиву амалӣ хислати дигаргуншавии дараҷаи глобалии мадании ҷомеаи инсонӣ буда, барқароршавии одами навини саноатии асри XXI ба шумор меравад.

Чунин равиш дар оянда бояд системаи навини маорифу таълимоти инсониеро ба майдон биёрад, ки инсони имрӯза аз инсони асри XX комилан фарқкунанда бошад, лекин бартарияти иқтисоди донишҳо, пеш аз ҳама, дар илму эҷоди соҳаи ҷамъиятшиносиву табиатшиносӣ ва риёзиву информатикаю техникӣ пурра боқӣ монда, илму маориф барои инсонияти замони навин роҳу равиши ҳазорсолаи рушдёбандагиву созандагиро пешниҳод менамояд, ки инро талаботи пайвандгари қонунияти фарҳангии иҷтимоӣ дар роҳбарӣ талаб дорад.

Кор карда баромадани андешаву эҷоду кашфиётҳои навини идоракуниву роҳбарии ҷомеаву соҳибкориву иқтисоду экологияву сиёсат мебошад. Бартарияти комил ба илмҳои экологизатсияи иҷтимоиву иқтисодиву сиёсӣ дода мешавад, ки роҳҳои ташаккули «ноосфераву ноономика» ва дигар равишҳои рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар менеҷменти касбиву ҳунарии асри XXI бояд пешниҳод намоянд.

Аз хислати рушди илму маорифи имрӯзаи аксар давлатҳои ҷаҳон маълум гардида истодааст, ки равишҳои алоҳидаи ҷомеаи баъдисаноатӣ ва ё иқтисоди донишҳову зеҳнҳо рушд ёфта истодааст. Дар байни давлатҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ, Россияи Федеративӣ дар ин самт пешво буда, дар асоси риояи қонунияти асосии пайвандгари соҳаи иҷтимоӣ дар рушдёбандагии илму маорифи навини ҷомеаи инсонӣ санги асос гузошта истодаст [13].

Бо андешаи донишмандони бузурги мактаби сарварсозӣ Моисеев Н.П. ва Яковцев Ю.В. доир ба ин дастовардҳо ташкили макотиби навини сиклии таълимӣ, макотиби донишҳои маданӣ - фарҳангӣ, мактаби ояндабинии интегралӣ, макотиби бузурги фалсафӣ ва макотиби бузурги соҳаи синергетикӣ ва ғайра равишҳои навини илму маорифи ҷомеаи навин рушд ёфта истодаанд. Бояд гуфт, аз рӯйи қонуни пайвандгари менеҷменти иҷтимоӣ натиҷаҳои чунин як равишро мо баъди 15 - 20 соли оянда мебинем [3,14].

Бояд қайд кард, ки дар баробари инқилоби илмӣ боз инқилоби маориф низ дар назар дошта мешавад. Яъне инқилоби илмӣ ҳамчун пойдевору такондиҳандаи асосии инқилоби маориф шуда, таълимоти баъдииндустриявии ҷомеаи инсониро таъмин месозад. Албатта, ин кори осону саҳл набуда, балки ҷараёни бузурги инноватсионии пайвандгари фарҳангии эҷодиву кашфиётие мебошад, ки ҷомеа бояд аз андешаву тарзу усулу роҳи бамақсадрасӣ даст кашида, ба роҳи навини идоракунии маорифу иқтисоду дигар соҳаҳои муҳимми инсону табиату рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ ба пеш ҳаракат намояд [6].

Аз рӯйи ақидаи аксари олимону донишмандони бахши менеҷмент ин равишии пайвандгари идоракунии соҳаи иҷтимоӣ дар менеҷменти маориф тахминан ду ва ё се даҳсола тӯл кашида, то солҳои 50 - уми асри XXI ҷои худро дар ҷомеа пурра пайдо карда, ба сикли олии рушдёбандагии худ ҳатман мерасад.

Бояд таъкид кард, ки равишҳои рушдёбандагиву тағйирёбандагии илму маориф дар баробари рушдёбандагии мазмунӣ талаботи рушдёбандагиву тағйирёбандагии шаклиро низ дорад. Ҳатман тарзу усули таълим ва сохтору реҷаву барномаву тартибу усули таълим дар ҳамаи зинаҳои омӯзишӣ шакли навинро гирифта, аз низоми пешина хеле самараноку босифат мешаванд, чунки маълумотгирии навин бояд инъикосгари мазмунӣ зиндагонии замони баъдисаноатӣ бошад ва ташаккули «одами нави индустриалӣ»-ро таъмин созад [9].

Мо ба он бовар мебошем, ки маҳз ташкили таълимоти бефосилаи касбӣ- электронӣ, имконоти васеи ҳамкориҳои байналмилалӣ доир ба ин самти рушдёбандагӣ дорад. Ба олимону донишмандони соҳа роҳбарону пешвоёни комили касбӣ имконоти васеи интегратсионии рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣро муҳайё сохта, дар асоси таълимоти иловагии касбӣ рушди инноватсионии илму маорифро таъмин хоҳанд кард.

Инқилоби илму маориф маънои тағйирёбандагии илми педагогиву тарбиявиро дошта, дигаргунсозии санҷишу имтиҳони дараҷаи донишу донишашхудкунии хонандагону таълимгирандагон, баҳогузориву тесту вазиъият ва дигар равишҳои навини электронӣ дар шакли қориазёд кардан ҷараёни рушди инноватсионию андешаронии навини кӯдакро таъмин карда натавониста истодааст [12].

Бояд гуфт, ки аз рӯйи талаботи қонуни пайвандгари менеҷменти иҷтимоӣ ва менеҷменти замони муосир моделу системаи имрӯзаи илму маориф бояд ҳатман дар зинаи олӣ сурат гирифта, талаботи хислати эҷодиву кашфиётӣ доштани кадрҳои ҷавонро бояд таъмин созад.

Худи ҷалбсозӣ ба тарафи андешаронии ғайристандартӣ ва эҷодиву созандагӣ аз рӯзи аввали таълими кӯдак таъмин карда шавад ва то пурраву комилу бабалоғатрасии касбиву ҳунарии он пайвандгарӣ бояд дошта бошад.

Аз равиши рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ маълум мегардад, ки дар баробари инқилоби рушди илму маориф боз инқилоби иттилоотиву иртиботӣ ба майдон омада истодаст. Ин се равиш бо ҳам пайвастагии ногусастанӣ дошта, махсусан, истифодаи бемаҳдуди хатти «Интернет» асоси ҳамаи ин комёбиҳои асри XXI мебошад. Вобаста ба ин тартиби гирифтану азхуд кардани иттилооти илму дониш барои насли наврас куллан тағйир меёбад.

Агар садсолаҳо сарчашмаи асосии илму дониш китоб бошад, ки дар китобхонаҳову аз китобҳои дарсӣ ҳар як хонанда, бояд ҳатман аз худ мекард, пас имрӯз ин мақомро ноутбук, планшету компютерҳои фардиву телефону смартфон иҷро менамояд, ки ба хонанда сифатану мазмунан хеле мувофиқу қулай шудааст. Ин система имконоти баланди азхудкунии илму навовариҳои тағйирёбандагиҳои босуръатро барои насли наврас муҳайё намудааст. Вобаста ба ин моделу системаи навини азхудкунии донишу илму маориф ба майдон омадааст, ки кӯдаку калонсолони барҷомонда аз хонаи истиқоматии худ берун набаромада имконоти васеи азхудкунии босуръату босифати илму дониши ҷахониро бо истифода аз хатти интернетӣ пайдо карда метавонанд [11].

Дар ҳама ҳолат гуфтан ҷоиз аст, ки компютер худ қобилияти эҷоду кашфиёти навинро надорад. Бинобар ин танҳо зеҳни инсонӣ имконоти баланди эҷодиву кашфиётии илмиву ҳунариро дошта, пуррагии илмиву таълимиро таъмин карда метавонад. Ҳарчанд солҳои охир донишмандон оид ба зеҳни сунъӣ сухан гуфта, истифодаи максималии дастовардҳову иқтидори илмиву техникиву технологии ҷаҳониро дошта, барномаҳои пурратари роботу дигар воситаҳои рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣро самаранокро амалӣ менамоянд.

Аз ин хотир, истифодаи се равиши пурзӯри инқилобии пайвандгарии фарҳанги сарватшносиву созандагӣ дар менеҷменти муосири касбӣ имконоти баланди ташаккулу амалисозӣ ва рушдёбандагии фарҳангии илму донишро таъмин намуда, барои ташаккули стратегии рушди устувори ҷомеаи оянда шароит фароҳам меоварад.

Барои таъмини чунин як ҷараёни бузурги таърихӣ дар ҳамгирои фарҳангӣ менеҷменти муосирро зарур аст, ки аз равишҳои зерини касбиву ҳунарӣ истифода баранд:

1. Амалисозии инқилоби чоруми технологияи саноатӣ ва умуман инқилоб дар рушди илму маориф ва азхудсозии равишҳои навини васлгарии фарҳангӣ дар илми менеҷменти муосир дар асоси рушди босуръати системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ. Ин равиш ҳамчун роҳи самараноки таъмини васлгарии фарҳангӣ дар иқтисоди корхонаву ширкатҳои байналмилаливу трансмиллии ҷаҳонӣ бояд бигардад. Дар асоси чунин як рушдёбандагии даврагии бузурги саноатӣ ва умуман, ҷомеаи инсонӣ марзу бум ва дараҷаи таъсиррасонии илмиву ҳунарӣ хеле босуръату босифат боло рафта истодааст. Тамоми кормандони комили касбӣ, менеҷерону роҳбарон ва пешвоёни комили касбиро зарур аст, ки таълимоти бефосилаи касбиву ҳунариро ҳамчун модели рушдёбандагии доимии худ қарор дода, аз талаботи рушдёбандагии ҷаҳонӣ қафо намонанд.
2. Суръатнокии рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ чунон боло рафта истодааст, ки бо тарзу усули пешинаи анъанавии тайёр кардани кадрҳо мо дигар наметавонем, ки ин рушдёбандагиро бо кадрҳои болаёқати касбиву ҳунарии зинаи олӣ дошта таъмин созем. Ин масоилро танҳо дар асоси истифодаи пурраи системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ дар ҷараёни таълим ва гузаронидани дарсҳову корҳои амалӣ - лабораторӣ таъмин карда метавонему халос.
3. Ҳалли пурраи рушди илму маорифу иттилоотро дар асоси сармоягузории бузурги рушди ин соҳаҳову махсусан, сармоягузориву молиягузории зиёди рушди неруи инсонӣ амалӣ кардан мумкин аст. Бинобар ин барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ зурураст, ки маблағҳои зиёди аз имрӯза дида ду-се маротиба калон барои соҳаи илму маориф ва рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ равона карда шаванд. Мо дар оянда имконоти иҷроиши талаботи пайвандгари рушди соҳаи иҷтимоиро дар пешбурди иқтисод, маорифу илм таъмин намоем.
4. Таъмини рушдёбандагии илму маориф ин худ, таъсиррасонии тағйирёбандагии сифатии иқтисоду ҷомеаи инсонӣ буда, барои истеҳсолот шароити хуби илмғунҷоишии молу хизматҳоро пайдо карда, мақоми сармоягузории инноватсионии баландро таъмин месозад. Зиёдшавии ҳиссаи хароҷотҳои илму маорифро дар таркиби ММҶ боло мебардорад. Ин ҳолатҳо албатта, ҳамчун пойдевор барои ташаккулу рушдёбандагии инноватсионии сармоягузории

техникиву технологии насли шашум хизмат расонида, талаботҳои стратегии рушди босуботи иқтисодию иҷтимоиро дар менеҷменти муосири касбӣ таъмин хоҳад кард. Аз ҷониби дигар, ин иҷрои ҳамон талаботи васлгарии идоракунии иҷтимоии роҳбарӣ дар менеҷменти асри XXI мебошад.

5. Албатта, масоили муҳимми рушдёбандагии илму маориф ин паст кардани шиддатнокии якхелагии майдонии он дар саиёра мебошад. Маълум аст, ки давлатҳои рушднаёфтаи ҷаҳон имконоти рушдёбандагии илму маорифро надошта, наметавонандҳамқадами замон бошанд. Миқдори зиёди аҳолии муҳоҷир, ки саводи кофии касбиву ҳунарӣ надоранд ба талаботи пайвандгарии фарҳангӣ ҷавобгуй нестанд.

Ин боиси суструшдёбандагиву қафомониҳову муноқишаву ҷангҳои шаҳрвандиву ҳама гуна зарароварихои террористиву диниву мазҳабӣ гашта, ҷомеаи пешқадами ҷаҳониро аз рушд боз мемонад. Вобаста ба ин мақоми асосиро дар ин раванд албатта ташкилотҳои байналмилалии СММ, ЮНЕСКО, ПРООН, ФАО, СУМ ва дигар корпоратсияҳову ширкатҳои байналмилалӣ мебозанд, ки бо роҳи ташкили фондҳои байналмилалии дастгирии рушдёбандагӣ, гузаронидани ҳама гнаа курсҳои бозомӯзиву баландбардории ихтисосӣ ва ғайра равишҳо метавонанд шиддатнокии ин равишҳоро пасттар гардонанд.

6. Дар рушди корпоратсияҳои байналмилалӣ ва рушдёбандагии баланди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ диққати асосиро ба шакли ташкили хоҷагидорӣ ва идоракунии менеҷменти иҷтимоӣ, ки имрӯзҳо дар ҷаҳон хислати монополиро эҷод намуда, зиёда аз 80% - и навовариву рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ ба ин шнркату корхонаҳои трансмилливу байналмилалӣ рост меояд [6].

Бинобар ин давлат ва дигар сохторҳои ҳимояи ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки бо мақсади таъмини васлгарии фарҳангии соҳаи илму маориф ва ихлосу бовариҳои диниву фарҳангии ҷомеаи ҷаҳонӣ чорабаиниҳои мушаххаси фарҳангӣ ташкил карда, аз ҳама гуна фаъолиятҳои зарароварисолимӣ-экологиву иҷтимоӣ доштаву партовҳои кимияёви дошта даст бикашад. Аз ин хотир дастгирии давлатӣ ва ширкату корпоратсияҳои байналмилалӣ дар раванди рушдёбандагии илму маорифу рушди системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ шарти муҳимми рушди устувори иҷтимоии дар асри XXI хоҳад гашт.

Аз панҷ равиши дар боло овардашудаи талаботи васлгарии идоракунии иҷтимоӣ дар менеҷменти муосири касбӣ бар меоянд, ки ин равишҳо ҷараёни бузурги интегратсиониву иттиҳодшавии тамоми одамони сайёраву муҳити зисту рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологиву сиёсии ҷаҳони муосири касбиву ҳунарӣ мебошад. Боз талаботи ташаккулу амалисозиву рушдёбандагии арзишҳои навини меъёриву низомӣ ва функсионаливу вазифавӣ дар менеҷменти муосири асри XXI ба миён гузоштааст.

Аслан, дар охири асри XX ва авввали асри XXI ду равиши муқобили рушдёбанадагии пайвандгарии фарҳангиро мушоҳида кардан мумкин аст:

Аз як тараф, суръатнокии баланди буҳрони фарҳангии милливу байналмилаливу илмиву ҳунарӣ, гум шудани арзишҳои олии рушдёбандагии касбиву ҳунарӣ, ки бо роҳи истифодаи ғаразноки интернетӣ, телевизионӣ ва дигар воситаҳои ахбори умум амалӣ карда мешаванд. Аксар маврид, барои ба даст овардани фоидаи аз ҳад зиёди корпоратсияҳои трансмиливу байналмилалии таъсиррасонии системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ ва инчунин ташвиқоту таблиғи равишҳои ғайри фарҳангии террористиву одамкушиву ғоратгарии таъсиррасонӣ ба ақлу ҳуши ҷавонон дар роҳи нодудрусти илмиву маорифпарварӣ мебошад [10]. Ин, албатта, ба боз ҳам қашшоқшавии фарҳанги ҷавонону пайдоиши нуқсон дар рафтори касбиву ҳунарии онҳо гашта, боиси дар оянда аз байн рафтани арзишҳои олии эҳтироми инсонӣ буда, ҷомеаи шаҳрвандии озодро ба ғори бетаги ғайрифарҳангӣ тела медиҳад.

Хулоса. Таҳқиқотҳои анҷомдодашуда моро огоҳ мекунанд, ки бояд ҳаракати ҷавонон ва пирони донишманд, роҳбарон ва пешвоёни комилро барои устуворсозии арзишҳои фарҳангӣ равона созем. Мо бояд маблағгузорӣ ва сармоягузориҳои зиёдро баҳри рушди объектҳои фарҳангӣ, касбӣ ва ҳунарии анъанавӣ ва таърихии халқҳо ва миллатҳои ҷаҳон равона намоем, то ҷомеаи инсонӣ аз роҳи қонунии рушди худ дур нашавад.

Мо таъкид менамоем, ки ҳамаи равишҳои рушди системаҳои техникӣ, технологӣ, иртиботӣ ва иттилоотии электронӣ бояд ба риояи талаботи идоракунии соҳаи иҷтимоӣ дар менеҷмент равона карда шаванд. Мо бояд аз вайрон шудани арзишҳо, меъёрҳо ва стандартҳои олии рушди касбӣ ва ҳунарӣ дар менеҷменти касбии асри XXI пешгирӣ кунем. Мо ба он бовар

дорем, ки фарҳанги корпоративии менеҷменти асри XXI ҳамчун воситаи пайвандсозӣ ва муттаҳидсозии халқҳо ва миллатҳои ҷаҳон, мақоми олии худро нигоҳ медорад.

Адабиёт:

1. Вернадский В.И. Труды по всеобщей истории науки. М.: Наука, 1988. с.215.
2. Ғаниев Т.Б. Тавонмандии неруи зеҳнии инсон ҳамчун сарчашмаи захираҳои амнияти миллӣ ва байналмилалӣ // Вестник. Маркази татқиқоти стратегии назди Президенти Љумњурии Тољикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯза.
3. Моисеев Н.П. Судьба цивилизации. Путь разума. М.: МПЭПУ, 1998.
4. Мирсаидов А.Б. Рыночная трансформации системы высшего образование в Таджикистане (механизмы повышение конкурентоспособности), монография, Душанбе – 2017, 239 с. ISSN 978-99975-0-731с.
5. Менеҷмент: Китоби дарсӣ / Таҳрири профессор Ҳабибов С.Ҳ. - Душанбе: «Ирфон»-2005 - 308 с.
6. Менеджмент в профессиональном образовании. Эффективное управление финансовыми ресурсами. Учебно-консультационное пособие. Европейский фонд образования. – Люксембург, 2004. – 112 с.
7. Нурализода. А.Н., Асоев И.З, Фатҳуллозода А.Ф. Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа. Монография / А.Н., Нурализода, И.З. Асоев, А.Ф.Фатҳуллозода // Кӯлоб 2025. с 92-93.
8. Низомова Т.Д. Оптимизация соотношения подготовки специалистов высшего и среднего образования: отраслевые и региональные аспекты // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2017. – №2-5. – Ч.1. – С.70-75.
9. Обидов Ф.С. Сиёсати фискалӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон) Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ дар мавзӯи «Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва роҳҳои баландбардории он дар шароити ҷаҳонишавӣ» Душанбе, 15- уми апрели соли 2017. Саҳ.132-136.
